# ҲАҚИҚАТИ ШИЪА

**Таълифи**
**Абдуллоҳ МАВСИЛӢ**

**Тарҷумаи**
**Доктор Абдуллоҳ ИСМОИЛ**

**ИН КИТОБ АЗ САЙТИ КИТОБХОНАИ «АҚИДА»**
**ДОНЛӮД ШУДААСТ.**

**www.aqeedeh.com/ta/**

АДРЕСИ ИМАЙЛ**:** **book@aqeedeh.com**

**САЙТҲОИ МУФИД**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.shabnam.cc
www.kalemeh.tv
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.zekr.tv
www. mowahedin.com
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www. nourtv.net
www.videofarsi.com

Худованди мутаъол дар Қуръони карим мефармояд:

وَيَمۡكُرُونَ وَيَمۡكُرُ ٱللَّهُۖ وَٱللَّهُ خَيۡرُ ٱلۡمَٰكِرِينَ ٣٠

**«Ва макру найранг меварзанд ва Аллоҳ ҳам тадбир мекунад ва Худо беҳтарин тадбиркунандагон аст».**

*(Сураи Анфол: 30)*

# ФЕҲРАСТ


Муқаддимаи чопи ҳафтум 13
Муқаддимаи чопи аввал 14

Фасли аввал.
Тақия дар назди шиа 17
Мабҳаси аввал. Тақия дар назди шиа, бозгӯӣ ва ошкор нанамудани эътиқодоташон 17
Мабҳаси дуюм. Кай вакт шиа тарк кардани тақияро оғоз мекунад?! 36

Фасли дуюм
Ақоиди шиа дар бораи ислом ва мусулмонон 41
1. Кофир будани касе, ки ба вилояти имомони дувоздаҳгона имон надорад 41
2. Носибиҳо дар назари шиа танҳо аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд 49
3. Мубоҳ донистани хуни аҳли суннат 58
4. Мубоҳ донистани амволи аҳли суннат 65
5. Наҷис будани аҳли суннат дар назди шиа 68
6. Адами кор кардан дар назди аҳли суннат ҷуз барои тақиякорӣ 73
7. Лаънат кардани мурдагони аҳли суннат ба ҳангоми ҳузур ёфтан дар канори ҷанозаи онҳо 75
8. Намози тақия ба манзури фиреб додани аҳли суннат 80
9. Дуруст будани ғайбат кардани мухолифон (аҳли суннат) 86
10. Дини ҳақ дар назди шиа ҳамон мухолифат кардан аст бо ончи, ки аҳли суннат бар он мебошад 90
11. Ҷоиз будани савганди дурӯғ ба унвони тақия ҷиҳати фиреб додани аҳли суннат 94
12. Туҳмат задан ба мусулмонон 96
Туҳмат задан ба уммулмуъминин Оишаи Сиддиқа (р) 98
Туҳмат задан Ба ҳазрати Умар ибни Хаттоб 100
13. Дашном додани шиа ба саҳоба (р) ва такфир кардани онҳо 102

Баъзе суханони онҳо дар такфири саҳоба ва дашном додан ба онҳо 108
Лаънат кардани Сиддиқ ва Форуқ ва дигар имомони дин 111
Мароҷиъи (Оятуллоҳои) бузурги шиа, ки ба ин дуо фатво медиҳанд 114
Хушҳолии шиа ба хотири шаҳодати ҳазрати Умар (р) ва ҷашн гирифтани рӯзи шаҳодати эшон 120
14. Таъна задани шиаён ба имомҳои чоргонаи аҳли суннат 123
15. Азҳадравии зиёд дар мавриди имомон дар назди шиа 129
Дувум, маъсум (пок) будани аима дар назди шиа 135
Севум, иғроқ(муболиға) дар кайфияти офариниши аима дар назди шиа 136
Чаҳорум, иғроқ дар сифатҳои имомон 141
5. Иғроқи шиа дар фазилати қабрҳои аима 146
Абвоби феҳрист 148
16. Маҳдии шиа «Қуръони комил»–ро меоварад 151
Ҷавоброба уламои онҳо вогузор мекунем 155
Ва Нурии Табрасӣ дар назди шиа ба охирин муҳаддис мулақаб аст! 164
17. Маҳдии шиа бар Абӯбакр ва Умар иқомаи ҳад (дурра)мезанад 173
18. Маҳдии шиа дастони Бани Шайбаро қатъ мекунад 174
19. Маҳдии шиа ба ҳукми Довуд ҳукм мекунад 175
20. Маҳдии шиа Масҷидулҳаромро мунҳадим (вайрон) месозад 176
21. Ҷиҳод дар назди шиа нест, магар бо ҳузури Маҳдӣ 177

Фасли савум
Ҳақоиқе дигар аз шиа 180
Мабҳаси аввал. Гумони онҳо мабнӣ бар вуҷуди носибӣ бар хилофати Алӣ (р) 180
Баҳси дуввум. Ҷазби тадриҷии аввом ва дар варта андохтани онон 183
Мабҳаси саввум. Дар назди шиа ҳеҷ иснод ё ривояте нест, магар он ки чизеро мухолифи он ривоят кардаанд 187

Мабҳаси чорум. Иттиҳом задан ба ал-Азҳар ба ҷаъл кардани баъзе аз китобҳои асосӣ ва муҳим 189
Мабҳаси панҷум. Кисравӣ кист ва шиаён чаро ӯро куштанд? 193
Мабҳаси шашум. Дидгоҳи раъйдиҳандагони шиӣ ба номзади суннӣ 201

Фасли чорум.
Паёме ба ихвонулмуслимин 203
Мабҳаси аввал. Ихвонул муслимин ва тақияи шиа 203
Мабҳаси дувум. Шайх Муҳаммад Ғазолӣ (р) ва шиа 207
Мабҳаси сеюм.Мухолифони тақоруб 215
Мабҳаси чорум. Ҳадафи шиа аз фарохонӣ ба тақриб 224
Мабҳаси панҷум.Хитобе ба даъватгарони тақриб ва осонгирон 228

Хотима 230

## БА НОМИ
## ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН

**«Эй касоне, ки имон овардаед, он чунон ки шоистаи тарс аз Худост, аз Ӯ битарсед ва ҷуз дар мусулмонӣ намиред»** *(Сураи «Оли Имрон», ояти 102).*

**«Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард. Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд ба номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Ҳар оина, Худо назораткунандаи шумост!»** *(Сураи «Нисо», ояти 1).*

**«Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед ва сухани дуруст бигӯед.** (Худо) **корҳои шуморо ба салоҳ оварад ва гуноҳатонро биёмурзад. Ва ҳар кӣ аз Худову паёмбараш итоъат кунад, пас, дар ҳақиқат, ба комёбии бузурге даст ёфтааст»** *(Сураи «Аҳзоб», оятҳои 80-81).*

Китоби Аллоҳ таъоло росттарин сухан ва ҳидояти Муҳаммад беҳтарин ҳидоят ва бадтарини корҳо навпайдоҳои он мебошад ва ҳар кори навпайдое бидъат ва ҳар бидъат гумроҳист ва ҳар гумроҳие (оқибате) ҷуз оташи Дӯзах надорад. Аллоҳ таъоло фармудааст: **«...Имрӯз дини шуморо ба камол расонидам ва неъмати Худ бар шумо тамом кардам ва Исломро дини шумо баргузидам...»** *(Сураи «Моида», ояти 3).*

Аллоҳ таъоло дар ин ояти карима аз комил шудани дин ва пурра гаштани неъматаш хабар медиҳад. Ин шаҳодат аз тарафи Аллоҳ таъоло гӯёи ин ҳақиқат аст, ки Расули Аллоҳ (с) он чиро ки Аллоҳ таъоло аз даъвату рӯшанкорӣ бар ӯ воҷиб сохта, анҷом додааст ва аз сӯйи дигар (ин хабар додан) дарбаргирандаи шаҳодат ва

гувоҳӣ барои саҳобагони Паёмбари Худост. Саҳобагон касоне буданд, ки ба хотири фаҳму татбиқ аркони диниро аз Расули Аллоҳ (с) дарёфт намуда, бори он амонатро дар арсаи даъват ва таблиғ ва адои амонат бар дӯш кашиданд. Дар ҳақиқат, Аллоҳ таъоло Исломро ба унвони **«дин ва равиши зист»** писандид, он гуна ки он родмардон онро фаҳмида, амалӣ намуданд. Касоне, ки таълимоти илоҳиро бо қудрату амонат ва садоқат аз худ кардаанд ва ҷону молҳои худро дар роҳи ин дину боло бардоштани фармудаи илоҳӣ дар ҳамаи нукоти ҷаҳон бар каф ниҳодаанд…..

Саҳобагони гиромӣ ҷамоате буданд, ки Аллоҳ таъоло онҳоро барои ҳамнишинию ҳамсуҳбатии Пайёмбараш ва бар пояи дину шариаташ баргузида, онҳоро ба унвони муовинону вазирони пайёмовараш ва инчунин ворисони бардорандаи амонати дину таблиғи даъват баъд аз Паёмбари Худо (с) –қарор дод. Дар сояи лутфи илоҳӣ онҳо ва пайравони некхоҳи онон тавонистанд даъват ба дини илоҳиро ба он сурати тару тоза ба дасти мо бирасонанд. Аллоҳ таъоло ба манзури ҷомаи амал пӯшонидан ба ваъдаи Худ , яъне **«Мо Қуръонро нозил кардем ва Мо – Худ аз он муҳофизат ба амал меоварем»,** ин динро ҳифз намуд.

Ба ин хотир, Аллоҳ таъоло дӯст доштани саҳобагонро ба унвони дину имон ва бад дидани онҳоро ба унвони куфру нифоқ баршумурда, дӯст доштани ҳамаи онҳою зикр кардани накӯиҳову фазилатҳои онҳо ва сукут ихтиёр кардан дар баробари ихтилофоти онҳоро ба сабаби фазилати собиқу кирдори бузургворонаву ростию фидокорӣ ва мақому ҷойгоҳи бузурги онҳо дар назди Худои азза ва ҷалла бар уммати исломӣ воҷиб кардааст. Вале ҷойи бисёр таассуф аст, ки бархе ифротиҳову бадхоҳон ва фасодхоҳон (ва ба таъбири дигар) беарзишону кӯтоҳандешони таърих бар он родмардон дастдарозӣ мекунанд, родмардоне, ки содиқона ба аҳду

паймони худ ба Аллоҳ амал карданд. Онҳо (тиҳимағзон) ҳамвора ба сарварони уммати исломӣ чунон таънаҳои бузурге мезананд, ки қалби ҳар муъминеро сахт ба дард меоварад ва борони андуҳу ҳасратро, ба хотири он ки наметавонанд коре дар муқобили он ҳама беҳурматиҳо анҷом диҳанду пастию бадхоҳии онҳоро аз Ислому пешвоёни Ислом ва мусулмонон дафъ кунанд, бар онҳо менишонад.

Беш аз сенздаҳ аср мешавад, ки Ислом ва пайравонаш омочгоҳи ҳамлаҳои онҳо қарор гирифтаанд. Онҳо дар ин роҳ аз бадтарин ҳиллаву макрҳо ва аз дурӯғу тақаллубкорию сохтакориҳо истифода кардаанд. Бе шак, агар ваъдаи илоҳӣ дар мавриди нигаҳдории ин дин ва бақои пайравонаш намебуд, Ислом низ монанди динҳои дигар бисоташ барчида мешуд. Вале бар рағми ҳама бадиҳову фасодҳои онҳо аз миёни ин уммати муборак родмардоне ба по хоста, рисолати дифоъ аз дину шариати Аллоҳтаъоло ва раҳбарони аввали уммати исломро бар дӯш кашидаанд.

Оре, Аллоҳтаъоло родмардоне аз донишмандони амалкунандаро ба ин кор уҳдадор намуд ва комёбиву ёриро дар ҷанг бо нерӯҳои баду фасод қарини онҳо намуд. Ин родмардон дар тайи гузашти қарнҳо меоянду мераванд, аз дини ҳақ дифоъ мекунанд ва аз инҳирофи ботиландешон, ки ба он даст меёзанд, розкушоӣ мекунанд. Дар ин роҳ родмардон рӯзгори бисёр муҳиму бузургеро қурбонӣ карда, басо молову коло, ҳатто рӯҳи худро фидо намудаанд. Онҳо дар роҳи Аллоҳтаъоло азхудгузаштагиву бахшиши бисёре кардаанд, то ин ки дар охир ин неъмати азим ба дасти мо расидааст. Бе шак, таълифоту осори онҳо ба унвони хидмате ба Аллоҳтаъоло ва динаш китобхонаҳоро пур мекунад. **«Аллоҳтаъоло аз касоне ки имон овардаанд, дифоъ мекунад»** *(сураи «Ҳаҷ», ояти 38).* Аллоҳ таъоло аз онҳо хушнуду розӣ бод.

Он чиро, ки устод ва шайхи фозил Абдуллоҳи Мавсулӣ

дар ин рисола навиштааст, хондам. Ба Худо, он чиро, ки хондам ва он чиро, ки аз ғайратам барои дини Худо ва пайравонаш ва парчамбардорони нахустини дин мушоҳида кардам, моро хушҳол сохт. Ҳикмату нармии гуфтори ӯ дар баёни ҳақиқати шиаву рофизиёни гумроҳ ва бедорсозии аҳли суннат аз ғафлату хоби амиқашон мӯҷиби шодкомии ман шуд.

Ин рисола насиҳате ба ҳар шиаи фиребхӯрдаест, ки намедонад аз ӯ чӣ хоста мешавад ва чӣ нақшае дар гузаштаву имрӯз тавассути нерӯҳои бадхоҳу фасод барои ӯ кашида шудааст. Инчунин, насиҳате барои ҳар мусулмони суннимазҳаб аст, то дини ростинашро бишносаду бидонад, ки душманон чӣ ҳилаҳову найрангҳое бар зидди ин дин ба кор мебаранд.

Муаллиф кӯшидааст, ки дар ин рисола гӯшаҳое аз ақида, ахлоқиёт ва сулукиёти рофизиёнро бо аҳли суннат аз қабили мубоҳ донистани хуну моли аҳли суннат, дашному бадгуфторӣ ба онҳо ва лаънат кардану туҳмат задан ва аз рӯйи фиреб ба кор бурдани тақия (пардапӯшии ҳақиқат) дар баробари онҳоро ба тасвир кашад. Муаллиф баён мекунад, ки шиа ба хотире ки дорои эътиқодоти мазкур аст, аҳли суннатро бинобар бовар доштан ба хилофати хулафои рошидин ва мувофиқат нанамуданашон бо шиаён дар эътиқод ба имоматии имомони дувоздаҳгонаи шиаён, кофир ва аз доираи дин хориҷ медонанд.

Аз дидгоҳи шиаён «имомат» муҳимтарин рукни усули дин мебошад. Аз ин рӯ, касе, ки дувоздаҳ имомро намешиносад, дорои имон нест ва касе ки ба онҳо ва ҳуқуқи онҳо имон наовардааст, дорои имон нест. Имомат дар назди онҳо мақоми илоҳиест, ки Аллоҳтаъоло ба сони мақоми нубувват, ки онро ба ҳар касе, ки бихоҳад, медиҳад, ҳар касеро, ки бихоҳад, барои он бармегузинад! Бинобар ин, бар асоси ақидаи рофизиён «имомат» давоми мақоми нубувват ва лутфе аз ҷониби Аллоҳ аст ва дар ҳар

асре вуҷуди имоме лозим меояд, ки дар вазифаву масъулиятҳои бузурги Паёмбар (с) ҷонишини ӯ шавад. Имомон ҳуҷҷатҳои Худо бар мардум ҳастанд, ба монанди анбиёи Ҳақ шаръгузорӣ мекунанд ва аз ҳама разилатҳои зоҳирию ботинӣ ва аз ҳар хатову саҳве ва аз ҳар фаромӯшию ҷаҳле, аз даврони кудакӣ то даврони марг, маъсум мебошанд ва бо хусусиёту сифоти хосу маҳдуд ба фарде, ки аз ҷониби Аллоҳ таъоло ба онҳо дода шуда ва фақат ба онҳо ихтисос дода шудааст, бартарӣ меёбанд. Шиаён дар бораи он имомон бисёр иғроқ (муболиға) варзидаанд, то ҷойе ки онҳоро бо сифоти улуҳият (илоҳӣ) ва рубубият (худовандӣ) тавсиф кардаанд. Яъне ба назари шиаён имомон дар саҳнаи гетӣ (дунё) тасарруфоти аҷибу ғарибе доранд ва ашё, ҷимодот ва чорпоён фармонбардори онҳо буда, хазинаҳои замину калидҳои онҳоро дар даст доранд ва ба ҳар чизе иҳота доранду метавонанд ҳар он чиро, ки зоҳир ё ботин аст, бишносанд ва аз тасвирҳои махфӣ ва чашмҳои хоин ва аз дигар аҳволу сифоту муқаддароте аз ин қабил дар ҳаёти дунё огоҳ мебошанд. Ҷолиб он аст, ки онҳо муътақиданд, ки имомон ҳар касеро аз пайравон ва шиаёни худ бихоҳанд, метавонанд вориди Биҳишт созанд ва ҳар касеро аз аҳли суннат бихоҳанд, метавонанд вориди Ҷаҳаннам кунанд!!!

Барои мисол, Хумайнӣ дар саҳифаи 52-и китоби «Ҳукумати исломӣ» менависад: «Имом дорои мақоми маҳмуду ситоишшуда ва дараҷае боло ва хилофати таквинӣ аст, ки ҳамаи зарроти ҳастӣ дар баробари вилоят ва ҳукумати вай сари таслим фуруд меоваранд». Ин сухан аз ҷониби касе гуфта мешавад, ки ба истилоҳ яке аз имомон ва ҳуҷате аз ҳуҷҷатҳои онҳост!!!

Муаллиф кӯшидааст, ки дар мақоми талош ва насиҳат гӯшаҳое аз дидгоҳҳои хиҷолатовару зиллатбори онҳоро дар баробари саҳобагони Расуллулоҳ (с) ва раҳбарон, яъне парчамбардорони нахустини дин, аз касоне, ки Аллоҳ таъоло онҳоро баргузид ва аз дину фидокорӣ ва

базлу кӯшиши онҳо хушнуд гашт, баён намояд ва насиҳатҳои худро дар гӯши бисёре аз даъватгарони исломӣ, ки фиреби рофизиён ва инқилобу шиорҳои ҷаззобу дурӯғину садоҳои дилрабову фиребандаи онҳоро хӯрда, иддао ва тақияи онҳоро бовар карда, саъй кардаанд ҳам худ ва ҳам ҷавонони худро дар ҷиҳати ҷонибдорӣ аз он инқилоб ва ҳимоят кардан аз он ва нерӯ гирифтан аз он дар ҳаракати исломии худ ташвиқ кунанд ва камтарин таваҷҷуҳе ба бадақидатӣ ва гуноҳи бузурги онҳо дар ҳаққи ҳукумати исломӣ дар тӯли гузашти таърих накунанд, замзама мекунад ва мегӯяд, ки онҳо дар баробари хилофати рошида ва ҳукумати бани Умая ва ҳукумати аббосиҳо чи дидгоҳҳо ва кирдоре карда, аҷдоди Сафавии онҳо бо аҳли суннат чӣ корҳо кардаанд. Албатта, дар ин барои касе, ки гӯш медиҳад, панду андарзе нуҳуфтааст!

Пас, бояд таърихро бихонанд ва бо ақоиди шиаён ошно шаванд! Зеро таърих ҳеҷ гоҳ гуноҳи нобахшидании онҳоро дар фарохонӣ ба сӯйи наздиксози шиа ва суннӣ ва сӯйистифода аз ҳама ва ҳаёҳуи ҷавонон ба унвони навъе дилсӯзӣ барои Ислом дар оғӯшҳои рофиза ва дар ошёнаҳои «рафз» намебахшад! Пас, ҳамаи шумо нигаҳбон ҳастед ва ҳамаи шумо масъулу нигаҳбони зердастони худ мебошед.

Аз Аллоҳ таъоло мехоҳам, ки ба ин устоди фозил (муаллиф), ки кӯшида, то ҳақоиқи (ҳақиқатҳои таълимоти) шиаро аз китобу марҷаъҳои муътабари онҳо баён ва розкушоӣ кунад, беҳтарин подошро иноят фармояд ва ин икдомро дар мизони ҳасаноташ (некиҳояш) бинависад ва ҳамаро, чи он касе, ки менависаду пардадарӣ мекунад ва чи он касе, ки мехонад, то ба ҳақ бирасад, аз зумраи донишмандону донишҷӯёне қарор диҳад, ки бинобар лутфи илоҳӣ дар пайи дифоъ аз дин ва кашф кардани суханони ботил бармеоянд ва моро аз ҷумлаи касоне қарор диҳад, ки ин ваъдаи илоҳӣ дар онҳо

таҳақуқ (иҷро) меёбад: **«Аллоҳтаъоло аз касоне ки имон овардаанд, дифоъ мекунад».**

Моро аз ҷумлаи касоне қарор диҳад, ки аз дину аз Паёмбар (с) ва аз саҳобаи Расул (с) дифоъ мекунанд ва моро аз ҷумлаи касоне қарор диҳад, ки барои Худо ва дини Паёмбар (с) ва пешвоёни мусулмонон ва барои ҳамаи онҳо насиҳат мекунанд. Ӯ ухдадори ин кор ва қодир бар он аст.

Ва охиру даъвоно анил ҳамду лиллоҳи раббилоламин.

**Доктор Абдуллоҳ ибни Исмоил**

# МУҚАДДИМАИ ЧОПИ ҲАФТУМ

Ҳамаи ҳамду сано сазовори Худованд аст. Ҳамду санои фаровон ба овардани неъматҳояш ва баробар бо зиёдатҳояш, ҳамаи ҳамд махсуси Аллоҳ, то вақте ки розӣ шавад. Ҳамд махсуси Аллоҳ, вақте ки розӣ шуд ва ҳамаи ҳамд барои Худо, баъд аз он ки розӣ шуд.

Дуруду салом бар беҳтарини маҳлуқот ва сайиду солори аввалин ва охирин Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) ва бар хонадон ва асҳоби гиромии ӯ бод.

Аммо баъд, ин чопи ҳафтум аз китобамон «Ҳатто ло нанхадиъа» маъруф ба «Ҳақиқати шиа» аст, ки шукри Худо дар назди бисёре аз равшанфикрон ва ғайри онҳо, аз аҳли суннат ва аҳли шиа, ба таври яксон мавриди қабул воқеъ шудааст. Зеро мо дар он пойбанд ба бетарафӣ шудем ва ҳар чизеро, ки аз шиаён нақл кардаем, ҳатман, бо зикри манобеи (манбаъҳои) боэътимод (асоснок) ва ҷузъу (ҷилду) шумораи саҳифа ва чопи он ҳамроҳ будааст ва ин чопи нав дар он баъзе аз ахбор (хабарҳо) ва манқулотро (нақлшудаҳоро) изофа (илова) кардаем ва бобҳои онро дубора тартиббандӣ (мураттаб) намудаем. Аз Худо мехоҳем, ки онро аз мо бипазирад ва онро дар рӯзе ки бо Ӯ мулоқот хоҳем кард, дар мизони аъмоламон қарор диҳад.

Валҳамду лиллоҳи раббилоламин.

**Абдуллоҳ Мавсилӣ**

# МУҚАДДИМАИ ЧОПИ АВВАЛ

Ҳамаи ҳамд сазовори Аллоҳтаъоло, Парвардигори ҷахониён ва дуруду салом бар Имоми муттақиён (парҳезгорон) Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ва бар ҳамаи олу асҳоби ӯ ва ба ҳама касоне бод, ки то рӯзи қиёмат бар равишу қонуни ӯ гом бармедоранд.

Аммо баъд, ба рағми (дар муқобили) фаъолияте, ки шиа ба хотири паҳн намудани мазҳаби ботили худ дар миёни мардуми одии аҳли суннат анҷом медиҳад, ки бегумон, барбод додани ин талошҳо талошу ҳамкории ҳама аҳли суннатро металабад, мебинем, ки муқобила бо ин хатари муҳим дар он сатҳи матлуб нест. Иллати (сабаби) ин амр ду чиз аст:

1. Огоҳӣ надоштан аз эътиқодоти (ақидаҳои) шиа;
2. Зиракӣ ва фиребе, ки донишмандони шиа бар асоси ақидаи китмонсозӣ (пинҳонсозии ҳақиқат) бад-он ороста ҳастанд, ин маккорону ҳуққабозон (найрангбозон) ҳақиқати мазҳаб ва дидгоҳи суннатситезии худро дар муқобили аҳли суннат ошкор накарда, ба муҳаббат ва дӯст доштани аҳли суннат худнамоӣ карда, аз таънаҳо ва эътирозоте, ки нисбат ба мазҳаби аҳли суннат вуҷуд дорад, табарро (безорӣ) меҷӯянд.

Дар натиҷа ашхоси салимулқалби аҳли суннат фиреби зоҳирии онҳоро хӯрда, намедонанд, ки шиаён чизеро бар забон меронанд, ки аслан дар қалбашон вуҷуд надорад.

Онҳо ҷоҳилон ва ғофилони мусулмон ва касонеро, ки ба мутафаккир номгузорӣ мешаванд, фиреб медиҳанд, ба ин гумон, ки тақия дар китоби Аллоҳтаъоло ворид шуда ва намедонанд, ки тақияе, ки дар Куръон омада, рухсат дар ҳолатест, ки мусулмон дар онҳо дар маърази осебу хатари куфр қарор мегирад. Аммо тақияи шиа зотан нифоқ ва зоҳир кардани хилофи он чизест, ки нисбат ба аҳли суннат дар дил пинҳон мекунанд.

Хумайнӣ дар китобаш «Расоил» (ҷузъи 2, саҳифаи 102, чопи Қум, Эрон, с. 1385 ҳиҷрӣ) мегӯяд: «Аз ҳамин рӯ, ҷоиз будани ин тақия ва балки воҷиб будани он бинобар тарс бар нафс ё ғайри он маҳдуд намешавад, балки чунин бармеояд, ки масолеҳи навъӣ ба иллате барои вуҷуди тақия ва китмонсозии сир, агарчи амният ҳам фароҳам бошад ва бими он надошта бошад, ки осебе бубинад, воҷиб аст».

**Бародари мусулмонам!** Аҳли суннат дар эътиқоди шиаи дувоздаҳимомӣ кофир маҳсуб мебошанд. Ба ақидаи онон, суннӣ як носибӣ (душмани аҳли байти Паёмбар) аст ва дар ин мавврид фарқе миёни шофеӣ, ҳанбалӣ, моликӣ, ҳанафӣ ва касоне, ки мулаққаб ба ваҳҳобия ҳастанд, вуҷуд надорад.

Назар ба зиракӣ ва ҳилагарию хабисии онҳо равиши «тафриқа биандоз ва ҳукумат кун»-ро дар пеш гирифта, яке пас аз дигаре онҳоро танҳогир меоваранд. Дар назари шиа хатарноктарин душмани онон касест, ки аз мазҳаб ва тақияи онҳо огоҳ бошад ва оромтарин ва сарбазертарин душман касест, ки аз эътиқодоти онҳо огоҳ набошад ё фиребхӯрдаи китобҳои таблиғотии онҳо бошад! Онҳо аз он даста аз мутафаккироне, ки ба нафъи онҳо матолиб менависанд, хурсанд шуда, аз онон истиқбол мекунанд, зеро ба кумаки тавсифоти онҳо бузургнамо шуда, гӯйё дар қуллаи дониш ва тақво қарор доранд. Навиштаҳои касонеро, ки бо онҳо нармӣ ва таотуф ба харҷ медиҳанд, дунбол кардаам. Дидам, ки онҳо қурбони китобҳои таблиғотии онҳо, ки бар асоси тақия аст, шудаанд. Аз ин амр хеле дилтанг шудам. Дидам, ки инҳо ҳадди ақал аз китобҳои Хумайнӣ иттилоъ наёфтаанд. Агар, воқеан, он китобҳоро медиданд, ҳаргиз нисбат ба онҳо нармӣ ва лутф нишон намедоданд ва дар масоили онон ғуттавар намешуданд.

Шиаён китобҳои таблиғотиеро пешкаши хонандагон мекунанд ва он сунниҳои ҳаводору фиребхӯрдаи шиа

китобҳои мазкурро мехонанд ва назару дидгоҳеро ки бар асоси тақияву мадоро дар онҳо вуҷуд дорад, ба даст мекунанд.

Алломаи онҳо Шаҳристонӣ, чунонки дар ҳошияи 138 аз авоили мақолоти Шайх Муфид (ва он яке аз китобҳои муҳими онҳост, ки чопи Бейрут мебошад) мегӯяд: «Шиаи аимаи (имомони) оли байт (ҳамакнун) дар мавқеъе қарор гирифта, ки дар бисёре аз вақтҳо маҷбур мешавад одат ё ақида ё фатво ё китоб ва ё ғайри инҳоро, ки хоси ӯст, китмон намояд».

**Мегӯям** оре, одат ё ақида ё фатво ва китоби хусусии хешро китмон мекунанд ва ин услуби пинҳонсозӣ бар асоси он чи, ки Шаҳристонӣ зикр кардааст, ҳамон чизест, ки баъзе аз аҳли илмро ба василаи он фиреб дода, дар натиҷа онҳо худ аз ҳақиқат дур шуда, мардумро ҳам дур кардаанд. Бисёре аз мо дидгоҳи ҳақиқии шиа нисбат ба аҳли суннатро намедонад ва мо дар ин рисола мекӯшем, ки ба изни Худо ва тавфиқи Ӯ аз ақидаи шиаи дувоздаимомa нисбат ба аҳли суннат розкушоӣ кунем.

# ФАСЛИ АВВАЛ.
# ТАҚИЯ ДАР НАЗДИ ШИА
## МАБҲАСИ АВВАЛ. ТАҚИЯ ДАР НАЗДИ ШИА, БОЗГӮӢ ВА ОШКОР НАНАМУДАНИ ЭЪТИҚОДОТАШОН

**Тақия** дар назди шиа худнамоию тазоҳур (зоҳир) кардани баръакси ҳақиқат аст ва фиреб додани дигаронро барои шиа мубоҳ (раво) медонад. Бинобар ин, бар асоси ин тақия шиа ончиро, ки ботинан ба он муътақид аст, инкор мекунад. Барои ӯ мубоҳ мегардонад, ки он чиро, ки ботинан мавриди бадбинии эътиқод дорад, бад-он тазоҳур кунад. Ба ҳамин хотир, мебинем, ки шиаён бисёре аз эътиқодоти худ монанди қавл ба таҳрифи (бар дурӯғ маънидод кардани) Қуръон, фаҳш додан (ҳақораткунӣ) ба саҳобагон ва такфир кардани (ба куфр ҳукм кардани) мусулмонон ва туҳмат задан ба онҳоро дар муқобили аҳли суннат инкор мекунанд. Албатта, ба лутфи илоҳӣ дар ин китоб ба ҳамаи ин эътиқодот ишора хоҳад шуд. Шахсияте, ки ба хубӣ аз ин ақида огоҳ шуд, марҳум шайх Муҳиббиддини Хатиб буд, ки гуфта: «аввалин мушкилӣ ва монеае, ки намегузорад миёни мо ва шиаён посухгӯйии содиқона сурат бигирад, чизест, ки онро тақия меноманд. Ин тақия ақидаест, ки барои онҳо он чиро, ки бар зидди мо дар дил пинҳон мекунанд, мубоҳ мекунад, то ошкор накарда, хилофи онро тазоҳур (зоҳир, ошкор) намоянд. Аз ин рӯ, бештари аҳли суннат фиреби тазоҳур кардани онҳо дар алоқа нишон доданд ба наздик шудан ба ҳамдигар ва эҷоди ваҳдатро мехӯранд, дар ҳоле ки онҳо аслан инро намехоҳанд ва бад-он розӣ нестанд ва барои он коре намекунанд, фақат дар як тараф боқӣ мемонанд ва ҳамзамон ба он тарафи дигар дар гӯшаи худ ба сар мебарад ва тори мӯйе аз он канор намеравад» *(«Хутути ариза», саҳ.10)*.

Шайх ва раиси муҳаддисини онҳо Муҳаммад ибни Алӣ

ибни Ҳусайн мулаққаб ба Ибни Саддук дар рисолаи «Эътиқодот» (саҳ.104, маркази чоп ва нашри Эрон, с. 1370-и ҳиҷрӣ) мегӯяд: «…ва эътиқоди мо дар иртибот бо тақия дар асоси воҷиб будани он аст. Касе, ки онро тарк кунад, гӯё намозро тарк кардааст. Тақия воҷиб аст, ҷоиз нест, ки онро тарк кунем, то вақте ки Имоми замон (Маҳдӣ дар назар аст) ба зуҳур расад. Пас, касе, ки қабл аз хуруҷи эшон (Имоми замон) онро тарк кунад, дар ҳақиқат аз дини Аллоҳ ва аз дини имомия хориҷ шуда, ба мухолифат бо Аллоҳ ва Расулаш ва аимма бархостааст».

Дар ҳақиқат донишмандони шиа ба тақия таваҷҷуҳи хосе додаанд. Барои мисол Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Ҳури Омулиро мебинем, ки дар «Мавсуоти ҳадис»-и худ ( ҷилди 11, саҳ.472) боберо таҳти унвони «Зарурати эътино ва эҳтимом ба тақия ва пардохтани ҳуқуқи бародарон» боз мекунад ва низ бобе таҳти унвони «Омезиши иҷтимоӣ ба тақия» (фарҳанги мазкур, ҷилди 11. саҳ.470*)* ва бобе таҳти унвони «Зарурати тоати султон аз тақия» («Васоили шиа», ҷилди 11. саҳ.471) боз мекунад. Ба монанди ӯ шайх ва оятуллоҳи онҳо ҷаноби Ҳусайн Баруҷардист, ки дар «Ҷомеи ақвол ва аҳодиси шиа» (ҷилди 14, саҳ.504 ва мобаъди он чопи Эрон ) назири чунин ақволе дорад.

Дар «Усули кофӣ» аз Кулайнӣ дар боби тақия (ҷилди 2, саҳ.219) ривоят шуда, ки Муънар ибни Халод мегӯяд: «Аз Абулҳасан дар бораи қиём бар алайҳи волиҳо суол кардам, он гоҳ гуфт Абӯҷаъфар гуфтааст «тақия аз дини ман ва падаронам аст ва касе, ки дорои тақия нест, ҳеҷ имон надорад». Боз дар «Усули кофӣ» (ҷилди 2, саҳ. 217) аз Ибни Абдуллоҳ ривоят шуда, ки ӯ гуфтааст: «Эй Абӯимрон! Аз даҳ нуҳ қисмати дин дар тақия хулоса мешавад. Касе, ки тақия надорад, дин надорад ва тақия дар чизе ҷуз набиз ва масҳ бар хуфайн иҷро мешавад».

Шайхи онҳо Муҳаммад Ризо Музаффар дар китоби таблиғотии худ таҳти унвони «Ақоиди имомия», фасли «Ақидаи мо дар бораи тақия» мегӯяд аз ҳазрати Содиқ

дар асари саҳеҳ ривоят шуда, ки ӯ гуфтааст: «Тақия дини ман ва дини падарони ман аст ва касе, ки тақия надорад, ҳеҷ дине надорад».

Қулайнӣ дар «Кофӣ» (ҷилди 2, саҳ.271) аз ҳазрати Содиқ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст «аз падарам шунидам, ки мегуфт ба Худо, чизе дар рӯйи Замин барои ман аз тақия дӯстдоштатар нест. Эй Ҳабиб, ҳар кас тақия дошта бошад, Аллоҳ ӯро рафеъ месозад. Эй Ҳабиб, касе, ки тақия надошта бошад, Аллоҳ ӯро паст хоҳад сохт. Эй Ҳабиб, агар тақияро риоя кунӣ, мардум ҳамвора дар сулҳу оштӣ бо ту ба сар мебаранд».

Дар «Усули кофӣ» (ҷилди 2, саҳ. 220) аз Абӯабдуллоҳ ривоят шуда, ки ӯ гуфтааст: «Тақия сипари Аллоҳтаъоло миёни Ӯ ва халқаш мебошад».

Боз аз Абӯабдуллоҳ ривоят шуда (ҷилди 2, саҳ. 218), ки гуфтааст: «Аллоҳтаъоло дар динаш фақат ва фақат тақияро аз мо хост (ва онро аз мо мепазирад)».

Дар «Усули кофӣ» (ҷилди 2, саҳ. 220) аз Абӯабдуллоҳ ривоят шуда: «Падарам мегуфт ( дар дунё) чизеро бештар аз тақия дӯст надорам, ба ростӣ, ки тақия кору мояи шодкомии ман аст».

Кулайнӣ дар «Кофӣ» (ҷилди 2, саҳ.372) ва Файзи Кошонӣ дар «Вофӣ» (ҷилди 3. саҳ. 159. Дор-ул кутуби исломии Теҳрон) аз Абӯабдуллоҳ ривоят карда, мегӯяд: «Касе, ки рӯзашро бо ифшо кардани сири мо оғоз кунад, гармои оҳан бар ӯ мусаллат шуда, дар маҷолис дар тангно қарор мегирад».

Дар «Кофӣ» (ҷилди 2, саҳ. 222) ва маҷмӯаи «Расоил»-и Хумайнӣ (ҷилди 2, саҳ. 185) аз Сулаймон ибни Холид ривоят шуда, ки ӯ гуфтааст: «Абӯабдуллоҳ гуфтааст эй Сулаймон, шумо бар дине ҳастед, ки агар онро китмон созед, аз ҷониби Аллоҳ иззатмандшуда ва агар онро ифшо кунед, Аллоҳтаъоло шуморо залил хоҳад сохт».

Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 11, саҳ. 473) аз амиралмуъминин ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «тақия аз

беҳтарин ва фозилтарин аъмоли муъминон аст».

Дар «Васоили шиа» (ҷилди 11, саҳ.474) аз Алӣ ибни Ҳусайн ривоят шуда, ки ӯ гуфтааст «Аллоҳтаъоло ҳамаи гуноҳони муъминро мебахшояд ва ӯро дар дунё ва охират аз ҳамаи онҳо пок медорад, ба ҷуз ду гуноҳ: тарк кардани тақия ва зоеъ кардани ҳуқуқи бародарон».

Шайхи шиаён Тоҷиддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Шуайрӣ дар китоби «Ҷомеъу-л –ахбор» (ки табъи Ҳайдария ва чопхонаи он дар Наҷаф аст) мегӯяд: «тарккунандаи тақия ҳамчун тарккунандаи намоз аст!».

Дар «Васоили шиа» (ҷилди 11, саҳ.466) аз Содиқ нақл шуда, ки ӯ гуфтааст: «касе, ки пойбанд ба тақия набошад, аз мо нест».

Дар «Ҷомеъ-ул-ахбор» (саҳ.95) омадааст, ки Абуабдуллоҳ гуфтааст: «Аз шиаи Алӣ нест, касе, ки тақия намекунад».

**Мегӯям** (муаллиф дар назар аст) шиа тибқи эътиқодашон мебоист то қиёми имоми дувоздаҳумашон ( ки гумони онро мебаранд) ба тақия муттасил (пойбанд) шаванд ва ҳар кас, ки қабл аз зуҳури имомашон онро тарк кунад, аз онҳо нест. Чунончи шайх ва муҳаддиси онҳо Муҳаммад ибни Ҳасан Ҳури Омулӣ дар китоби «Исботу Худот» (ҷилди 3, саҳ.477, табъи мактаби илмии Қум дар Эрон) аз Абӯабдуллоҳ, ки бар ӯ дуруду салом бод, дар бораи сухан гуфтан аз тақия ривоят кард, ки ӯ гуфтааст: «ҳар кас қабл аз зуҳури Имом Маҳдӣ онро тарк кунад, аз мо нест» ва чунончи Шуайрӣ дар «Ҷомеъ-ул –ахбор» аз Содиқ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст «ва ҳар кас қабл аз зуҳури Имоми замон (Имом Маҳдӣ) тақияро тарк кунад, аз мо нест».

Оятуллоҳи онҳо Хумайнӣ дар китоби «Расоил» (ҷилди 2, саҳ.174) мегӯяд: «Як бор тақия ба хотири тарс сурат мегирад ва бори дигар ба хотири мадоро (созиш). Мурод аз мадоро ин аст, ки мо битавонем заминае ҷамъоварӣ ва иттиҳоди калимаро бо дӯст кардани мухолифон ва ҷалби

муваддату муҳаббати онҳо бидуни тарсу ҳеҷ зараре фароҳам кунем. Чунончи дар тақия хавф аст ва ба зудӣ ба ин масъала ҳам хоҳем пардохт. Гоҳе тақиякорӣ барои ғайри худ ва гоҳе барои зоти худаш мутолиба мешавад. Он чи, ки барои зоти худаш аст, ҳамон чизест, ки ба маънои китмон (пинҳонкорӣ) дар муқобили ифшогарӣ аст».

**Мегӯям** шумо ба ҳилагарии ин мард нигоҳ кунед, он ҷо ки мегӯяд «….бо дӯст кардани мухолифон ва ҷалби маваддату муҳаббати онҳо бидуни хавфу ҳеҷ зараре…».

**Диққат кунед,** ин ҷаноб тақияро бидуни тарсу ҳеҷ зараре ҷоиз медонад! Агар мухолифон бародарони динии вай ҳастанд, пас, чаро дар мавриди онҳо ҳам ба кор бурда мешавад?

Хумайнӣ дар маҷмӯаи «Расоил» (ҷилди 2, саҳ.175) мегӯяд: «Тақия дар баъзе маворид (мавридҳо) барои мадоро (созиш) кардан бо мардум ва ҷалби муҳаббати онҳо машрӯъ (ҷорӣ, шарт) шудааст. Дар баъзе дигар бар ҳасби ин ки муттақӣ минҳу чӣ касе аст тақсим мешавад, як бор тақия аз куффор ва ғайри муътақидон ба Ислом сурат мегирад, хоҳ аз тарафи подшоҳон ё мардум бошанд ва бори дигар аз қудратмандону салотину умарои иҷтимоъ ва бори савум аз фуқаҳо ва қозиён ва бори чорум аз аввоми мардум сурат мегирад… Тақия аз куфор ва ғайри онҳо бад-ин сурат аст, ки амали мувофиқ бо умум анҷом шавад. Чунончи агар фарз кунем, ки султон мусулмононро мултазим ба фатвои Абӯҳанифа кунад ва гоҳе дар мавориди дигар тақия анҷом мешавад.

**Бародари мусулмон,** ба ин қавли вай нигоҳ кун: «…ба унвони қонун машрӯъ шуда ва рухсат нест….». Аммо гуфтаи Муҳаммад Ғазолӣ (р. Ин Муҳаммад Ғазолӣ на он Муҳаммад Ғазолии мутфаккаири машҳури муаллифи китоби «Эҳоу-л-улум» аст), ки мегӯяд: «тақия кори шиаён маълули зулму ситами баъзе аз инсонҳо бар онҳост» - чунончи баъдан зикр хоҳад шуд, бад-он таваҷҷуҳ

намекунем. Зеро Ғазолӣ дар ин мавзӯъ тахассус надорад, балки шояд онро аз бархе аз нависандагони онҳо, ки тақияро ба кор мебаранд, баргирифта бошад.

Хумайнӣ дар маҷмуаи «Расоил» (ҷилди 2. саҳ.196) мегӯяд: «Бояд бидонем, чизе, ки аз ин ривоёт бардошт мешавад, дурустии корест, ки тақия онро анҷом медиҳад: хоҳ тақия ба хотири ихтилофе миёни мо ва миёни онҳо дар ҳукм бошад, чунончи дар масҳ бар хуфайн ва рӯза шикастан ба ҳангоми афтодани ҷанин аст, ё дар собит кардани як мавзӯи хориҷӣ бошад, монанди истодан дар Арафот дар рӯзи ҳаштум барои собит шудани руъяти ҳилол дар назди сунниҳо».

Нигоҳ кун, ки чи гуна ҳамчун офтобпараст дар муқобили аҳли суннат ранг иваз мекунад, то пайравонашро ба онҳо бичаспонад ва найрангашон ошкор нагардад. Ба ҷойи онки вай пайравони худро бар ин иршод ташвиқ кунад, ки аҳли суннат бародарони динии мо ҳастанд, ба тақсими тақия пардохта, анвоъи онҳоро ва чигунагии амали тақиякоронаро бо аҳли суннат ба онҳо омӯзиш медиҳад. Пас, Хумайнӣ худ ба худ пардадарӣ карда, мегӯяд: «Тақия дар муқобили аҳли суннат ба хотири масолеҳ ва манофеъ (-и шиаён ) аст ва шарт нест, ки ба хотири тарс аз нафс анҷом бигирад». Хумайнӣ дар китоби «Рисола» (ҷилди 2. саҳ.102) мегӯяд: «Барои дуруст будани тақия, балки барои воҷиб будани он шарт нест, ки бими нафс ё ғайри он дошта бошем, балки чунин ба назар мерасад, ки манофеъ (манфиатҳо, фоидаҳо) ва маслиҳатҳо барои воҷиб шудани тақия табдил гардидаанд. Бинобар ин, ҳатто агар амният ҳам дошта, бими ҷон надошта бошем ҳам, боз ҳам китмону (пинҳонкорӣ) тақия (пардапӯшии ҳақиқат) кори воҷиб аст».

Хумайнӣ дар «Мисбоҳу-л-ҳидоя» (саҳ.154) (табъи аввал дар Бейрут) мегӯяд: «Эй дӯсти рӯҳонӣ, Худо дар дунё ва охират мададгорат бошад, бисёр аз ин бипарҳез,

ки ин асрорро барои ғайри худиҳо бозгӯ кунӣ, ё дар ҷойгоҳи номуносиб онро пардадарӣ кунӣ! (Ин тақия) яке аз навомиси илоҳӣ ва асрори рубубият аст, ки мебоист дур аз чашм ва дасти бегонагон нигоҳ дошта шавад. Зеро илми ботинии шариат аз афкоррезии онҳо шадидан дур аст ва онҳо бо он ошноӣ надоранд ва аз ин ки дар ин авроқ нигоҳи тафаҳҳумомез биафканӣ, барҳазар бош, магар он ки қабл андар ҷумалот ва калимоти худогароёни аҳли завқ баррасии комиле анҷом дода бошӣ ва улумумаорифро аз устодони бузург ва орифони киром ёд гирифта бошӣ! Вагарна мурочиа (-и хушку холӣ) ба ин маориф танҳо мояи хисорату маҳрумият аст».

**Бародари мусулмон,** матлабе, ки дар ин ҷо Хумайнӣ ба он эълон карда, қабл аз ӯ мавриди гӯшзади уламои шиа ҳам қарор гирифтааст.

Нигоҳ кун, ки Хумайнӣ чӣ гуна махфӣ кардани онҳо аз аввом (-и шиа)-ро дархост накард, то ҷойе ки дар ин бора узру далел ҳам меоварад. Аммо ӯ дархост кард, ки аз бегонагон, ки манзураш сунниҳост, пӯшидаву ниҳон бимонад. Бинобар ин, Хумайнӣ ( таълими ) ин маорифу улумро танҳо бар донишмандон хулоса накарда, балки аввомро ҳам мадди назар қарор додааст ва танҳо дағдағааш аз бегонагон аҳли суннат аст.

Муҳаммад Тиҷонии Самовӣ доктори шиаи муосир дар китобе таҳти унвони «Ҳақро бишнос» (чопи Бейрут, 1995. Дору-л-муҷтабо) ба чандин китмонсозӣ ишора кардааст, онҷо ки мегӯяд «зеро ин дидгоҳ бисёр дурандешона аст ва хостори каме гароҳатгӯист, ки гоҳе барои бархе аз масолеҳи муваққатӣ махфӣ мондан ҳам шароитест, ки баъзе аз шиаён онро медонанд».

Ба Хумайнӣ ва суханаш дар бораи тақия бармегардем, пас, ӯро меёбем, ки мегӯяд «навъе аз тақия барои худаш воҷиб аст ва он чизест,ки дар муқобили ифшогарӣ анҷом мешавад. Тақия дар ин сурат ба маънои худро ҳифз кардан аз ифшои мазҳаб ва аз ифшои рози аҳли байт аст.

Дар бисёре аз ривоятҳо чунин равшан мешавад, ки тақияе, ки имомон хеле ба он иқдом кардаанд, ҳамин тақия аст. Бинобар ин, пинҳон доштани ҳақ дар ҳукумати ботилӣ воҷиб аст ва маслиҳат дар он ба хотири сиёсати дин хоҳад буд. Агар тақия намебуд, мазҳаби шиа дар маърази заволу инқироз қарор мегирифт» *(«Расоил», ҷилди 2. саҳ. 185).*

**Мегӯям** ин суханон ва суханони қаблии Хумайнӣ ошкоро эътироф мекунад, ки мазҳаби шиа бар асоси китмонсозию пинҳонсозӣ ва розгаройӣ устувор аст, ки ҳамаи инҳо бо тақия аз як шоху барг мебошанд. Тақия агар намебуд, мазҳаби шиа дар маърази заволу нобудӣ қарор мегирифт. Пас, оё Муҳаммад Ғазолӣ (р) ва дигар донишмандоне, ки нисбат ба шиа нармӣ ба харҷ медиҳанд, аз ин тасреҳот иттилоъ ёфтаанд?!

Донишмандони шиа билоди аҳли суннат мерафтанд ва дар онҷо бо изҳори тақия бар аҳли суннат дурӯғ мебастанд, тазоҳур мекарданд, ки суннӣ ҳастанд, то ба осонӣ аз лағжишҳои онҳо огоҳ гарданд. Шайх Муҳаммад Ҳусайн ибни Абдусамад маъруф ба шайх Баҳоӣ, ки дар соли 1031 ҳиҷрӣ вафот ёфтааст, аз ҷумлаи ҳамон афродест, ки гуфта: «Ман дар Шом будам ва тазоҳур мекардам, ки бар мазҳаби шофеӣ ҳастам».

Шайх Муҳаммад Муҳаммади Иштиҳордӣ шайхи шиаён ин достони тақияро дар китобаш «Беҳтарин мунозирот» (саҳ. 177. 1416ҳиҷрӣ. Дору Сақалайн, Лубнон) зикр намудааст.

Бародари мусулмон, нигоҳ кун, тақияе, ки мавриди аъмоли имомони шиа буда, он худро ҳифз кардан аз ифшои мазҳаби шиа ва дурӯғ бастан бар аҳли суннат будааст. Марҳум шайх Муҳаммади Ғазолӣ аз фатвои шайх Шалтут дар дуруст будани парастишу ибодат тибқи мазҳаби шиаи дувоздаҳимомӣ дифоъ кардааст. Мо бар ин бовар ҳастем, ки ҳардуи марҳум аз ин ақволи хатарнок ва ривоятҳои такфиркунандаи аҳли суннат хабар надоштаву огоҳ нашудаанд.

Шаҳристонӣ тибқи он чи ки дар ҳошияи саҳифаи 137-и китоби «Авоили мақолот» (Табъи Бейрут, соли 1403 аз маншуроти мактаби Мероси исломӣ) аз ӯ нақл кардаанд, мегӯяд «ба ҳамин хотир шиаи аимаи оли байт дар бисёре аз авқот маҷбур ба китмони одат ё ақида ё фатво ё китоб ё ғайри инҳо, ки ба ӯ ихтисос дорад, мешавад». Ба хотири ин аҳдофи ботил ва хандаовар шиа тақияро ба кор бурда, дар зоҳир ҳамдилии худро бо тоифа ва гурӯҳҳои дигар ҳифз кардааст ва дар айни хол ба дунболи китоби сираи имомони оли Муҳаммад ва аҳкоми қатъии онҳо перомуни вуҷуби тақия аз қабл афтодааст. Касе, ки тақия надошта бошад, дине надорад, зеро дини Аллоҳ бар суннати тақия роҳ меравад».

**Мегӯям** ин ҳамон тақияи касифест, ки қурбониёне ҳамчун шайх Шалтут ва шайх Муҳаммад Ғазолӣ, ки Худо эшонро раҳмат кунад ва ғайри онҳоро гирифтааст. Албатта, инҳо корашон аз рӯйи нияти нек будааст ва мо низ тавзеҳе дорем, ки дар мавридҳои зер онро хулоса мекунем:

1.Тақия дар назди шиа, чунончи баъзе аз покниятони аҳли суннат мепиндоранд, барои ҳифзи ҷон нест, балки дар асоси рӯйпӯш гузоштан ба хориҳо ва зилатовариҳои мазҳаби шиа ва мавзӯи суннатситези он мебошад;

2. Қаблан гӯшзад кардем, ки Хумайнӣ иқрор кардааст, ки тақия барои нигаҳдорӣ аз ҷону мол нест, балки барои мавридҳои дигаре ҳам мебошад. Тақия барои шиаён ҳамчун намоз аст. Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 11. саҳ.466) аз Алӣ ибни Муҳаммад ривоят карда ки ӯ гуфтааст «эй Довуд, агар бигӯям, тарккунандаи тақия ҳамчун тарккунандаи намоз аст, рост гуфтаам».

Дар «Васоили шиа» ва дар ҳамон ҷо аз Содиқ нақл аст, ки: «Бар шумо лозим аст, ки тақия кунед! Зеро ҳар кӣ тақияро ба унвони рӯпӯши худ, ҳатто дар иртибот бо касе, ки ӯро амин медонад, (истифода набарад) аз мо нест, то ин тақия як навъ хулқу одат табдил бишавад, ки бо ҳар кас

ки аз ӯ ҳарос дорад, ба кор бурда шавад». Аз ҷумла, чизҳои аҷибу ғарибе, ки гоҳе касе аз муътақидоти шиа огоҳӣ надорад, онро намепазирад. Ин аст, ки онҳо намоз хонданд пушти носиб (яъне суннӣ)-ро ба унвони тақия ҷоиз медонанд, дар ҳоле ки онҳо муътақиданд, ки суннӣ наҷасу кофар ва хуну молаш ҳалол аст, чунончи дар ин китоб зикр хоҳад шуд, зеро Хумайнӣ дар китоби «Расоил» (ҷилди 2.саҳ.197) аз Зарора ибни Амин аз Абӯҷаъфар нақл кардааст, ки ӯ гуфта: «Ишколе нест, ки пушти сари носибӣ (суннӣ) намоз бихонӣ. Дар намозҳои ҷаҳрӣ пушти сари ӯ чизе нахон, зеро қироати ӯ туро кофист» ва баъд аз зикри ин хабар мегӯяд: «ва то ғайри инҳо аз он чи, ки дар сиҳҳату итминон доштан ба намозе (ки шиа пушти сари суннӣ мехонад) тақия аст.

Дар ҳоле ки худи Хумайнӣ моли сунниро мубоҳ медонад. Чунончи дар китоби «Таҳриру-л-васила» ( 1/352) мегӯяд: «қавли қавитар ин аст, ки сунниҳоро дар мубоҳ будани ғаноиме, ки аз онҳо ба даст меояд ва тааллуқ гирифтани хумс ба он ба аҳли ҷанг мулҳиқ кунем, балки чунин ба назар меояд, ки ҳар куҷо моли вай ёфт шавад, дуруст аст, ки онро баргирем ва аз он хумсро бипардозем».

**Диққат кунед!** Ӯ намоз хондани як нафар шиаро пушти сари як нафар суннӣ, ки онро наҷасу малъун медонад, дуруст мешуморад, чунончи дар китобаш «Таҳриру-л-васила» (1/117) омадааст. Пас, намоз хондан дар пушти сунниҳое, ки дар эътиқод онҳо носибӣ ҳастанд, бад-ин маъно нест, ки аҳли суннат ва имони онҳо дурусту поканд, балки ин иқдоми онҳо фақат ва фақат тақия ва найранг ва ҳуққае аст, то ҳомиён ва мудофеоне барои худ биёбанд. Ба рағми ҳамаи инҳо доктор Иззиддини Иброҳим, ки ба нафъи шиаён қалам мезанад, дар китобаш таҳти унвони «Сунӣ ва шиа» (саҳ.48, чопи чорум, Маркази фарҳангии Эрон дар Рум уҳдадори нашри он шудааст) аз шайхи пешини Азҳар Муҳаммад Муҳаммад Фаҳом каломеро

нақл мекунад, ки ба яке аз донишмандони шиа ба номи Ҳасани Саъид илқо кардааст. Дар он омада: «Ҷаноби шайх Ҳасани Саъид яке аз уламои барҷастаи Теҳрон бо ташриффармоии худ ба манзили банда, ки дар хиёбони ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб воқеъ аст, мушарраф фармуд. Албатта, ҷаноби олим, аллома ва дӯсти бузургвор Толиб Рафоӣ ҳамроҳи вай ҳузур доштанд. Ин дидор хотироти зиёдеро дар даруни банда зинда кард. Хотироти айёме, ки онҳоро дар соли 1970 дар Теҳрон сипарӣ кардам, дар он лаҳзаҳо гурӯҳҳои бузурге аз уламои шиаи имомиро шинохтам ва донистам, ки дар онҳо вафодорию бузургворие вуҷуд дорад, ки қаблан онро надидаам! Вақте имрӯз ба дидори банда омаданд, худ ҷилваҳое аз вафодории онҳоро нишон дод. Аллоҳ таъоло ба онҳо беҳтарин ҷазоро бидиҳад ва заҳамоти онҳоро, ки дар заминаи тақриби мазоҳиби исломӣ кашиданд, бе посух нагузорад, зеро ҳамаи мазоҳиби исломӣ дар ҳақиқат ва дар воқеият як чиз дар усули ақидаи исломӣ ҳастанд. Онҳоро дар арсаи бародаргароӣ дар канори ҳам ҷамъ кардааст, ҳамон бародарие, ки Қуръон онро ба тасвир кашидааст: **«Муъминон бо ҳам бародаранд»** *(сураи «Ҳуҷурот», ояти 10)*.

Аз вазифаи уламои уммати исломӣ алорағми ихтилофу гуногунии гароишоти мазҳабии онҳо ин аст, ки бо алоқа дар ростои каммияти ин бародарӣ ва фурӯ афкандани ҳар чизе, ки онро бад мекунад ва сафои онро тира месозад, монанди авомили тафриқа ҷом бардоранд, магар на ин аст, ки Аллоҳтаъоло дар китоби азизи худ тафриқачиро маҳкум карда, фармудааст: **«Ва бо ҳам низоъ накунед, ки суст мешавед ва шукуҳатон аз миён меравад»** *(Сураи «Анфол», ояти 46)*.

Аллоҳтаъоло марҳамати худро ба шайхи Шалтут арзонӣ бидорад, ки ба ин мафҳуми бузург таваҷҷуҳ карда, дар фатвои сареҳ, бепарда ва шуҷоона гуфтааст: «Дуруст аст, ки ба мазҳаби шиа амал намуд, ба ин эътибор, ки як

мазҳаби фиқҳӣ ва исломист, ки бар асоси Китобу суннат ва далели муҳкам устувор аст. Аз Аллоҳтаъоло мехоҳам, ки ҳамаи коргузорон (-и ин арса)-ро, ки мехоҳанд ба ин фатҳу пирӯзии арзишманд дар заминаи тақрибсозии рӯҳияи бародарӣ дар ақидаи ростини исломӣ дастёбанд, тавфиқ диҳад. **«Ва бигӯ: амал кунед, ки Аллоҳ ва Паёмбараш ва муъминон амали шуморо хоҳанд дид»** *(сураи «Тавба», ояти 105)*.

Ва охиру даъвоно ан-ил-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-ъоламин.

**Ман мегӯям** ин Ҳасан Саъидӣ, ки шайх Фаҳом каломи отифии худро хитоб ба ӯ гуфта, ҳамон касест, ки муқаддимаи китоби «Бар шиа дурӯғ бастанд» асари Муҳаммад Разавиро навиштааст. Дар ин рисола аз ӯ ба зудӣ нақл хоҳем кард. Разавӣ нисбат ба Имом Абӯҳанифа (р) густохӣ карда, дар саҳифаи 135-и китоби худ мегӯяд: «Худо туро зишт кунад, эй Абӯҳанифа, чӣ гуна гумон мебарӣ, ки намоз аз ҷумлаи дини Аллоҳ нест?!».

Аз шайхайн, яъне Абӯбакри Сиддиқ ва ҳазрати Умари Форуқ (р) табарро ҷуста, дар ҳоле ки ба яке аз нависандагони аҳли тасаннун ҷавоб медиҳад ва дар саҳифаи 49-и китоби мазкур мегӯяд: «Аммо бароати мо, ки аз шайхайн баромада, аз зарурати динамон аст ва як нишонаи шаръӣ, ба ростӣ алоқа ва муҳаббати мо нисбат ба имомон ва баргирифта аз дӯстии мо нисбат ба раҳбарони мост, ки бар онҳо салом бод ва ту дар суханат рост гуфтӣ». Китоби «Бар шиа дурӯғ бастанд» оганда аз таънаҳо ва айбу эродгириҳо нисбат ба саҳоба (р) ва пешвоёни ҳадису раҳбарони мусулмон аст. Мо дар китобе муфассал ин матолибро нақл кардаем ва ин рисола ҷойе нест, ки битавон дар он ба баррасии матолиби Разавӣ ва дигарон бипардозем. Аммо чизе, ки баъд аз исботи матлабе, ки гуфтем, бароямон муҳим аст, ин аст, ки Ҳасан Саъид шайх Алфиҳом барои ӯ нома фиристода, муқаддимае барои китоб навиштааст ва дар он гуфтааст:

«Алломаи ҷалил ва бузургвор ҷаноби Муҳаммадризо Разавӣ, ки таваҷҷуҳи хосе ба китоби сунниҳо ва афкори онҳо ва мавориди иштибоҳи онҳо дорад, бино ба пайравӣ кардан аз фармудаи Паёмбар (с) уҳдадорӣ (-и инкор) шудааст. Пас, бар ҳар олим (-и шиӣ ) лозим аст, ки илми худро ошкор кунад, то он чиро, ки ба шиа мансуб шудааст, баён намояд».

Оре, Ҳасан Саъидӣ дар муқаддимааш барои ҷаноби Ризо сухане дар иртибот бо таънаҳои вай ба хулафо ва асҳоб ва аимаи салафи аҳли суннат ба миён наовардааст. Шайх Алфиҳом (р) аз ин мавзӯъ огоҳ набудааст ва вазъияту ҳолати ӯ ба монанди теъдоди фаровоне аз аҳли суннат аст. Шиаён ҳам бадашон намеояд, ки уламои аҳли суннат бар ин ҳолат бошанд! Ба зиракии шиа нигоҳ кунед, ки наздик аст кӯҳҳоро ҳам аз бех барканад! Ҳасан Саъиди шиӣ барои китобе муқаддима менависад, ки саҳобаи киром ва аимаи аҳли суннатро мавриди таънахои худ қарор дода, дар ҳоле ки шайхи Алфихом танҳо хотироте аз дидораш аз Теҳрон дорад. Субҳоналлоҳ! Мо ба уламою мутафаккирони аҳли суннат тавсия мекунем, ки воқеан, инро бидонанд, ки шиа хилофи он чиро, ки дар ботин доранд, зоҳир мекунанд. Бо ин баён равшан мешавад, ки равобити миёни ду тараф, яъне фиребдиҳанда ва фиребхӯрда вуҷуд доштааст.

Тарафи фиребанда ҳамон шиа аст, ки уламои онҳо дар қолаби тақия ба ин тараф даст ёзида ва бехабарон аз воқеият онҳоро таҳти таъсири худ қарор додаанд ва тарафи фиребхӯрда баъзе аз уламои аҳли суннат ҳастанд,ки аҷала карда, дар гирдоби таъйиди шиа ва ин ки аҳли суннат метавонанд ба мазҳаби шиа монанди дигар мазоҳиб аҳли суннат ибодат кунанд, фурӯ рафтаанд!

**Бародари мусулмонам!** Шакке дар ин нест, ки ин гуна афрод, ки дар таъйиди шиа фурӯ рафта (ё беҳтар аст,ки бигӯем) мехоҳанд ба наздик шудан ба мазҳаби шиа фаро бихонанд, дар ин арса коршинос ва мутахассис ва огоҳ

нестанд ва худ қурбони тақия ва ҷаҳл мебошанд. Оё онҳо аз ин огоҳ нестанд,ки Хумайнӣ гузоштани дасти рост бар дасти чапро ба унвони фиреб ва бозӣ ҷоиз дониста, дар ҳоле ки онро яке аз мубтилоти намоз медонад! Чунончи дар «Таҳриру-л-васила» (1/186)мегӯяд: «Ва такфир ҳамон қарор додани яке аз дастҳо бар рӯйи дигаре ба гунае ки ғайри мо (аҳли суннат) онро қарор медиҳанд ва агар инкор амдан анҷом шавад, муҷиби ботил шудани намоз аст, аммо дар ҳоли тақия ишколе надорад».

Шайхи шиаён Муҳаммад ибни Муҳаммади Содиқ Садри Мӯсавӣ дар «Таърихи ғайбати кубро» (ҷилди 2.саҳ. 352. Мактабаи Алфайни Қувайт, 1403 ҳиҷрӣ) мегӯяд: «Дар замони ғайбати кубро (-и Имом Маҳдӣ) ба тақия дастур дода шудааст ва ин мафҳум аз ҷумлаи мафоҳимест,ки ахбор ва ривоятҳои имомия, на дигарон, бар он хулоса шудааст.Саддуқ дар «Камолуддин» ва шайх Алҳар дар «Васоили шиа» ва Табрасӣ дар «Эълому-л-варо» аз имом Ризо ривоят карда,ки вай фармудааст: «Касе, ки тақво ва парҳезгорӣ надошта бошад, дин надорад ва касе, ки дорои тақия набошад, имон надорад, гиромитарини шумо дар назди Худованд касест, ки бештар аз ҳамаи шумо ба тақия амал мекунад. Касе, ки тақияро қабл аз зуҳури Имоми Замон тарк кунад, аз мо нест».

**Мегӯям** нигоҳ кунед, ки чӣ гуна онҳо ба тақия пойбанд ҳастанд, ки хилофи корҳои ботиниро барои мо зоҳир кунад ва ин вазъ (ба истилоҳ) то зуҳури Имоми Замонаш идома дорад, ки мунтазири вай ҳастанд. Имоми дувоздаҳуми онҳо Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ин ки он Маҳдие, ки ривоятҳо бар сиҳҳати он вуҷуд дорад, номаш Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аст ва то кунун таваллуд наёфтааст. Аммо Маҳдии шиа ҳазор сол ва беш аз ҳазор сол аст, ки мутаваллид шуда, аммо дар назари онҳо махфӣ шудааст. Имом ва хуҷаини онҳо Муҳаммади Тоққӣ ва Мусавии Исфаҳонӣ дар китобаш таҳти унвони «Вазифат-ул-аном фи зимни ғайбати-л-

имом» (ҷилди 1.саҳ.43.Дор-ул-қорӣ, Бейрут, 1978) ба ҳангоми баҳс кардан дар бораи вазоифи мавриди назари шиа дар замони ғайбати имомашон мегӯяд: «Шиа бояд дар муқобили душман, яъне аҳли суннат ба тақия пойбанд бошад. Маънои тақияи воҷиб ин аст, ки вақте ба лиҳози ақлонӣ ташхис диҳад, ки дар сурати китмон накардан ба лиҳози ҷонӣ ва молӣ ва мақомӣ зарар мебинад, бояд китмон кунад ва бо ин тақия ҷону моли худро ҳифз кунад ва ақидаи саҳеҳашро дар қалбаш мастур бидорад». Ҳамчунин дар саҳифаи 44 мегӯяд: «Ривоятҳо дар мавриди воҷиб будани тақия фаровон аст ва он чиро, ки ман дар баёни тақияи воҷиб зикр кардам, ҳамон мафҳуми мазкур дар робита бо эҳтиҷоҷ аз амиралмуъминин (а) аст, ки се маротиба дар бораи он таъкид фармуда, ки агар тақия тарк шавад, зиллату хорӣ оид хоҳад шуд».

**Мегӯям** диқат кунед, ки ин тақия дар назаргоҳи ин олими шиӣ ваХумайнӣ қабл аз вай чӣ гуна ба хотири ҳифзи ҷон сурат намегирад, балки фақат ва фақат барои расидан ба аҳдофу натоиҷ (-и хос) аст. Аз ҳаминрӯ, садоқат ва вафодории онҳоро бовар намекунем, чароки ин ақида онҳоро ба ҳангоми (рӯбарӯ) шудан бо аҳли суннат ва таъриф кардан бо онҳо ташвиқ мекунад ва дар натиҷа покдилони мо эҳсос мекунанд, ки онҳо ихтилофи зиёде бо мо надоранд.

Исфаҳонӣ дар китоби мазкур саҳифаи 44 ривоятеро аз Алӣ ривоят карда, ҳамзамон исноди онро саҳеҳ донистааст ва он ривоят чунин аст: «Бисёрии масҷидҳо ва андоми қавме, ки бо шумо ихтилоф доранд, шуморо фиреб надиҳад». Гуфта шуд: Эй амири муъминон, дар он замон чӣ гуна зиндагӣ кунем?! Гуфт: дар зоҳир бо онҳо ҳамроҳ шавед ва дар ботин бо онҳо мухолиф гардед. Барои инсон чизе хоҳад буд, ки касб кардааст ва бо касе хоҳад буд, ки дӯсташ доштааст ва ҳамроҳи он мунтазири фараҳу кӯшоиш аз ҷониби Аллоҳтаъоло бошед».

Исфаҳонӣ баъд аз он гуфтааст: «Ва ривоятҳо ва ахбор

дар ин боб фаровон аст, ки теъдоде аз онҳоро дар «Микёлу макорим» зикр кардаам. Шайхи онҳо Муртазои Ансорӣ, ки мулаққаб ба шайхи фуқаҳо ва муҷтаҳидин аст дар рисолаи «ат-Тақия» (саҳ. 53, чопи аввал, Дору-л-ҳодӣ, Бейрут) мегӯяд: «Ва дар аввал шарт аст, ки тақия дар муқобили мазҳаби мухолифон сурат бигирад, зеро далоили яқинбахше дар даст аст,ки тақиякорӣ дар ибодотро ҷоиз медонад,чаро ки чизе, ки сареҳан ба зеҳн меояд,тақия дар баробари мазҳаби мухолифон аст ва бинобар ин тақия дар баробари куффору золимони шиӣ анҷом намешавад».

**Мегӯям** диққат кунед, тибқи далоили яқинбахши онҳо, тақия дар муқобили аҳли суннат аст, на дар муқобили куфор ва золимони шиа.Сипас гуфтаи шайх Мӯсо Ҷоруллоҳро ба ёд оваред, ки мегӯяд: «Шиаён аҳли суннатро душмантарини душманон ҳисоб мекунанд» (Оятуллоҳи узмо Абулқосими Хуӣ дар таъдил ва ислоҳи шарҳи «Урват-ул-вусқо» (4/332-333 чопи Садри Қум, нашри Дору-л-ҳодӣ, матбуоти Қум, 1410 ҳиҷрӣ). Дар ҳоле ки дар бораи тақия суҳбат мекунад, мегӯяд: «Бардоште, ки аз ривоятҳои воридомада дар боби тақия мешавад, ин аст, ки тақия фақат ва фақат барои ин машруъ шуда, ки шиагарӣ аз мухолифон пинҳон шуда, онҳо аз шиа ё рофизӣ будани онҳо огоҳ нагарданд. Аз сӯйи дигар мадоро кардан бо мухолифон ва ошно шудан бо онҳо ҳам яке аз далоили машруияти тақия мебошад. Табиист, ки агар як нафар мукаллаф(-и шиа) дар назди ҳанафиҳо худро пайрави ҳанбалӣ муаррифӣ кард ва ё баръакс пинҳонкорӣ ва адами машҳур шудани рофизиятро анҷом дода, таоруфу мадоро бо онҳо ҳам амалӣ гаштааст, пас, агар ӯ дар масҷиди ҳанафимаслак мутобиқ бо мазҳаби ҳанбалиҳо намоз бихонад, ин ки ӯ дар масоҷиди онҳо намоз хонда, ё бо онҳо буда, бовар карда мешавад. Рози ин кор дар ин аст ки воҷиб фақат иборат аст аз тақия кардан дар муқобили умум ва муҷомала кардану мадоро

кардан бо онҳо ва далоили пешгуфта ҳеҷ кадоми инро ба исбот намерасонад, ки бояд аз гурӯҳҳои мухталифи онҳо пайравӣ кард ва низ далеле бар он нест, ки аз мазҳаби шахсе, ки аз ӯ тақия карда мешавад, пайравӣ кард. Балки ҳарчи ҳаст, ин аст, ки бояд бо умум мадоро ва муҷомала кунем ва нагзорем, ки аз шиагарии мо бохабар шаванд».

**Мегӯям** маънои сухани Хуӣ ин аст, ки бар шиа лозим нест, ки бо ҳанафӣ ҳанафӣ ва бо шофеӣ шофеӣ бошад, ҳамин кофист, ки барои махфӣ кардани ташаюъи худ ба яке аз мазоҳиби аҳли суннат мутавассил шавад. Бинобар ин, шиие, ки масалан, дар муқобили ҳоле, ба мазҳаби ҳанафӣ мутавассил мегардад, ҳеҷ зиёне намебинад. Муҳим ин аст, ки шиа бидуни ӯ ҳувайдо нагардад. Хуӣ дар «Танқеҳ» (4/332) мегӯяд: «Чунончи агар касе, ки аз як нафар ҳанафӣ тақия мекунад, вале амали тибқи мазҳаби ҳанбалӣ ё моликӣ ва ё шофеиро анҷом дод, ишколе дар ин кор вуҷуд надорад». Хуӣ дар «Танқеҳ» дар шарҳи «Урват-ул-вусқо» (4/292) мегӯяд: «Ва аз ин даста аст истодан дар Арафот дар рӯзи 8-уми Зилҳиҷҷа (моҳи Ҳаром), зеро аима ағлаби солҳо ҳаҷ мераванд ва ёрону пайравони онҳо ҳам бо умуми мардум ҳаҷ мекарданд».

**Мегӯям** диққат кунед! Ӯ як бор аз аҳли суннат ба умум ва як бор ба мухолифин таъбир мекунад. Вай мегӯяд: «Ва аммо тақия ба маънои ахас, яъне тақия дар баробари умум дар асл воҷиб аст, зеро ривоятҳои зиёде бар вуҷуди онҳо, балки бар иддаои ба тавотур расидани иҷмолии он далолат дорад».

Диққат кунед! Тақия бо умуми мардум, яъне аҳли суннат чунончи аминуғайри вай ба он ишора кардаанд, воҷиб ва балки мутавотир аст!

Боз Хуӣ (4/255) мегӯяд: «Дар баъзе аз ривоёт омада, ки имом гуфта: «Тақия дини ман ва дини падарону бобоёни ман аст ва касе тақия надорад, дин надорад. Аслан, чӣ таъбире қавитар аз ин аст, ки бар вуҷудияти тақия далолат дошта бошад?! Зеро аслан динро аз тарккунандаи

тақия нафй мекунад. Аз ин далел аҳамияти он дар назди шореъ равшан мешавад. Дар воқеъ, касе, ки тақия намекунад, ба унвони шахси бедин қаламдод шудааст. Дар бархе дигараш имон нест барои он касе, ки дорои тақия нест ва ин ҳам дар далолат бар вуҷуби тақия монанди далели собиқ аст. Савум, агар бигӯӣ, ки тарккунандаи тақия монанди тарккунандаи намоз аст, рост гуфтаӣ! Ва далолати он бар воҷиб буданаш ошкор аст, чаро ки намоз фосилае байни куфру имон аст, чунончи дар ривоятҳо омадааст. Тақия ҳам ба манзалаи намоз омада, фосилае миёни куфр ва имон қаламдод шудааст. Чаҳорумин ки аз мо нест касе, ки тақияро шиори худ қарор надиҳад! Аз назари баъзеҳо тарккунандаи тақия дар ҷумлаи касоне ҳисоб шуда, ки сирри онҳо ва урфашонро барои душманонашон ишоа (ошкор) ва паҳн мекунанд. Бинобар ин, тақия бар ҳасби асли аввал воҷиб аст».

**Мегӯям** пас, тақияи воҷиб ҳамон тақия ба маънои ахас, яъне бо аҳли суннат аст. Мӯсо Ҷоруллох дар ибораи худ чӣ қадар дақиқ аст! Аммо тақия ба маънои умумитар, яъне бо куфори ғайри аҳли суннат маҳкум ба ҷавоз аст. Ба Хуӣ гӯш бидеҳ, ки дар «Танқеҳ» (4/254) ба таври ошкоро ин мавзӯъро унвон карда,мегӯяд: «Ва аммо тақия ба маънои омтари он дар асл ҷоиз шумурда мешавад». Ин далелест, ки собит мекунад сунниҳо дар назди шиаён аз яҳуду масеҳиҳо ва мушрикон ҳам бадтар ҳастанд. Зеро тақия дар баробари аҳли суннат воҷиб, аммо дар муқобили куфор ҷоиз аст. Ҳамчунин аз Хуӣ дар «Сироти нот фи аҷвибат-ил-истифтоот»(2/89, Мактаби фиқҳии Қувайт , 1996) пурсида шуд: «Мурод аз тақия дар ибодат чист ва оё метавон онро ба аҳкоми хамса тавсиф кард? Оё дар ҷойе, ки эҳтимоли зиён (-и молӣ ва ҷонӣ) меравад, метавон тақия кард ва аз зоҳирсозӣ худдорӣ кард?». Хуӣ дар чавоб гуфтааст: «Агар эҳтимоли зарар аз тарафи мухолифон биравад, тақия воҷиб аст ва агар ҳам эҳтимоли зарар

намебуд, тақия дар намоз бо аҳли суннат мустаҳаб аст!».

**Мегӯям** Хуӣ дар ин ҷо ошкоро эълом дошта, ки тақия дар муқобили аҳли суннат ҳатто агар зарару зиёне ҳам аз тарафи онҳо вуҷуд надошта бошад, ба кор бурда мешавад. Ҳамчунин аз Оятуллоҳи узом Козим Ҳароирӣ дар «Фатвои мунтахаба» (ҷилди 1.саҳ.150,Мактабаи фиқҳии Кувайт) пурсида шуд: «Ҳудуде, ки шаръан амал кардан ба тақияро ҷоиз медонанд, кадоманд? Оё азиятҳои каломӣ ва интиқодоти мазҳабӣ ва дар тангно қарор гирифтан метавонад далеле бар ҷавози тақия бошад?!». Ҷавоб дод: «Бар инсони шиӣ лозим аст, ки бо як инсони суннӣ тавре рафтор кунад, ки муҷиботи ҳусни занни ӯ нисбат ба шиаро фароҳам оварад, на шиа шавад!».

## МАБҲАСИ ДУЮМ
## КАЙ ВАҚТ ШИА ТАРК КАРДАНИ ТАҚИЯРО ОҒОЗ МЕКУНАД?!

Бародари мусулмон, шиа то вақти зуҳури Имоми Замонашон, чунончи хаёл мекунанд, аз тақиякорӣ даст барнамедоранд. Дар ҳақиқат муфассири шиӣ Айёшӣ дар тафсираш (2/35, Дору-л- кутуби илмияи исломии Теҳрон) ва Ҳари Омулӣ дар «Васоили шиа» (11/468) ва Абдуллоҳи Шибр дар «Усули асила» (саҳ. 32, маншуроти мактабияи Муфид-Қум) аз Ҷаъфари Содиқ дар тафсири ояти 97-и сураи «Каҳф»: **«Ва замоне ки ваъдаи Парвардигорам фаро расад, онро дар ҳам мекӯбад»**, ривоят карда, гуфтааст: «Даст бардоштан аз тақия ба ҳангоми кашф ба зуҳури Имоми Замон аст, ки вай (меояд) ва аз душманони Аллоҳ интиқом мегирад». Манзур аз душманони Аллоҳ аҳли суннат аст, зеро ки шиа бо онҳо ба шеваи тақия таомул карда, ба ҳангоми кашф, яъне ба ҳангоми қиёми имоми хаёлии онҳо (аз аҳли суннат интиқом мегирад).

Қулайнӣ дар «Кофӣ» (2/218), Файзи Кошонӣ дар «Вофӣ» (3/122) аз Абуабдуллоҳ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Эй азизам, касе, ки дорои тақия аст, Аллоҳтаъоло ӯро рафеъ ва воломақом месозад ва касе, ки тақия надошта бошад, Аллоҳтаъоло ӯро пасту хор хоҳад кард. Эй азизам! Мардум дар сулҳу оштӣ ҳастанд, аммо вақте Имом Маҳдӣ зуҳур кард, аз тақия ҳам даст бардошта хоҳад шуд. Сайид Алиакбари Ғаффорӣ дар ҳошияи худ бар «Кофӣ» (2/218) ҳамчунин тафсире аз гуфтаи Ҷаъфари Содиқ ишора кардааст. Муҳаддис ва муҳаққиқи шиӣ Муҳаммад ибни Хур дар «Васоили шиа» (11/58) аз Ҳасан ибни Ҳорун ривоят кардааст: «Ман дар назди Абӯабдуллоҳ нишаста будам, ки Муълӣ ибни Ханис пурсид: «Оё имоми қоим баъакси сирати ҳазрати Алӣ қадам хоҳад бардошт?». Гуфт: «Оре, зеро ҳазрати Алӣ бо миннату хештандорӣ ҳаракат кард, чун медонист, ки

шиааш бар онҳо пирӯз хоҳанд шуд ва қоим(-и оли шиа ) вақте қиём мекунад, бо шамшер (қудрати физикӣ) дар миёни онҳо ҳаракат хоҳад кард, зеро медонад, ки дигар ҳеҷ касе бар шиаи вай ғалаба нахоҳад кард».

Мирзо Муҳаммадтақии Исфаҳонӣ дар китобаш «Микёлу-л- макорим» дар боби «Фавоиди дуо барои (зуҳури ) қоим» ( ҷилди 1.саҳ. 246 аз машварати имоми Маҳдӣ. Қум ) аз тафсири Алӣ ибни Иброҳимӣ дар бораи ояти 18 сураи «Торик»: **«Пас, ба кофирон муҳлат деҳ ва муддати андаке онопро** (ба ҳоли худ) **вогузор»,** нақл мекунад: «То вақти барангехтани қоим, ки онгоҳ барои ман аз золимону ҷабборҳо ва тоғутҳои қурайшӣ ва ьани Умайя ва дигар мардум (-и аҳли суннат) интиқом хоҳад гирифт».

Оятуллоҳи Исфаҳонӣ дар китоби мазкур (1/147) аз Алӣ ибни Ҳусайн барои мо нақл мекунад ва мегӯяд: «Вақте қоими мо қиём мекунад, аз Аллоҳтаъоло, аз шиаи мо (тақиякорӣ) дар баробари умумро хоҳад зудуд ва қалбҳои онҳоро монанди оҳан хоҳад сохт ва ҳар як аз онҳо дорои чил мард хоҳад шуд ва ҳокимону қудратмандони замин хоҳанд шуд!».

Шайхи шиӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Содиқ Садри Мусавӣ дар китобаш «Таърихи мобаъди зуҳур» (саҳ.762, чопи 2, Доруттаоруф, матбуоти Лубнон) аз Абӯҷаъфар ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Мардум дар сулҳу созиш ба сар мебаранд, бо онҳо издивоҷ мекунем ва бо онҳо ирс медиҳем ва ҳудудро бар онҳо ҷорӣ мекунем ва амонати онҳоро боз пас медиҳем, то вақте ки қоим қиём мекунад, ки он вақт музоила пеш меояд». Садр дар тафсири маънои «музоила» мегӯяд: «ҷудоӣ ва тазодафканӣ миёни аҳли ҳақ ва аҳли ботил аст».

Оятуллоҳ Сайид Иброҳими Зинҷонӣ дар «Ҳадоиқу-л-инс» (саҳ.104, чопи Дору-л- зуҳро, Бейрут) аз амиралмуъминин нақл карда, ки фармудааст: «Фақеҳони онҳо (яъне аҳли суннат) ба дилхоҳи худ фатво медиҳанд ва

қозиёни онҳо беилмона сухан мегӯянд ва бисёре аз онҳо шаҳодати бардурӯғ медиҳанд. Вақте қоим зуҳур мекунад, аз он аҳли фатво интиқом мегирад». Оятуллои Зинҷонӣ дар таълики ин ривоят мегӯяд (ҳамон саҳифа): «Мурод аз фақеҳони мухолиф аст, зеро онҳо ба дилхоҳи худ фатво медиҳанд ва шоҳид бар он қавли Имом Боқир аст. Вақте Имом Маҳдӣ зуҳур кунад, душмани ошкоро ҷуз фақеҳон нахоҳад дошт ва Имом Маҳдӣ ва шамшер бо ҳам бародар ҳастанд. Агар шамшераш, яъне қудрату султа дар дасташ намебуд, он фақеҳон ба куштани вай фатво медоданд. Аммо Аллоҳтаъоло ӯро бо шамшер (қудратманд) ва пирӯз хоҳад сохт».

Алломаи шиӣ Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ дар китоби форсии «Ҳаққ-ул- яқин» бар асоси ончи, ки алломаи ҳинд, Мавлоно Муҳаммад Манзури Нуъмонӣ дар китоби «Сурату-л-ирфония фи мизони исломия» (саҳ.147) аз ӯ нақл карда,ошкоро гуфтааст: «Онҳо бо мо робитаи никоҳу хешовандӣ барқарор хоҳанд кард ва аз мо ирс хоҳанд бурд, то вақте Маҳдӣ зуҳур мекунад, ки он вақт шурӯъ ба куштани уламои аҳли суннат ва сипас авомунноси онҳо менамояд».

Шайхи онҳо Абӯзайнаб Муҳаммад ибни Иброҳими Нуъмонӣ, ки ӯ шогирди шайхи онҳо Кулайнӣ аст, дар китоби «ал-Ғайба» ( саҳ.233, чопи мактабаи Садуқи Теҳрон) аз Муҳаммад ибни Муслим ривоят мекунад, ки аз Абӯҷаъфар шунидам, ки мегуфт: «Агар мардум медонистанд, ки қоим ба ҳангоми зуҳур чӣ корҳое хоҳад кард, орзу мекарданд, ки ӯро набинанд. Чун вай мардумони зиёдеро хоҳад кушт ва аввал аз Қурайш оғоз хоҳад кард ва фақат бо шамшер бо онҳо рӯбарӯ хоҳад шуд (ва онҳоро аз пой дар хоҳад овард) то ҷойе ки бисёре аз мардум хоҳанд гуфт, ки ин аз оли Муҳаммад нест ва агар аз оли Муҳаммад мебуд (каме) раҳм мекард».

Муҳаммад Содиқ Садр дар «Таърихи мобаъди зуҳур» (саҳ.568, нашри фавқуззикр) ва ҳамчунин шайхи фуқаҳои

онҳо ва муҳаддиси онҳо шайх Алии Яздии Хоирӣ дар «Илзому-н-носиб фи исботи ҳуҷҷати-л-ғоиб» (2/273, чопи чорум, 1977, аз маншуроти Муассисаи аъламии матбуоти Бейрут) ин ривоятро зикр кардаанд ва дар китоби «Ғайбат»-и-Неъматӣ (саҳ.231) ва дар китоби «Таърих пас аз зуҳур» (саҳ.566) аз Зарора аз Абӯҷаъфар ривоят аст, ки ӯ гуфта: «Ба ӯ гуфтам солеҳе аз солеҳонро бароям номгузорӣ кун, манзурам қоим аст». Гуфт: «Номаш номи ман аст». Гуфтам: «Оё тибқи сирати ҳазрати Муҳаммад (с) гом бархоҳад дошт?». Гуфт: «Эй Зарора, бисёр баъид аст, ки ба равиши сирати Паёмбар (с) ҳаракат кунад». Гуфтам: «Фидоят шавам, охир барои чӣ?». Гуфт: «Расули Худо дар миёни умматаш бо хештандорӣ ҳаракат кард ва бо мардум улфату унси мо гирифт. Қоим равиши қатлро дар пеш хоҳад гирифт. Вай дар китобе, ки ҳамроҳаш аст, ба ин дастур дода шуда, ки бо ин қатл ҳаракат кунад ва аз касе талаби тавба накунад, балки вай бар он касе, ки бар мухолифат ва душмании вай бархезад». Шайх Муҳаммад Муҳаммади Содиқи Садр дар «Таърихи пас аз зуҳур» (саҳ.570-571) аз Рафид мавлои ибни Ҳубайра ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Ба Абӯабдуллоҳ гуфтам фидоят бишавам, эй писари Расули Худо, оё қоим равиши ҳазрати Алиро нисбат ба ҷумҳури мусулмонон дар пеш хоҳад гирифт?». Гуфт: «Алӣ ибни Абутолиб нисбат ба ҷумҳури мусулмонон равиши мусолиматомез ва хештандоронаро касб кард, аммо қоим дар миёни араб бо ҷафри аҳмар ҳаракат хоҳад кард». Гуфтам: «Фидоят шавам, «ҷафри аҳмар» чист?». Гӯяд (Абӯабдуллоҳ), он гоҳ ангуштонашро бар рӯйи гарданаш кашиду гуфт ин гуна аст, яъне куштан ва сар буридан».

Дар китоби «Ғайбат»-и Нуъмонӣ (234) ва «Таърихи пас аз зуҳури Садр» (110) аз Абӯабдуллоҳ ривоят аст, ки ӯ гуфта: «Вақте қоим зуҳур мекунад ва миёни вай ва арабу қурайш чизе ҷуз шамшер нахоҳад буд». Боз дар китоби «Ғайбат» (236) аз Абӯабдуллоҳ, ки ӯ гуфта: «Миёни мо ва

миёни араб ҷуз сар буридан чизе боқӣ намонда ва бо дастонаш ба гарданаш ишора кард». Аз имоми маъсуме, ки аз рӯйи майлу ҳавои шахсӣ сухан намегӯяд, ин қавли ӯро ба шиа нақл кардаанд, ки «агар мо тарси он надоштем, ки марде аз шумо дар муқобили марде аз онҳо кушта шавад ва ин дар ҳолест, ки як нафари шумо бартар аз ҳазор нафари онҳост, ба шумо дастур медодем, ки онҳоро бикушед, аммо ин кор то зуҳури имоми қоим ба таъхир афтодааст». Ин ривояти касифаи муғризонаро шайхи онҳо Омулӣ дар рисолаи «аш-Шиа» (11/60) ва Баҳронӣ дар «Ҳадоиқ» ва шайх Ҳусайн оли Усфур дар «Маҳосини нафсонӣ» (саҳ.166) зикр кардаанд ва низ шайхи онҳо Файзи Кошонӣ дар китоби «Вофӣ» (10/59) ба ин лафз овардааст: «Агар мо тарси он намедоштем,ки марде аз шумо дар муқобили марде аз онҳо кушта шавад ва ин дар ҳолест, ки як нафар аз шумо бартар аз ҳазор нафари онҳост,ба шумо дастур медодем, ки онҳоро бикушед. Аммо ин кор то зуҳури қоим ба таъхир афтодааст».

# ФАСЛИ ДУЮМ
# АҚОИДИ ШИА ДАР БОРАИ ИСЛОМ ВА МУСУЛМОНОН.

## 1.
## КОФИР БУДАНИ КАСЕ, КИ БА ВИЛОЯТИ ИМОМОНИ ДУВОЗДАҲГОНА ИМОН НАДОРАД

Шиа чунин муътақид аст,ки имоматӣ яке аз усули дин аст. Расули Аллоҳ (с) дувоздаҳ имомро таъйин ва мушаххас кардааст. Акнун шумо, эй бародари мусулмон, аз мавзӯи дидгоҳи онҳо дар муқобили касоне, ки қоил ба қавли онҳо нестанд, огоҳ шавӣ. Раиси муҳаддисони онҳо Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобуяи Қумӣ мулаққаб ба Садуқ дар рисолаи «Эътиқодот» (саҳ.103, Маркази нашри китоби Эрон, соли 1380) мегӯяд: «Эътиқоди мо дар иртибот бо касе, ки амиралмуъминин ва дигар имомони баъд аз ӯро инкор мекунад, ин аст, ки вай ба монанди касест, ки нубуввати ҳамаи паёмбаронро инкор менамояд. Эътиқоди мо дар барои касе ба имомати ҳазрати Алӣ эътироф карда, аммо дар айни ҳол имомони баъд аз вайро инкор намояд, вай касест, ки ба ҳамаи анбиё эътирофу иқрор карда, аммо нубуввати Паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад (с)-ро инкор намудааст».

Сухане мансуб ба Ҷаъфари Содиқро нақл мекунад, ки гуфтааст: «Касе, ки охирин имомони моро инкор мекунад, ҳаммонанди касест, ки аввалини моро инкор менамояд» (рисолаи «Эътиқодот» ҳамон саҳифа). Инчунин, ҳадисеро мансуб ба Паёмбар (с) карда, ки фармудааст: «Имомони баъд аз ман дувоздаҳто ҳастанд, аввали онҳо Алӣ ибни Абӯтолиб ва охири онҳо Қоим(Маҳдӣ) аст. Итоат кардан аз онҳо ба манзалаи итоат кардан аз Ман аст ва маъсияту нофармонӣ кардан аз онҳо ба манзалаи маъсияту нофармонӣ кардан аз Ман аст. Касе, ки яке аз онҳоро инкор кунад, дар воқеъ маро инкор кардааст». Ин

суханонро Мулло Боқири Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (28/6661) нақл кардааст.

Алломаи онҳо Ҷамоллиддини Ҳасан Юсуф ибни Муттаҳарии Лулӣ батаври куллӣ мегӯяд, ки имомат раҳмати ом ва нубувват раҳмати хос аст. Агар касе раҳмати ом (имомони дувоздаҳгонаро) инкор кунад, бадтар аз инкори раҳмати хос аст (яъне ҳатто мункири нубувват ҳам дар бадӣ ба пойи он намерасад). Боз ибораи гумроҳкунандае дар китобаш «Алфайн фи имомати амиралмуъминин Алӣ ибни Абутолиб» (ҷилди 3.саҳ.13.Муассисаи аълами матбуоти Бейрут, 1972) гуфтааст: «Имомат лутфу раҳмати ом ва нубувват раҳмати хос аст. Зеро мумкин аст, ки замона холӣ аз паёмбари зинда бошад, бархилофи имом, ки хоҳад омад. Инкор кардани лутфи ом бадтар аз инкор кардани лутфи хос мебошад».

Ҷаъфари Содиқ бо суханаш дар бораи мункири имомат ишора карда, ки ӯ бадтар аз ҳама мебошад. Шайх ва муҳаддиси шиаён Юсуфи Баҳронӣ дар доиратулмаорифи муътамадаш дар назди шиа «ал-Ҳадоиқу нозира фи аҳкоми итрати тоҳира» (ҷилди 17.саҳ. 153. Дору-л-азво, Бейрут. Лубнон) мегӯяд: «Эй кош, медонистам, чӣ фарқе миёни касе, ки ба Худо кофир шуда, бо касе, ки имомонро қабул надорад, вуҷуд дорад, дар ҳоле ки собит шуда, ки имомат ҷузъи усули дин аст».

Донишманду муҳаққиқ ва файласуфи онҳо Муҳаммад Муҳсин Маъруба Файзи Кошинӣ дар «Минҳоҷу-н-наҷот»(саҳ. 47, табъи Дорулисломия, Бейрут, 1975 ) мегӯяд. «Касе, ки яке аз имомони дувоздаҳгонаро инкор кунад, ба манзалаи касест, ки нубуввати ҳамаи паёмбарон (а)-ро инкор намуда бошад».

Мулло Боқири Маҷлисӣ, ки тарафи рофизиён мулаққаб ба аллома ва ҳуҷҷатуллоҳ ва фахри уммат аст, дар «Биҳору-л-анвор» (239/390)мегӯяд: «Бидон, ки итлоқ кардани лафзи ширку куфр бар касест, ки ба имомати

амиримуъмин ва имомоне аз фарзандони вайро муътақид нагардида, дигаронро бар онҳо бартарӣ додааст ва ин далолат дорад, ки ӯ барои ҳамеша дар Ҷаҳаннам боқӣ мемонад».

**Мегӯям** албатта, касоне, ҳам бо шиа нармию утуфат ба харҷ медиҳанд, дар назари онҳо аз ин қоида мустасно нестанд ва барои ҳамеша ҷаҳаннамӣ мебошанд. Пас, оё касе ҳаст, ки ибрату панд бигирад?! Шайхи онҳо Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ дар «Ҷавоҳиру-л-калом» (6/62 Дору эҳёу-т-турос-ил-арабӣ, Бейрут) мегӯяд: «Касе, ки бо аҳли ҳақ мухолиф аст, бидуни ҳеҷ ихтилофе миёни мо кофир аст, чунончи аз ҷониби Фозил Муҳаммади Солеҳ дар шарҳи «Усули кофӣ» ва аз Шариф Қозӣ Нуруллоҳ дар иртибот ба ҳақ будан ҳукм ба куфри касе, ки мункири вилоят аст, ҳикоят шудааст,чароки вилоят асле аз усули дин аст».

**Мегӯям** диққат кунед, ки чӣ гуна мункири вилоят, яъне имомат ба иттифоқи назари ҳамаи онҳо кофир аст, яъне шиаён бо иттифоқ аҳли суннатро кофир медонанд. Илова бар ин, шайхи онҳо Муҳсин Таботабоӣ мулаққааб ба Ҳаким нақл карда, ки дар назари умуми шиаён касе, ки бо онҳо мухолифат меварзад, кофир маҳсуб аст. Ин нукта дар китоби ӯ таҳти унвони «Мутамассикуурвати-л-вусқо» (1/392, чопи сеюм, чопхонаи Одоб дар Наҷаф, 1980) машҳуд аст.Оятуллоҳ шайх Абдуллоҳи Момконӣ мулаққаб ба Алломаи Дувум дар «Танқеҳу-л-мақол» ( 1/207, боби «Фавоид», чопхонаи Одоб дар Наҷаф ,1952) мегӯяд: «Ниҳояти чизе, ки аз ривоятҳо бардошт ва мустафод мешавад, ҷорӣ шудани ҳукми кофиру мушрик дар охират бар ҳар касест, ки ба вилояти дувоздаҳ имом имон наовардааст».

Муҳаддис ва шайхи онҳо ки дар назди онҳо хеле барҷаста аст Аббоси Қумӣ дар «Манозиру-л-охират» ( саҳ.149, Доруттаоруф, 1991) мегӯяд: «Яке аз манозили тарсноки охират (пули) сирот аст. Ин пул дар охират

таҷассуми сироти мустақим дар дунёст, ки ҳамон дини ҳақ ва вилоят ва пайравӣ кардан аз ҳазрати амиралмуъминин ва имомони поку муттаҳари зурияи вай аст, дуруду саломи Худо бар ҳамаи онҳо бод, ва ҳар кас аз ин роҳ канора гирад ва ба ботил рӯ оварад, чи бо гуфтор ва чи бо амал аз он монеъ лағжида, дар ҷаҳаннам хоҳад афтод».

**Мегӯям** манзур аз пайравӣ кардан аз уламо ва имомони тоҳир ҳамон чизест, ки шиаён дар китобҳои хоси худ, монанди «Кофӣ», «Таҳзиб»,«Аҳком», «Истибсор», «Ман лояҳзуруҳу-л-фақиҳ», «Вофӣ» ва «Васоили шиа» ва тафсири Қумӣ, тафсири Айёшӣ ва «Биҳору-л-анвор» ба онҳо нисбат медиҳанд. Бинобар ин, сироти мустақим танҳо чизест,ки дар китобҳои шиаён омадааст. Ин аст эътиқоди онон ва алломаи онҳо Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ, чунончи муҳаддис Аббоси Қумӣ дар китоби мазкур (150) аз ӯ нақл карда,мегӯяд: «Ҳамаи ин монеаҳо бар рӯйи пули сирот қарор доранд ва исми монеъе аз онҳо «вилоят» аст. Ҳамаи мардум дар канори он истода мешаванд ва дар иртибот бо вилояти амиралмуъминин ва имомони баъд аз вай омада мавриди суол қарор мегиранд. Касе, ки номи онҳоро зикр кунад, наҷот ёфта ва аз пули сирот убур мекунад. Касе, ки номи онҳоро зикр накунад, фурӯ меафтад ва дар оташи Дӯзах суқут мекунад ва ин гуфтаи илоҳӣ: **«Ва ононро нигоҳ доред, ки ба таври қатъӣ бозхост мешаванд»** *(сураи «Соффот», ояи 42)*-ро зикр кард ва дар ҳамон китоби фавқуззикр саҳ.98-дар тафсири ояти 79-и сураи «Намл»: **«Касе, ки як некӣ оварад, бештар аз он подош дода мешавад ва онҳо аз тарси он рӯз дар амон хоҳанд буд»**, менависад: «Аз амиралмуъминин нақл шудааст: «Ҳасана дар ин ҷо, яъне шинохтани вилояту ишқ ва алоқаи моаҳли байт аст».

**Мегӯям** нигоҳ кунед! Вилоят танҳо бо маъноп дӯстдории аҳли байт нест, балки ба эътиқод ба имомони дувоздаҳгона аст. Бар ин асос, ки онҳо таъйиншуда ва маъсум мебошанд ва суханонашон ба монанди каломи

Паёмбар (с) ваҳйи илоҳӣ аст.

Хумайнӣ дар китоби «Чил ҳадис» (саҳ. 510-511.Чопи Дорутаоруфи матбуоти Бейрут, 1991) аз Муҳаммад ибни Муслими Сақафӣ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Аз Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ (р) дар иртибот бо ин фармудаи Худо – **«Онҳо касоне ҳастанд, ки Аллоҳ гуноҳонашонро ба некиҳо табдил мекунад ва Аллоҳтаъоло бахшанда ва меҳрубон мебошад»** *(сураи «Фурқон», ояти 80),* суол кард. Ӯ чунин посух гуфт: «Дар рӯзи қиёмат муъмини гунаҳкор оварда мешавад ва дар ҷойгоҳи ҳисоб қарор мегирад. Онгоҳ Аллоҳтаъоло танҳо зотест, ки ҳисобрасиашро бар уҳда дорад ва ҳеҷ кас аз мардум бар ҳисоби вай огоҳ намегарданд.Он гоҳ Худо гуноҳояшро ба ӯ ёдоварӣ мекунад. Вақте ӯ ба гуноҳонаш эътироф мекунад, Аллоҳтаъоло ба фариштагони котиб мегӯяд: «Ҳамаи он гуноҳонро ба ҳасанот ва некиҳо табдил кунед ва онҳоро ба мардум нишон бидиҳед». Дар он ҳангом мардум мегӯянд: «Ин банда аслан гуноҳе надоштааст». Пас, Аллоҳтаъоло дастур медиҳад, ки ӯро ба Биҳишт бибаранд. Пас, ин таъвили ин оят аст ва фақат дар иртибот бо гунаҳкорони хоси шиаи мост».

Хумайнӣ дар шарҳи ин ривоят дар китоби мазкур (саҳ. 511) мегӯяд: «Бадеҳист,ки ин масъала фақат ба шиаи аҳли байт ихтисос дорад ва мардумони дигар аз он маҳрум мебошанд, зеро имон ҷуз ба воситаи вилояти Алӣ ва имомони маъсуму муттаҳари баъд аз вай омада ҳосил намешавад, балки бидуни имон ба вилояти мон ба Аллоҳ ва паёмбараш пазиуфта намешавад, чунончи дар фасли баъдӣ ин масъаларо зикр хоҳам кард».

Хумайнӣ дар «Чил ҳадис» (саҳ.512) мегӯяд: «Он чи, ки дар зайли ҳадиси шариф гузашт, аз ин ки вилояти аҳли байт ва шинохтани онҳо шарт барои қабули аъмол аст, аз умури мусаллам эътибор мешавад, балки аз ҷумлаи заруриёти мазҳаби ташайюъ аст ва ривоятҳо дар ин бора он қадар зиёд аст,ки зикри ҳамаи онҳо аз ҳавсалаи ин

мухтасар хориҷ буда, бештар аз ҳаҷми тавотур ҳастанд ва чиҳати табаррук ҷустан баъзе аз онҳоро зикр хоҳем кард».

**Диққат кунед!** Вилояте, ки махсуси шиа аст, аз ҷумлаи ақоиди асосиест, ки шиа то рӯзи қиёмат аз он даст барнамедоранд. Ин вилоят аз ҳаҷми тавотур дар назди онҳо бештар аст, чунончи Хумайнӣ муқаррар медорад ва аъмол ҷуз ба василаи он қабул намешавад, балки имон ба Аллоҳ ба Паёмбараш чуз бад-он қабул намешавад. Пас, ба Хумайнӣ гӯш фаро деҳ, дар ҳоле ки вай ба сароҳат ва ба вузӯҳ ин масъаларо дар китоби мазкураш (саҳ.513) муқаррар карда мегӯяд: «Ахбору ривоётҳо дар ин мавзӯъ ва бо ин мазмун зиёд ҳастанд ва аз маҷмӯъ чунин мустафод мешавад, ки вилояти аҳли байт (а) дар назди Худованд ба сони шарти қабули аъмол аст, балки танҳо шарт барои қабули имон ба Аллоҳ ва Паёмбари акрам (с) мебошад».

Хумайнӣ дар китоби «Байъ» (2/464. Муассисаи матбуоти исмоилиён барои нашр ва тавзеъ, Қум, Эрон) мегӯяд: «Ишкол ва айбе бар мазҳаби хаққоният, ки аима ва ҳокимҳо баъд аз набӣ сайид ва солори васиҳо амири муъминон ва фарзандони маъсуми вай буда, ки пушт дар пушт ҷонишин шуда, то замони ғайбат ба ҳамин минвол ҳастанд .Онҳо волиёни амр ҳастанд ва он чи, ки аз вилояти умумӣ ва хилофати кулли илоҳӣ ба паёмбар ихтисос дорад, ба онҳо ҳам ихтисос дорад».

Шайхи онҳо Комил Сулаймон дар китоби «Рӯзҳое дар сояи қоим Маҳдӣ» (саҳ.45. Дорулкитоби Лубнон. Бейрут) ҳадисе мансуб ба Паёмбар (с)-ро оварда,ки чунинаст: «Дувоздаҳ нафар аҳли байтам, Аллоҳтаъоло ба онҳо фаҳми Маро додааст. Онҳо хулафо ва ворисону фарзандон ва хонаводаи Ман ҳастанд. Касе, ки аз онҳо итоат кунад, аз Ман итоат карда ва касе, ки аз онҳо сарпечӣ кунад, аз ман сарпечӣ кардааст. Касе, ки онҳоро инкор кунад, ё яке аз онҳоро инкор кунад, дар воқеъ Маро инкор кардааст. Аллоҳ таъоло ба василаи онҳо осмонро

нигоҳ дошта, ки бар Замин наафтад, магар бо изну иҷозаи вай. Ба василаи онҳоАллоҳ таъоло Заминро нигоҳ дошта,ки аҳолии онро фурӯ набарад».

Шиии фавқуззикр боз ҳадисеро мансуб ба Набии акрам (с) зикр карда, ки чунин аст: «Касе, ки ба имомони дувоздаҳгона эътирофу иқрор кунад, муъмин аст ва касе, ки онҳоро инкор кунад, кофир аст».

Шайхи онҳо Юсуфи Баҳронӣ дар «Ҳадоиқу нозира» (ҷилди 17.саҳ. 53) мегӯяд: «Ту ба таҳқиқ донистӣ, ки мухолифи аима кофир аст, ба ҳеҷ ваҷҳ насибе аз ислом надорад, чунончи мо дар китоби «Шиҳобу соқиб» ин мавзӯъро собит кардаем».

Алломаи онҳо Сайид Абуллоҳ Мубашшир мулаққаб ба Сайидаъзам ва Алломаи уламо ва Тоҷи фуқаҳо, Ҷомеъулулуми маъқул ва манқул, Муҳаззиби фуруъ ва усул дар китобаш «Ҳаққ-ул-яқин фӣ маърифати усули дин» (2/177. чопи Бейрут) мегӯяд: «Аммо дигар мухолифон аз касоне, ки суннӣ нашуда ва инод наварзидаву таассуб ба харҷ надода, дар назари ҷумлаги имомияҳое ҳамчун Сайид Муртазо дар дунё ва охират кофир ҳастанд ва тибқи эътиқод аксарияти онҳо кофир ҳастанд ва барои ҳамеша дар Ҷаҳаннам боқӣ мемонанд».

Муфид дар «Масоил» ба нақл аз «Биҳору-л-анвор»-и Маҷлисӣ (23 /391) мегӯяд: «Имомия бар ин иттифоқи назар доранд, ки агар касе имоматии яке аз имомонро инкор кунад ва итоат кардан аз ӯро, ки Худо онро воҷиб сохта, напазирад, ба яқин кофир аст ва сазовори оташи ҳамешагист».

Дар воқеъ, шайх Мусо Ҷоруллоҳи Туркистонӣ рост гуфта, вақте дар китобаш «ал-Вашиъату фи нақди ақоиди-ш-шиъати» (2228. чопи Лоҳур, 1973) гуфтааст: «Ман тааҷуб мекардам ва таассуф мехӯрдам, вақте дар китоби шиа медидам, ки душмантарин душманони шиа ва қавитарини онҳо танҳо аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд. Бо чашми воқеӣ дидам, ки рӯҳи адовату душманӣ ба қалбҳои

ҳамаи табақоти шиа муставлӣ шудааст!».

Ин назарияи шиа Мӯсо Ҷоруллоҳ аст, ки китобҳои онҳоро хондааст ва бо онҳо ба сар бурдааст ва барои он ки ба сиҳҳати назария баромада аз илм ва ҳамзистӣ бо шиа бештар ба шайхи онҳо Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ гӯш фаро додааст, дар ҳоле ки суннатситезии шиаро ба сароҳати ҳарчи тамомтар эълон мекунад. Вай дар доиратулмаорифи фиқҳияш, ки дар миёни шиаён мавриди истифода аст,таҳти унвони «Ҷавоҳир-ул-калом фӣ шарҳи шароиъи-л-Ислом» (220/3-62) мегӯяд: «Бадеҳист, ки Аллоҳтаъоло бо ин фармуда: **«Муъминон бародари якдигаранд»** (сураи «Ҳуҷурот», ояти 10), миёни муъминон аҳду паймони бародарӣ барқарор кардааст .Ин фақат ба муъминон ихтисос дорад ва чи гуна метавонем муъмин(-и шиа) ва мухолифони он ҳам пас аз ба тавотур расидани ривоятҳо ва якпорчагии оёт дар воҷиб будани душманӣ кардан бо онҳо ва табарро ҷустан аз онҳо бародариро тасаввур кунем?!».

**Диққат кунед!** Тибқи сухани Наҷафӣ, ки имоми онҳо Хумайнӣ ҳам дар китоби «ал-Макосиб-ул-муҳаррама» ӯро сутудааст, душманӣ бо аҳли суннат ва табарро чустан аз онҳо воҷиб аст! Пас, бедор шавед,эй ғофилон!

## 2
## НОСИБИҲО ДАР НАЗАРИ ШИА ТАНҲО АҲЛИ СУННАТ ВА ҶАМОАТ ҲАСТАНД

Сиқаи Исломи онҳо Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ дар «Кофӣ» (7/292. Дорулкутуби-л- исломия, Теҳрон) бо санадаш аз Муҳаммад ибни Муслим ривоят карда, ки гуфтааст: «Бар Абӯабдуллоҳ ворид шудам, дар холе ки дар назди вай Абӯҳанифа буд. Ба ӯ гуфтам «фидоят шавам, хоби аҷиберо дидам». Ба ман гуфт: «Онро бозгӯ, чароки ин олим, ва бо дасташ ба Абуҳанифа ишора кард, ба хотири он нишастааст». Он гоҳ гуфтам: «Дидам, ки ман вориди хонаам шудам ва ногаҳон занамро дидам, ки бар ман хориҷ шуду чормағзҳои бисёреро шикаст ва онҳоро бар ман пошид. Он гоҳ аз ин хоб тааҷҷуб кардам». Абӯҳанифа гуфт: «Ту марде ҳастӣ, ки бо шахси пасте дар иртибот бо ирсҳои аҳлат мухосамаву муҷодала мекунӣ ва баъд аз ранҷи шадиде, иншоаллоҳ, ба ҳоҷатат даст меёбӣ!». Абӯабдуллоҳ гуфт: «Дарёфтӣ, эй Абуҳанифа!». Гӯяд: «Сипас Абӯҳанифа аз канори ӯ бархосту рафт. Онгоҳ гуфтам: «Фидоят бишавам, ман таъбири ин носибиро хуб надонистам». Он гоҳ гуфт: «Эй Ибни Муслим! Худо таъбири ӯро барои ту бад намесозад ва таъбири мо монанди таъбири онҳо нест. Албатта, таъбири ӯ дуруст набуда». Ба ӯ гуфтам: «Фидоят шавам, пас, чаро ба ӯ гуфтӣ, «дарёфтӣ» ва боз савганд ҳам хӯрдӣ, дар ҳоле ки иштибоҳ карда буд?». Гуфт: «Оре, ман бар ӯ савганд хӯрдам, ки ба хато дарёфтааст». Гӯяд: «Ба ӯ гуфтам: «Пас, таъвили он хоб чист?». Гуфт: «Эй Ибни Муслим, ту аз зане комҷӯӣ хоҳӣ кард, онгоҳ занат аз он хабардор мешавад ва либосро бар сари ту пора мекунад!». Чунончи шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Нуъмон мулаққаб ба Музайр лафзи «носибӣ»-ро бар Имом Абуҳанифа (р) гуфтааст. («Иддату-р-расоил», фасли «Масоили соғония», 253.263.265.268.280.чопи Қум). Неъматуллоҳи Ҷазоирии

шиамазҳаб дар «Анвору-н-нуъмония» (ҷилди 2. саҳ.307. чопи Теҳрон. Эрон) мегӯяд: «Ин маъноро таъйид мекунад, ки имомон (а) ва хоси онҳо лафзи носибиро бар Абӯҳанифа ва амсоли вай итлоқ кардаанд, дар ҳоле ки Абӯҳанифа аз ҷумлаи касоне набуд, ки оташи душманиро бо аҳли байт (а) барафрӯхта аст, балки аз онҳо ҷудо буда, муҳаббати худро нисбат ба аҳли байт ошкор мекард».

Шайхи онҳо Хусайн ибни шайх Муҳаммад оли Усфур дар китобаш «Маҳосину-н-нафсония фи аҷвибати-л-масоили-л-хуросония» (саҳ.156. -Бейрут) мегӯяд: «Барин асос қаблан донистӣ, ки носиб фақат иборат аз муқаддам доштани дигарон бар ҳазрати Алӣ аст».

**Мегӯям** Имом Абӯҳанифа (р) Абӯбакру Умар ва Усмонро бар Алӣ муқаддам дошт, ба ҳамин хотир ӯро ба носибӣ сифат карданд (паноҳ бар Худо). Азбаски аҳли суннат се бузургворро бар ҳазрати Алӣ муқаддам медоранд, пас,онҳо ҳам дар назди шиа носибӣ ҳастанд. Зеро шайх Ҳусайн ибни шайх Оли Усфур дар китоби собиқ «Маҳосину-н-нафсония фи аҷвибати-л- масоили-л-хуросония» (саҳ.147) мегӯяд «балки ривоятҳо ва хабардоданҳои онҳо гӯёи ин матлаб аст, ки носиб ҳамон касест, ки дар назди онҳо ба ӯ (суннӣ) гуфта мешавад». Ин суханро Дарозӣ ҳам дар ҳамон ҷо зикр мекунад: «Ҳарфе дар ин нест, ки мурод аз носиба танҳо аҳли суннат мебошад».

Шайх, олим ва донишманди фарзона ва ҳакими онҳо Ҳусайн ибни Шаҳобиддини Куркии Омулӣ дар китоби «Ҳидояту-л-аброр ило тариқати-л-аимати-л-атҳор» (106, чопи аввал, 1396 ҳиҷрӣ) мегӯяд: «Монанди шубҳа ва шакке, ки барои куффор инкори нубувват ва барои навосиб инкори хилофати аимаро воҷиб кард».

Шайхи шиӣ Алӣ оли Муҳсин дар китобаш «Кашфу-л-ҳақоиқ» (чопи Дору-с-сафва, Бейрут.Саҳ. 249) мегӯяд: «Аммо ҳамчунин навосиб аз уламои аҳли суннат бисёр ҳастанд, аз ҷумла Ибни Таймия, Ибни Касири Димишқӣ,

Ибни Ҷавзӣ, Шамсиддинни Заҳабӣ ва Ибни Ҳазми Андалусӣ ва ғайри онҳо».

Алломаи шиӣ Муҳсинулмуаллим дар китобаш «Насб ва навосиб» (Дорулҳодӣ, Бейрут) дар боби панҷум, фасли саввум, саҳифаи 251таҳти унвони «Навосиб дар бандагон» бештар аз 200 носиби тибқи гумонашро зикр кардааст. Онҳоеро зикр кардааст, ки аз қабили зайланд: Умар ибни Хаттоб, Абӯбакри Сиддиқ, Усмон ибни Аффон, Уммулмуъминин Оиша, Анас ибни Молик, Ҳассон ибни Собит, Зубайр ибни Аввом, Саъид ибни Мусайб,Саъд ибни Абӯваққос, Талҳа ибни Убайдуллоҳ, Имом Авзоӣ, Имом Молик, Абӯмӯсои Ашъарӣ, Урва ибни Зубайр, Ибни Ҳазм, Ибни Таймия, Имом Заҳабӣ, Имом Бухорӣ, Зуҳрӣ, Муғира, Абӯбакри Бақлонӣ, шайх Ҳомид Фақӣ «Риёсати ансоруссунатил муҳаммадия» дар Миср, Муҳаммад Рашиди Ризо, Муҳиббиддини Хатиб, Маҳмуд Шукрии Олусӣ ва ғайри инҳо фаровонанд. Бинобар ин, навосиб ҳамон аҳли суннат ҳастанд, зеро Оятуллоҳузмо Муҳаммад Ҳусайни Шерозӣ дар Доиратулмаорифи фиқҳии бузурги худ (33/38, чопи дувум, Дору-л-ъулуми Бейрут 1409 ҳ.) мегӯяд: «Савум бархурд ба ду хабари ёдшуда ба зарурат аст, баъд аз он ки носиб ба мутлақи умуми аҳли суннат тафсир шуд, монанди хабари Ибни Синон аз Абуабдуллоҳ».

**Мегӯям** агар касе бигӯяд, чӣ гуна медонем, ки манзури онҳо аз омма аҳли суннат аст? Пас, мегӯем мо шиаро ҷуз аз китоби худи онҳо ва ақволи уламои онҳо маҳкум намекунем. Оятуллоҳузмо Муҳсинуламин дар китоби маъруфаш «Аъёну-ш-шиъати» (1/21.Доруттаъоруфи Бейрут. Лубнон, 1986) мегӯяд «хоса ва ин вожаро асҳоб ва ёрони мо дар муқобили лафзи омма касоне, ки ба аҳли суннат ва ҷамоат номгузорӣ мешаванд, бархуд итлоқ мекунанд».

Аллома, муҳаққиқу донишманди фарзонаи шиа шайх Ҳусайн ибни Шаҳобиддини Куркии Омӯлӣ (ваф. соли

1076) дар китоби «Ҳидояту-л-аброр ило тариқи аимати-л-атҳор» (264. чопи аввал, 1396 ҳ.) мегӯяд: «Пас, ба ҷониби аввал ҷамоате аз омма ҳамчун Музнӣ ва Ғазолии суфӣ гироиш ёфтаанд ва аз хосса ҳамчун аллома дар яке аз ду гуфтааш …». Оятуллоҳузмо, муҳаққиқи бузург (дар назди шиаҳо) шайх Фатҳуллоҳ Намози Шерозӣ дар китоби «Қоидаи ло зарара ва ло зирора» (саҳ.21. Нашри «Дорулазво»-и Бейрут,чопи аввал) мегӯяд: «Аммо ҳадис аз торикиҳои омма аз бисёре аз муҳаддисони онҳо монанди Бухорӣ ва Муслим ривоят шудааст…».

**Бинобар ин, омма ҳамон аҳли суннат ҳастанд ва бар ин асос носиб бар ҳамаи аҳли суннат итлоқ мегардад (гуфта мешавад).** Сипас як доктори шиӣ бо номи Муҳаммад Тиҷонии Самовӣ дар китоби «аш-Шиату ҳум аҳлу-с-суннати» (муссисаи Фаҷр дар Лондон ва Бейрут чопи ин китобро бар ухда гирифтааст ва аз тариқи яке аз китобхонаҳои шиӣ ин китоб дастраси мо шуд). Ин мард ду иҷоза аз ду олими шиӣ дорад, ки ҳар дуи онҳо ба дараҷаи «Оятуллоҳи узмо» расидаанд яке аз онҳо Хуӣ дар Наҷаф ва дигаре Марашии Наҷафӣ дар Қум аст) дар саҳифаи 316 –и ин китоб бар ин амр тасреҳ кардааст.

**Мегӯям** «ин шии бар мо хориҷ шуда, дар ҳоле ки аҳли суннатро ба ин нидо зада, ки онҳо навосиб ҳастанд, хуну моли навосиб дар назди аҳли шиа ҳалолу мубоҳ аст,чунончи дар ҷои худ хоҳад омад. Тиҷонӣ дар саҳифаи 79 мегӯяд: «Ба хотири он ки аҳли ҳадис худ аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд, пас, бо далели шакнопазир собит шуда, ки суннати мавриди назар дар назди онҳо танҳо бад дидани Алӣ ибни Абӯтолиб ва лаънат кардану бароат ҷустан аз ӯ мебошад, пас, ин ҳамон насб аст».

**Пас, эй бандагони Худо,** оё аҳли суннат Алиро лаън мекунанд ва аз ӯ безорӣ меҷӯянд? Поку муназзаҳӣ Ту, эй Аллоҳ, ба ростӣ, ки ин туҳмати бузург аст! Дар саҳифаи 161 мегӯяд: «Ниёзе ба таъриф надорад ба ин ки мазҳаби навосиб ҳамон мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат аст».

Равшан аст,ки аҳли суннат бо навосиб мухолифат карда, ба изҳори маноқиб ва фазоили аҳли байт ба онҳо посух додаанд. Ончиро, ки дар китобҳои мо дар мадҳи аҳли байт ёфтаанд, далеле бар буҳтони Тиҷонӣ мебошад. Дар саҳифаи 163 мегӯяд: «Баъд аз ин баррасии ошкоро барои мо равшан мешавад, ки навосиб касоне, ки бо Алӣ душманӣ карда ва бо аҳли байт (а) ҷангиданд, ҳамон касоне ҳастанд, ки худро аҳли суннат ва ҷамоат номидаанд». Ҳамчунин дар китобаш «Кулли-л-ҳулули ъинда оли-р-Расули» (саҳ.106. Дорулмуҷтабо, Лубнон) гуфтааст: «Бар шиа сахт бувад, ки ба имоматии аҳли суннат ва ҷамоат бирасанд, касоне, ки дар аҳкоми намоз аз як тараф иҷтиҳоду талош карда ,аз тарафи дигар ба дашном додани Алӣ ва аҳли байт дар аснои намоз одат кардаанд».

Дар саҳифаи 295-и китобаш «Шиа ҳамон аҳли суннат ҳастанд» мегӯяд: «Агар бихоҳем доманаи баҳсро тӯлонӣ созем, мегӯем, аҳли суннат ва ҷамоат ҳамон касоне буданд,ки таҳти раҳбарии Бани Умая ва аббосиҳо бо аҳли байт пайкору набард карданд».

Ин инсони муҷрим ба ҳамин миқдор басанда накарда, балки дар саҳифаи 159 фаслеро ба унвони «Душмании аҳли суннат бо аҳли байт ҳувияти онҳоро фош месозад» боз карда, мегӯяд: «Ба ростӣ, ки шахси муҳаққиқ вақте мебинад, ки ҳақиқати аҳли суннат ва ҷамоат чист ва дар охир медонад, ки онҳо душманони итрати пок ва тоҳира (хонадони Паёмбар) буданд ва ба касоне, ки бо онҳо ҷангидаанд ва онҳоро лаън карда, ҷиҳати куштану нобудии осору нишонаҳои он амал намудаанд, иқтидо мекунанд, мабҳуту саргашта мегардад!». Дар саҳифаи 164 мегӯяд: «Дар ин фасл диққат кун, зеро дар ин фасл аз нуҳуфтаҳои аҳли суннат ва ҷамоат огоҳ хоҳӣ шуд ва хоҳӣ донист, ки онҳо дар асари кинатузии фаровон нисбат ба итрати Набии акрам чизе аз фазоили аҳли байт(а)-ро боқӣ нагузошта, магар ин ки онро таҳриф кардаанд».

**Мегӯям** аҷиб ин аст, ки ин гумроҳ мехоҳад бо таваҷҷуҳ ба кутуб ва манобеи аҳли суннат фазоили аҳли байтро собит кунад, то аҳли суннатро мулзам (ба пайравӣ аз онҳо) намояд. Ҳоло суол ин аст, агар воқеан аҳодис ва ривоятҳо бино ба гуфтаи худат таҳриф шудааст, пас, чаро ба онҳо истидлол менамоӣ?!!

Дар саҳифаи 249 мегӯяд: «Аммо аҳли суннат ва ҷамоат ба хотири душмании фаровонашон бо Алӣ ва аҳли байт дар ҳамаи чиз бо онҳо мухолифат намудаанд, ҳатто агар суннати набавӣ собитшуда дар назди онҳо бошад».

Пас, эй уламо ва эй аввоми аҳли суннат, оё шиори мо мухолифат бо ҳазрати Алӣ дар ҳамаи чиз аст?! Оё баъд аз ин донистед, ки ташайюъ нисбат ба аҳли суннат муроати ҳеҷ чизеро намекунад?! Бародарони мусулмон! Дар ин рисола хоҳед донист,ки мазҳаби шиаи дувоздаҳимома барои пайравонаш ҷоиз медонад, ки ба мухолифонашон тuҳмат бизананд ва бар онҳо дурӯғ бибофанд! Боз дар саҳифаи 299 мегӯяд: «Пас, аз нигоҳи фишурдаву кӯтоҳ бар ақоиди аҳли суннат ва ҷамоат ва китобҳову сулуки таърихии онҳо дар муқобили аҳли байт ошкоро дармеёбӣ, ки онҳо нисбат ба аҳли байт ҷониби мухолифат ва душманиро баргузидаанд ва шамшерҳояшонро ҷиҳати куштани онҳо боло кашидаанд ва қаламҳояшонро барои интиқомгирӣ аз онҳо ва осебрасонӣ ба онҳо ва баланд сохтани шаъну мақоми душманони онҳо ба кор гирифтаанд». Дар саҳифаи 300 мегӯяд: «Мебинем,ки аҳли суннат нисбат ба қотилони Ҳусайн мавқеъ ва дидгоҳи хушнудона ва мададкорона гирифтаанд. Албатта, набояд аз ин дидгоҳашон тааҷҷуб кунем, зеро қотилони Ҳусайн ҳамагӣ аз аҳли суннат ва ҷамоат буданд».

**Мегӯям** «Дурӯғбандиҳои Тиҷонӣ, ки дар боло зикр шуд,дар робита ба ин ки қотилони Ҳусайн аҳли суннат ва ҷамоат будаанд, возеҳ ва рӯшан аст ва ниёзе ба посух додан надорад. **Аммо дар қатли Ҳусайн (р) на танҳо аҳли суннат, алҳамдулиллоҳ, поку мубарро будаанд, балки худи**

**шиаён сабабгори он шудаанд.** Пас, ин муҷтаҳиди бузургтарини онҳо Оятуллоҳи узмо Муҳсинуламин аст, ки масъули хуни наберaҳои Расули Худо (с) зикр карда, ки мегӯяд: «Бо писараш Ҳасан байъат шуд ва паймон баста шуд, сипас ба ӯ хиёнат шуд ва таслим карда шуд. Аҳли Ироқ бар ӯ шабехун заданд, то ин ки ханҷаре дар паҳлӯяш фурӯ карданд ва хилофаташ поён ёфт. Онгоҳ аз Муовия аҳду паймон гирифта,монеи рехтани хуни худ ва хуни хонаводаaш гашт. Сипас бист ҳазор нафар аз аҳли Ироқ бо Ҳусайн байъат карданд, аммо бар ӯ хиёнат карда, бар ӯ шӯриданд, дар ҳоле ки байъати ӯ дар гарданҳояшон буд, ӯро ба қатл расонданд».

Лозим ба зикр аст, ки ин аҳли Ироқ (ки ин оятуллоҳ аз онҳо суҳбат мекунад) шиа буданд, на аз аҳли суннат. Фотимаи Суғро мегӯяд: «Аммо баъд, эй аҳли Куфа, эй аҳли макру ҳила ва хиёнату такаббур, мо аҳли байт ҳастем, ки Аллоҳтаъоло моро ба василаи шумо ва шуморо ба василаи мо мавриди озмоиш қарор додааст! Он гоҳ балои моро накӯ қарор додааст».

Шайхи онҳо Абӯмансури Табрасӣ дар «Эҳтиҷоҷ» (чопи Аъламӣ, Бейрут, 2/302) ин ривоятро истихроҷ кардааст. Инчунин, ин ривоятро Содиқи Маккӣ дар «Мазолимуаҳли байт» (саҳ.265.Чопи Дорулаъломия, 1404ҳ.) зикр кардааст. Алӣ ибни Ҳусайни Саҷҷод, ки гузаштагони рофизиёнро мавриди хитоб қарор медиҳад, мегӯяд: «Дер боз аст, эй хиёнаткорон, ҳуққаву найранг миёни шумову шаҳватҳоятон парда афканда шудааст, оё мехоҳед назди ман биёед, ончунон ки назди падаронам омада будед?! Гӯш бидиҳед ба он чи, ки набераи Расули Худо(с) Ҳасан ибни Алӣ (ба гунае ки Абӯмансури Табрисӣ дар «Эҳтиҷоҷ» (Наҷаф 2/10), (Аълами Бейрут, 2/290) ривоят мекунад) мегӯяд: «Ба Худо, мебинам, ки Муовия аз инҳое, ки фикр мекунанд, пайрав ба шиаи ман ҳастанд, барои ман беҳтар аст! Зеро онҳо дар пайи қатли ман бароmаданд, бору бунамро бағорат бурданд ва

моламро гирифтанд. Ба Худо, агар Муовия аз ман аҳду паймоне бигирад, ба василаи он пеши рехтани хунамро мегирам ва дар иртибот бо хонаводаам ҳам амният меёбам. Агар бо Муовия ҷанг мекардам, инҳо гардани маро баста, ба ӯ таслим мекарданд».

**Мегӯям** ин шаъну ҳоли гузаштагони Тиҷонӣ танҳо бо Ҳасану Ҳусайн набуда, балки бо падари онҳо ҳам будааст, то дараҷае, ки вай ёрону пайравони Муовияро ба пайравони худ бартарӣ додааст. Ба ӯ гӯш деҳ, дар ҳоле ки дар «Наҳҷу-л-балоға»(188,190. Дорулмаърифа) мегӯяд: «Ба Худо, дӯст медоштам, ки Муовия ҳамчун ивазу мубодилаи динор ба дирҳам, шуморо аз ман иваз мекард, он гуна ки даҳ нафар аз шуморо аз ман мегирифт ва яке аз ёрони худро дар ивази шумо ба ман медод…Эй аҳли Куфа! Ба василаи сию ду гирифтории шумо озмоиш шудаам. Шумо бо вуҷуде, ки дорои гӯшҳое ҳастед, аммо кared ва бо вуҷуде, ки дорои калом ҳастед, лол мебошед ва бо вуҷуде, ки дорои дидагон ҳастед, кур мебошед; ба ҳангоми мулоқоти озодагон содиқу ростин нестед ва ба ҳангоми балову гирифтории бародарон мавриди эътимоду боварӣ нестед».

Абӯумари Кишии шиӣ, ки шахсияти мавриди эътимоди шиа дар ҷарҳу таъдил аст, дар китоби «ар-Риҷол» (дар тарҷумаи Абӯлхаттоб, саҳ.254) аз Ҷаъфари Содиқ ривоят карда, ки гуфтааст: «Ҳар оятеро, ки Аллоҳтаъоло дар бораи мунофиқон нозил кардааст, ҳатман бар касоне, ки худро ба шиа нисбат медиҳанд, мутобиқат (мувофиқат) пайдо мекунад».

Кишӣ (253) аз Ҷаъфари Содиқ (р) ривоят карда, ки гуфтааст: «Агар Қоими мо қиём кунад, дар ибтидо аз дурӯғгӯёни шиа оғоз мекунад ва онҳоро мекушад».

Албатта, онҳое, ки Ҷаъфари Содиқ (р) онҳоро зикр карда, дар ибтидо бо молу колои худ ба мубориз аву рақобат барнамехезанд, магар онҳое, ки адоват бо аҳли байтро ба аҳли суннат нисбат медиҳанд! Муҳаммад

Яъқуби Кулайнӣ дар «Кофӣ» ( 8/228) аз Козим (р) ривоят карда, ки гуфтааст: «Агар шиаамро ҷудо кунам, онҳоро фақат васфкунанда меёбам. Агар онҳоро мавриди имтиҳон қарор диҳам, онҳоро танҳо муртад ва аз дин баргашта меёбам. Агар онҳоро мавриди баррасию тафтиш қарор диҳам, аз ҳазор нафар як нафар ҳам берун намеояд». Ин ривоятро дар маҷмуаи маъруфаш «Танебеҳу-л-хавотир ва назҳату-н- навозир» (2/152.Муассисаи Аъламӣ Бейрут) зикр кардааст.

**Бар ин асос нисбат додани аҳли шиа ба аҳли байт ҳаммонанди нисбат додани насоро ба Исо (а) ва нисбат додани яҳуд ба Мӯсо (а) мебошад!**

# 3
# МУБОҲ ДОНИСТАНИ ХУНИ АҲЛИ СУННАТ

Дар воқеъ, шиа рехтани хуни аҳли суннатро мубоҳ дониста,онҳоро дар ҳукми куффор медонанд. Суннӣ дар назари шиаён носибӣ аст. Тафовути зер аз палидӣ ва зиракии онҳо розкушоӣ мекунад. Шайхи онҳо Муҳаммад ибни Алӣ Бобуяи Қумӣ мулаққаб ба Садуқ дар китобаш «Илалу шароеъ» (саҳ. 601.Табъи Наҷаф) аз Довуд ибни Фарқад ривоят кардааст, ки гуфта: «Ба Абӯабдуллоҳ гуфтам: «Назари шумо дар бораи куштани носибӣ чист?». Гуфт: «Хунаш ҳалол аст. Аммо ман ба хотири эҳтиёткорӣ ба ту мегӯям, ки агар тавонистӣ, девореро бар сари ӯ вожгун кун, ё ӯро дар об ғарқ кун, то ҳама мадорик ва шавоҳидро бар зидди худат аз байн бибарӣ. Ҳатман он корро анҷом бидеҳ!». Гуфтам: «Назари шумо дар мавриди молаш чист?». Гуфт: «Агар бар он қудрат ёфтӣ, он низ ҳалол аст». Ин ривояти касифу муғризонаро шайхи онҳо Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (18/463) ва Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар «Анвору-л-нуъмония» (2/307) зикр кардаанд: «Қатли онҳо (яъне навосиб) ҷоиз ва молашон мубоҳ аст».

**Мегӯям** иллат дар инҷо исрор бар ин аст, ки шиаён таҳти мизи муҳокимаи шаръ воқеъ нашаванд ва мавриди интиқомгирӣ қарор нагиранд. Бар ин асос шиаҳо метавонанд сунниҳоро бо аслиҳа ё аз тариқи оташ ё ҷараёни электрикӣ бикушанд. Ҳамаи ин иқдомот бо вуҷуди тақия сурат мегирад, ки ба хотири ҳимоят аз назарҳо ва арвоҳи шиа падид омадааст. Аммо вақте тақия бардошта шавад, дар миёни аҳли суннат қатли ому наслкушии шадиде падид хоҳад омад. Чунончи дар фасли «Чӣ вақт шиа аз тақия даст бармедорад» бар ин мавзӯъ огоҳ шудед. Агар нигоҳи таърихӣ биафканем, мебинем, ки давлати Аббосӣ як давлати суннимазҳаб буд. Бино ба ҳусни нияте, ки аҳли суннат доранд, халифаи Аббосӣ як вазири шиӣ ба номи Хоҷа Насириддини Тусӣ мансуб

кард[1]. Аммо он вазири шиӣ намакношиносӣ карда, ба хилофат ва уммати Ислом хиёнат кард ва бо муғулҳо ҳампаймон шуд, ки дар асари он мусулмононро дар Бағдод қатли ом карда, хазорон тан аз онҳоро ба шаҳодат расонданд. Ин ҳама ба сабаби хиёнати он шиа буд. Пас, оё шиа ба хотири он куштаҳо гиристаанд ё ин ки ба Хоҷа Насириддини Тусӣ офаринҳо гуфтаанд?! Алломаи онҳо Мирзо Муҳаммад Боқири Мусавӣ Хунсарии Исфаҳонӣ дар китоби «Равзоту-л-ҷаннот фи аҳволи-л-уламо ва-с-содот» (1/300-31. Маншуроти нашри Исмоилиён, Қум. Эрон) дар иртибот бо саргузашти ин муҷрим мегӯяд: «Ӯ муҳаққиқи каломи фарзона ва моҳири бузургвор аст ва аз ҷумлаи корҳои машҳуру маъруф ва нақлшудаи вай ин ҳикояти вазир шудани ӯ дар назди султони муҳташам дар сарзамини Эрон Ҳулокухон ибни Тулаи Чингизхон аз бузургони салотини муғулхо ва туркҳои муғул аст ва омадани вай дар корвони он султон ҳамроҳ ба камоли омодагӣ ба Бағдод (Доруссалом) муҳаббати иршоди бандагон, сомон додан ба шаҳрҳо, қатъ кардани пояи силсилаи фасоду базаҳкорӣ ва марказҳои зулму ситам, нобудсозии маркази подшоҳии Бани Аббос, ба вуҷуд овардани қатли ом дар пайравони он саркашон....мебошад.... То ҷойе, ки селобе аз хунҳои касифи онҳо ҳамчун рӯдхонаҳое падид овард. Онҳоро дар рӯди Даҷла рехт. Онҳо ба оташи Дӯзах ҷойгоҳу макони бадбахтону шароратпешагон ноил шуданд».

Хумайнӣ ҳам ба кори Тусӣ офарин мегӯяд ва онро як навъ пирӯзӣ барои Ислом мешуморад. Хумайнӣ дар китобаш «Ҳукумати исломӣ» (саҳ.142) мегӯяд: «Агар шароити тақия яке аз моро маҷбур сохт, ки вориди дорбори салотин шавад, бояд аз ин кор худдорӣ кунад, ҳатто агар ин монеъшавӣ сабаби қатли вай шавад. Аммо

[1] Машҳур ин аст, ки Ибни Алқамаи муҷрим вазири халифаи Аббосӣ буда, дастгири куфру ширки вазири Ҳулокухон будааст. Муссаҳеҳ

агар бо ин воридшудани зоҳирӣ нусрати ҳақиқие барои Ислом ва мусулмонон сурат бигирад, монеъе надорад, монанди ворид шудани Алӣ ибни Яқтин ва Насириддини Тусӣ (р)».

**Мегӯям** бубинед, ки чӣ гуна зулму кушторе, ки дар Бағдод тавассути нақшаи Насириддини Тусӣ ба роҳ афтод, ба нусрате барои Ислому мусулмонон табдил шудааст?! Ин ашхос касоне ҳастанд, ки агар дар даму дастгоҳи ҳукумати сунниҳо мақом ёбанд, аз куштани сунниҳо ҳеҷ ибое намеварзанд. Агар фурсати лозим барояшон фароҳам шавад, ҳамон кореро мекунанд, ки Алӣ ибни Яқтин кард. Ӯ зиндонро бар сари 500 нафар аз сунниҳо хароб карду онҳоро кушт…

Ин ҳодисаро олими шиӣ, ки ӯро ба комилу бахшанда ва садри ҳукамову раиси уламо мулаққаб кардаанд, яъне Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар китобаш «Анвору-н-нуъмония» (2/308. чопи Табрез. Эрон) барои мо нақл кардааст. Инак, шумо ва худи достон: «Дар ривоёт омадааст,ки Алӣ ибни Яқтин, дар ҳоле ки вазири Ҳорунарашид будааст, ҷамоате аз мухолифон (сунниҳо) дар зиндонаш ҷамъ шуда буд. Ӯ аз донишмандон ва хоси шиа буд. Ба маъмурон ва ғуломони худ дастур дод ва онҳо сақфи зиндонро бар зиндониҳо фурӯ рехтанд. Онгоҳ ҳамагӣ дар он ҷо мурданд ва тақрибан 500 нафар буданд. Хост, ки аз паёмадҳои хуни онҳо наҷот ёбад, ба ҳамин хотир номае ба имом Мавлоно Козим навишт. Ӯ ҳам дар ҷавобаш навишт: «Агар пеш аз куштани онҳоба ман мурочиат мекардӣ, дар иртибот бо хуни онҳо чизе ба ту намебуд ва чун пеш аз машварат бо ман ин корро кардаӣ, дар баробари ҳар марде, ки куштаӣ, бузи нареро ба унвони каффора бипардоз. Ҳарчанд он буз аз ӯ беҳтар аст!».

Ба ин дия (хунбаҳо)-и ночиз нигоҳ кун, ки ҳатто бо дияи «бародари кучактар»-и онҳо,ки ҳамон саги шикорист, баробарӣ намекунад, чаро ки дияи он бист

дирҳам аст ва ҳатто бо дияи «бародари бузургтар»-и онҳо, ки ҳамон яҳудӣ ё маҷусист, баробарӣ намекунад, чаро ки дияи онҳо 800 дирҳам аст. Албатта, ҳолу рӯзи онҳо дар охир бадтару фурӯмоятар аст!». Муҳсини Муаллим дар китобаш «ан-Насб ваннавосиб» (саҳ. 622. табъи Дорулҳодӣ, Бейрут) инро ҳамчунин нақл карда, ки то ба назари худаш ба ҷоиз будани қатли аҳли суннат (яъне носибиҳо) истидлол карда бошад. Доктори ҳиндии мусулмон, Муҳаммад Юсуфи Наҷромӣ дар китоби «аш-Шиъату фи-л-мизон» (саҳ. 7.Табъи Миср) мегӯяд: «Ҷангҳои салибӣ, ки салибиҳо онҳоро бар зидди уммати Ислом ба роҳ андохтаанд, фақат ва фақат сабаби нақшаи шиаён бар зидди Ислом ва мусулмонон буд. Чунончи Ибни Асир ва дигар муаррихон зикр мекунанд, инчунин, ташкил шудани давлати Фотимия дар Миср, иқдомоти он давлат дар ростои зишт кардани чеҳраи сунниҳо ва муҷозот кардани ҳар касе, ки мункири муътақадоти шиа бошад, куштани Нодиршоҳ дар Деҳлӣ аз тарафи ҳокими шиӣ Осафхон он ҳам дар ҳузури ом ва рехтани хуни сунниҳо дар Мултон аз тарафи волӣ Абулфатҳ, Довуди шиӣ ва куштани дастаҷамъии сунниҳои шаҳри Лакҳнави Ҳинд ва атрофи он аз ҷониби фармондеҳони шиа бинобар пайравӣ накардани он сунниҳо ба эътиқодоти шиа дар бораи носазогӯӣ ба хулафои сегона (р) ва муртакиб шудани ҷурми хиёнату ғадр ба Типу Султон тавассути Мирсодиқ ва найза задани Мирҷаъфар ба пушти Амир Сироҷуддавла…ҳама ва ҳама намунаҳое аз ин даст мебош анд».

Доктор Муҳаммад Юсуфи Наҷромӣ дар ҳамон китоб ва ҳамон саҳифа мегӯяд: «Иқдомоти қотеъ ва кубандае, ки ҳукумати Хумайнӣ бар зидди аҳли суннат ва ҷамоат гирифтааст, аз онҳо баъид нест, зеро таърих ҳамвора гувоҳ аст, ки дар пайи гузашти замон ҳар мусибат ва балое, ки бар сари уммати Ислом омадааст, шиа дар онҳо даст доштааст».

Вақте Абдулмунъими Намр дар бораи шиаён қаламфарсоӣ кард, аз тарафи онҳо мавриди таҳдид қарор гирифт.Ӯ худ ин масъаларо дар китобаш «аш-Шиъату, ал-Маҳдӣ, ад-Дуруз: тарихун ва васоиқун» (саҳ.10.Табъи дувум 1988 м) қайд кардааст. Шиаҳо буғзу адоват ва суннатситезии худро нисбат ба аҳли суннат дар дил ниҳон дошта, бинобар асоси ақидаи касифи тақия онҳоро ошкор намекунанд ва бо аҳли суннат ошноӣ пайдо карда, ба онҳо изҳори муҳаббати дурӯғин мекунанд. Ин мӯҷиб шуда, ки аҳли суннат ба дидгоҳи воқеии шиа воқиф нагаштаанд. Дар иртибот ба ин доктор Абдумунъими Намр дар китобаш «ал-Муомарату ала-л-Каъба мин қаромита ило Хумайнӣ» (саҳ. 118. Табъи Мактабату-т-туроси-л-исломӣ, Қоҳира) мегӯяд: «Аммо мо-арабҳои мусулмон ба ин масъала таваҷҷуҳе нанамуда, фикр кардаем, ки гузашти солҳои тӯлонӣ ҳамроҳ бо Ислом даст ба дасти ҳам дода (ва он кинаву буғзро аз зеҳни онҳо пок сохтааст), аз ин рӯ, дар хушии эрониҳо бо онҳо шарик шудем ва бар ин бовар шудем,ки Хумайнӣ ҳамаи он масоили таърихиро фаромӯш хоҳад кард ва ҳамчун як роҳбари исломӣ нақши худро барои уммати Ислом ифо мекунад ва бедории исломии онро раҳбарӣ мекунад. Албатта, ин ба маслиҳат(нафъи)-и Ислом ва ҳамаи мусулмонон аст ва дар ин бора ҳеҷ фарқе миёни форсу араб ва миёни шиаву суннӣ нест. Аммо ҳодисаҳои баъдӣ нишон дод, ки мо фақат дар хобу хаёл ба сар мебурдаем, ё дар дарёи орзуҳои худ ғарқ мешудаем. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам сарфи назар аз он ҳодисаҳои дилхарош баъзе аз ҷавонону мардони мо ғарқ ҳастанд».

**Илова бар ин, маҷаллаи «ал-Юсуф» дар шумораи 3409 ба таърихи 11.10.93 таҳқиқи худро дар бораи шиа дар Миср мунташир кардааст. Мо ин хабарро аз он гулчин мекунем:** «Барои аз байн бурдани монеаи даруни миёни худ ва миёни дастгоҳҳи амниятӣ шиаҳо дар баёнияҳои худ роҳкори аҷиберо нишон доданд. Онҳо аз дастгоҳҳои

амниятӣ хостаанд, ки ба онҳо як корти шиӣ ҷиҳати рӯёрӯӣ бо ҷараёни ҷиҳод ва ҷамоатҳои тундрав бидиҳад. Чаро ки шиаён тибқи гуфтаи худ беҳтар аз ҳар касе метавонанд ҷараёнҳои салафиро кашф кунанд ва аз фатвоҳои Ибни Таймия боз ҳам ба гуфтаи худашон, ки тундравон дар қатл ба ҳараҷу мараҷафканӣ онҳоро ба кор мегиранд, пардадарӣ кунанд».

**Бародари мусулмон!** Бисёр аз ин барҳазар бош, ки гуфта шавад: «Ин дурӯғест,ки ин маҷалла ба онҳо нисбат додааст». Чун шумо хуб медонед, ки онҳо бар зидди мусулмонон бо куффор ҳамдасту ҳампаймон шуданд ва ин бар ривояти худи китобҳои онҳо мебошад.

**Ҳадаф дар назди онҳо василаро тавҷеҳ месозад***(барои ба ҳадаф расидан истифода кардани ҳама воситаҳо дар мазҳаби шиъа ҷоиз аст).* Мо ба шумо иттилоъ додем, ки онҳо касеро, ки ба имомони дувоздаҳгона муътақид набошад ,хоҳ дастгоҳи амниятии Миср бошад, ё ҷамоатҳои исломӣ, кофир медонанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки душманӣ ва адовати шиа нисбат ба мусулмонони суннии побанди дин бештар аст ва нисбат ба касе, ки аз ҳақиқати онҳо огоҳ мешавад, бештару бештар мегардад. Акнун оё медонӣ, ки агар шиа дар давлате, ки чандон дасте дар он надорад, агар мансаберо соҳиб шаванд, чӣ бар сари ҳолу рӯзи сунниҳо меоваранд?!

Посухро ба шайхи онҳо Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасани Тусӣ, ки онро дар китоби фиқҳи мавриди эътимод дар назди шиа таҳти унвони «ан-Ниҳояту фӣ муҷарради-л-фиқҳ ва-л-фатово» ( саҳ. 302.Табъи 2, Дорулкитоб, Бейрут) додааст, вогузор мекунем. Ӯ гуфтааст: «Ҳар касе, ки аз тарафи золиме соҳиби вилояте дар иҷрои ҳад ё амалинамоии ҳукме гардад, бояд муътақид бошад, ки ӯ аз тарафи султони ҳақ уҳдадори ин кор шудааст. Пас, бояд бар асоси муқтазои шариату имон ба иҷрои он бипардозад. Ҳар вақте тавонист, бар мухолифони худ иҷрои ҳад кунад, пас, онро бояд анҷом диҳад,чароки ин

кор аз бузургтарин ҷиҳод аст».

Ин ҳамон ҷойгоҳ ва мавзеъгирии душманонаи онҳо дар муқобили мухолифест, ки худи Тусӣ дар ду китоб «Истибсор ва таҳзибу-л-аҳком» ва дигар уламои шиа собит кардаанд, ки ҳамон суннӣ аст. Ин дидгоҳ дар ҳолест, ки онҳо танҳо марказе аз марказҳои ҳукумати ғайришииро уҳдадор бошанд, пас, шумо дар борai дидгоҳи онҳо чӣ фикр мекунед, дар сояи давлате, ки афроде монанди ин Тусӣ ва амсолаш бар он ҳукумат мекунанд ?!

Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки онҳоро ба сари мусулмонон ҳоким насозад.

# 4
# МУБОҲ ДОНИСТАНИ АМВОЛИ АҲЛИ СУННАТ

Ва аммо дар иртибот бо амволи аҳли суннат, ба иловаи он чи ки мутолиа намудӣ, он чиро ки аз Абӯабдуллоҳ ривоят кардаанд, бароят зикр мекунем. Ӯ гуфта аст: «Ҳар ҷо ки моли носибиро гирд овардӣ, онро бардор,ва хумси онро ба мо бипардоз». Ин ривоятро шайхи онҳо Абӯҷаъфари Тусӣ дар «Таҳзибул аҳком» (4/122) ва Файзи Кошонӣ дар «ал-Вофӣ» (6/43) истихроҷ кардааст ва он хабарро шайхи онҳо Дарозии Баҳронӣ дар «Маҳосину-н-нафсония» (саҳ.167) нақл карда ва онро ба ҷомиъ будан васф кардааст. Ва ба мазмуни ҳамин ривоят марҷаъи бузурги шиаён Руҳуллоҳ Хумайнӣ дар «Таҳриру-л-васила» (1/352) фатво дода: «Қавитар он аст, ки носибиро ба аҳли ҳарб дар заминаи мубоҳ донистани он чи ки аз онҳо ба унвони ғанимат ба даст меояд ва тааллуқ гирифтани хумс ба он пайваст кунем. Балки зоҳир чунин аст, ки молаш дар ҳар куҷо ки ёфт шуд ва ба ҳар тарикe ки бошад, гирифтани он ҷоиз аст ва воҷиб аст, ки хумси онро аз он истихроҷ кард». Ва ҳамчунин ин ривоятро Муҳсини Муаллим дар китобаш «ал-Насб ваннавосиб» (Дорулҳодӣ. Бейрут. саҳ.615) нақл карда аст, ки дар он ба ҷоиз будани гирифтани моли аҳли суннат истидлол мекунад. Чаро ки онҳо дар назари ин гумроҳ навосиб ҳастанд. Равишҳои дуздӣ, кулоҳбардорӣ ва фиребкорӣ ва ғайри инҳо аз асбоби ҳаромшуда дар назди Хумайнӣ ҳалол ва ҷоиз аст, ки нисбат ба аҳли суннат ба кор гирифта шавад. Чаро ки худ мегӯяд «ба ҳар навъе ки бошад».

1- Бар асоси ҳамин фатвои золимона аст паймонкорони шиа дастмузди коргарони фақир ва маҷбури афғониро напардохта ва баъд аз чандин моҳ кор ва заҳмати ононро ба пулис ва неруи интизомӣ супурда ва ради марз мекунанд; хуб аст дар ин маврид таҳқиқ сурат бигирад ( мусаҳҳеҳ).

Баъзе аз бечораҳои аҳли суннат ба Эрон рафта ва ба Хумайнӣ табрик бод гуфта ва баъзе ҳам вақте ки ӯ фавт кард ба пайравони ӯ паёми тасаллият фиристоданд, мутаассифона, инҳо навиштаҳои Хумайниро нахонда ва аз назари вай аз носиб ва навосиб бохабар нашуда, дар тараҳҳуми вай нисбат ба хоҷа Насириддини Тусӣ ва таъйиди хиёнатҳо нисбат ба Ислом ва мусулмонони Бағдод диққат накардаанд. Ин чизе аст, ки ин даста аз сунниҳои бечора аз он бехабаранд. Онҳо ба сӯйи ҷаҳл бо ҳам мусобиқа мекунанд. Ва баранда касе аст,ки бештар аз ҳама ҷохилу ноогоҳ бошад. Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ. Оре, онҳо бечора ҳастанд ва надонистаанд, ки мубоҳ донистани рехтани хуни сунниҳо ва гирифтани моли онҳо дар назари шиаён амре иҷмоъшуда аст. Фақеҳ ва муҳаддиси онҳо шайх Юсуфи Баҳронӣ дар китоби маъруфаш «ал-Ҳадоиқу-н-нозира фӣ аҳкоми итрати-т-тоҳира» (12/223/323) мегӯяд «Итлоқ кадани вожа, (калима)-и мусулмон бар носиб ва ин ки дуруст нест моли уро ба хотири мусулмон будани вай гирифт бар хилофи чизе аст, ки гурӯҳи муҳик, чи салаф ва чи халаф, бар он аст. Зеро ба назари онҳо носиб кофир ва наҷис аст ва гирифтани мол ва ҳатто куштанаш ҳам ҷоиз аст».

Ва Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар «Анворул нуъмония» (ҷилди 2/307) мегӯяд «куштани онҳо (носибиҳо) ва мубоҳ донистани молашон ҷоиз аст». Ва Юсуфи Баҳронӣ дар «Ҳадоиқу-н-нозира» (10/360) мегӯяд: «Абӯсалоҳ ва ибни Идрис ва Солор муътақид ба ин қавланд ва албатта, ки ин ҳамон ҳаққи ошкор, балки сареҳ аз ахбор ва ривоятҳост. Чаро ки кам нестанд он ахборе ки бар кофир будани мухолиф ва носибӣ будани вай ва мушрик будани вай ва ҳалол будани мол ва хуни вай ангушт мегузоранд. Чунон ки дар китоби «аш-Шиҳобу соқиб фи баёни маъна-н-носиб ва мо ятаратаббу алайҳи мина-л-матолиб» доманаи ин баҳсро густариш додаем, ба гунае ки ҳеҷ шубҳаву шак ва нақзу таноқузе дар атрофи он боқӣ нахоҳад монд».

Бо зикри як нукта[1] ин фаслро ба поён мерасонем ва он ин ки Насириддини Тусӣ ва Ибни Алқама танҳо ду нафаре аз уламои шиъа набуданд, ки авомили мусибат ва фоҷиаи Бағдодро, ки ҳазорон куштаи мусулмон дод, ба вуҷуд оварданд, балки аз саҳм доштани муҷрими дигаре аз уламои онҳо итилоъ пайдо кардаем. Ва ӯ касе нест, ҷуз Ҷамолиддин Ҳасан ибни Юсуф ибни Муттаҳари Ҳулӣ, ки дар назди шиаён мулаққаб ба Аллома аст, ин масъаларо шайхи онҳо Муҳаммад ибни Ҳасани Наҷафӣ дар «Ҷавоҳиру-л-калом» (22/63) зикр кардааст. Албатта, ашхоси дигареро ҳам ном бурдааст.

[1] Албатта, ин нукта то ҳаде ки ман огоҳам, касе аз он воқиф (бохабар) нашудааст. Муаллиф

# 5
# НАҶИС БУДАНИ АҲЛИ СУННАТ ДАР НАЗДИ ШИА

Марҷаъи шиа Оятулло узмо Муҳсинулҳаким дар китоби «Мустамасаку-л-ъурвати-л-вусқо» (1/392,393 табъи Одоб. Наҷаф. 1391) мегӯяд: «аз ҷумлаи чизҳое ки дар «Таҳзиб» баъд аз нақл кардани он чи ки дар бораи «Муқниъа» омада аст, ин аст ки мухолифи аҳли ҳақ (шиа) кофир аст ва лозим аст, ки ҳукми вай ҳукми куффор бошад магар он ки бо далел хориҷ шуд. Ва чӣ гуна интавр набошад, дар ҳоле ки далоиле мабнӣ бар наҷис будани вай якбор ба сурати иҷмоъ аз Ҳуллӣ ҳикоят шуда, ки онҳо кофир ҳастанд ва бори дигар нусуси фаровоне ҳаст , ки шумориши онҳо имконпазир намебошад. Балки гуфта мешавад ҳамаи ин нусус мутавотир ҳаст ва куфри онҳоро баён мекунад! Ва савум ба ин ки онҳо аз ҷумлаи касоне ҳастанд, ки заруратҳои динро инкор намудаанд. Чунон ки дар «Маҳкийил мунтаҳо фи масъалати эътиборил имон-фӣ мустаҳиққи-з-закот» ва дар шарҳи китоби (Фассу-л-Ёқут) ва ғайри онҳо омадааст ва он чи ки далолаткунанда бар куфри мункирони заруратҳои дин аст, онҳоро ҳам шомил мешавад. Ва чорум аз ҷумлаи ин ки далолат бар наҷосати носибӣ дорад, иҷмоъи зикршуда ва ғайри он аст ба замимаи ончи ки бар носибӣ будани онҳо далолат дорад, монанди ривояти Муъалло ибни Хунайс. Ва баъд аз ин ки муноқиша кардан бо инҳо суханро тӯлонӣ месозад, оқои Ҳаким суханонро бо ин гуфта (1/397/398) поён медиҳад: «Магар ин ки баъд аз бино ба наҷосати носибӣ гуфта шавад ва ӯ ба хотири иҷмоъ бошад (он гоҳ ) ихтилоф дар маҳфуми носибӣ аз қабили ихтилофи луғатдонон дар маҳфуми лафз аст ва руҷӯъ дар он ба мувасақтарин хоҳад буд. Ва дар ривояти машҳур омадааст, ки душманони аима (ъ) наҷис ҳастанд, ба хусус ин ки бо ривояти мувассақи ибни Аби Яъфур мувофиқ аст

(яъне пайванд кардани вожаи наҷосат». Шакке дар далолати он ривоят бар наҷосат нест. Ва низ ду ривояти пешгуфтаи ибни Хунайс ва Синон бар ин мавзӯъ далолат доранд, албатта, баъд аз ҳамл кардани онҳо бар ончи қавли машҳур бар он аст ки аз ин ду ривоят баёни фарди носиби аима (ъ) мурод аст. Ва ӯ ҳамон носиби шиаи онҳост аз ин ҷиҳат, ки онҳо шиаи эшон ҳастанд ва ба кавли маъруф дӯсти душман, душман аст ва ин ҳамон чизе аст, ки таъйин шудааст, пас диққат кун ва андеша намо!

**Мегӯям** ин ҳамон чизе аст, ки таъйиншуда ва он ин аст, ки аҳли суннат дар назари Ҳаким ва ҳамфикронаш душман ҳастанд. Ва марҷаи кунуни онҳо Абулқосим Мӯсавӣ Хуӣ дар китобаш «Минҳоҷу-с-солеҳин» (1/16 табъи Наҷаф) мегӯяд: «Дар бораи ададди ашёи наҷис, ки онҳо даҳто ҳастанд ……..Даҳум кофир аст ва ӯ касе ҳаст ки ба дине мансуб нашуда аст ё ба дини ғайри Ислом мансуб шудааст ё ба Ислом мансуб шуда, аммо яке аз бадеҳиёт(заруриёти ошкор)-и онро инкор карда бошад. Ба тавре ки инкори вай ба инкори рисолат оварда расонад. Оре, инкори миъод (қиёмат) сабаби куфри мутлақ аст ва ҳеҷ фарқе миёни муртад ва кофири асли ҳарбӣ ва зиммӣ ва хориҷӣ ва ғолӣ ва носибӣ нест». Ва марҷаъи асбақи онҳо Муҳаммад Козими Таботабоӣ дар китобаш «Урвату-л-вусқо» (табъи Теҳрон, Эрон) мегӯяд: «Ишкол ва эроде дар наҷосати ифротиҳо ва хавориҷ ва навосиб нест».) Ва Хумайнӣ дар китобаш «Таҳриру-л-василa» (1/18 Бейрут) мегӯяд: «Ва аммо хавориҷ ва навосиб, ки Худо лаънаташон кунад, бе ҳеҷ чунучарое наҷис ҳастанд».

Ва Руҳуллоҳ Мусавӣ Хумайнӣ дар «Таҳриру-л-василa» (1/119) мегӯяд: «Дигар фирқаҳои шиаи ғайри дувоздаҳимомӣ агар носибигарӣ, душманӣ ва дашноме нисбат ба дигар имомон аз онҳо сар назад, мушкиле бо онҳо надорем ва онҳо пок ҳастанд. Аммо агар инҳо аз онҳо сар бизанад, пас, онҳо монанди навосиб ҳастанд».

**Бародари гиромӣ диққат кун!** Чӣ гуна шиаҳое, ки

дувоздаҳимомӣ нестанд, пок ҳастанд. Аммо аҳли суннатро зикр накардааст, чаро ки онҳо қатъан наҷис ҳастанд ва агар таърифи мушаххасу мантиқӣ дар ин бора аз онҳо ба даст наёварем, ҳамин кофӣ аст, ки дар суханони Хумайнӣ носибӣ будани аҳли суннат ва наҷис будани онҳо дар назди шиа комилан машҳур аст. Ва шайхи онҳо Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайни Қумӣ мулаққаб ба Садуқ дар китоби «Иқобу-л-аъмол» (саҳ.259, табъи Бейрут) аз Ҷаъфари Содиқ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Инсони муъмин дар иртибот бо наздиконаш шафоат мекунад (ва шафоаташ пазируфта мешавад), магар ин ки машфӯъ носибӣ набошад. Ва агар ҳамаи паёмбарони мурсал ва фариштагони муқарраб барои як нафар носибӣ талаби шафоат кунанд, шафоаташон пазируфта нахоҳад шуд».

Ва шайхи онҳо Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ ин ривоятро дар китобаш «Биҳору-л-анвор» (8/41) нақл кардааст ва Садуқ дар китоби мазкур (ҳамон саҳифа ) аз Абӯбасир аз Абӯабдуллоҳ ривоят карда, ки «Нӯҳ дар киштӣ саг ва хугро ҳам бо худ ҳамл кард, аммо ҳаромзодаеро дар он қарор намдод ва ин дар ҳоле аст, ки носибӣ ҳатто аз ҳаромзода ҳам бадтар аст».

Оятуллоҳи узмо Сайид Абдул алӣ Мӯсавӣ Сабзворӣ дар «Ҷомеъу-л-аҳком» (57, табъи 4 аз маншуроти Дорулкитоби исломӣ, Бейрут 1992) мегӯяд: «Кофир ӯ ҳамон касе аст, ки ба дине ғайр аз Ислом мансуб аст ва он чи аз дини Исломро ки зарурӣ аст, инкор мекунад, ба тавре ки ин инкор мунтаҳо ба инкори рисолат ё улуҳият ё инкори миъод гардад. Албатта, дар ин бора ҳеҷ фарқе миёни муртад ва асли кофири зимӣ ва хавориҷ ва ифротиҳо ва навосиб нест».

Ва Оятуллоҳи узмои шиа Сайид Муҳаммад Ризоии Гулпойгонӣ дар «Мухтасари аҳком» (саҳ.9, чопи шашум, чопхонаи Амиралмуъминин, Қум, аз маншуроти Дору-л-Қуръони-л-карим дар Эрон) мегӯяд: «Касе, ки адовати

худро нисбат ба яке аз чордаҳ маъсум изҳор кунад ё ба онҳо носазо бигӯяд, наҷис аст, агарчи Исломро зоҳир кунад. Дар зимн ҳеҷ шубҳаву тардиде дар куфри ифротиҳо ва наҷосати онҳо нест, дар ҳоле ки онҳо муътақид ба улуҳияти амиралмуъминин ҳастанд. Бад-ин сон хавориҷ ва навосиб ҳама наҷис ҳастанд».

**Мегӯям** диққат кун! Ӯ носибиро зикр мекунад, ки дар он адоват ва носазо нисбат ба аҳли байт сурат бигирад ва онҳо навосибе маъруф дар таърих ҳастанд. Ва имрӯз касе аз онҳо ёфт намешавад. Пас навосибе аз навъи дигарро зикр мекунад, ки аз он ҷумлаанд хавориҷ (онҳо ки мегӯяд ва бад-ин сон……), яъне аҳли суннат ва қаблан собит кардем, ки носибӣ дар назди онҳо ҳамон аҳли суннат аст. (Ба фасли «Навосиб дар назари шиа,ки ҳамон аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд», мурочиа кунед).

Ва шайхи онҳо Юсуфи Баҳронӣ дар шарҳи «Рисолаи салотия» (334 табъи якуми муассисаи Аъламӣ матбуоти Бейрут, с. 1988) мегӯяд: «Ногуфта пайдост, ки истидлоли заъиф ва сустпоя аст. Чаро ки ривоятҳои ҷамиъ ва балки ба лиҳози маъноӣ мутавотир вуҷуд доранд, ки ин истидлолро рад мекунанд. Чунон ки мо онро дар рисола мавриди ишора қарор дода, тавзеҳ додем ва гуфтем, ки мухолифи (шиа) кофир ва носибиву наҷас аст. Ва шаке дар ин нест, ки ин ду ривоят аз таъорузи он ривоятҳо бо якдигар ба лиҳози санад ва адад далолат мекунанд. Воҷиб ин аст, ки онро ҳамл бар тақия намуд, ки ин яке ба хотири вуҷуди қаринаи ровиҳо дар харду зоҳиртар аст ё ин ки онҳоро ба маънои мухолиф (аҳли суннат) тахсис диҳем. Чунон ки лозим аст, онро ба ғайри ғолӣ (тундрав) ва хавориҷ ва навосиб (ба мафҳуми машҳур дар миёни уламои мо) ихтисос дихем, чаро ки уламои мо дар куфри ҳамаи инҳо (кучактарин) ихтилофе надоранд».

Ва Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар китоби «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2 саҳ.306, чопи Аъламӣ, Бейрут) мегӯяд: «Ва аммо носибӣ ва аҳволи вай бо баёни ду масъала

равшан мешавад: аввал, дар баёни маънои он носибӣ, ки бино ба ривоятҳо наҷис аст ва ҳатто аз яҳуду масеҳӣ ва маҷус ҳам бадтар аст!. Дувум ин ки ӯ ба иҷмоъи (итифоқи) уламои имомия кофир ва наҷис аст».

Ва марҷаъи шиа Мирзо Ҳасани Ҳоири Аҳқофӣ дар китобаш «Аҳкому-ш-шиъати» (1/1371, мактабаи Ҷаъфари Содиқ. Кувайт) мегӯяд: «Ва наҷосатхо дувоздаҳто ҳастанд» ва куффорро аз он ва сипас навосибро азақсоми куффор баршумурдааст.

Ва Оятулло Ҷаводи Табрезӣ дар «Масоили мунтахаба» (66, мактаби фиқҳи Кувайт) ва Оятулло Алии Систонӣ дар «Масоили мунтахаба» (саҳ.81 Дору-т-тавҳиди Кувайт) ва Оятулло Мирзо Алии Ғаравӣ дар «Муъҷазул фатовои мустанбата» (саҳ.115, Дору-л-маҳаҷҷати-л-байзо, Бейрут) худ ин каломро гуфтааст.

# 6
# АДАМИ КОР КАРДАН ДАР НАЗДИ АҲЛИ СУННАТ ҶУЗ БАРОИ ТАҚИЯКОРӢ

Шиаён вориди даму дастгоҳҳои ҳукумати сунниҳо мешаванд, то аз як сӯ зиён ва зарарро аз ҳамкешони худ дафъ карда ва аз сӯйи дигар ба навъе аз яктопарастон интиқом бигиранд. Ин чизе аст, ки мазҳабашон онҳоро бад-он ташвиқ мекунад. Омулӣ дар «Васоили шиа» (12/137) аз аби Ҳасан Алӣ ибни Муҳаммад ривоят карда, ки Муҳаммад ибни Алӣ ибни Исо номае ба ӯ навишт ва дар он аз ӯ дар бораи кор кардан барои бани Аббос ва гирифтани моли онҳо дар сурати тавоноӣ суол кард, ки рухсате ҳаст ё на?! Ӯ гуфт: «Агар ба зӯр шуморо ба даму дасгоҳи ҳукуматӣ бибаранд ва ба коре мансуб созанд, ин худ узр аст ва Аллоҳтаъоло узрро мепазирад ва агар баръакси ин бошад, макруҳ аст, ки инсон ба ками худ қонеъ бошад ва чашм ба кор кардан дар даму дастгоҳи онон ва ҳуқуқи гирифтан аз онон надӯзад». Ин шиа мегӯяд: «Ман ҳам дар ҷавоби номаи Муҳаммад ибни Алӣ навиштам, ки ҳадафи ман аз кор кардан дар он зарар расонидан ба душман ва интиком гирифтан аз ӯст. Гарчи ин корро аз тариқи наздик шудан ба ӯ анҷом диҳам, (оё ин кор мушкиле надорад?). Ҷавоб дод: «Ҳар кас ин корро ба ин ният анҷом диҳад, на танҳо ворид шуданаш ҳаром нест, балки аҷру савоб ҳам хоҳад бурд».

**Мегӯям** диққат кунед, чӣ гуна ин шиа сароҳатан ба имом хабар медиҳад, ки ҳадафаш аз кор кардан дар дам у дастгоҳи ҳукумати бани Аббос осебрасонӣ ба онҳо ва интиқомгирӣ аз онҳост ва имом ҳам (бо ниҳояти хунсардӣ) ба ӯ ҷавоб медиҳад, ки ин кор мояи касби аҷр ва подош аст. Ва Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (12/131) аз Сафвон ибни Маҳрони Ҷамол ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Бар Абӯлҳасани аввал ворид шудам, онгоҳ ба

ман гуфт эй Сафвон, ҳамаи корҳоят хуб ва зебост, магар як кор!». Гуфтам: «Фидоят бишавам, чӣ коре?!». Гуфт: «Ҳамин, ки ба Ҳорунаррашид шутури кироя додаӣ?!». Гуфтам: «Ба Худо онро ба манзури тамарруд, саркашӣ, ғурур ва барои шикор кироя накардаам. Балки онро барои роҳи Макка кироя кардаам. Ва худ онро сарпарастӣ намекунам, аммо ғуломони худро ҳамроҳи онҳо мефиристам». Гуфт: «Оё кирояи ту ҳам бар онон воқеъ мешавад?». Гуфтам: «Оре, фидоят бишавам». Ӯ бароям гуфт: «Оё дӯст дорӣ, ки он шутурҳо назди ту бошад, то кирояи ту зиёд нашавад?». Гуфтам: «Бале». Гуфт: «Касе ки дӯст дошта бошад он шутурҳо, боқӣ бимонад аз онҳо ва касе ки аз онҳо бошад, оқибате ҷуз оташ (Дӯзах) надорад». Сафвон гӯяд: «Билофосила рафтам ва ҳамаи шутурҳоямро фурӯхтам. Хабари ин кори ман ба Ҳорун расид, лизо маро фаро хонд ва ба ман гуфт эй Сафвон, ба ман хабар расида, ки ту шутурҳоятро фурӯхтаӣ?». Гуфтам: «Оре». Гуфт: «Пас, чаро гуфтӣ ки ман пирмарде ҳастам ва ғуломҳо ҳам хуб масъулиятҳову кори худро анҷом намедиҳанд». Гуфт: «Баъид аст, баъид аст! Ман хуб медонам, ки бо ишораи чӣ касе ин корро кардаӣ. Ӯ касе нест, ки ҷуз Мӯсо ибни Ҷаъфар». Гуфтам: «Маро бо ӯ чӣ кор?!». Гуфт: «Даст аз ин ҳарфҳо бардор! Ба Худо, агар рафоқати хуби ту намебуд, ҳатман туро мекуштам».

Ва Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (12/140) аз Алӣ ибни Яқтийн ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Ба Абӯлҳасан гуфтам: «Дар бораи кори онҳо чӣ мегӯӣ?!». Гуфт: «Агар ҳатман маҷбур шудӣ, ки коре бикунӣ, аз амволи шиа ҳазар кун!». Ӯ дар посух гуфт: «Зоҳиран амвол ва мустаҳиққоти ҳукуматиро аз шиа мегирад ва дар пинҳонӣ ба онҳо бармегардонад».

**Мегӯям** бедор шавед ва ибрат бигиред, эй уламои аҳли суннат ((зоҳиран амвол ва мустаҳиқоти ҳукуматро аз шиа мегирад ва дар ха фо ба онҳо бармегардонад))

# 7
# ЛАЪНАТ КАРДАНИ МУРДАГОНИ АҲЛИ СУННАТ БА ҲАНГОМИ ҲУЗУР ЁФТАН ДАР КАНОРИ ҶАНОЗАИ ОНҲО

Шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммад Нуъмон мулаққаб ба Муфид дар китоби «ал-Муқниъа» (саҳ.85 Муассисаи нашри Исломӣ. Қум. Эрон) мегӯяд: «Барои ҳеҷ як аз аҳли имон ҷоиз нест, ки яке аз мухолифони вилоятро ғусл диҳад ё бар рӯйи он намози майит бихонад ва агар чорае ҷуз ин надошт, аз ҷиҳати тақия ӯро ғусл диҳад ва ба ҳангоми намоз хондан ӯро лаънат карда, дуое барои ӯ нахонад».

Ва ин каломро шайхи гурӯҳи онҳо Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасани Тусӣ дар «Таҳзибу-л-аҳком» (1/235, табъи 3, Теҳрон) нақл карда ва бо ин кор буғзу хабосат ва ғарази худро нисбат ба касоне ки бо вай ҳамкеш нестанд, собит кардааст. Вай гуфт: «Асл дар он аст, ки мухолифи аҳли ҳақ кофир аст, бинобарин, ҳукми вай бояд ҳукми кофир бошад, магар он ки бо далил хориҷ бишавад. Ва агар ки ғусли кофир дуруст нест, пас, бояд ғусли мухолиф ҳам дуруст набошад. Ва аммо намоз хондани он то ҳаде аст, ки Расули акрам (с) ва аима бар мунофиқон хондаанд. Ва баъдан, иншоаллоҳ, кайфияти намоз хондан бар мухолифонро баён хоҳем кард. Ва низ чизе ки далолат дорад бар ин ки ғусли кофир ба иҷмоъи уммат дуруст нест, чаро ки онҳо мутаффиқан бар ин боваранд, ки ин масъала дар шариат ҳаром шудааст».

Ва шайхи онҳо Муҳсинулҳаким дар «Мустамсаку урвати-л- вусқо» (1/392) бахше аз каломи Ибни Тусиро гулчин кардааст. Ва Тусӣ дар «Таҳзибу-л-аҳком» (3/196) аз Ҳалабӣ аз Абӯабдуллоҳ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «Вақте ки Абдулло ибни Убай ибни Салул мурд, Паёмбар (с) дар канори ҷанозааш ҳозир шуд, он гоҳ Умар (р) ба Расули Худо (с) гуфт: оё магар Худо шуморо манъ

накарда аз ин ки бар сари қабраш ҳозир шавӣ?! Фармуд: «Вой бар ту, ту чӣ медонӣ ки ман чӣ гуфтам?! Ман гуфтам «Худоё дарунашро пур аз оташ соз! Ва қабрашро пур аз оташ кун! Ва ӯро ба оташ мулҳак соз!»». Онгоҳ Абдулло гуфт: «Дар ин ҷо чизе аз Паёмбар (с) **зоҳир** шуд, ки онро намеписандид. Ва Ҳури Омулӣ ин ривоятро дар «Васоилу-ш- шиъати» (240 саҳ.770, таҳти боби «Кайфияту-с- салоти ъала-л-мухолифи ва кароҳату-л-фирори мин ҷанозатиҳи изо кона юзҳиру-л-ислома» дарҷ кардааст.

**Ман мегӯям** ин аз ҷумлаи чизҳое аст, ки далолат мекунад бар он ки ин дуо дар назди вай бар аҳли суннат ҳам мутобиқат пайдо мекунад. (Паноҳ бар Худо!) ва Тусӣ дар «Таҳзибу-л-аҳком» (3/1973) ва Бобуя дар «Ман ло яҳзуруҳул фақиҳ» (ҷилди 1/105, табъи 5, Дорулкутуби-л-исломия, Теҳрон) ва Ҳури Омулӣ дар «Васоилу-ш-шиъа» (2/771) аз Абӯабдуллоҳ ривоят кардаанд, ки марде аз мунофиқон мурд. Онгоҳ Ҳусайн ибни Алӣ берун шуд ва ҳамроҳи он ба роҳ афтод. Яке аз хидматгорҳои ӯ ба ӯ расид ва Ҳусайн ба ӯ гуфт: «Эй фалонӣ, ба куҷо меравӣ?». Хидматгораш ба ӯ гуфт: «Аз ин ҷаноза фирор мекунам, то намоз бар сараш нахонам». Онгоҳ Ҳусайн ба ӯ гуфт: «Дар канори тарафи рости ман биист ва ҳар чиро ки ман мегӯям, ту ҳам такрор кун! Вақте ки валиаш бар ӯ такбир гуфт, Ҳусайн гуфт Аллоҳ Акбар, Худоё фалон абдатро ҳазор лаъанат кун он ҳам лаъанатҳои мушобиҳ бо ҳам. Худо, фалон бандаатро бар бандагонат ва бардаҳоят хору залил кун! Ва гармии оташро бар ӯ бирасон ва шадидтарин азобатро бар ӯ бичашон.! Чароки ӯ бо душманони Ту бинои дӯстию муҳаббат мениҳад ва бо авлиёат душманӣ мекард ва аҳлу байти Паёмбаратро бад медид». (Лафз аз худи «Васоил»)

**Нукта:** Муҳаммад ибни Ҳасани Тусӣ дар «Таҳзиб» (3/316) гуфта: «Ва аммо ин ки биистӣ, чор такбир бихонем», маҳмул бар тақия аст, чаро ки он мазҳаби мухолифон аст.

**Мегӯям** аз ин иборат гуфтани лафзи мухолифин, ба вижа аҳли суннат фаҳмида мешавад, чаро ки онҳо бар ҷанозаҳо чор такбир мехонанд (яъне намози майит дар назди сунниҳо чор такбир аст). Ва низ ба василаи он чи ки дар «Васоил» омадааст, аз боби намоз бар мухолиф (яъни суннӣ) равшан мешавад, чаро ки ривоятҳоеро, ки рӯбарӯи шумост, дар зери он дарҷ кардааст. Ва Омулӣ дар «Васоили шиа» (2/771, боби «Кайфияти салот ъала-л-мухолиф») аз Муҳаммад ибни Муслим яке аз онҳо ривоят карда, ки ӯ гуфтааст «агар мункири ҳақ бошад, пас бигӯ Худоё, шикамашро пур аз оташ ва қабрашро саршор аз оташ кун ва морҳо ва каждумҳоро бар ӯ мусаллат намо!».

Ва шайхи онҳо Юсуфи Баҳронӣ дар «Ҳадоиқ» (10/414) ва Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ дар «Ҷавоҳиру-л-калом» (2/481) ин ривоятро зикр кардааст ва шайхи онҳо Садуқ дар китоби «Ман ло яҳзуруҳул фақиҳ» (1/105) аз Абӯабдуллоҳ ривоят карда, ки ӯ гуфтааст агар бар душмани Аллоҳ намоз хондӣ, пас бигӯ Худоё, мо ҷуз ин намедонем, ки ӯ душмани Ту ва паёмбари Туст. Худо қабрашро саршор аз оташ кун ва шикамашро пур аз оташ кун ва зуд ӯро ба оташ дохил кун, чароки ӯ бо душманони Ту дӯст буд ва авлиёи Туро душман медошт ва аҳлу байти Паёмбари Туро мабғуз медошт, Худоё қабрашро бар ӯ танг кун! Вақте ки баланд карда шуд, бигӯ Худоё, ҳеҷ гоҳ ӯро баланд макун ва пок масоз! Ва ин ривоятро ҷаноби Омулӣ дар «Васоили шиа» (2/77) ва Баҳронӣ дар «Ҳадоиқ» (10/414) ва Наҷафӣ дар «Ҷавоҳир» (12/49) зикр кардааст.

Ва Юсуфи Баҳронӣ баъд аз зикри ин ривоят ва ғайри он дар «Ҳадоик» (10/415) гуфтааст ва ин ривоятҳо ҳамаги, чунон ки мулоҳиза мекунӣ, дар робита бо мухолиф аз аҳли суннат аст. Ва дар ин ҳангом лозим аст ҳамаи ин ахбор ва ривоятҳо ва он ду ривояти пеш гуфта бар маҳали вуруди онҳо мухтасар шавад.

Дар воқеъ, қавли ағмом «агар мункири ҳақ бошад», яъне агар муътақид ба аимаи дувоздаҳгона набошад ва ин

рукне аз аркони дин дар назди онҳост. Ба ҳамин хотир шайхи онҳо ибни Бобуя Садуқ дар «Фақеҳ» (1/101) мегӯяд: «Ва далели ин ки бар мурда 5-такбир гуфта мешавад, ин аст, ки Аллоҳтаъоло бар мусулмонон 5 фарзро фарз кард–намоз, закот, рӯза, ҳаҷ ва вилоят. Ва вилоят дар назди онҳо чунон ки гуфтем ҳамон имоматии 12 имом аст, чунон ки Юсуфи Баҳронӣ дар «Ҳадоиқ» (10/359) гуфтааст, ихтилофе дар вуҷуби намози майит бар муъмине ки муътақид ба имомони дувоздаҳгонааш аст, намебошад. Чунон ки ҳамаги мутаффиқан бар ин қавл ҳастем, ки намози майит на танҳо бар хавориҷ ва навосиб ва ғолиҳо (ифротиҳо) ва зайдия ва ғайри инҳо аз касоне ки аслу асоси динро инкор мекунанд, воҷиб нест, балки ҷоиз ҳам намебошад, магар аз боби тақия.

Ва дар шарҳи «Рисолаи Салотия» (328) гуфтааст: «Бидон ки дуо барои мурда баъд аз такбири чорум дар сурате аст, ки ӯ муъмин бошад. Аммо агар муъмин набошад, дуо бар зидди ӯ хонда мешавад, чароки мухолифи аҳли ҳақ аст ва барояш ин тавр дуо мешавад: «Худоё, шикамашро пур аз оташ кун! Ва қабрашро пур аз оташ намо! Ва морҳо ва каждумҳоро бар ӯ мусаллат намо». Чунин аст дар «Саҳеҳ»-и Муҳаммад ибни Муслим ва албатта, ғайр аз ин ҳам ривоят шудааст.

Ва дар «Ҳадоиқ» (10/417) мегӯяд: «Ва дар умуми он чи дар матлаби аввал зикр кардем, донистӣ ки бар шахси мухолиф намоз хонда намешавад, магар аз боби тақия». Ва шайхи онҳо Абӯ Аҳмад ибни Аҳмад ибни Халаф Оли Асфури Баҳронӣ дар ҳошияаш бар шарҳи «Рисолаи салотия» ҳошияи 333 сухани алломаи онҳо Муфидро нақл карда, сипас мегӯяд: «Ва шайх дар «Таҳзиб» дар ин маврид бо ӯ мувофиқат кардааст, чароки барои он далел оварда, ки мухолифи аҳли ҳақ кофир аст. Ва лозим аст, ки ҳукми вай ҳукми куффор бошад, то охири суханонаш ва Абӯсалоҳ аз ҷоиз будани намоз бар мухолиф манъ кард, магар ба унвони тақия. Ва Ибни Идрис вуҷуби намозро

ҷуз бар муътақид ва касе ки бар ҳукми ӯст, мустазъаф ва шашсола манъ кардааст. Ва аз каломи Солор ва мазҳаби Сайид Муртазо дар иртибот бо мухолифон чунин фаҳмида мешавад ки инҳо ҳам ҳукм бар кофир будани онҳо кардаанд». Ва сухани вай ки мегӯяд: «Ҷуз бар муътамад», яъне муътақид ба оилаи дувоздаҳгона. Ва Мирзо Ҳасани Ҳоири Аҳқофӣ дар китобаш «Аҳкому-ш-шиъати» (ҷилди 1 саҳ.186, мактаби Ҷаъфари Содиқ Кувайт, соли 1997) мегӯяд: «Намоз хондан бар ҳамаи ақсоми кофир, чи китобӣ бошад ва чи ғайри он, ҷоиз нест ва ҳамчунин бар мухолиф ҳам ҷоиз нест, магар ба хотири тақия ё зарурате бошад, ки дар он сурат ба дунболи такбири чорум бар ӯ лаънат мефиристад ва дар панҷумӣ такбир намегӯяд». Ва боз дар ҳамон маъхаз (1/187) мегӯяд: «Агар намози майит бар муъмин хонда шуд, бояд панҷ такбир гуфта шавад. Аммо агар намоз бар мухолиф ё мунофиқ бошад, ба чор такбир ихтисор карда мешавад ва баъд аз такбири чорум бар зидди ӯ дуо карда мешавад».

## 8
## НАМОЗИ ТАҚИЯ БА МАНЗУРИ ФИРЕБ ДОДАНИ АҲЛИ СУННАТ

Баъзеҳо бо намоз хондани шиа дар пушти уламои аҳли суннат фиреб хӯрда ва гумон мебаранд, ки ин кор нишонаи муваддат ва ихвати шиа нисбат ба аҳли суннат аст. Дар фасли ақидаи шиа дар бораи касе ки муътақид ба имоматии дувоздаҳ имом нест, сухани Ҳумайниро зикр кардем ки мегуфт: «Имон ҷуз ба воситаи вилояти Алӣ ва авсиёаш ҳосил намешавад ва шинохти вилоят шарти қабули аъмол аст» ва ин аз ҷумлаи умури мусаллам дар назди шиаён аст, пас, биёву гӯш бидеҳ ба он чи ки нуҳуфтаро барои шумо кашф месозад. Шайх ва муҳаддиси онҳо Муҳаммад ибни Ҳасан Ҳури Омулӣ дар «Доиратулмаъориф»-аш, ки дар назди шиа мавриди эътимод аст, «Васоилу-ш-шиъати ило таҳсили масоили-ш-шариъати» (1/90) боберо таҳти унвони «Бутлони ибодат бидуни вилояти аима (ъ) ва эътиқод ба имомати онҳо» боз карда ва дар зери он 19 ҳадис дарҷ намуда, ки аз ҷумлаи он ин аст: «Аз Абӯҷаъфар дар ҳоле ки шиаи худро мавриди хитоб қарор медиҳад, ривоят шуда, ки аммо ба Худо барои Аллоҳ ҳоҷиёне ҷуз шумо вуҷуд надорад ва фақат ва фақат аз шумо мепазирад». Пас, Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» баъд аз ҳадиси 19(1/96) мегӯяд: «Ва дар ин иртибот ҷиддан аҳодиси фаровоне мавҷуд мебошад». Сипас боберо дар китоби «Васоил»-аш (5/388) таҳти унвони «Иштироту кавни имоми-л- ҷамоъати муъминан муволиан лил-аимати ва адаму ҷавози-л-иқтидои билмухолиф фи-л-иътиқодоти-л-саҳиҳати-л-усулияти илло тақиятан».[2] Сипас шайх, сайид, мавло ва фақеҳи исломи

---

[2] Муъмин будан ва ошиқи аима будан шарти имоми ҷамоат ва адами сиҳҳати иқтидо ба мухолиф дар эътиқодоти саҳеҳи аслӣ, магар дар ҳолати тақия.

онҳо ва муҳаққиқ ва аллома ва имом оятуллоҳи узмои онон ҳоҷиоқо Ҳусайн Таботабоии Буруҷардӣ меояд ва дар «Доиратулмаориф»-аш, ки дар назди шиаҳо басе муҳим аст, «Ҷомиъу аҳодиси-ш-шиъати» (1/426) боберо ба унвони «Шарт кардани қабули аъмол ба вилояти аима (ъ) ва эътиқод доштан ба имомати онҳо» боз мекунад ва дар зери он 78 ҳадис зикр кардааст. Аз ҷумла, он дар ҳамон маъхази мазкур (1/429) ҳадисеро аз Паёмбар (с) ривоят карда,ки эшон фармуданд: «Қасам ба он зоте ки маро ба ҳақ фиристода, агар яке онҳо ҳазор сол миёни рукн ва мақом (манзураш назди Каъба) ибодат кунад, пас ба вилояти Алӣ ва аимаи фарзандонаш (ъ) имон наёварад, Аллоҳ таъоло ӯро бар рӯи димоғаш дар оташи Ҷаҳаннам меандозад».

Ва ҳамин Бруҷардӣ (1/431) аз Абӯҳамза ривоят карда, ки ӯ гуфта аст аз Абӯбдуллоҳ шунидам, ки мегуфт: «Ҳар кас ки мухолифи шумо бошад, гарчи ибодат кунад, фақат худро заҳмат дода ва мансуб ба ин оят аст: **«Чеҳраҳое дар он рӯз зиллатбор ҳастанд, онҳо ки пайваста амал карда ва ранҷи** (бефоида) **бурданд ва дар оташи сӯзон ворид мегарданд»** *(сураи «Ғошия», оёти 2-4)*.

Ин ҳамон асли собит ва тағйирнаёбанда дар назари онон аст! Ва чун дини онҳо бар асоси тақия ва фиреби дигарон ва адами садоқат бо онҳо устувор аст, ба унвони тақия ва фиреб додани аҳли суннат намозро (дар пушти онҳо ҷоиз донистаанд. Чунон ки Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (5/388) боберо ба ин мафҳум ихтисос додааст. Пас, дар «Васоили шиа» (5/385) боберо ба унвони «Истиҳбобу иқоъи-л-фаризати қабла-л- мухолифи биҳузуриҳо маъаҳу» (мустаҳаб будани намоз хондан дар пушти мухолиф ва ҳозир шудан бо ӯ) ва дар ҷилди 5, саҳ.385 боз ҳам боберо ба унвони «Истиҳбобу ҳузури-л-ҷамоъати халфа ман ло юқтадо биҳи ли-т-тақияти валқиёму фи саффи-л-аввали маъаҳу» (мустаҳаб будани ҳозиршавӣ дар ҷамоат дар пушти сари касе, ки ба ӯ

иқтидо карда намешавад аз ҷиҳати тақия ва истодан дар сафи аввал ҳамроҳ бо ӯ) тартиб додааст.Ва бад-ин сон Буруҷардӣ дар «Ҷомеъи аҳодиси шиа» (6/410) боберо ба унвони «Адами ҷавози намоз дар пушти сари мухолифи эътиқодоти саҳеҳ ҷуз барои тақия, ки дар он сурат барои ӯ мустаҳаб аст,ки дар ҷамоати мухолифон ҳузур ёбад ва дар сафи аввал ҳамроҳ бо онон бошад», боз кардааст.

Ва боз ҳам дар ҳамин китоб (6/418) боберо ба унвони «Суннат аст барои мард, ки намози фаризаро дар вақти худаш адо кунад, пас ҳамроҳ бо мухолиф аз ҷиҳати тақия онро бо мухолиф адо кунад, хоҳ имом бошад ё маъмум ё онро надонад ва ба онҳо нишон бидиҳад,ки намоз мехонад ва дар ҳоле ки намоз намехонад». Ба ҳамин хотир, вақте ки аз Абулқосим Хуӣ дар бораи намоз бо ҷамоати мусулмонон пурсида шуд, чунон ки дар китоби «Масоил ва рудуд» (ҷилди 1, саҳ.26, муҳри Қум) омадааст, дар ҷавоб гуфт «саҳеҳ аст агар ба унвони тақия анҷом шавад». Ва хангоме ки Оятуллоҳузмо Муҳаммад Ризо Мӯсавии Гулпойгонӣ, чунон чи дар «Иршоду-с-соил» (38 мактаби фиқҳии Кувайт) омадааст, дар бораи намоз хондан дар масоҷиди мусулмонон мавриди суол қарор гирифт, ҷавоб дод: «ҳамаи инҳо дар ҳолати тақия ҷоиз аст, ба шарте ки тарк кардани намоз бо онҳо ё дар масоҷиди онҳо сабаби азият, озор ва нафрат шавад». Ва ҳамчунин дар китоби «Маҷмаъу-л-масоил» (тавзеъи мактаби ирфон, Кувайт 1/194) дар ин бора ки иқтидо кардан ба ҷамоати суннихо дуруст аст ё не, мавриди суол қарор гирифт, ҷавоб дод: «Дар ҳолати тақия ишколе надорад ва подоши он бузург аст». Ва ҳамчунин, вақте ки дар китоби «Фирақ» (саҳ.39) дар бораи ин ки оё дуруст аст ки ба унвони маъмум дар пушти сари суннӣ намоз бихонам, бидуни ин ки худам қироат кунам, мавриди суол қарор гирифт, дар ҷавоб гуфт: «чи дар ҳоли зарурат ва чи дар ҳоли оддӣ ишколе дар он нест ва намоз дар ҳолати имкон иъода мешавад».Валлоҳу аъламу.

Ва аз Алӣ Хоманаӣ дар китобаш «Аҷвибату-л-истифтоот», саҳ, 178, Дорулҳақ, Бейрут ) дар бораи дуруст будан ё набудани намоз пушти сари суннӣ суол карданд, вай дар ҷавоб гуфт: агар ба унвони навъе мадоро кардан ба онҳо бошад, намози ҷамоат дар пушти сари онҳо дуруст аст».

**Эй бародари мусулмонам!** Вақте ки ин китоб тавассути «Дору-н-набаъ» мунташир шуд, шиа ақидаи тақияро дар назди худ ба кор бурданд ва вожаи « барои мадоро карданро» ба ҷумлаи «ҷиҳати ҳифозат аз ваҳдати исломӣ» тағйир доданд ва Оятуллои онҳо Козими Ҳароирӣ дар китобаш «Фатовои мунтахаба» (1/75 мактабату-л-фақияти, Кувайт) дар ин бора ки оё намоз хондан пушти бародарони аҳли суннатамон бидуни тақия ҷоиз аст ё на ва ҳукми фатвои хумайнӣ дар мавсими ҳаҷ мабнӣ бар ҷоиз будани намоз дар пушти сари суннӣ чист, дар ҷавоб гуфт: «дуруст нест ва қиёси он ба фатвои имом хумайнӣ дар мавсими **ҳаҷ** қиёси маъал форик (нодуруст) аст».

Ва ҳамчунин дар ҳамон маъхази собиқ (саҳ. 71) вақте аз ӯ пурсида шуд оё унвони ваҳдати исломӣ метавонад ба унвони иллат ва хостгоҳе барои ҷоиз будани намоз дар пушти суннӣ қарор гирад, ҷавоб дод «ваҳдат ба унвони иллат ва хосгоҳ ҷоиз будани намоз дар пушти суннӣ маҳсуб мешавад, аммо бехтар аст, ки намоз иъода шавад».

Ва дар «Масоили фиқҳӣ» (ҷилди 1, саҳ. 107, Дорулмулк) аз Оятулло узмо Муҳаммадҳусайни Фазлуллоҳ пурсида шуд бо таваҷҷуҳ ба ин ки миёни мо ва сунниҳо дар баъзе аз аҳкоми намоз ихтилофоте аст, оё дуруст аст, ки мо ба унвони маъмум дар пушти сари онҳо намози ҷамоат бихонем, ҷавоб дод: «ба унвони тақия ин кор ҷоиз аст».

Ва ҳамчунин Мирзо Ҳасани Ҳоирии Аҳқоқӣ дар китобаш «Аҳкоми шиа» (ҷилди 2/341/342 таҳти унвони «Фӣ мавориди-л-ҷамоъати» гуфтааст «дар ҳолати зарурат ва тақия ҳузур дар ҷамоати мухолифон ва намоз хондан

воҷиб аст ва ба он иктифо мешавад». Ва гуфтааст:« ҳар шиъӣ, ки қабл аз ҳузур дар масҷид битвонад намози худро бихонад ва пас бо онҳо дубора бихонад ё ин ки баъдан намозашро иъода кунад, кораш дуруст аст». Ва гуфтааст «суннат аст, ки ба унвони тақия ва мутобиати онҳо ба сурати зоҳирӣ дар ҳолати оддӣ ҳам дар ҷамоати аҳли суннат ҳозир шавем ва дар сафи аввал ҳамроҳ бо онон биистем, аммо беҳтар аст, ки бидуни иқтидо ба онҳо намози худро бихонем».

**Бародари мусулмонам!** Баъд аз ҳамаи инхо донистӣ, ки намоз хондани шиа дар пушти сари суннӣ танҳо ва танҳо фиреб ва найранг аст. Ва мубаллиғи шиъи Муҳаммад Тиҷонӣ ба ин фиреб эътироф карда. Чаро ки гуфтааст «шиаҳо чӣ бисёр, ки бо аҳли суннат ва ҷамоат ба унвони тақия намоз мехонанд ва било фосила пас аз инқизои намоз ақиб кашида ва шояд бештари онҳо ба ҳангоми руҷӯъ ба манзилаш намозро иъода кардааст» («Куллу-л-ҳулули ъинда оли-р-Расули», саҳ.160, Дорулмуҷтабо. Бейрут). Ва ҳамчунин қарор додани дасти рост бар дасти чап ва омин гуфтан баъд аз фотеҳа, чунон ки аҳли суннат анҷом медиҳад, дар назди шиа аз мубтилоти намоз ҳастанд. Аммо дар ҳолати тақия метавон онҳоро ҷоиз донист.

**Уламои рофизии зерин фатвои зайлро додаанд:**

1. Рӯҳуллоҳ Мӯсавӣ Хумайнӣ дар «Таҳриру-л-васила» (1/186,2/190) муътақид аст, ки қарор додани дасти рост бар дасти чап аз мубтилоти намоз аст, аммо ӯ ба унвони тақия онро ҷоиз донистааст.

2. Оятуллоҳузмои онҳо Муҳаммад Ризо Гулпойгонӣ дар «Мухтасару-л-аҳком» (68-69).

3. Оятуллоҳузмои онҳо Сайид Абдулаъло Сабзаворӣ дар «Ҷомеъу-л-аҳком» (92-93).

4. Ҳасани Ҳоири Аҳқофӣ дар «Аҳкоми шиа» 2-325-1997.

5. Муҳаммад Ҳусайни Фазлуллоҳ дар «Масоили фиқҳӣ» (1-92 Бейрут).

6. Мирзоалии Ғаравӣ дар «Муҷазу-л-фатовои-л-мустанбата ва-л -ибодот» (саҳ.181, Дорулмаҳаҷҷату-л-байзо, Бейрут).

7. Алии Систонӣ дар «Масоили мунтахаба» (саҳ.139, Дору-т-тавҳид, Кувайт).

8. Ҷаводи Табрезӣ дар «Масоили мунтахаба» (саҳ. 119, «Мактабату-л-фақия», Кувайт).

9. Абулқосими Хуӣ дар «Масоили мунтахаба, мубтилоти намоз».

## 9
## ДУРУСТ БУДАНИ ҒАЙБАТ КАРДАНИ МУХОЛИФОН (АҲЛИ СУННАТ)

Муҷтаҳиди бузурги онҳо Рӯҳуллоҳ Мӯсави Хумайнӣ дар китоби «ал-Мақосибу-л-муҳрима» (1/251), табъи Қум, Эрон» мегӯяд: «мунсифона аст агар бигӯем ҳамаи ин ривоятҳо ба навъе дар исботи ғайбат кардан кусур варзидаанд, балки шаке дар ин вуҷуд надорад, ки ин ривоятҳо фақат ва фақат дар ғайбат кардани муъмини дӯстдори аимаи ҳақ ихтисос доранд».

**Мегӯям** диққат кунед, ҳурмати ғайбат дар назди ӯ танҳо ба касе ихтисос дорад,ки муътақид ба аимаи дувоздаҳгона аст. Ва пеш аз он эътироф карда,ки ривоятҳо аз исботи ҳурмати ғайбати онҳо косир ҳастанд. Ин услуби печидаи вайро хуб нигоҳ кунед, аз ин лиҳоз ки нагуфт аҳли суннат, балки гуфт «дар кусури онҳо аз исботи хурмати ғайбати онҳо». Ва ҳамчунин Хумайнӣ дар «Мақосиму-л-муҳрима» (11/1249) мегӯяд «зоҳир чунин аст, ки ғайбат кардани муъмин хосатан ҳаром аст, аммо ғайбат кардани мухолиф ҷоиз аст, магар ин ки ба ҷиҳати тақия ва ё масоили дигар аз ғайбат кардани онҳо худдорӣ шавад». Ва Оятуллоҳи онон Сайид Абдул Ҳусайн Дастғайб ки дар назди онҳо ба шаҳиди меҳроб мулаққаб аст, дар китобаш «Гуноҳи кабира» (2/217, Дорулисломия, Бейрут, 1988 ҳиҷрӣ) мегӯяд «бояд бидонем ихтисос дорад, яъне касе ки муътақид ба ақоиди ростин аст, ки аз ҷумлаи онҳо эътиқод ба аимаи дувоздаҳгона мебошад, ва бар ин асос ғайбат кардани мухолифон ҳаром нест».

**Мегӯям** ин чизе аст, ки Дастғайб ба он эътироф мекунад. Ӯ яке аз наздикони имоми рофизиён Оятуллоҳ Хумайнӣ аст ва аз соли 1983 раҳбарии инқилоб дар Шерозро ба уҳдаи ӯ гузоштанд. Бинобар ин, одами ғайбаткардаи аҳли суннат ба таври ошкор ва бепарда моя гирифта аз тақия аст, на ба ин хотир ки мусулмон ҳастем

ва дар назди онҳо дорои ҳурмат ва арзише ҳастем, чаро ки ғайбат кардани касе дар назди онҳо ҳаром аст, ки муъмин ва ошиқи аимаи дувоздаҳгона аст!

Шайхи онҳо Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ ҳамон чиро ки Хумайнӣ муқаррар карда, ӯ ҳам муқаррар кардааст. Ӯ дар китобаш «Ҷавоҳиру-л-калом» (22/63) мегӯяд: «дар ҳар ҳол чунин пайдост ин ҳурмати ғайбат кардан фақат ба муъминони қоил ба имомати аимаи дувоздаҳгона ихтисос дорад ва дигар кофирон ва мухолифон ҳатто ба инкор кардани як нафар аз аима (ъ) аз ин қоида мустасно ҳастанд».

Ва боз ҳам Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ (22/62) мегӯяд: «ба ҳар ҳол чунин ба назар мерасад, ки мебоист мухолифонро бо мушрикон пайваст созем, чаро ки дар ҳар ду куфри исломӣ ва имонӣ дида мешавад».

Балки носазогӯӣ ба онҳо дар назди оммаи мардум аз бузургтарин ибодати бандагон аст, модоме ки тақия монеъ нашавад ва беҳтар аз ин ғайбат кардани онҳо мебошад, ки сираи шиа дар тамоми асрҳо ва сарзаминҳо, чи олим ва чи аввом, бар асоси он ҷорӣ шуда, то ҷое ки коғазҳоро аз он саршор карданд, балки ғайбат кардани мухолифон дар назди онҳо аз бузургтарин тоъот ва комилтарин қурубот (яъне комилтарин амалҳоест, ки ба василаи он наздикӣ ба Аллоҳ ҳосил мешавад) аст! Бинобар ин, ҷои тааҷҷуб нест, ки дар ин бора иҷмоъ ҳосил бишавад! Чунон ки баъзе онҳо аз ин масъала дар таачуб ҳастанд, балки метавон иддаъо кард ғайбат кардани мухолифон аз ҷумлаи заруриёт аст, то чӣ расад ба қатъиёт?!

Сипас бар китобчае воқиф шудам таҳти унвони «Муняту-с- соил». Ин китобча иборат аст аз маҷмӯаи фатовои муҳиме аз Оятуллоузмо Абулқосим Хуӣ, ки Дорулмуҷтабо дар Бейрут дар соли 1412 барои бори дувум онро табъ кард. Дар саҳифаи 218 аз Хуӣ пурсида шуда «оё ғайбат кардани мухолиф дуруст аст?! Дар бораи

ғайбат кардани муъмин тавзеҳ диҳед, ки дар «Минҳоҷу- с-солиҳин» ба маънои оми Ислом омада, оё манзур маънои хосси вилояти аҳли байт аст?!». Хуӣ ҷавоб дод: «оре, ғайбат кардани мухолиф ҷоиз аст ва мурод аз муъмине, ки ғайбат кардани ӯ дуруст нест, ба маънои хос аст».

Ва шиа аз Паёмбар (с) ривоят кардаанд, ки вай фармудааст: «Вақте баъд аз ман аҳли бидъат ва шакро дидед, ошкоро аз онҳо ибрози бараоту безорӣ кунед ва зиёд ба онҳо носазо бигӯед ва зиёд дар бораи он ғайбат ва бадгӯӣ кунед ва бар онҳо туҳмат бизанед, то дар фикри тамаъ ва фасод кардани Ислом наяфтанд ва мардум аз онҳо бипарҳезанд». Ин ривоятро шайхи онҳо Абулҳасани Варом ибни Абӯ фироси Ашрӣ, мутавафои соли 605 ҳиҷрӣ дар китоби «Танбеҳу-л-хавотир ва назҳату-л-маъруф бимаҷмуъати-л-варом» (саҳ.162, ҷилди 2, табъи Бейрут, муассисаи Аъламӣ) ва Муҳаммад ибни Ҳасан Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 11 саҳ.508), ки муҳаддиси онҳо тахриҷ кардаанд ва ин ривоятро шайхи онҳо Содиқи Мӯсавӣ аз Саҷҷод дар китобаш «Наҳҷу-л- ансор» зикр карда ва дар ҳошияи саҳ.152 дар тавзеҳи он гуфтааст. «дар воқеъ, Имом Саҷҷод ҳар тасарруфро дар ҳаққи аҳли бидъат, аз золимон гирифта то сӯистифодакунандагон аз уммати исломӣ, аъам аз бароат ҷустан аз онҳо ва носазогӯӣ ба онҳо ва тарвиҷ кардани шоиоти бад бар алайҳи онҳо ва бадгӯӣ кардан аз онҳо ва туҳмат задан ба онҳо…..ҷоиз медонист. То ба фикри фасод кардани Ислом дар сарзамини мусулмонон наяфтанд ва мардум ҳам ба иллати чизҳои бисёре ки мебинанд ва мешунаванд аз суханони бад дар бораи онҳо аз онҳо дурӣ кунанд. Ва бад-ин тартиб аимаи исломӣ ҷиҳати аз байн бурдани аҳли куфр, зулм ва бидъат иқдом мекарданд. Пас, бояд мусулмонон аз раҳбарони худ ёд бигиранд ва бар равиши онҳо гом бардоранд».

**Мегӯям** ба назари амиқ ба Исломи онҳо нигоҳ кун! «Ҳар тасарруф ва иқдоме», «бароат ҷустан», «носазогӯӣ»,

«ғайбат ва бадгӯӣ кардан» ва натиҷае ки охир интизорашро мекашад ин аст ки «мардум ба иллати бисёрии он чи ки мебинанд ва мешунаванд аз суханони бад дар бораи онҳо аз онҳо дурӣ кунанд».

**Ин ҳамон протоколҳои уламои Яҳуд ё чизе бештар аз он аст!!**

Албатта, танҳо ба ин басанда накарда, балки аз мусулмонон хостанд, ки ин услубҳое, ки ба лиҳози шаръӣ вониҳодашуда ҳастанд, ёд бигиранд. Онҳо ин масъаларо дар ҳаққи аҳли суннатва раҳбарони онҳо амалӣ карданд. Онҳо ба Умари Форуқ туҳмат задаанд, ки ӯ ба дарде мубтало шуда, ки фақат оби мардон ӯро шифо медиҳад. Ин мавзӯъ дар китоби маъруфи онҳо «Анвору-н-нуъмония» (ҷилди 1, саҳ.63) омадааст. **Ба туҳмате ки дар ин китоб ба Умари Форуқ зада шуда хуб нигоҳ кунед!**

Ва боз ба ҳазрати Форуқ нисбат доданд, ки ӯ хоста хонаи Фотимаро бисӯзонад. Ва Муҳаммад Ҷаводи Муғанния дар китобаш «Ин ҳамон ваҳҳобият аст» мубоҳ кардани сеҳр (валъаёзу биллоҳ) қарор додани Қуръон дар ҳоҷатхона ба ваҳҳобиҳо нисбат дода аст. Пас, оё шумо шунидаед ё дидаед ё хондаед, ки яке аз ваҳҳобиҳо ё салафиҳо он чиро ки ин туҳматзананда ба онҳо туҳмат зада, мубоҳ бидонад?!

Дар ҳақиқат Ислом бо далелу бурҳон ва сидқ, адл ва инсоф бар душманонаш пирӯз шуд ва бо носазогӯӣ ва тарвиҷи шоиот ва бадгӯӣ ва буҳтон пирӯз нашуд. Аллоҳтаъоло фармуда аст: **«Душманӣ бо гурӯҳе шуморо ба гуноҳ ва тарки адолат накашонад. Адолат кунед, ки ба парҳезгорӣ наздиктар аст»** *(сураи «Моида», ояи 8.)*

## 10
## ДИНИ ҲАҚ ДАР НАЗДИ ШИА ҲАМОН МУХОЛИФАТ КАРДАН АСТ БО ОНЧИ, КИ АҲЛИ СУННАТ БАР ОН МЕБОШАД

Яке аз нависандагони муосири онҳо Сайид Муртазо Аскарӣ дар китобаш «Маъолиму-л-мударисатайн» (ҷилди 1, саҳ 22-23, табъи мактабаи фиқҳии Кувайт) мегӯяд «аз Мадинаи мунаввара дидан кардам ва баъд аз он ки дар донишгоҳи исломии (онҷо) мустақар гардидам, паёмҳои табрикӣ аз уламои мусулмони Ироқ дарёфт кардам ва албатта, ки мусулмонони имрӯза шадидан ба ин ваҳдат ниёз доранд, чаро ки онҳо дар нуқоти мухталифи дунё ба истеъмори муҳоҷими кофир мубтало шудаанд».То ин ки дар ҷилди 1, саҳ 23 мегӯяд «ман фақат барои ба ин сухани ин сафарам ишора кардам, ки ҳамагон ниҳояти ихлоси маро нисбат ба шиъоре, ки ман ҳомили он мебудам ва он тарҳе, ки онро тарҳ мекардам, дарёбанд. Ва гоҳе авқот он дард қалбамро ба ҳам мефушурд».

**Мегӯям** муҳаддиси онҳо Ҳури Омулӣ дар «Васили шиа» (18-84) аз Абдураҳмон ибни Абӯабдуллоҳ ривоят карда ки ӯ гуфта аст «Содиқ фармуда «агар ду ҳадиси мухталиф бар шумо ворид шаванд, онҳоро бо китоби Аллоҳ муқоиса кунед, пас, он чиро ки ба китоби Аллоҳ мувофиқ омад, баргиред ва он дигареро ки бо он мухталиф омада аст, бозпас диҳед. (Он мавзӯъро) дар китоби Аллоҳ наёфтед, онҳоро бо ривоятҳои ом муқоиса кунед. Агар бо ривоятҳои онҳо мувофиқ омад, онҳоро во ниҳед, ва он чиро ки бо ривоятҳои онҳо мухолиф омад, баргиред». Ва мақсад бо омма касонески гумон бурданд ки Ҷаъфари Содиқ дастур ба ахзи ончи ки мухолифи онҳост, ҳамон аҳли суннат ҳастанд.Чунон ки муҷтаҳидди акбар ва роҳили онҳо Маҳсинуламин дар китобаш «Аъёну шиа» (1/21, табъи Доруттаъориф. Бейрут) ба ин амр тасрех карда, он ҷо ки мегӯяд «хоса ин чизе аст, ки ёрон бар худи

мо дар муқобили ъома (касоне ки онҳоро ба аҳли суннат ном мебаранд) итлоқ мекунанд». Марҷаъи шиа Рӯҳуллоҳ Хумайнӣ дар китобаш «ар-Рисола» (2/83) мегӯяд «дар ҳар ҳол ишколе дар ин аст ки мухолиф кардан бо ъома (аҳли суннат ) аз мураҷҷаҳоти боби таъоруз аст». Ва устоде ки (ба истиллоҳ)) ба ба хотири ваҳдат (ашки тимсоҳ мерезад), яъне ҳамон Муртазои Аскарӣ ривояти собиқро, ки мехоҳад дарбайни ду ривояти мутаъориз онеро ки бо аҳли суннат мухолиф аст, баргирифта шавад, истихроҷ карда аст.Вай қабл аз иродаи ин ривоят дар китоби мазкураш (3/269) мегӯяд «бар асоси ончи ки мо дар ин мабоҳис зикр кардем, саҳеҳ ин аст он чиро ки аз ду ҳадиси мутаъориз бо мактаби хулафо ҷӯр даромад, во ниҳем».

Ин оғи Аскарӣ нисбат ба уламои суннӣ оташи ҳасад ва кинатузии дарунааш фаврон карда, ва дар китобаш (1/28) мегӯяд «уламои мактаби хулафаро дидаем, ки мутаффиқан ва ҷамъан ҳар ривоятеро, ки нақди хулафои садри ислом сар бикашад, китмон мекунад». Ва боз (1/254) мегӯяд «яке аз анвоъи китмонсозиҳое, ки мактаби хулафо анҷом медиҳанд, ҳифзи ривоёти саҳеҳ ва онҷо қарор додани ахбор ва нашри ривоятҳои мавриди ихтилоф ба ҷои онҳост».

Ва боз дар саҳифаи 254-и ҳамон китоб мегӯяд «ин навъи китмон, яъне китмони кулли ривоят ва адами ишора ба он дар назди уламои мактаби хулафо бисёр ба чашм мехӯрад!». Ва дар ҷилди 2, саҳ. 48-49 мегӯяд «мактаби хулафо, вақте ки дарвозаи ҳадис гуфтан аз Расулуллоҳро бар рӯйи мусулмонон баст, чунон ки ба он ишора кардем, дарвозаи аҳодиси исроилиро бар рӯйи онҳо боз кард».

Дар воқеъ, ривоятхои бисёре аз шиа ворид шуда, ки онҳоро ба ахз ва қабули ончи ки мухолифи аҳли суннат аст, ташвиқ мекунад.

Ва Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (18-85-86) ва Рӯҳуллоҳ Мӯсавӣ Хумайнӣ дар «Расоил» (2/81) ва

Муҳаммад Боқири Садр дар «Таъорузи адилаи шаръӣ» (саҳ.359, табъи 2-юм, Дорулкитоби Лубнон, соли 1980) аз Муҳаммад Боқир ибни Абдуллоҳ ривоят кардаанд, ки ӯ гуфтааст «ба Ризо гуфтам, ки бо ду хабари мутазод чӣ кор кунем?». Он гоҳ гуфт «агар ду хабар бар шумо ворид шуд, ки бо ҳам мутаноқиз буданд, онҳоро, ки бо ҳам мутаноқиз буданд, онҳоро ки бо омма мухолиф аст, баргиред ва кор набаред ва онҳоро, ки бо ривоятҳои онҳо ҷӯр дармеояд, во нихед».

Ва шайх ва муҳаддис ва муҳаққиқи онҳо Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Ҳури Омулӣ дар китоби «ал-Фусулу-л-муҳимма фӣ маърифати усули-л- аима» (саҳ.225, табъи мактаби басирати Қум, Эрон ) гуфтааст «ва аҳодис дар ин бора ҳамагӣ мутавотир ҳастанд.Теъдоди аз онҳоро дар китоби «Васоили шиа» зикр кардаем».

Шайхи онҳо Юсуфи Баҳронӣ дар «Ҳадоиқ» (1-95) мегӯяд: «Ва дар ин бора ривоятҳои зиёде нақл шудаанд, ки ба лиҳози мухтаво ҳамагӣ баёнгари ин ҳастанд, ки ба вақти маъраз ду ривояти онҳоро бо мазҳаби ома мавриди муқоиса қарор диҳем ва онҳоеро, ки бо онҳо ҷӯр дарнамеояд, баргирем ва қабул нанамоем».

Сипас шайх Юсуфи Баҳронӣ дар ҷойи дигар аз «Ҳадоиқ» (1/110) аз ҳукми худ баргашта, ҳукм ба ҷомеъ ва шомил будани ин ривоятҳо ва ахбор намудааст. Шайхи онҳо Ҳусайн ибни Шаҳобиддини Кар, ки дар «Ҳидоятул аброр ило тариқи аимати-л-атҳор» (саҳ.102) мегӯяд «омма санги бинои кори худро бар асоси фиребзанӣ ва пӯшондани ҳақ бо ботил ва намоёндани ботил дар симои ҳақ ва зебосозии он ба шеваи оммаписанд бино ниҳодаанд ва ҳамаи касоне, ки раҳи онҳоро пӯйида ва ба хотири сомон додан ба шууни дунявии худ ба ёвагӯиҳо мутавосил шуда, ҳатто аз зоеъ шудани динашон ҳам, ибое надоштаанд, ингуна ҳастанд. Дар миёни омма, ки баъзе мунофӣ буда ва ба зоҳир худро мусулмон муаррифӣ карда, ва куфру казобро ниҳон дошта, ба зуҳди сохтагӣ

тазоҳур карда, динашро мегирифт. Ва инсони каҷфаҳм ва камшуъур ҳар ончиро, ки мешуниду нақл карда. онро бовар менамуд. Хоҳ он ривоят ба нафъи ӯ буд ё ба зарари ӯ».

Ва аз Оятуллоҳ узмои онҳо Козими Ҳоирӣ дар китобаш «Фатовои мунтахаба» (ҷилди 1, саҳ. 150. Мактабаи фиқҳии Кувайт) суоли зерро пурсиданд: «ба ин тозаги аз бархе аз шиъин ҳам шунидаем, ки шахси шиъӣ, ки мудаии олим будан аст, ба дуруст будани ибодат кардан ба мазоҳиби суннӣ, фатво додааст, шумо чи мегӯйед? Ва посухи шумо ба он шахс, ки мудаъии дониш ва фазл аст, чист?». Гуфт: «ин каломи бепоя ва ботил аст».

# ҶОИЗ БУДАНИ САВГАНДИ ДУРӮҒ БА УНВОНИ ТАҚИЯ ҶИҲАТИ ФИРЕБ ДОДАНИ АҲЛИ СУННАТ

Ва ҳатто дар назди шиа савганди дуруғ ҳам дастхуши тақия шудааст. Шайхи фуқаҳо ва муҷтаҳиди онҳо Муртазо Ансорӣ дар рисолаи «ат-Тақия» (саҳ.73) ва устоди фуқаҳои онҳо Оятуллоҳ, узмои онҳо Абулқосими Хуи дар «Танқиҳу шарҳи урвату-л-вусқо» (4/278-307) аз Ҷаъфари Содиқ ривоят кардаанд (ва онро аз ӯ саҳеҳ донистаанд), ки ӯ гуфтааст «ҳар коре ки шумо анҷом додаед ё ба сари он ба унвони тақия савганд хӯрдаед, дасти шумо дар он боз аст» (ва гуноҳе бар шумо нест).

Тибқи ин ривоёт, ки дар назди онҳо саҳеҳ аст, шиаи пойбанд ва мутааҳид аз савганд хӯрдан ба дурӯғ ибое надошта ва бо ин савганд сунниро фиреб медиҳад. Чаро ки тақия маҳдуд нест. Чунон ки шайхи фуқаҳои онҳо Муртазои Ансорӣ дар рисолаи «ат-Тақия» (саҳ.72) аз имоми маъсум ривоят мекунад, ки ӯ мегӯяд «тақия коре маҳдуд нест ва ҳар дақиқае, ки анҷом мегирад, иншааллоҳ, анҷомдиҳандаашон ҳатману ҳатман подош дода хоҳад шуд». Шиаён додани ҳуқуқи моли аъам аз хумс ва закотро ба мухолифон фақат аз манзари маслиҳати шахсии худ нигоҳ мекунанд, зеро вақте ки Оятуллоҳ узмои онон Абулқосими Хуӣ дар ин иртибот мавриди суол қарор гирифт, ҷавоб дод «дуруст нест, аммо агар маслиҳат иқтизо кунад, анҷом додани он ба мухолифон ҷоиз аст». Дар китоби «Масоил ва рудуд» (саҳ.64, аз ҷузъи аввал чопи чопхонаи муҳри Қум дар Эрон мунташиршуда аз тарафи Дорулҳоди, с.1412 ҳиҷрӣ) дар ин маврид аз ӯ омада аст: «бинобар хайр ва манфиати шиа аз қабили закот ва ғайри он танҳо ба шиа (ҳамнавъи худаш) ихтисос дорад. Ва то замоне мухолифон аз он баҳраманд хоҳанд шуд, ки манфиате чунин водор менамояд. Монанди суд истифода кардан аз ниёзмандиҳои тангдастон ва тағйир

додани онҳо ба мазҳаби ташаюъ, чунон ки дар давлатҳои Осиёву Чин ҳосил шудааст. Аз ҷумла, дар Индонезия, Малайзия, ӯрдугоҳи фаластинӣ дар Лубнон ва ҳамчунон дар давлатҳои Африкоӣ ҳамчун Танзония, Ниҷерия ва Угандо ҳамчунин шудааст. Боре мубаллиғони шиъӣ аз фуқарои аҳли суннати ин манотиқ сӯйиистифода карда ва онҳоро ба сӯи мазҳаби ташаюъ мекашонанд. Ва ҳамакнун кумитаи имдоди Хумайнӣ ва муассисоти дигари онҳо ҷиҳати шиа сохтани умуми мардум ва ҷалби ҳамкории хос дар Афғонистон сахт талош меварзиданд».

## 12
## ТУҲМАТ ЗАДАН БА МУСУЛМОНОН

Аз ҷумлаи туҳматҳои шиъӣ ба умати Ислом он аст, ки Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (ҷилди 24, саҳ.312, боби 67) ва Қулайнӣ дар «Равза» ривояти шумораи 431 аз Боқир ривоят карданд, ки ӯ гуфтааст «ба Худо, эй абӯ Ҳамза, мардум ҳама ҳаромзода ҳастанд, ба ҷуз шиаҳои мо!!».

Ва дар тафсираш (ҷилди 2, саҳ.234, табъи Аъламӣ, Бейрут) ва Баҳронӣ дар тафсири «ал-Бурҳон» (ҷилди 2, саҳ. 300 Доруттафсир, Қум, Эрон) аз Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ ривоят карда, ки ӯ гуфта аст «ҳар фарзанде, ки ба дунё меояд, қатъан, иблисе аз иблисҳо дар канори ӯст, агар бидонад, ки ӯ аз шиаи мо аст, шайтонро аз ӯ дур медорад ва агар аз шиаи мо набошад, шайтон ангушти сабобаи худро дар мақъадаш фишор медиҳад, дар натиҷа зансифат хоҳад шуд ва агар духтар бошад, ангушташро дар фарҷаш мефишорад, ки дар натиҷа бадкора мешавад».

Ва Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (ҷилди 101, саҳ. 85), боби «Фазли зиёрати вай дар рӯзи арафа ва ду ид» ва Садуқ дар «Ман-ло-яҳзуруҳу-л-фақиҳ» (ҷилди 2, саҳ. 431) дар боби «Савоби зиёрати Паёмбар (с) ва аима» (табъи Дорулазвои Бейрут) аз аби Абдуллоҳ ривоят кардаанд, ки гуфт ман ба ӯ гуфтам «Аллоҳ таъоло дар шомгоҳи арафа қабл аз он ки ба аҳли мавқиф нигоҳ кунад, ибтидо ба зоирони Ҳусайн нигоҳ мекунад?». Гуфт: «Оре». Гуфтам «иллати ин масъала чист?». Гуфт «барои он ки онҳо авлоди ҳосилшуда аз зино ҳастанд ва дар инҳо авлоде аз зино нест».

Абдуллоҳи Шибр дар китобаш «Таслияту-л-фуод фи баёни -л-мавт ва-л-миъод» (саҳ.162, Дору-л-аъламӣ, Бейрут) фаслеро зикр кардааст, аз ҷумла «…вақте ки рӯзи қиёмат фаро мерасад, мардум ҳамагӣ бо номи модар садо

мешаванд, магар шиаи мо,ки бо номи падаронашон садо мешаванд, азбаски тавлидашон пок будааст».

Ва Қулайнӣ дар «Кофӣ» ( ҷилди 6, саҳ 391, Дорулазвои Бейрут) аз Алӣ ибни Асбот аз Абӯҳусайни Ризо ривоят карда, гуфтааст, ки аз ӯ шунидам, ки мегуфт «ва ёде аз Миср кард Паёмбар (с)-у фармуда: «Дар зарфҳои сафолини онҳо ғизо нахӯред ва бо гилу лойи он сарҳоятонро нашӯед, зеро ғайратро аз байн мебарад ва даюсиро ба ҷой мегузорад».

# ТУҲМАТ ЗАДАН
# БА УММУЛМУЪМИНИН ОИШАИ СИДДИҚА (Р)

Шиа гумон бурдаанд, ки ояти 10-уми сураи «Таҳрим», ки мегӯяд: **«Худо барои кофирон мисоли зани Нӯҳу зани Лутро меоварад, ки ҳар ду дар никоҳи ду тан аз бандагони солеҳи Мо буданд ва ба он ду хиёнат карданд. Ва онҳо натавонистанд аз занони худ дафъи азоб кунанд ва гуфта шуд: «Бо дигарон ба оташ дароед!»,** мисолест, ки Аллоҳтаъоло онро дар иртибот бо Оиша (р) ва Ҳафса (р) барои Паёмбар (с) задааст…

Ва баъзе аз шиаҳо «хиёнат» дар ин гуфтаи Худоро (фахонатоҳумо) ба иртиботи фоҳшиа (паноҳ бар Худо) тафсир кардаанд.

Муфассири бузурги шиӣ оқои Қумӣ дар тафсири ин оя гуфтааст: «ба Худо манзури Худо аз «фахонатоҳумо» фақат ва фақат фоҳшиа аст. Ва бояд бар (фалон зан) ба хотири коре, ки дар роҳ карда, ҳад зада шавад ва (фалон) ӯро дӯст медошта, чун он зан хост, ки ба фалон ҷо ҳозир шавад, он фалон ба он зан гуфт «ҳалол нест, ки бидуни маҳрам хориҷ шавӣ», ба ҳамин хотир худро ба акди он фалонӣ даровард».

Ҳамчунин, ин ривоятро Баҳронӣ дар «ал-Бурҳон» (ҷилди 4, саҳ 385, Доруттафсири Қум) зикр кардааст.

**Бародари мусалмонам!** Дар ҳақиқат, шиа, вақте ки ба ҷойи Оиша «фалон зан» гуфта тақияро ба кор бурдаанд, ё вақте аломати ду ё се нуқтаро қарор медиҳанд, ҳамагӣ аз боб ва ривоятҳои дурӯғине, ки шиа ривоят кардаанд, таъйид мекунанд, ки манзур аз (фалон зан) ҳамон Оишаи Сиддиқа (р) аст, аз ҷумла вақте ояти **«Аннабию авло билмуъминина мин анфусиҳим ва азвоҷуҳу умаҳотуҳум» - (ва Аллоҳ таъоло занони паёмбарашро ба мусалмонон ҳаром сохт)** нозил шуд, Талҳа хашмгин шуд ва гуфт занони Муҳаммад бар мо ҳаром мешавад, ва у бо занон издивоҷ мекунад, агар Аллоҳ Муҳаммадро бимиронад,

дар миёни пойҳои занонаш метозем, он чунон, ки ӯ дар миёни пойҳои занони мо метозад»[3].

Воқеан, ин шиъаён ваққоҳатро ба ҳади худ расондаанд, дар ҳоле ки Аллоҳ таъоло мегӯяд: «**Занони паёмбар модараш Шумо ҳастанд»,** онҳо (шиъиён) ба худ ҷуръат дода ва ин ривоётро Баҳронӣ дар « ал- Бурҳон» (ҷилди 3, саҳ. 333 ва 334) ва Султони Ҷанодӣ дар «Баёни саодат» (ҷилди 3, саҳ. 253,Бейрут) ва Зайналобиддини Набботӣ дар «Сироталмустақим» (ҷилди 3, саҳ. 2335, чопи Муртазавӣ) зикр кардаанд……

Ва ҳамчунин Ҳофизи Шиъи Раҷаб Бурсӣ дар китобаш «Машориқу анвори-л- яқин» (саҳ. 86, чопи Аъламӣ Бейрут) ба ҳазрати Оиша (р) туҳмат зада, онҷо ки гуфта аст: «Оиша чил динор аз роҳи хиёнат ҷамъ кард ва онҳоро дар миёни муғризони ҳазрати Алӣ тақсим кард».

Олими шиъи Маҷлисӣ ҳам ба ҳазрати Оиша (р) туҳмат зада, вақте ки ин ривоятро мегӯяд «Оиша ва Алӣ бо ҳам дар як бистар ва дар як лиҳоф мехобиданд». Зикр карда аст ӯ дар китобаш «Биҳору-л-анвор» (ҷилди 4, саҳ. 2 Дору Иҳёи-т-туроси-л-арабӣ Бейрут). Ривоятро чунин нақл карда аст: «Алӣ гуфт бо Расули Худо мусофират кардам, дар ҳоле ки ба ғайр аз ман хизматгоре надошт ва ӯ лиҳофе дошт ва ба ғайр аз он ҳеҷ лиҳофе дигаре надошт ва Оиша ҳам ҳамроҳи ӯ буд. Ва Расули Аллоҳ миёни ман ва Оиша мехобид. Ва ба ғайр аз он лиҳоф бар мо се нафар лиҳофе дигаре набуд. Вақте, ки барои намози шаб бархост, аз васат лиҳофро гирифт, ки миёни ман ва Оиша буд ва онро канор зад. То ҷое, ки он лиҳоф қолинчаеро ки дар зери мо буд, ламс мекард. (Аз забони як саҳобии муҳтарам чунин бешармона густохӣ мекунанд Худо шоҳид аст, фақат ва фақат ба хотири амонат ин ривоят тарҷума шуд).

---

[3] Албатта банда ҳамчун мутарҷим аз инки ин ривояти дурӯғин ва бешармонаро тарҷума мекунам аз Аллоҳтаъоло ва ҷаноби Расули акрам (с) маъзаратхоҳӣ мекунам. Воқеан, шиъаҳо дар бешармӣ аз ҳади худ гузаштанду ба дурӯғ аз забони як саҳобии муҳтарам (Талҳа) чунин густохӣ карданд.

# ТУҲМАТ ЗАДАН
# БА ҲАЗРАТИ УМАР ИБНИ ХАТТОБ

Шиъа гумон бурда, ки ҳазрати Умар аз ноҳияи мақъад дучори як навъи беморӣ шуда буд, ки фақат бо оби мардон ором мегирифт. Ин сухани касифро аломаи шиа Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар китобаш «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 1, саҳ.36 Аъламӣ Бейрут) зикр карда аст. Ва онҳо тасреҳ кардаанд, ки Умар аз ҷумлаи касоне буд, ки мардон аз пушт бо ӯ духул мекарданд (астағфируллоҳ аз ин туҳмати бузург!).

Дар ҳақиқат, муфасири шиъи Айёшӣ дар тафсираш (ҷилди 1, саҳ. 202) ва ҳамчунин Баҳронӣ дар «ал – Бурҳон» (ҷилди 1, саҳ. 416) ривоят кардаанд, ки марде бар аби Абдулло ворид шуд ва гуфт: «Асалому алайкум ё амиралмуъминин». Он гаҳ ӯ бар рӯи поҳояш истод ва гуфт кофӣ аст. Ин исме аст, ки фақат муносиби ҳазрати Алӣ аст, ки Худо ӯро бо ин ном ниҳода аст. Ва ҳамагӣ ба он розӣ шуданд. Ва касе (ҷуз Алӣ ба ин исм мусамо шавад) розӣ ва хушнуд намешавад ба ин исм, магар ин ки амали мухолифи иффат ба ӯ анҷом дода бошанд ва агар қаблан бо ӯ ин амалро анҷом надодаанд, ба ин амал мубтало мешавад. Ва ин ҳамон қавли Аллоҳ таъоло дар китобаш аст, ки мегӯяд: **«Мушрикон ба ҷои Аллоҳ танҳо бутҳоеро ба фарёд мехонанд, ки номи духтаронро бар онҳо ниҳодаанд ва ҷуз шайтони саркашро ба фарёд намехонанд»** *(сураи «Нисо», ояти 117).*

Гӯяд гуфтам «пас, қоими Шумо ба чӣ хонда мешавад?». (Гуфт:) «Ба ӯ гуфта мешавад Асалому алайка ё бақиятуллоҳ, салом бар Шумо, эй писари расули Худо!».

Ва бадеҳӣ аст, ки ҳазрати Умари Форуқ нахустин касе аст, ки ба амиралмуъминин номгузорӣ шуд.

Ва алломаи шиъӣ Зайналобиддини Наботӣ дар китобаш «Сироталмустақим» (ҷилди 3, саҳ.28) зери унвони «Сухане дар бораи пастии ӯ (яъне Умар) ва

бадниятии ӯ» гуфта аст «Умар ибни Хаттоб хабисуласл буда…. ӯро зани зинокор ба дунё овардааст. Ӯ туҳмат зада ба ҳазрати Усмон ибни Аффон (р) низ. Олими шиъи Заинал-обиддин Наботи дар китобаш Сироталмустақим ҷилди 3 саҳ -30 – гуфта аст: Занеро назди Усмон оварданд то бар ӯ ҳадди иқома кунад. Он гоҳ Усмон бо он зан наздикӣ кард, пас дастур ба раҷм кардани ӯ дод». Ва дар ҳамон китоб гуфта аст: «Дар ҳақиқат, Усмон аз ҷумлаи касоне буд, ки бо ӯ бозӣ мешуда ва ӯ ҳам ҷинси бозӣ буда». Ва ин каломи пасту беарзишро низ Неъматуллои Ҷазоирӣ дар «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 1, боби 1, саҳ. 61. Маркази пахши аълам, Бейрут) зикр кардааст.

## 13
## ДАШНОМ ДОДАНИ ШИА БА САҲОБА (Р) ВА ТАКФИР КАРДАНИ ОНҲО

Шиъаҳо оётеро ки дар бораи мунофиқон ва кофирон нозил шудаанд, ба асҳоби мақоми аввал таъвил карда, аз ҷиҳати тақия бо рамзҳои муайян ба халифаҳои сегона – Абӯбакр, Умар, Усмон (р) ишора мекунанд. Монанди файсал – Абӯбакр ва рамаъ –Умар ва наъсал –Усмон ва фалон, фалон ва фалон, яъне Абӯбакр, Умар ва Усмон (аввал ва дувум ва савум). Ҳабтар ва дулом, яъне Абӯбакр ва Умар ё Умар ва Абӯбакр ва ҳамчунин Фираъвн ва Ҳомон ё гусолаи уммат ва Сомирӣ, яъне Абӯбакр ва Умар.

Аммо дар сояи ҳукумати Сафавӣ то андозае низоми тақиякорӣ бардошта шуд ва ин дафъа ошкоро бузургтарини асҳоби ҳазрати Муҳаммад (с)-ро мавриди такфир қарор доданд.

***Ин ҳама баъзе таъвилоти онҳо манзури шумо хоҳад гардид:*** Қулайнӣ дар «Кофӣ» (ҷилди 8, ривояти шумораи 523) аз Абӯабдулло ривоят карда, ки барои ин оят: **«Парвардигоро, париён ва инсонҳое, ки моро гумроҳ карданд, ба мо нишон бидеҳ, то онҳоро зери қадамҳоямон қарор диҳем, то онҳо аз ҷумлаи фурӯмоягон шаванд»** *(сураи «Фуссилат», ояти 29)* гуфтааст: «он ду, ҳамонҳо ҳастанд». Пас гуфт: «ва фалонӣ шайтон буд».

Маҷлисӣ дар «Мироту-л-уқул» (ҷилди 26/488), дар шарҳаш бар «Кофӣ» дар баёни муроди соҳиби «Кофӣ» аз **(он ду),** гуфта аст: «он ду, яъне Абӯбакр ва Умар, ва мурод аз фалон, Умар аст, яъне ҷинни зикршуда, дар оят ҳамон Умар аст. Ба далели он ки ӯ шарики шайтон буда, чун ҳаромзода буд, ё ин ки ӯ дар макру найранг ҳамчун шайтон буд. Агар ин якеро меъёр қарор диҳем, акси он ҳам мувофиқ меояд, ба ин маъно ки мурод аз фалонӣ Абӯбакр бошад».

Дар тасфири «Айёшӣ» (1/121) «ал-Бурҳон» (2/208), «ас-Софӣ» (1/242) аз Абӯабдулло ривоят мекунанд ки ӯ гуфта аст «ин ки Аллоҳтаъоло мефармояд: **«Ва аз гомҳои шайтон пайравӣ макунед»** *(сураи «Бақара», ояти 168)* ба Худо (манзураш) аз гомҳои шайтон вилояти (хилофати) фалонӣ ва фалонӣ аст». Яъне Абӯбакр ва Умар.

Ва дар тафсири «Айёшӣ» (1/355) ва «ал-Бурҳон» (2/471) ва «ас-Софӣ» (3/246) аз Абӯҷаъфар дар иртибот ба ин қавли Худованд: «**Ва ҳаргиз гумроҳонро ёвар ва мамадгори худ намегирам»** *(сураи «Қаҳф», ояти 51)* ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Худоё, ин динро бо василаи Умар ибни Хаттоб ё ба василаи Абӯҷаҳл ибни Ҳишом азиз ва тақвият намо».*** Ин буд, ки Худованд ин ояро нозил фармуд: «**Ва ҳаргиз гумроҳонро ёвар ва мададгори Худ намегирам»** *(сураи «Қаҳф», ояти 51).*

Ва дар тафсири «Айёшӣ» (1/307) ва «ас-Софӣ» (1/511) ва «ал-Бурҳон» (4221) аз Абӯабдулло ривоят кардаанд, ки ӯ дар иртибот бо ин гуфтаи илоҳӣ: «**Касоне, ки имон оварданд, сипас кофир шуданд ва дубора имон оварданд ва бори дигар кофир шуданд ва бар куфрашон афзуданд»** *(сураи «Нисо», ояти 137),* гуфт: Ин оя «дар иртибот бо фалонӣ ва фалонӣ нозил шуд» (яъне Абӯбакр ва Умар). Онҳо дар ибтидо ба Расул (с) ва оли (хонадони) вай имон оварданд, ва сипас вақте ки вилоят (ҳокимият) бар онҳо арза шуд, кофир шуданд, онҷо ки Паёмбар (с) фармуд: ***«Ман кунту мавлоҳу фа Алиюн мавлоҳу»*** *(ҳар кас ки ман мавлои ӯ ҳастам, пас Алӣ ҳам мавлои ӯст).* Пас, ба байъат кардан бо амири муъминон имон овардаанд, чаро ки ба ӯ гуфтанд «ба дастури Худо ва дастури Расулаш (бо ту байъат мекунем ва ту амири муъминин шудаӣ). Пас,бо ӯ байъат карданд ва он ҳангом ки Расули Худо (с) вафот намуд, куфр варзида, байъати ӯро эътироф ва иқрор накарданд. Пас, ба хотири ин ки байъатҳои ӯро ба байъати бо худ баргирифтаанд (ва худро ба ҷойи ӯ нишонданд), бар куфрашон афзуда гашт. Пас, бо ин ҳисоб

чизе аз имон дар инҳо боқӣ намондааст».

Ва дар тафсири «Айёшӣ» (2/24) ва «ал-Бурҳон» (2/309) аз Ибни Ҷаъфар ривоят шуда ки ӯ дар бораи гуфтаи Аллоҳ таъоло: **«Ва гуфт шайтон, вақте ки файсала карда шуд кор»** *(сураи «Иброҳим», ояти 21)* Гуфтааст: «ҳамон дувумӣ аст ва албатта, дар Қуръон нест ва шайтон гуфт, магар ин ки (он шайтон) ҳамон дувумӣ аст». Манзурашон аз «дувумӣ» Умар аст.

Ва дар «ал-Вофӣ», китоби ал-Ҳуҷҷа, боби «Ончи дар бораи онҳо (ъ) ва дар бораи душманонашон нозил шуда» (муҷаллади 3, ҷилди 1, саҳ. 920) аз Зурора аз Абиҷаъфар ривоят мекунанд, ки ӯ дар иртибот бо ин қавли Аллоҳ: **«Шумо дигаргуниҳо ва аҳволи гуногунеро пушти сар мениҳед»** *(сураи «Иншиқоқ», ояти 19)* гуфт «эй Зурора, оё уммат баъд аз Паёмбараш (с) дар робита бо масъалаи фалон ва фалон ва фалон, яъне Абӯбакр, Умар ва Усмон аз ҳоле ба ҳоли дигар интиқол наёфтааст?!».

Олими онҳо Файзи Кошонӣ гуфтааст: ***«рукубу табақотиҳим»*** киноя аст аз ин ки яке пас аз дигар ба хилофат гузошта мешаванд». Ва вақте ки ба ин оят мерасанд: **«Ва аимаи куфрро бикушед»** *(сураи «Тавба», ояти 12)* мебинем, ки дар тафсири Айёшӣ (2/83) ва «Бурҳон» (2/107) ва «Саффо» (2/324) аз Ҳанон, аз Аби Абдулло ривоят шуда ки ӯ гуфта аст «аз ӯ шунидам, ки мегуфт мардуме аз Басра бар ман ворид шуданд. Дар бораи Талҳа ва Зубайр аз ман суол карданд. Ман ҳам гуфтам онҳо ду имом доштанд, ки аз аима ва пешвоёни куфр буданд». Ва онҳо **ҷибт** ва **тоғут**еро, ки дар ин оят омадааст: **«Оё надидӣ касонеро, ки баҳрае аз китоби** (Худо) **ба онҳо дода шуда бо ин ҳол ба ҷибт ва тоғут** [бут ва бутпарастон] **имон меоваранд»** *(сураи «Нисо», ояти 51)* ба ду ёр, муовин ва домоду халифаҳои Расули Аллоҳ (с), яъне Абӯбакри Сиддиқ ва Умари Форуқ тафсир мекунанд.

Ба тафсири «Айёшӣ» (1/273) «ас-Софӣ» (1/459) ва «ал-

Бурҳон» (1/377) нигоҳ кунед! Ва Айёшӣ дар тафсираш (2/263) ва Буҳронӣ дар «ал-Бурҳон» (2/345) аз Абӯбасир аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад ривоят кардаанд, ки ӯ дар бораи ин гуфтаи Аллоҳ таъоло гуфтааст: «**Ҷаҳаннам оварда мешавад, дар ҳоле ки ҳафт дарвоза дорад»** *(сураи «Ҳиҷр», ояти 44)* дарвозаи аввали он махсуси золим аст, ки ҳамон зурайқ (Абӯбакр) аст ва дарвозаи дувуми он махсуси ҳабтар (Умар) аст ва дарвозаи савум барои савумӣ (Усмон) аст ва дарвозаи чаҳорум махсуси Муовия аст ва дарвозаи панҷум барои Абдулмалик ва дарвозаи шашум барои Аскар ибни Ҳавсар ва дарвозаи ҳафтум барои Абисалома аст. Инҳо дарвозаҳое ҳастанд барои касоне, ки аз онҳо пайравӣ мекунанд».

Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (7/307) дар тафсири ин иборат гуфтааст: «Зурайқ, яъне кабуд, киноя аз аввалӣ аст, чаро ки араб чашми кабудро шум (бехосият) медонистанд. Ва ҳабтар ҳамон рӯбоҳ аст ва шояд ба ин иллат бо киноя ба ӯ рӯбоҳ гуфта шуда, ки хеле маккор ва ҳиллагар будаст. Алббата, дар ривоятҳои дигар ҳабтар ва рӯбоҳсифатиро ба аввалӣ нисбат додаанд ва ин ҳам зоҳиртар аст. Ва имкон дорад ки мурод дар ин ҷо ҳам ҳамин бошад. Ва аз ҳамин ҷиҳат дувумиро муқаддам дошт, чароки ӯ бадбахттар ва хашмгинтар ва тундтар аст. Ва Аскар ибни Ҳавас киноя аз баъзе хулафои банни Умайя ё бани Аббос ва ҳаминтавр Абӯсалама киноя аз Абӯҷаъфари Давоникӣ аст ва эҳтимол дорад, ки Аскар киноя аз Оиша ва дигар аҳли Ҷумал бошад, чароки номи шутури Оиша Аскар будааст ва ривоят шуда ки ӯ (Умар) шайтон буда аст».

Ва Абӯҷаъфар дар бораи ин фармудаи илоҳӣ: «**Ва онгоҳ ки шабро дар тадобир ва суханоне мегузаронанд, ки** (Аллоҳ) **намеписандад»** *(сураи «Нисо», ояти 108)* гуфтааст «фалонӣ ва фалонӣ ва фалони яъне Абӯбакр ва Умар ва Абӯубайда ибни Ҷарроҳ мебошанд. Ин ривоятро Айёшӣ дар тафсираш (1/301) ва тафсири «ал-Буҳрон» (1/414) зикр

кардааст. Ва дар ривояти дигаре аз абул Ҳасан омада, ки онҳо ва Абӯубайда ибни Ҷарроҳ будаанд. Ҳамон манбаи пеш аз ин ривоятро ҳам зикр карда аст. Он ду, яъне Абӯбакр ва Умар, ва дар ривояти севумӣ: аввал ва дувумӣ ва Абӯ убайда ибни Ҷарроҳ ҳастанд (аввал ва дувум, яъне Абӯбакр ва Умар). Маъхази собиқи ин ривоятро низ нақл кардааст. Онҳо ҳамчунин **«фаҳшо»** ва **«мункар»** дар гуфтаи Аллоҳ таъоло **(ва янҳо ъанилфаҳшои валмункари)-**ро ба вилояти Абӯбакр ва Умар ва Усмон тафсир кардаанд. Онҳо дар тафсири «Аёшӣ» (2/289) ва «Бурҳон» (2/381) аз Абӯҷаъфар ривоят мекунанд, ки ӯ гуфтааст **«ва аз фаҳшо наҳй мекунад», фаҳшо** аввал аст(Абӯбакр) ва **мункар** дувумӣ, (Умар) ва **бағй,**(Усмон) севум аст. Дар «Биҳору-л-анвор» (27/85) омадааст «гуфтам (ровӣ ба имомашон мегӯяд) Худо туро ислоҳ созад, душманони Аллоҳ чӣ касоне ҳастанд?». Гуфт: «бутҳои чаҳоргона». Гуфтам: «онҳо кистанд?!». Гуфт «Абӯфайсал ва Рамъ ва Наъсал, ва Муовия ва касоне ки аз онҳо пайравӣ мекунанд, пас касе ки бо онҳо душманӣ кунад, дар ҳақиқат бо душманони Аллоҳ душманӣ кардааст».

Шайхи онҳо Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (27/58) дар баёни ин истилоҳот мегӯяд «Абӯфайсал, Абӯбакр аст, чаро ки «файсал» ва «бакр» дар маънӣ мутародифанд ва Рамаъ ҳам мақлуби (бараксхондаи калимаи) Умар аст ва Наъсал (пирмарди аҳмақ, гурги нар, ал-Мунҷид ҷилди 2 саҳ 1962 (мутарҷим)-) ҳамон Усмон аст.

Ва дар бораи ин гуфтан илоҳӣ: «**Оё** (аъмоли кофирон) **ҳаммонанди торикиҳои дарёе жарф ва амиқ аст ки мавҷ бар мавҷ ӯро мепӯшонад ва бар фарозаш абр аст: торикиҳое, ки рӯи ҳам анбошта шуда»** *(сураи «Нур», ояти 40),* гуфтаанд: «фалон, фалон ва фалон мурод аст дар дарёи жарф, ки мавҷ яъне Наъсал ба фарози мавҷ, яъне Талҳа ва Зубайр ва торикиҳои рӯи ҳам анбошта, яъне Муъовия».

Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (23/306) гуфтааст

«мурод аз фалон ва фалон Абӯбакр ва Умар ва мурод аз Наъсал ҳамон Усмон аст». Ва ҳамчунин аз ҷумлаи истилоҳоти онҳо барои ишора кардан ба шайхайн таъвил кардани онҳо аз сураи «Лайл» – **«Қасам ба рӯз чун намоён кунад Офтобро»** *(сураи «Шамс», ояти 2)* аст ва гуфтаанд: Ҳамон қиёми қоим (Маҳдӣ) аст.

Ҳабтар ва дулом ҳастанд, ки ҳақ бар сари онҳо парда афканда. Ин ривоятро Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (24/72/73) ва Қумӣ дар тафсираш (2/457) зикр карда аст. Шайхи ҳукумати сафавӣ – дар замонаш – Маҷлиси дар «Баҳору-л –анвор» (24/73) гуфтааст «ҳабтар ва дулом Абубакр ва Умар ҳастанд».

## БАЪЗЕ СУХАНОНИ ОНҲО ДАР ТАКФИРИ САҲОБА ВА ДАШНОМ ДОДАН БА ОНҲО

Олими шиъа Неъматуллои Ҷазоирӣ дар китобаш «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2, саҳ. 244 аз маншуроти Аъламӣ Бейрут) мегӯяд: «имомия (яъне шиаи дувоздаҳимомӣ) ошкоро дар бораи имомати ҳазрати Алӣ сухан гуфтаву ба он қоил шуда ва саҳобаро кофир диниста ва бо онҳо ба мухолифат бархоста ва имоматро ба Ҷаъфари Содиқ ва сипас ба фарзандони маъсумаш (ъ) интиқол додаанд. Ва муаллифи ин китоб аз ин фирқа аст ва ин фирқа, иншоаллоҳ, фирқаи наҷотёфта аст».

Ва алломаи шиъа Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ дар китобаш «Миръоту–л – уқул» (ҷилди 26, саҳ. 213) ривояти муртадшавии асҳобро ба гумони шиъа саҳеҳ диниста аст.

Қулайнӣ дар «Равза» аз Кофӣ, аз Абӯ Ҷаъфар ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: «он мардум баъд аз Паёмбар (с) иртидод ёфтанд,яъне кофир шуданд ба ҷуз се нафар». Гуфтам: «онҳо чӣ касоне ҳастанд?». Гуфт: «Миқдод ибни Асвад ва Абӯзари Ғифорӣ ва Салмони Форсӣ, ки раҳмату баракоти Худо бар онҳо бод». Ва Сайид Муртазо Муҳаммад Ҳусайни Наҷафӣ дар китобаш «Ҳафт нафар аз салаф» (саҳ. 7) гуфта аст «дар ҳақиқат Паёмбар (с) ба асҳобе гирифтор шуд, ки баъдан аз дин баргаштанд, магар теъдоди андаке». Ва олими шиъа Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар китобаш «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 1, б.1, саҳ.53) гуфта аст: «Абӯбакр дар пушти Паёмбар (с) намоз мехонд, дар ҳоле ки бут дар гарданаш овезон буд, ва саҷдааш барои он бут будааст».

Ва Зайналобиддини Наботӣ дар китобаш «Сироти мустақим» (ҷилди 3, саҳ. 129) гуфтааст «Умар ибни Хаттоб кофир буд, куфрашро пинҳон медошт ва исломашро зоҳир мекард».

Ва ҳамин аллома дар китобаш «Сироти мустақим» (ҷилди 3, саҳ. 161-162) ду фаслро боз карда, ки фасли

аввалро «Модари шароратҳо–Оиша умулмуъминин» ва фасли дуввумро «Фасл дар бораи хоҳараш Ҳафса» ном ниҳодааст. Ва дар ҳақиқат аллома Маҷлисӣ дар китоби «Миръоту-л-уқул» (ҷилди 25, саҳ. 151) дар тавзеҳи ривояти дарозе дар «Кофӣ» (ҷилди 8, ривояти шумораи 23) гуфтааст: «Дар ҳақиқат, Аллоҳ таъоло он золимон ва ҷабборонро дар беҳтарин ҳолаташон кушт….. ва Ҳомонро миронд ва Фиръавн-ро ҳалок кард». Маҷлисӣ гуфта «ин ривоят саҳеҳ аст ва Умар ва Фиръавнро ҳалок кард, яъне Абӯбакр ва эҳтимоли акс ҳам дорад» Ва далолат бар ин дорад, ки мурод он ду бадбахт ҳастанд».

Маҷлисӣ дар «Миръоту-л –уқул» (ҷилди 26, саҳ. 167) ривояти Қулайнӣ, ки онро дар «Равза» (саҳ. 187, ривояти 301) нақл карда, саҳеҳ додиста аст. Он ривоят аст: «аз Аҷлон, Абӯсолеҳ ривоят аст ки ӯ гуфт «ба Абӯабдулло ворид шудам ва ба ӯ гуфтам фидоят бишавам, ин қубаи одам аст?». Гуфт «оре, ва мазорҳо ва гунбадҳои зиёде барои Худо ҳаст. Огоҳ бошед ки дар пушти мағриби шумо сиюнуҳ мағриб вуҷуд дорад, ки сарзамини сафедранг асту пур аз халоиқ ва аз нури он талаби рушанӣ мекунанд. Онҳо ба андозаи як чашм бар ҳам задан ҳам нофармонии Аллоҳ накардаанд, ҳоли халқи одамро дониста бошанд ё надониста ҳамаи ин мардумон аз фалон ва фалон табарро(безорӣ) меҷӯянд». Ва Маҷлисӣ гуфта ин ривоят саҳеҳ аст. Ва фалон ва фалон яъне, Абӯбакр ва Умар.

Хумайнӣ дар китобаш «Кашфу-л – асрор» (саҳ. 126) мегӯяд: «Мо дар ин ҷо коре ба шайхайн надорем, ки то ҷиҳати мухолифати қур-онӣ дошта ва бо аҳкоми илоҳӣ бозӣ карда, ва аз сари худ ҳаром ва ҳалол карда, бар зидди Фотима- духтари Паёмбар ва бар зидди авлодаш зулм кардаанд. Аммо ба ҷаҳли он ду нисбат ба аҳкоми Худо ва дин ишора мекунем».

Ва дар саҳифаи 127 баъд аз он ки туҳмати ҷаҳлро ба онҳо мезанад, мегӯяд: «Чунин афроди ҷоҳилу золиму аҳмақ лаёқат надоранд, ки дар ҷойгоҳи имомат қарор

гиранд, ва дар зимн улуламр (раҳбар) бошанд». Ва боз дар саҳифаи 137 мегӯяд: «Воқеият инҷост, онҳо чунон ки бояд арзиши Паёмбарро надонистанд. Паёмбаре ки сахтиҳову мусибатҳои фаровонеро барои ҳидояту иршоди онҳо таҳаммул кард ва чашмҳояшро пӯшид ва суханони тавҳиномези ибни Хаттоброн, ки ҷӯшида аз аъмоли куфромез ва зиндиқонаи ӯ буд, бо дидаи иғмоз (чашмпӯшӣ) нигарист».

Айёшӣ дар тафсираш ва Кошонӣ дар «ас-Софӣ» ва Баҳронӣ дар «ал-Бурҳон» дар тафсири ин оят: **«Ва Муҳаммад фақат Паёмбар аст, пеш аз ӯ низ паёмбароне будаанд, ки даргузаштаанд, оё агар Муҳаммад бимирад ё кушта шавад, ба ойини гузашта боз мегардед?»** *(сураи «Оли Имрон», ояти 144)* гуфтанд: «Оиша ва Ҳафса ба Паёмбар (с) заҳр доданд ва ин буд ки ин оят нозил шуд».

Муҳаммаднабӣ Тусайрконӣ, ки дар назди шиъа мулаққаб ба умдатулуламо ва муҳаққиқин аст дар китобаш «Лаоли-л-ахбор» (мактабату-л- аллома, Қум, ҷилди 4, саҳ. 92) гуфтааст «бидон, ки бузургтарин ва бофазилаттарин ҷойгоҳу вақт ва ҳолат ва муносибтарини он барои лаън кардани онҳо (лаънат Худо бар онҳо бод) вақте аст, ки шумо дар ҳоҷатхона ҳастӣ, пас дар вақти ҳар тахлия ва поксозӣ, ки анҷом медиҳӣ, бигу «Худоё, лаънат кун Умарро, сипас Абӯбакр ва Умарро, сипас Усмон ва Умарро, сипас Муоъвия ва Умарро, сипас Умар ва ибни Зиёдро, ва Умар ва ибни Саъдро, ва Умар ва Шимрро, сипас Аскар ва Умарро. Худоё, лаънат кун Оиша ва Ҳафса ва Ҳинд ва Умми Ҳакамро ва лаънат кун касеро то рӯзи қиёмат, ки ба кирдору афъоли онҳо розӣ будааст!».

# ЛАЪНАТ КАРДАНИ СИДДИҚ ВА ФОРУҚ ВА ДИГАР ИМОМОНИ ДИН

Ва шайхи онҳо Тақуйиддини Иброҳим ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Солиҳи Омулӣ ки ба Кафъамӣ маъруф аст, дар китоби «ал-Мисбоҳ» (саҳ. 552-553, табъи дувум 1975, аз маншуроти муассисаи аълами матбуоти Бейрут. Лубнон ва табъи 1994, саҳ. 732) ва мулло Боқири Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (85/260-261) ва (82/260-261 табъи Дору эҳёи –т- туроси-л-арабӣ, Бейрут) ва Нурулло Ҳусайни Маръаши Тастарӣ мулаққаб ба сухангӯйи шиа дар «Эҳқоқи ҳақ» (1/337, маншуроти китобхонаи Оятуллои Мараъашӣ, Қум. Эрон) ин дуои муғризонаро ки ба Алӣ ибни Абитолиб нисбат медиҳанд, ривоят кардаанд: «Худоё, бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад дуруд бифирист. Ва ду бути қурайшӣ ва ду тоғути онро лаънат кун! Он ду нафаре , ки бо амр ва фармони Ту ба мухолифат бархостанд ва ваҳйи Туро инкор карданд ва неъматҳои Туро мункир шуданд ва паёмоваратро нофармонӣ карданд ва динатро вожгун сохта ва китобатро дасткорӣ карданд ва душманони Туро дӯст доштанд ва неъматҳои Туро инкор намуданд ва аҳкоми Туро бекор карданд ва фароизи Туро ботил карданд ва дар иртибот бо оёти Ту илҳод карданд ва авлиёи Туро душманӣ карданд ва душманони Туро дӯстӣ карданд ва сарзаминҳои Туро фосид намуданд. Худоё, онҳоро лаънат кун ва низ пайравон ва дӯстдорон ва ошиқон ва ёрони онҳоро ҳам лаънат кун! Зеро он ду байти нубувватро хароб намуданду дарашро аз ҷояш баркандаанд ва сақфашро фурӯ резонданд ва осмонашро ба заминаш ва болояшро ба поёнаш ва зоҳирашро ба ботинаш расонданд, ва аҳли онро решакан сохтанд ва ёрони онро қатли ом карданд ва кӯдаконашонро куштанд ва минбарашро аз васияш ва вориси илмаш холӣ карданд, ва имомати ӯро инкор намуданд, ва нисбат ба

Парвардигорашон шарик қоил шуданд. Пас, гуноҳони онҳоро бузург кун ва онҳоро дар сақар (оташ) қарор деҳ ҷовидон. Ва ту чи медонӣ, ки сақар чист? (Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизе) –ро боқӣ намегузорад ва вонамениҳад. Худоё, ба теъдоди ҳамаи мункароте ки анҷом додаанд ва ҳамаи ҳаққе, ки пинҳон доштаанд ва ҳар минбаре ки аз он боло рафтаанд ва ҳар муъмине ки аз ӯ умед доштаанд ва ҳар мунофиқе ки бо ӯ дӯст будаанд ва ҳар валие, ки ӯро азият кардаанд ва ҳар рондашудае, ки ӯро паноҳ додаанд ва ҳар содиқе ки ӯро рондаанд ва ҳар кофире, ки ӯро ёрӣ кардаанд ва ҳар имоме, ки ӯро шикаст додаанд ва ҳар фарзе, ки тағйир додаанд ва ҳар асар ва ҳадисе, ки инкор кардаанд ва ҳар хуне, ки рехтаанд ва ҳар ривояте, ки онро тағйир додаанд ва ҳар куфре, ки онро барқарор сохтаанд ва ҳар ирсе, ки онро ғасб кардаанд ва ҳар файе,(ғанимате) ки онро қатъ кардаанд ва ҳар моли номашрӯъе, ки хӯрдаанд ва ҳар хайре (манъшудаеро), ки онро ҳалол донистаанд ва ҳар ботиле, ки онро пайрезӣ кардаанд ва ҳар ситаме, ки онро ишоъа ва густариш додаанд ва ҳар нифоқе, ки онро пинҳон сохтаанд ва ҳар хиёнате, ки онро махфӣ кардаанд ва ҳар зулме, ки хилофи он амал кардаанд ва ҳар ваъдае, ки хилофи он амал кардаанд ва ҳар амонате, ки масъули он будаанд ва ҳар аҳде, ки онро шикастанд ва ҳар ҳалоле, ки онро ҳаром кардаанд ва ҳар шикаме, ки онро шикофтанд ва ҳар ҷанине, ки онро сиқт кардаанд ва ҳар дандае,(қабурғае) ки онро кӯбидаанд ва ҳар сикае, ки онро парокандаанд ва ҳар ҷамъияте, ки онро аз байн бурдаанд ва ҳар азизе, ки онро залил кардаанд ва ҳар залиле, ки онро азиз кардаанд ва ҳар ҳаққе, ки онро манъ кардаанд ва ҳар дурӯғе, ки онро бофтаанд ва ҳар ҳукме, ки онро баръакс кардаанд ва ҳар имоме, ки ӯро мухолифат кардаанд, онҳоро лаънат кун!

Худоё, онҳоро ба теъдоди ҳар ояте, ки таҳриф кардаанд ва ҳар фаризае, ки онро тарк кардаанд ва ҳар сурате, ки онро тағйир додаанд ва ҳар одобу урфе, ки

онро манъ кардаанд ва ҳама аҳкоме ки онро таътил кардаанд ва ҳар байъате, ки онро шикастаанд ва ҳар шиквае, ки онро ботил сохтаанд ва ҳар далеле, ки онро инкор кардаанд ва ҳар ҳилае, ки онро ба вуҷуд овардаанд ва ҳар манъие, ки аз он гузаштаанд ва ҳар хазандае, ки онро ғалат надодаанд ва ҳар бидъате, ки ба он пойбанд шудаанд ва ҳар шаҳодате, ки онро қитмон сохтанд ва ҳар васияте ки онро табоҳ сохтаанд, онҳоро лаънат кун.

Худоё, онҳоро дар розгоҳ ва ошкоргоҳ лаънат кун лаънате фаровон ва бепоён бар тавре ки ҳамаи онҳоро фаро гирад ва ҳамаи ёрон ва дӯстдорон ва ошиқон ва таслимшудагони онҳо ва касоне ки ба сӯйи онҳо гироиш ёфта ва санги дифоъ аз онҳоро ба сина мезананд ва ба каломи онҳо иқтидо мекунанд ва аҳкому дастуроти онҳоро бовар мекунанд, машмули ин лаънат қарор бидеҳ![4]

Ҳол (чаҳор бор) бигӯ, Худоё, онҳоро ончунон азобе деҳ, ки аҳли оташ ба хотири он фарёдрасӣ кунанд! Омин ё рабал оламин).

---

[4] (Банда (мутарҷим) дар инҷо дар лаҳзаи аввал аз Аллоҳ таъоло ва сипас аз Паёмбараш ва сипас аз он асҳоби бузургвораш узр ва пӯзиш металабам, ки маҷбур шудам чунин ривоятҳои дурӯғинеро тарҷума кунам. Худоё, маро бубахш.)

## МАРОҶИЪИ (ОЯТУЛЛОҲОИ)БУЗУРГИ ШИА, КИ БА ИН ДУО ФАТВО МЕДИҲАНД

Ин дуо дар китоби тарҷумаи урду «Туҳфату-л-аввом», ки беҳад мақбул воқеъ шуда ва ҷадид аст, асари манзури Ҳусайн (саҳ. 422 ва пас аз он) ворид шуда ва вай хотирнишон карда, ки ин дуо мутобиқи футавои шаш тан аз марҷаъи бузурги шиъиён аст:

1). Муҳсини Ҳаким:
2). Абулқосими Хуӣ
3). Рӯҳулло Хумайнӣ
4). Маҳмуд Ҳусайни Шоҳрудӣ
5). Муҳаммад Козими Шариатмадорӣ.
6). Алома Алинақии Нақавӣ.

Ҳамчунин, ин дуо дар китобе таҳти унвони «Туҳмату-л-аввом муътабар ва мукаммал» (саҳ. 303 ворид шуда ва дар он омада, ки ин дуо мутобиқи фатвои нуҳ (9) тан аз мароҷиъи бузурги шиа аст:

1). Оятулло Абулқосими Хуӣ
2). Ҳусайни Буруҷардӣ
3). Муҳсини Ҳаким.
4). Абулҳасани Исфаҳонӣ
5). Муҳаммад Боқир, соҳиб қибла
6). Муҳаммад Мовӣ, соҳиб қибла
7). Зуҳур Ҳусайни Соҳиб
8). Муҳаммад Соҳиб қибла
9). Ҳусайн Соҳибқибла.

Алломаи муосири онҳо Оятулло узмам Сайид Шаҳобиддини Ҳусайни Марашӣ дар ҳошияаш бар «Иҳқоқи ҳақ» аз Нурулло Ҳусайни Марошӣ (1/337) гуфтааст: «Сипас, бидон ки ёрони мо шуруҳе бар ин дуо доштаанд, аз ҷумла шарҳи мазкур, ва аз ҷумла он аст китоби Зиёи Хофиқин , яъне аз уламои шогирди Фозил Қазвини соҳиби «Лисону-л-ҳассос» ва аз ҷумла он аст шарҳи «Машҳун билфавоид» аз мавло Исо ибни Алӣ

Ардабелӣ ва ӯ аз уламои замони сафавия будааст, ва ҳаммон инҳо ба сурати дастхат навишта шудаанд, ва дар кул метавон гуфт чун мароҷиъаи изом дар китобҳояшон ин дуоро зикр кардаанд, фатво додан ба ин дуо бештар ба дил мечаспад!».

Манзур аз ду бути қурайши Абӯбакр ва Умар ҳастанд. Баъд аз он ки ба шумо иттилоъ додем, ки дуои фавқ дар миёни шиаён ҷойгоҳи талақӣ ва қабуле дарёфт кардааст, бояд бидонӣ, ки мақсуди онҳо аз ду бути Қурайш ҳазрати Абӯбакр (р) ва Умар (р) мебошад.

Ва донишманд ва шайхи онҳо Абӯсаодат, Асъад ибни Абдуқоҳир бар асоси ончи ки дар «Мисбоҳ»-и Кафъамӣ (ҳошияи саҳ. 556) ва «Биҳору-л-анвор»-и Маҷлисӣ (85/263) ҳаст, гуфта: «Ва вожгун сохтани он ду динро, ишора ба чизе аст, ки аз дини Аллоҳ таъоло тағйир додаанд, монанди ин ки Умар мутаъаро ҳаром сохт ва ғайри инҳо аз он чи ки ин макон онҳоро бар наметобад».

Шайх ва муаррихи онҳо Муҳаммад Муҳсин машҳур ба оқобузурги Теҳронӣ, соҳиби китоби «аз -Зариъа илло тасонифи –ш-шиъа» (10/9 табъи Наҷаф) дар рисолаи «Зухру-л-оламайн фӣ шарҳи дуои-с-санамайн» гуфта: «яъне ду бути мазкури қурайшӣ (дар ҷилди 8, саҳ. 192), ки он ду бут Лот ва Уззо ҳастанд, мақсуд Абӯбакр ва Умар мебошанд».

Ва мулло Муҳаммад Муҳсин ибни Шоҳ Муртазо мулаққаб ба Файзи Кошонӣ дар «Қуррату-л –ъуйун» (саҳ. 326, табъи дуюм, с. 1979, Дорулкитоби Лубнон) гуфтааст: «Сипас шурӯъ карданд ба тағйир додани аҳкоми шаръ ва ба вуҷуд овардани бидъатҳо дар онҳо. Баъзе аз аҳкомро аз рӯйи ноогоҳии худ ва баъзеро бино ба аҳдофи аз пеш таъйиншудае ва баъзеро ҳам ба хотири алоқаи онҳо ба эҷоди бидъат тағйир додаанд….. ва дар ҳақиқат амиралмуъминин ба баъзе аз мункироти онҳо аст ва Абӯбакр ҳамвора мегуфт маро шайтоне аст ки ҳамвора маро дар менавардад». Пас, хотимаи муҷтаҳидони шиа

мулло Боқири Маҷлисӣ меояд, ва тибқи он чи ки шайхи онҳо Аҳмади Эҳсоӣ мулақаб ба Шайхи Авҳад дар шарҳи «Зиёрати ҷомеатул кабир» аз ӯ нақл карда мегӯяд: «Мурод аз ҷибт Абӯбакр буда ва аз Тоғут Умар ва шайтонҳои бани Умая ва бани Аббос ҳастанд ва ҳизби шайтон пайравони онҳо ва касоне ҳастанд ки аз ирси имомати шумо ғанимат ва фадак, хумс ва ғайра он…… нороҳат ва асабонӣ мебошанд».

Мулло Боқири Маҷлисӣ, ки дар назди онҳо ба Шайхулислом ҳам мулаққаб аст дар «Биҳору-л-анвор» (85/268) гуфта аст: «Сипас, мо суханро дар ҷойи он дар китоби финан басат додаем ва балки дар инҷо фақат ривоятеро зикр кардаем, ки Кафъамӣ ворид карда аст, то касе ки он дуъоро мехонад, баъзе аз зиштиҳо ва ҳабатҳои он дуро, ки лаънати Худо бар он ду ва бар дӯстдорони онҳо бод, ба ёд биёварад».

Ва дар инҷо нуқтае ҳаст ва он ин ки ҳамон Абдул Ҳусайни Шарафуддини Мӯсавӣ ки шайхи собоӣ дар манзилаш аз вай дидан кард, дар китобаш «ал-Маҷолису-л-фохира фӣ маотими-л-итрати-т- тоҳира» (саҳ. 31, табъи муасисаи «Вафо»-и Бейрут, с. 1400 ҳиҷрӣ) аз Ҷаъфари Содиқ (ки аз ӯ ва амсоли ӯ безор аст) ривоят карда, ки ӯ бар рӯи қабри ҷаддаш ( Ҳусайн) истод, онгоҳ гуфт: «Гувоҳӣ медиҳам, ки ту намози маро ба ҷо овардӣ ва закотро додӣ ва ба маъруфу некӣ амр кардӣ, ба Аллоҳ ва расулаш итаот кардӣ ва холисона Ӯро ибодат кардӣ ва дар роҳаш бо пушткор ва ихлосу иҳтисоб ҷиҳод кардӣ, то вақте ки марг суроғат омад. Пас, Худо лаънат кунад қавмеро ки туро куштанд ва лаънат кунад Худо ҷамоатеро ки бар ту зулм карданд ва лаънат кунад Худо умматеро ки ин (моҷаро)-ро шунид ва аз он хушнуд гашт».

**Эй бародари мусалмон!** Оё медонӣ, ки манзури ин гумроҳ кадомин уммат аст ва чӣ ашхосеро лаънат мекунад. Бар асоси эътиқодоти равофиз (шиъа) уммате, ки Ҳусайнро ба қатл расонда ва уммате, ки онро шунидаву аз

он хурсанд шуда, ҳамон аҳли суннат ва ҷамоат аст. Ва доктори онҳо Муҳаммад Тиҷонии Самовӣ дар китобаш «Шиа ҳамон аҳли сунат ҳастанд» (саҳ. 300) аз ин масъала розкушоӣ кардааст, онҷо ки мегӯяд «ва агар далели дигаре бихоҳем, танҳо бар мо лозим аст, ки дидгоҳи аҳли суннат ва ҷамоатро дар робита бо ёдвораи рӯзи ошуро мавриди таҷзия ва таҳлил қарор диҳем….. ё ин ки диққат кунем дар ин ки онҳо нисбат ба қотилони Ҳусайн мавзеъи хушнудона ва ризоятбахшона ва дар айни ҳол мададрасона иттихоз мекунанд. Ва бад-ин тартиб возеҳ аст, ки Абдул Ҳусайни Шарафуддин бо шайх Сибоъӣ, ки ба дидораш омадаву ӯро ба тақоруб фаро хондааст, аз дари тақия ворид шуда ва он рофизии паст бо алоқаву шавқи дурӯғини худ нисбат ба андешаи наздиксозӣ ва имону бовараш ба он (бо тақия) тазоҳур кардааст. Ва дар ботин муътақид ба ин аст ки Сибоъӣ аз умате аст, ки ба қатли Ҳусайн хушнуд шудааст. Ва сазову подоши он умат дар назди ӯ чизе ҷуз лаън ва нафрин нест. Бо вуҷуди он ки далеле бар зидди Абдул ҳусайн ва ривояте, ки онро ворид карда, бархоста аст, чароки Пайёмбар (с) шафоати худро барои муртакибини гуноҳони кабира аз умматаш ба ривояти худи шиа захира кардааст, шайхи онҳо Ибни Бобуяи Қумӣ дар «Уюну-л- ахбор» (ҷилди 1, саҳ. 136, табъи Теҳрон) ривоят карда, ки Расулуллоҳ (с) фармудааст: ***«Шафоати ман барои аҳли гуноҳони кабира аз умматам аст».*** Ва китоби Аллоҳ таъоло ба мо хабар медиҳад, ки: **«Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падид омадаед»** *(«Оли Имрон», 110).*

**« Ва инчунин шуморо уммате баргузида** (ва миёнарав) **қарор додем, то бар мардум гувоҳ бошед ва паёмбар низ бар шумо гувоҳ бошад»** *(Бақара», 143).*

Пас, бо ин ҳисоб, эй душмани Худо, чӣ гуна умматаш, уммати малъун хоҳад буд?! Сипас ҳазрати Ҳусайн дар асари хиёнати шиа ба ӯ кушта шуд ва ин ба ривояти худи онон аст, чунон ки мо онро дар фасли «Навосиб дар

назари шиа ҳамон аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд» (саҳ. 301-302), ки мегӯяд: «Аҳли суннат рӯзи ошуроро ҷашн мегиранд ва онро ба унвони ид қарор медиҳанд» ва ба онҳо дар робита бо фазилати ин рӯз ҷавоб ин аст, ки коре, ки аҳли суннат дар ин рӯз анҷом медиҳад, рӯза гирифтан аст. Мо ин суолро аз ту мепурсем: «Оё он рӯзе, ки Аллоҳ таъоло дар он гуноҳонро пок месозад, рӯзи ғаму андуҳ аст ё рузи шодӣ ва сурур?! Агар бигӯӣ он рӯз рӯзи андуҳ аст, дар ҳақиқат, худат худатро маҳкум кардаӣ. Ва агар бигӯӣ он рӯз рӯзи хушҳолӣ ва сурур аст, ин матлуб мавриди назар аст ва ин ҳамон рӯзи ошуро аст. Агар бигӯи далел бар он чист? Мегӯем далел бар он аҳодиси саҳеҳ аст, ки китобҳои муътамади шумо баъзе аз онҳоро ривоят кардаанд. Масалан, шайхи тоифаи шумо Абӯ Ҷаъфари Тусӣ аст, ки дар «Истибсор» (саҳ. 134, ҷилди 2) ва ин муҳаддис ва муҳаққиқи шумо Муҳаммад ибни Ҳасан Ҳури Омулӣ аст, ки дар «Васоили шиа» (ҷилди 7, саҳ.3) ривоятро дар бораи фазилати рӯзаи ин рӯз ривоят мекунанд.

Ривояти аввал аз Абӯабдулло аз падараш ривоят аст,ки Алӣ (ъ) гуфта аст «Ошуро рӯзи нуҳум ва даҳуми (моҳи Муҳаррам) – ро рӯза бигиред чаро, ки гуноҳони яксоларо пок месозад».

Ривояти дуюм аз Абулҳасан нақл аст, ки гуфтааст «Расулуллоҳ (с) рӯзи Ошуроро рӯза гирифта аст».

Ривояти сеюм аз Ҷаъфар аз падараш (ъ) нақл аст, ки ӯ гуфтааст «Рӯзаи ошуро каффораи гуноҳони як сола мебошад».

Ба ҳамин хотир аст, ки аҳли суннат аз ҷиҳати пайравӣ ба ҳидояти набавӣ рӯзи Ошуроро рӯза мегиранд. Дар ҳоле ки ту ва пайравонат ба шевану зорӣ бармехезӣ ва аслан таваҷҷуҳ ба ҳеҷ навъ (эҳсос) фармонпазирӣ нисбат ба ин фармудаи Паёмбар (с) надорӣ, ки мефармояд: ***«шеван ва навҳасароӣ аз амали ҷоҳилият аст».***

Ин ривояте аст, ки раиси муҳаддисини шумо

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобуяи Қуми Садуқ дар китоби «Фиқҳи ман лояҳзуруҳул фақиҳ» (ҷилди 2, саҳ. 271-272) истихроҷ кардааст. Ва дар ривояте аз алломаи шумо Маҷлисӣ дар «Биҳору-л-анвор» (82-103) омадааст: «Шеван ва навҳасаройӣ амали ҷоҳилият аст».

Пас, нӯши ҷонат ин аъмоли ҷоҳилиятмаобона!!!

Ва муборак бод бар аҳли сунат ва ҷамоат рӯзаи рӯзе, ки Аллоҳ таъоло дар он тибқи худи ривоятҳои шумо гуноҳони яксоларо пок месозад.

Лозим аст, ки таваҷҷуҳи хонандаи гиромиро ба ин масъала ҷалб кунем, ки мавзӯъи ин рисола иборат аст аз розкушоӣ аз ҳақиқати мазҳаби ташайюъ ва дидгоҳи онҳо дар баробари аҳли суннат, на посух додан ба ботил ва пайравонаш, чаро ки мо китоби дигареро ба ин масъала ихтисос додаем, ки бештар аз 500 саҳифа аст. Аз Аллоҳ таъоло мехоҳем, ки ба василаи он мусалмононро фоида расонад ва онро маҳзи ризои Худ қарор диҳад.

# ХУШҲОЛИИ ШИА БА ХОТИРИ ШАҲОДАТИ ҲАЗРАТИ УМАР (Р) ВА ҶАШН ГИРИФТАНИ РӮЗИ ШАҲОДАТИ ЭШОН

Шиаи дувоздаҳимомӣ ба хотири кушта шудани ҳазрати Умар ибрози хушҳолӣ ва сурур карда, рӯзи кушта шудани вайро ба унвони иди худ бармешуморанд. Балки гумон бурдаанд, ки рӯзи куштани вай рухсате аз тарафи Аллоҳтаъоло аст, ки (дар он рӯз) чизе аз гуноҳони шиаро бар эшон наменависанд. Ва шиа бар ин рӯз номҳои зиёде гузошта аст аз қабили рӯзи истироҳат, рӯзи баракат, рӯзи хушҳолии шиа ва…

Ин мавридро алломаи онҳо Маҷлисӣ дар «Баҳору-л – анвор» (ҷилди 95, саҳ. 351 – 355) ривоят карда аст. Ва низ Неъматуллои Ҷазоирӣ дар «Анвору-н -нуъмония» (ҷилди 1, саҳ. 108-111) таҳти унвони «Нури осмонӣ» аз савоби кушта шудани Умар ибни Хаттоб пардадарӣ мекунад. Ва аз ҷумлаи мавориде, ки далолат мекунад бар ин ки шиа ба ин навъ ривоятҳо имон доранд, ин аст, ки соҳиби китоби «Иқду-д-дурар фӣ бақри батни Умар»[1] (саҳ 6, таҳти шумораи 2003) фасле таҳти ин унвон боз карда: «Ал фаслу робиъ фи васфи ҳоли-с-сурур ҳозалявм алаляқин ва ҳува тамому фараҳи-ш-шиаъти-л-мухлисин» сипас вай сурурҳоеро, ки дар ин рӯз гуфта мешаванд, зикр карда ва бо гуфтаи худ онҳоро чунин тавсиф карда: «Онҳо калимоти кӯтоҳу соф ва холисе ҳастанд ва вожаҳое шавқангез ва он ин аст ва қисмате ки хуршеди иқбол ва шонс аз матлаъҳои орзуҳо тулуъ кард, насими висол ба иттисол дар бомдод ва ғурубгоҳ вазидан гирифт, он ҳам бо кушта шудани касе, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон надорад (яъне) Умар ибни Хаттоби фоҷир, ки бандагонро фиреб дод ва дар Замин фасод падид овард, то рӯзи ҳашр

[1] Ин рисола ба сурати дастхат мактуб шуда ва ҳанӯз чоп нашуда ва ҳамакнун дар мактабаи Ризо Ромбу дар Ҳинд мавҷуд аст.

ва ҷудоӣ, қадаҳҳои хушҳолӣ лабрез шуд аз бода (шароб) омехта ба мушки хушҳолӣ ва ба оби софи шодкомӣ…». Сипас ба дунболи ин ҷумлаҳо ашъори дарози зеринро, ки дар васфи хушҳолии онҳо ба хотири кушта шудани ҳазрати Умар (р) гуфта шуда (саҳ. 9 - 11) зикр кардааст:

«Имрӯз мурд он касе, ки пуштибони ман буд бар бидъатҳо ва шоҳкорҳои куфромез ва шароратхоҳ!

Имрӯз ҷамоати ситампеша мурд ва пушти камари гумроҳӣ пеш рафт.

Имрӯз устодам дар заминаи нифоқ мурд.

Аз рӯзе, ки бар ӯ ифтихор мешуд.

Вой бар ӯ, вой бар ӯ!

Баъд аз ӯ дигар чӣ марде найранг ва ҳилла ҳал ва фасл кунад! Афъол ва аъмоли вайро басе меписандем.

Ӯ ҳар кори мункире ки анҷом медод, онҳоро бо ниҳояту қабоҳат мерасонд!

Дар заминаи куфр аҷоиб ва шигифтиҳоеро зоҳир кард, ки аз миёни шайтонҳо фақат барои соҳибназаронт қобили фаҳм буд!

Фирӯз кафан аз дасти ту шал -нашуд дар воқеъ ғундарро куштӣ ва ба пирӯзӣ даст ёфтӣ ва ба хотири он офарин бод гирифтӣ! Бо шамшери махкам шиками душмани Аллоҳро аз ҳам даридӣ, касе ки аз ӯ бидъатҳо ва шоҳкорҳои (аҷибе) сар зада буд. Касе, ки бо ситамгарӣ танноварӣ ва бадхуӣ шинохта шуда маъруф ва фурумоя аст!

Модараш ҳам бадаҳкор буда, фоқиди арзиш аст. Дар куштани он гумроҳ ва касе ки Паёмбар (с) ва аҳлу байташро азият намуд, ба ганҷе даст ёфтӣ! Кушти аввалин касеро, ки мухолифат бо аҳлу байти паёмбарро дар тули айём ва рӯзгорон пайрезӣ кард! Ту Фиръавни аҳлу байтро куштӣ, ҳамон касе ки густохона боиси ба таъхир афтодани (вилоят) он тавоно шуд. Он Наъсалро куштӣ. Касе ки унвони фисқ ва гусолаи гумроҳе маҳсуб мешуд. Касеро куштӣ, ки ки бо Ҳайдари каррор ба лаҷоҷат ва хусумат

бархост ва куфрро дар пайдо ва ниҳон амалӣ кард. Он ид ид нест, аммо рӯзи куштанаш ид аст,ки ба хотири он рӯҳи мо ба симоҳо ва чеҳраҳо бозгаштанд! Ғайр аз Абӯбакр ва Умар касе санги бинои ситам ва таҷовуз ва зулмро бино нанизод!!

Онҳо ба манзалаи ҷубт ва тоғут ҳастанд, ки бештари мардуми хубу некӯкори шаҳрҳо ва рустоҳоро фиреб доданд. Ҳар ду бо ҳам гумроҳ шуданд ва мардумро ҳам гумроҳ карданд вой бар онҳо, ки фардо ба зудӣ дар ҳангоми ҳашр дар сақар ( табақае аз Ҷаҳаннам) афканда хоҳанд шуд ва сеюм нафари онҳо (Усмон) дар заминаи тақво (ба истилоҳ) шигифтиҳо аз худ нишон дод ва дар байни некӯкорон бадтарини корҳоро пиёда кард! Ман аз кори ин се нафар, ки ба номи Ислом карданд, ба Худо паноҳ металабам. Ва то рӯзи қиёмат ҳам корҳои онҳо дида хоҳад шуд!

Аз Худо мехоҳам,ки он ду лаънатиро ба чашмҳои худ бубинам, ки чуноне Паёмбар гуфтааст, баъд аз дафнашон қабрашон шикофта шавад ва дар назди мардум қотиъона расво шаванд, ва дар рӯи ду чӯб ба дор овехта шаванд ва қотеъона бидуни ҳеҷ инкоре сӯзонда шаванд».

# 14
# ТАЪНА ЗАДАНИ ШИАЁН БА ИМОМҲОИ ЧОРГОНАИ АҲЛИ СУННАТ

Вақте ки шиъа зоҳиран эҳтиром ва муҳаббат худро нисбат ба аимаи чоргонаи аҳли суннат– Абӯҳанифа, Шофеӣ, Моликӣ ва Аҳмад ибни Ҳанбал иброз медоранд, воқеӣ нест ва сирф аз боби тақия аст.

Шахси мавриди эътимоди онон дар Ислом Кулайнӣ дар «Кофӣ» (1/58 теҳрон ) аз Симоа ибни Меҳрон ва ӯ ҳам аз имоми маъсумашон (имоми ҳафтум) Ҳасани Мӯсо ривоят карда, ки ӯ гуфта аст «агар назди шумо омад, он чики медонед, онро таъйид кунед ва агар он чиро ки намедонед, ба суроғи шумо омад (нигаҳбони даҳонатон бошед)». Сипас гуфт: «Худо лаънат кунад Абӯҳанифаро ки мегуфт "Алӣ гуфт ва ман мегӯям ва саҳоба гуфтанд" ва ҳамчунин муҳаддиси онҳо Ҳури Омилӣ дар «Васоили шиъа» (18/23, табъи Бейрут) ин ривоятро зикр кардааст.

Ва ҳамчунин раиси онҳо дар илми ҷарҳ ва таъдил ва Муҳаммад ибни Умари Кошӣ дар китобаш «Ихтиёру маърифати-р-риҷол ал-маъруф би риҷоли Кишӣ» (саҳ. 149, табъи Машҳад, Эрон) аз Ҳорун ибни Хориҷа ривоят карда, ки ӯ гуфтааст дар бораи ояти **Касоне ки имон оварданд ва имонашонро ба ширк наёмехтанд"** *(сураи «Анъом», ояти 82)* аз ӯ суол кардам, гуфт «ин ҳамон чизе аст ки Абӯҳанифа ва Зурора онро воҷиб сохтаанд». Ва дар ривояте ки аз Абӯбасир аз Абӯабдуллоҳ ривоят аст ки ӯ гуфтааст гуфтам «**Касоне ки имон оварданд ва имонашонро ба ширк наёмехтанд»,** гуфт «Худо ман ва туро аз ин зулм паноҳ диҳад!». Гуфтам : «Он чист?». Гуфт: «Ба Худо, он чизе аст ки Зурора ва Абӯҳанифа ба вуҷуд овардаанд ва ин танҳо як мисол аст». Гуфтам: «Оё зино ҳам таҳти шуъои он қарор мегирад?!». Гуфт: «Зино гуноҳ аст ( ва бо ширк тафовут дорад)» (Риҷоли Кишӣ, саҳ. 146 ).

Ва дар «Риҷоли Кишӣ» (саҳ 145) аз Абӯбасир нақл аст

ки ба Абӯабдуллоҳ гуфтам **«касоне ки имон оварданд ва имонашонро ба ширк наёмехтанд»** *(«Анъом», 82),* гуфт «Худо ту ва маро аз он зулм паноҳ диҳад, эй Абӯбасир! Он зулм чизе аст ки Абӯҳанифа ва ёронаш ва Зарора ва ёронаш бад-он тамоил ёфтаанд».

Ва дар ҳамон китоб (саҳ 187) ва дар китоби "Маҷма-у-риҷол"-и Қаҳбоӣ (6/4, чопи Исфаҳон) аз Абӯҳанифа нақл аст ки ӯ ба Маъмуни Тоқ гуфт (Дар ҳоле ки Ҷаъфар ибни Муҳаммад фавт карда буд): «Эй абӯ Ҷаъфар имомат мурдааст!». Абӯ Ҷаъфар гуфт: «Аммо имоми ту то рӯзи қиёмат аз муҳлатдодашудагон аст» ( яъне шайтон аст).

Шиа ривоят кардаанд, чунон ки дар китоби «Риҷоли Кишӣ» (саҳ. 190) аст, ки Ҷобири Ҷаъфӣ як рӯз бар Абӯҳанифа ворид шуд, онгоҳ Абӯҳанифа ба ӯ гуфт: «Чизе аз шумо -ҷамоати шиа шунидаам». Ӯ гуфт: «Он чиз чист?!». Гуфт ба ман хабар расида, ки вақте як нафар аз шумо ҳам бимирад, дасти чапашро мешиканед барои он ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шавад». Ӯ гуфт: «Эй Нуъмон, бар мо дуруғ гуфтаанд. Аммо дар бораи шумо эй ҷамоати мурҷиа ба ман хабар расида ки агар яке аз шумо бимирад, зарбае ба мақъадаш мезанед ва кузае аз об дар он мерезед, то дар рӯзи қиёмат ташна нашавад». Он гоҳ Абӯҳанифа гуфт: «Ҳам бар мо ва ҳам бар шумо дуруғ гуфтаанд!».

Ва шайхи онҳо Муҳаммад Ризо Разавӣ дар китобаш «Бар шиа дуруғ гуфтаанд» (саҳ. 135, табъи Эрон) гуфтааст: «Худо туро зишт гардонад Абӯҳанифа! Чӣ гуна гумон мебарӣ ки намоз аз дини Аллоҳ нест?!».

Ва ҳамин оқо дар ҳамон китоб (саҳ. 279) мегӯяд: «Ва агар мудаъиёни исломхоҳӣ ва суннатхоҳӣ аҳлу байтро дӯст медоштанд, ба яқин аз онҳо пайравӣ мекарданд.Ва аз афроди мунҳарифи суннӣ ҳамчун Абуҳанифа, Шофеӣ, Моликӣ ва Ибни Ҳанбал аҳкоми динашонро бар намегирифтанд.

Ва Сайид Неъматуллои Ҷазоирӣ дар китобаш

"Достони паёмбарон" (саҳ. 347, табъи ҳаштуми Бейрут) мегӯяд: «Ман мегӯям ин масъала дар иртибот бо шууни фаровоне пардадорӣ мекунад, аз ҷумла бутлони ибодати мухолифон, зеро гарчи онҳо рӯза гирифтаанд ва намоз хондаанд ва ҳаҷ кардаанд ва закот додаанд ва ибодат ва тоати зиёдеро анҷом додаанд ва ҳатто бар дигарон ҳам пешӣ ҷустаанд, аммо аз даре ки Аллоҳ таъоло дастур ба ворид шудан аз он додааст, ворид нашудаанд...ва мазоҳиби чоргонаро ба сони воситаҳо ва дарвозаҳое миёни худ ва Парвардигорашон қарор додаанд. Ва аҳкоми худро аз онҳо гирифтаанд ва дар ҳоле ки онҳо он аҳкомро аз қиёсҳо ва истинбот ва оро ва иҷтиҳодоте ки Аллоҳ таъоло аз ахз кардани аҳком аз онҳо наҳй карда ва гаравидагон ба онро мавриди таън қарор додааст, бар гирифтаанд».

**Ман мегӯям** ин ҳамон чизе аст, ки аз наҳи қалб ба он муътақид ҳастанд ва наслҳои худро бар асоси он парвариш медиҳанд. Пас, шайхи онҳо дуктур Тиҷонӣ меояд ва шуста ва рафта аз адовати нуҳуфтаи шиа бар зидди суниҳо сухан боз мекушояд ва онҳоро ба унвони навосиб муаррифӣ мекунад. Вай дар китобаш «Сипас ҳидоят шудам» (саҳ. 127, табъи муассисаи «Фикр»-и Бейрути Лубнон) мегӯяд: «Басо ки мазоҳиби чаҳоргона дар онҳо ихтилофи фаровоне вуҷуд дорад. Дар натиҷа наметавон гуфт ки онҳо аз тарафи Худо ва аз тарафи паёмбар (с) ҳастанд».

Ва ҷолиб он ки маҷмааи илмии шиаи Ҳинд ин китобро ба чанд забон чоп кардааст ва худи оқои Тиҷонӣ дар китобаш «Фасъалу – аҳла-з-зикр» (саҳ. 11, чопи аввал Бейрут, с. 1992 ) ба ин масъала ишора карда аст. Ва дар саҳифаи 84-и китобаш «Шиа ҳамон аҳли сунат ҳастанд» мегӯяд: «Чӣ гуна тааҷҷуб накунем аз касоне ки гумон мебаранд аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд, дар ҳоле ки ҷамоатҳое ҳастанд моликӣ, ҳанафӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ, ки бо якдигар дар аҳкоми фиқҳӣ ихтилоф доранд». Ва дар

саҳифаи 104-и ҳамон китоб мегуяд: " Ва бад-ин тартиб мефаҳмем, ки чи гуна он мазоҳибе ки қудратҳои ҳокима онҳоро ба вуҷуд овардаанд ва онҳоро мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоат номиданд, интишор ёфтанд". Ва дар саҳифаи 109 мегӯяд: «Ончи, ки дар ин баҳс барои мо муҳим аст, ин аст ки бо далоили равшан баён кунем, ки мазоҳиби арбааи аҳли суннат ва ҷамоат ҳамон мазоҳибе ҳастанд, ки сиёсат (ва ҳукумат) онҳоро падид овардааст». Ва дар саҳифаи 88 мегӯяд: " Пас, ин Абӯҳанифа аст ...мебинем, ки мазоҳибе ба вуҷуд овард, ки бар асоси қиёс ва амал ба раъй дар муқобили нусус равшану устувор аст...ва ин Шофеӣ аст... ва ин Аҳмад ибни Ҳанбал аст." Ва дар саҳифаи 93 мегӯяд: «Бад-ин сон мебинем ки сабаби иншори мазҳаби Абӯҳанифа баъд аз маргаш ин аст, ки Абӯюсуф ва Шайбонӣ ки аз пайравони Абӯҳанифа ва аз мухлистарин шогирдони ӯ буданд, дар айни ҳол аз наздиктарин афрод ба Ҳорунаррашид, халифаи Аббосӣ, буданд. Онҳо нақши босазое дар раванди тасбияти фармонравоияш ва таъйид кардани вай ва ёрӣ додани вай доштаанд. Ба ҳамин хотир, он Ҳоруни ҳавасрон, ҷуз бо мувофиқати он ду, касеро уҳдадори мансаби қазоват ва фатво намекард. Дар натиҷа Абӯҳанифа ба бузургтарин уламо табдил гашт ва мазҳабаш ба бузургтарин мазоҳиби фиқҳӣ мавриди пайравӣ қарор гирифта мубаддал шуд ба рағми ин ки уламои ҳамдаврааш ӯро кофир дониста ва ӯро ба унвони зиндиқ маҳсуб кардаанд». Ва дар саҳифаи 125 мегӯяд: «Ва бо ҳамаи инҳо бори дигар барои мо, бо далоили возеҳ ва инкорнопазир равшан мешавад, ки шиаи имомия танҳо аҳли суннати ҳақиқии набавӣ ҳастанд!! Ва аҳли суннат ва ҷамоат аз раҳбарон ва бузургони худ итоат кардаанд, дар натиҷа роҳро гум карда, дар торикиҳо танҳо боқӣ монда ва кӯркӯрона қадам бар медоранд ва тавассути он раҳбарон дар дарёи куфри неҳматҳо ғарқ шуда ва дасти охир дар водии туғён тавассути онҳо ҳалок шудаанд!!». Ва дар саҳифаи 167 мегӯяд: «Ба ӯ мегӯем, ки

ҳамаи гурӯҳҳои аҳли суннат ва ҷамоат ва пешвоёни онҳо ба суннати сареҳи набавӣ ба мухолифат бархоста, онро дар пушти сари худ андохтаанд ва довталабона ва ба таври умда онро во ниҳодаанд». Ва дар саҳифаи 287 ҷаноби Тиҷонӣ ба аҳли суннат туҳмат зада, гуфтааст ки онҳо бо бештари қисмати суннатҳои набавӣ ба мухолифат бархостаанд». Балки ҳаминоқо дучори ташанҷ шуда ва гумон бурда, ки аҳли суннат бо таълимоти Ислом мухолифат кардаанд! Бино бар ин, даъват кардан ба наздик шудан бо аҳли суннат чӣ маъное метавонад дошта бошад, дар ҳоле ки онҳо чунин нигоҳи хашмона ба мо доранд?!

**Ва ман мегӯям** пас чаро уламои онҳо аз бисёре аз сарзаминҳои исломӣ дидан мекунанд, ки худи ҳамин Тиҷонӣ яке аз онҳост?!

Ҷавоб: Ин ҳамон тақияе аст, ки дар фасли ҷудогона аз ин китоб аз он огоҳ шудӣ, чи аз варои он мехоҳанд мазҳаби худро интишор диҳанд!

Ҳамин Тиҷонӣ, ки шуморо аз беадабӣ ва бешармӣ ва вақоҳоти вай нисбат ба уламоҳои Ислом огоҳ кардем, мебинем, ки ҳамчун офтобпараст ранг иваз мекунад, вақте аз Бомбайи Ҳинд дидан ба амал овард**,** уламои аҳли суннати Аботил ва ёвагуйии аҳли ташайюъро ба рухаш кашиданд ва (дар ин бора аз ӯ тавзеҳ хостанд) ӯ ҳам ба онҳо гӯш дод дар ҳоле ки ба онҳо мегуфт: «Битарсед аз Худо, эй бародаронам, чаро ки Худои мо ва паёмбари мо ва қиблаи мо якест, чунон ки худи вай дар китобаш «Фасъалу-аҳла-з-зикр» (саҳ. 12) ба ин мавзӯъ изъон кардааст.

**Мегӯям** чӣ гуна инон бародари ҷаноби Тиҷонӣ хоҳанд шуд, дар ҳоле ки ӯ ҳар чи ки тавонист дар бораи онҳо гуфтааст?! Оре, ин чизе ҷуз макр ва ҳилла ва буғз ва заранге нест! Пас, ба номае ки онро хитоб ба шайх Абулҳасани Надавӣ навишта ва онро дар китобаш «Фасъалу-аҳла-з-зикра» (саҳ. 14) дарҷ кардааст: "Шуморо

ба нишасти мухлисона ва ошкоро фаро мехонам, чаро ки шумо аз касоне ҳастед, ки Аллоҳ таъоло масъулиятро ба уҳдаи онон гузошта, модоме ки шумо дар он минтақа бо номи Ислом суҳбат мекунед".

**Мегӯем** чӣ гуна Аллоҳ масъулияти (даъват)-ро ба уҳдаи Надавӣ мегузорад. дар ҳоле ки вай дар назари Тиҷонӣ носибӣ аст, ки ба мазҳабе гаравида ки сиёсат он мазҳабро ба вуҷуд оварда аст. Ва ӯ аз ҷумлаи касоне аст, ки аз раҳбаронаш ва бузургонаш итоат карда ва дар натиҷа онҳо роҳро ба ӯ гум кардаанд, бино ба ҳадди суханиоқои Тиҷонӣ?! Пас, ин даъватҳои дурудароз ҷиҳати иттиҳоди аҳли суннат ва аҳли ташаюъ, ки онҳо аз он дам мезананд , чӣ маъное дорад?!

Ҷавоб: Маъное ҷуз интишор додани мазҳаби ташаюъ дар миёни аввоми аҳли суннат надорад. Чунон ки дар фасли ҳадафи онҳо аз фарохонӣ ба суи наздиксозӣ аз ин китоб аз он огоҳ хоҳем шуд. Ин ҳадаф танҳо замоне ҷомаи таҳаққуқ пайдо мекунад, ки навиштаҳо ва мабоҳисе, ки аз эътиқодоти ботили шиа пардадорӣ мекунад**,** мутавақиф шавад. Ба ҳамин хотир, вақте ки китобе дар ин замина ҳувайдо мегардад, яъне нақшаи шиаёнро рӯйи об меандозад, мебинем,ки шадидан онро инкор карда мегӯянд «ин ҷур китобҳо ва ин ҷур масоил ба ваҳдати мусалмонон латма мезанад ва онҳоро аз ҳам ҷудо менамояд». Аммо ин ки онҳо меоянд ва ба беҳтаринҳои умати исломӣ таъна мезананд, ва ҳатто Қуръонро ҳам зери суол мебаранд, ва дар муътақидоти аҳли суннат шубҳапарканӣ мекунанд ва аз фақру ҷаҳолатӣ афроди заиф ва нодони аҳли суннат сӯйистифода карда, онҳоро вориди мазҳаби аҳли ташаюъ менамоянд; дар назари ин тоифаи имомия ваҳдати мусалмононро таҳдид намекунад ва суфуфи мусалмононро пароканда намесозад ва сухани Тиҷонӣ аз мо дур нест!!

# 15
# АЗҲАДРАВИИ ЗИЁД ДАР МАВРИДИ ИМОМОН ДАР НАЗДИ ШИА

## АВВАЛ: ТАФЗИЛ ДОДАНИ АИМАИ ДУВОЗДАҲГОНА БАР ҲАМАИ ПАЁМБАРОН (Ъ).

Шиаён, он чунон ки мо – суниҳо ба аҳлу байт нигоҳ мекунем, ба онҳо нигоҳ намекунанд. Пас, аҳлу байт, ки онҳо мардумро ба пайравӣ кардан аз онҳо фаро мехонанд, ҳамон дувоздаҳ имом ҳастанд, зеро онҳоро ҳатто бар паёмбарон ҳам тафзил медиҳанд! Бале онҳоро бар паёмбарон (а) ҳам тафзил ва бартарӣ медиҳанд!!

Яке аз машоихи онҳо ки ҳамон сайид амир Муҳаммад Козими Қазванӣ аст, дар китобаш «Шиа аз назари ақоид ва аҳкомашон» (саҳ. 73, табъи дувум) мегӯяд: "Аимаи аҳли байт (ъ) аз анбиё ҳам бартар ҳастанд".

Ва Оятулло Сайид Абдулҳусайни Дастғайб, ки яке аз ҳамдастони Хумайнӣ аст дар китобаш «ал-Яқин» (саҳ. 46, табъи Доруттаъорифи Бейрут, Лубнон, с. 1989) мегӯяд: "Аимаи дувоздаҳгонаи мо аз ҳамаи паёмбарон ба истиснои хотами паёмбарон (с) бартар ҳастанд ва шояд яке аз иллатҳои ин амр ин аст, ки яқин ва бовари онҳо бештар аст!!"

Ва назири он ду Хумайнӣ аст, ки дар китобаш «Ҳукумати Исломӣ», (саҳ. 52 маншуроти мактаби исломии Кубро) чунин назаре дорад ва муътақид аст, ки онҳо дорои он чунон мақоме ҳастанд, ки ҳатто фариштагони муқарраб ва паёмбарони мурсал ҳам ба он намерасанд! Ва чандин нависанда ва муфаккири аҳли суннат иборати вайро нақл кардаанд. Ва қабл аз инҳо шайхи шиаҳо Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн Қумӣ, ки дар назди онҳо ба Судуқ мулаққаб аст, дар китоби «Уюну ахбори Ризо» ва шайхи онҳо Муҳаммад ибни Ҳасан Ҳури Омулӣ дар китоби «ал-фусулу-л- муҳимма» чунин назар

додааст. Ва ин худ иборати Хумайнӣ аст: «Мақоми мавриди ситоиш ва мартабаи баланд ва хилофати таквинӣ ба имом ихтисос дорад, ки ҳамаи зарроти ҳастӣ дар баробари вилоят ва қудрат ва сайтараи ӯ сари таслим фуруд меоваранд. Ва яке аз заруратҳои мазҳаби мо ин аст ки аимаи мо дорои мақоме ҳастанд, ки ҳеҷ фариштаи муқаррабе ва ҳеҷ паёмбари мурсале бад-он намерасанд».

Ва Неъматуллои Ҷазоирӣ дар «Анвору-л-нуъмония» (саҳ. 20-21, ҷилди 1) дар ҳоле ки ба баёни бартарӣ миёни анбиё ва аима мепардозад, мегӯяд: «Бидон, ки ҳеҷ ихтилофе дар ин нест ки Паёмбари мо (с) ба далели ахбори мутавотир бар аима бартарӣ дорад. Вале ихтилоф дар ин аст ки оё амиралмуъминин ва оилаи тоҳир (ъ) оё бар анбиё бартарӣ доранд ё не?! Гурӯҳе гуфтаанд онҳо аз боқии паёмбарон ба истисноии паёмбарони улулазм бартар ҳастанд. Баъзе дигар қоил ба мусовоти байни онҳо ҳастанд. Ва аксари муаррихин бар ин эътиқод ҳастанд, ки аима бар паёмбарони улулазм ва ғайри онҳо бартарӣ доранд ва албатта, ки савоб ҳам ҳамин аст».

Ва ҳамчунин охирин муҷтаҳиди шиъа дар назди онҳо Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ дар китобаш «Миръоту-л-укул» (ҷилди 2, саҳ. 290) дар боби «Фарқ байни расул ва набӣ ва муҳаддис» гуфта ки астонҳо (яъне аима) аз ҳамаи паёмбарон ба истисноиi паёмбари мо ки дуруду саломи Худо бар ӯ бод, бартар ва бузургтар ҳастанд!

Ва ҳам акнун дар муқобили ман китоби «Сироталмустақим ило мусҳиқи такдим» ҳаст. Ин китоб таълифи аллома ва сухангӯ ва шайхи онҳо Зайналобиддин абӣ Муҳаммад Алӣ ибни Юнус Омил Наботи Байёзӣ аст, ки Муҳаммад Боқири Беҳбудӣ онро тасҳеҳ карда ва бар он ҳошия навишта аст. Ва қабл аз он ки шумо хонандаи азизро аз муҳтавиёти пучу ботили он огоҳ созем, ситоишу санои яке аз оятуллоҳои шиаи кунунӣ, яъне Оятулло Абулмаъоли Шаҳобиддин Ҳусайни Маръаши Наҷафиро бар Наботӣ дар қолаби як биографӣ ки онро (риёзул-

афоҳӣ фи тарҷиматил алломати-л-Баёзӣ) ном ниҳода аст ва ҳамчун муқаддимае бар китобе аст, барои шумо нақл мекунам.

Маръашӣ мегӯяд «аз ҷумла беҳтарин чизҳое ки дар ин замина дидаам, ба тавре ки мебоистӣ онро дар шумори аввал васфи муқаддам ҳисоб кунем, китоби «Сиротал мустақим илло мустаҳиқи тақдим»-и аломаи муҳаққиқ ва сухангӯ ва нависанда ҷаноби шайх Зайналобиддин абӯ Муҳаммад Алӣ ибни Юнус Омили Наботи Баёзӣ аст, ки Худо фирехтагиашро хуҷаста бидорад ва муфтахарсозии ӯро фаровон созад!... Ва ба ҷони худам савганд, ки он китоб дар мавзӯи худаш аҷиб аст ва аллома соҳиби «Равзот» гуфтааст «баъд аз китоби Шофеъӣ аз сайидамон Муртаззо аламал ҳудо назири онро надидам». Балки бино ба чандин далел онро бар он тарҷеҳ дода аст.

**Мегӯям** баъзе аз бародарони мо ки нисбат ба шиаён нармиш ба харҷ медиҳанд. вақте ки гуфта мешавад,ки шиаён (равофиз) дурӯғтарин гурӯҳҳое ҳастанд, ки ба Ислом нисбат дода шудаанд, асабонӣ мешаванд. Зайналобиддини Баёзӣ дар китобаш «Сироталмустақим» (ҷилди 1- 20, табъи аввал, мактабаи Ҳайдария, интишорёфта аз тарафи мактаби Муртазавия эҳёи осори Ҷаъфария ) мегӯяд Имом Молик ибни Анас ривоятҳои фаровонеро дар бораи фазоили ҳазрати Алӣ нақл кардааст. Ва ӯ ҳазрати Алиро бар паёмбарон ҳам тафзил ва бартарӣ медод».

Пас, оё эй бандагони Худо, Молик ибни Анас Алиро бар паёмбарони улулазм бартарӣ медод?!!

Пас, бартарӣ додани Алӣ бар паёмбарони улулазмро тавассути бештари шайхҳои худашон зикр мекунад ва мегӯяд чун раёсати Алӣ умумӣ буд ва ҳамаи аҳли дунё аз хилофаташон мунтафиъ мегарданд, пас аксари шуюхи мо ӯро бар паёмбари улалазм тафзил медиҳанд.

Пас, оё ҳамаи аҳли дунё аз хилофати Алӣ (р) мунтафиъ гардидааст?!! Шиаён муттафиқанд бар ин ки аима аз

анбиё ба истиснои улул азм бартар ҳастанд. Албатта, теъдоде аз равофиз онҳоро ҳатто бар анбиёи улулазм ҳам тафзил медиҳанд ва иддае ҳам паёмбарони улулазмро бар онҳо бартарӣ медиҳанд. Ва аммо ба нисбати асри Зайналобиддини Наботӣ аксарият бар раъйи аввал аст ва аммо имрӯз аксарият сароҳатан эълом медоранд, ки аима аз ҳамаи паёмбарон ҷуз ҳазрати Муҳаммад (с) бартар ҳастанд, чунон ки гузашт. Ва аммо аз ақволи онҳо баъзеро нақл кардем ва таваҷҷуҳе надорем ба он касе, ки ин тақияро инкор мекунад.

Ва Наботӣ дар китоби фавқ (1/101) дар бораи мусовати амиралмуъминин бо ҷамоате аз паёмбарон мегӯяд Аллоҳ таъоло ба хотири дуои Мӯсо қавмеро зинда кард (чунон ки) дар ин қавли Худо машҳуд аст. "(Бо ин ҳол) **шуморо пас аз маргатон дубора зинда кардем, то сипосгузорӣ намоед"** *(сураи «Бақара», ояти 56).*

Ва барои Алӣ аҳли Куффаро зинда кард ва ривоят шуда, ки барои ӯ Сом ибни Нуҳ ва барои ӯ Ҷам-Ҷамаи Ҷаландӣ (подшоҳи ҳабаша)-ро зинда кард. Ва Баёзӣ (1/102) мегӯяд ва моҳиҳо бар Алӣ салом карданд ва Худованд ӯро ба унвони имоми инсонҳо ва аҷина қарор дод.

**Мегӯям** диққат кун, ӯ каме қабл зинда кардани Сомро бо сиғаи шак ва тардид нақл кард (ривоят шуда) ва дар ин ҷо бо сиғаи ҷазм нақл мекунад. Баростӣ ки ӯ дар сахтиҳои иғроқ ва ифрод дасту по мезанад. Ва Оятулло Маръашӣ, ки ҳеҷ сокитеро ба ҳаракат во намедорад, бо ин мард мувофиқ аст ва муҷтаҳиди онҳо дар Шом Муҳсинуламин, чунон ки дар саҳифаи 9 аз муқаддима аст, он китоб муаллифашро тавсиф карда мегӯяд, ки ин китоб далолат бар фазилати муаллифон дорад.

Пас, касоне ки мегуянд мутааххирони шиа то андозае аз ифрод ва тундравии худ костаанд, чи ҷавобе доранд ки бидиҳанд?! Ҳар кас инро бигӯяд нодон ва фиребхӯрдааст ва аз ташайюъ пӯсташ намедонад, агар онро ҳам

бидонанд!!

Ва Баёзӣ дар «Сироташ» (1/105) мегӯяд «ёронаш, яъне Алӣ ба ӯ гуфтаанд Мӯсо ва Исо муъҷизотро ба мардум нишон медоданд, чаро чизеро ба мо нишон намедиҳӣ, то ба он итминон ёбем?! Онгоҳ он ҳазрат боғҳоеро дар як тараф ва оташеро дар як тараф ба онҳо нишон дод ва аксари онҳо сеҳр буданд ва ду нафар собит монданд. Он гоҳ сангрезаҳои масҷиди Куфаро, ки ёқут буданд, ба онҳо нишон дод, яке аз онҳо кофир шуд ва дигаре боқӣ монд. Ва дар ҳамонҷои зикршуда дар китоби «Сироталмустақим» гуфтааст «як нафар хориҷӣ ва зане бо ҳам даъво карданд. Он хориҷӣ садояш боло рафт, онгоҳ Алӣ гуфт сокит шав! Пас, ногаҳон дид ки сараш саг шудааст!!

Ва Баёзии шиъӣ дар китоби мазкураш (1/241) гуфтааст: "Фасли бисту сеюм дар ин ки вай (Алӣ) ба манзалаи қулҳу валлоҳу Аҳад ва чоҳи таътилшуда ва ҳасана ва падари аима аст. Ва Баёзӣ (1/105) гуфтааст Алӣ марде аз тоифаи бани Махзумро ки дӯсти ӯ буд, зинда кард. Онгоҳ он мард бархост, дар ҳоле ки мегуфт, яъне бале-бале қурбон (гӯш ба фармон ҳастам, сарвари мо)! Онгоҳ Алӣ ба ӯ гуфт «Оё ту араб нестӣ?!» Гуфт: «Чаро, аммо ман бар вилояти фалон ва фалон мурдам, дар натиҷа забонам ба забони аҳли оташ табдил шуд".

**Мегӯям** бадеҳӣ аст, ки фалон ва фалон яъне ҳазрати Абӯбакр ва ҳазрати Умар (р) ва шиа аз фалон ва фалон улгуе (пешвое) сохтаанд барои ҷо ба ҷойи номҳое ки бихоҳанд, то аҳли суннат, дар вақте ки аз ҳолат ва номи фалон ва фалон суол мекунанд, гумроҳ шаванд вагарна шиа худ фалон ва фалониро мешиносанд. Ва Баёзӣ (1/107) гуфтааст: «Вақте аз ҷанги Сиффин бозгашт, бо Фурот (рудхона) суҳбат кард, он гоҳ Фурот ошуфта шуд ва мардум садои онро шуниданд ки шаҳодатайн мегуфт ва ба хилофати вай иқрор мекард. Ва дар ривояте аз Содиқ аз падаронаш (ъ) нақл аст, ки Алӣ бо чӯбе ба он зад, дар

натиҷа шикофта шуд ва моҳиҳои он бар ӯ салом карданд ва барои ӯ иқрор карданд, ки ӯ ҳуҷҷат аст.

Ва ин Муҳсинуламин аст, яке аз муҷтаҳидони бузурги шиа, чунон ки дар муқаддимаи он омадааст, ин китобро меситояд ва аз он ба фазилати муаллифаш истидлол мекунад ва ин Муҳсинуламин ҳамон касе аст, ки дар китобаш «аш-Шиъату байна-л-ҳақоиқи ва-л-авҳом» аз шиа дифоъ мекунад ва дар садади он бармеояд ки ҳамкешони худро аз хурофот ва ҳамаи он чи ки ба онҳо нисбат дода мешавад, табриа(пок) созад.

**Пас, нигоҳ кун ки чӣ гуна тақия онҳоро водор месозад, ки ҳамчун офтобпараст ранг иваз кунанд!!**

Ва низ Баёзӣ (3/5) мегӯяд «дар ривояти Абӯзар омадааст, ки ӯ вақте Қуръонро ҷамъоварӣ кард, онро ба сӯи Абӯбакр овард. Онгоҳ Абӯбакр расвоиҳои худашро дар он диданд, пас онро рад карданд ва бозпас фиристоданд ва Умар ба Зайд ибни Собит дастур дод, ки ғайри онро ҷамъоварӣ кунанд. Зайд гуфт «пас, агар онро хориҷ кунам, корам ботил мешавад». Ба ҳамин хотир, дунболи Алӣ фиристод, то ҳамроҳи ӯ онро дасткорӣ кунад, аммо ӯ аз ин кор имтиноъ (дасткашӣ) кард, дар натиҷа нақшаи куштани ӯро бар дастони Холид кашиданд, ки ин моҷаро машҳур аст». Ин ривоят собит мекунад, ки шиа ба Қуръоне ки дар он миёни мусалмонон мутадовил аст, эътиқод надорад. Ва дар фасли «Маҳдии шиа Қуръони комилро меоварад» ривоятҳои фаровонеро зикр хоҳем кард, ки ин масъаларо қотеъона таъйид мекунанд. Ва Баёзӣ ривояти нодиреро дар (1/105) ворид карда, ки иборати он чунин аст «ҳазрати Алӣ ба марде, ки тавилаи сагеро ҳамл карда буд, гуфт ин мард як исроилиро ҳамл кардааст». Он мард гуфт «аз чи вақт тавилаи саг исроилӣ шуда?! Он гоҳ Алӣ гуфт «дар рӯзи панҷшанбе ин фард хоҳад мурд». Онгоҳ дар он рӯз мурд ва дар ҳамон рӯз дафн шуд. Онгоҳ ҳазрати Алӣ бо пойҳояш ба қабраш лагад зад ва ногаҳон он мард аз қабр

бархост ва гуфт «касе, ки Алӣро қабул надорад, ҳамчун касе аст ки Аллоҳ ва Расулашро қабул надорад». Он гоҳ Алӣ гуфт «ба қабрат боз гард!». Он гоҳ он мард ба қабраш бозгашт ва қабр бар ӯ баста шуд.

**Мегӯям** ин гуна аботил ва ёвагӯйиҳое аст, ки ҷаноби Наботӣ онро зикр кардааст ва ин нишон медиҳад, ки худи вай ҳам ин ривоятро ва дигар ривоятҳое аз ин дастро, ки тавзеҳ ва шарҳе дар борои онҳо надодааст, қабул дорад.

## ДУВУМ, МАЪСУМ (ПОК) БУДАНИ АИМА ДАР НАЗДИ ШИА

Муҳаммад Ризои Мазҳар дар китобаш «Ақоиди имомия» (саҳ. 91, Доруссавфа) мегӯяд «мо муътақидем, ки имом монанди паёмбар аст, лизо воҷиб аст, ки аз ҳамаи разоил ва корҳои фаҳшомез, чи онҳое ки зоҳир ҳастанд ва чи онҳое ки ниҳон ҳастанд, аз ҳамон синни кудакӣ то даврони марг, ба қасд ё ба саҳв, маъсум (пок)бошанд, чунон ки воҷиб аст, ки аз иштибоҳ ва хато ва нисён (фаромушӣ) маъсум бошад». Ва ҳамчунин мегӯяд «балки муътақидем, ки фармони онҳо, фармони Аллоҳ аст ва наҳйи онҳо ба манзалаи наҳйи Ӯст ва тоат кардан аз онҳо ба манзалаи тоат кардан аз Ӯст ва нофармонӣ кардан аз онҳо ҳамчун нофармонӣ кардан аз Ӯ аст ва дӯст доштани онҳо дуст доштани Ӯст ва душманӣ кардан бо онҳо душманӣ кардан бо Худост. Ва дуруст нест, ки ба онҳо посухи манфӣ диҳем ва касе ки онҳоро напазирад, ҳамчун касе аст, ки рудасти Расули Худо баланд шуда ва касе ки рудасти расули Худо баланд шавад, ҳамчун касе аст ки рудасти Аллоҳ таъоло баланд шудааст».

Ва Хумайнӣ дар китобаш «Ҳукумати исломӣ» (саҳ. 91) мегӯяд: "мо муътақидем мақом ва мансабе, ки аима ба фуқаҳо бахшидаанд, ҳамчунон барои онҳо маҳфуз аст, чаро ки аимае ки саҳв ё ғафлатеро дар бораи онҳо

тасаввур намекунем ва муътақидем ки ба ҳар он чи ки маслиҳати (нафъи)мусалмонон дар он аст, иҳота доштанд,медонистанд ки баъд аз онҳо ва ба маҳзи вафоташон аз фуқаҳо зоил намегардад».

Ва Муҳаммад Ҳусайн Оли Кошифу-л- Ғито, дар китобаш «Аслу –ш-шиъати ва усулуҳо» (саҳ. 52) мегӯяд «имомро лозим аст, ки ба сони паёмбар аз хато ва хатокорӣ маъсум бошад».

Ва олими онҳо Занҷонӣ дар китобаш «Ақоиди дувоздаҳимомӣ» (2/157, Аъламӣ, Бейрут) ба нақл аз раиси муҳаддисинашон Садуқ мегӯяд «эътиқоди мо дар бораи анбиё ва расулон ва аима ин аст ки онҳо аз ҳар олудагӣ маъсуму пок ҳастанд ва муртакиби гуноҳ, чи сағира ва кабира, намешаванд ва аз фармони Худо сар намепечанд ва ончиро, ки ба онҳо дастур дода шудааст, анҷом медиҳанд. Ва касе ки дар чизе аз аҳволи онҳо исматро аз онҳо нафй(инкор) кунад, дар воқеъ, онҳоро ҷоҳил дониста ва ҳар кас онҳоро ҷоҳил бидонад, кофир аст».

## СЕВУМ, ИҒРОҚ (МУБОЛИҒА) ДАР КАЙФИЯТИ ОФАРИНИШИ АИМА ДАР НАЗДИ ШИА

Хумайнӣ дар китобаш «Зубдатул- ар - баъина ҳадисан» (саҳ. 232, Дорулмуртазои Бейрут), ки тавассути Солим Хизроӣ мухтасар шуда ва дар ҳоле ки аз мақоми аима ва чилҳадиси Ҳусайнӣ сухан мегӯяд (саҳ. 206, табъи Доруттаъорифи Бейрут) мегӯяд:"Бидон эй азиз! Аҳлу байти исмат ва таҳорат (ъ) дар мақоми рӯҳонии паёмбар қабл аз пайдоиши ҷаҳон саҳим ҳастанд ва анвори онҳо аз он замон тасбиҳ ва тақдис мекардааст. Ва ин болотар аз фаҳм ва дарки инсон ҳатто аз ноҳияи илмӣ аст. Дар насси шариф ворид шудааст: «Эй Муҳаммад! Аллоҳ таъоло аз азал дар ваҳдонияташ тани танҳо будааст. Сипас, Муҳаммад ва Алӣ ва Фотимаро халқ кард. Онҳо ҳазор сол боқӣ монданд. Пас, ҳамаи ашёро халқ кард. Онгоҳ онҳоро

бар офариниши онҳо гувоҳ гирифт ва итоат кардан аз онҳоро бар ҳамаи он ашё ҷорӣ кард ва шууни он ашёро ба онҳо вогузор кард. Пас, онҳо ҳар чи ки бихоҳанд , ҳалол мекунанд ва ҳар чи ки бихоҳанд, ҳаром мекунанд. Ва ҳаргиз нахоҳанд хост, магар он ки Аллоҳ Таъоло бихоҳад. Эй Муҳаммад ин диёнате аст, ки ҳар кас аз он пешӣ ҷӯяд, гумроҳ шуда ва ҳар кас аз он тахаллуф варзад, нобуду ҳалок мешавад ва ҳар кас мулозими он гардад, (ба сари манзили мақсуд) хоҳад расид. Эй Муҳаммад бигир онро!».

Илова бар ин, дар иртибот бо онҳо матолибе дар кутуби муътабари шиаён омада, ки уқулро ба ҳайрат меандозад! Чаро ки ин фақат ва фақат худашон (ъ) ҳастанд, ки аз ҳақоиқ ва асрори худ огоҳ мебошанд, ва ҳеҷ каси дигар бар ҳақиқати онон огоҳ нест.

Аз марҷаъи шиъӣ Мирзо Ҳасани Ҳоирӣ дар китобаш «Дин дар миёни соил ва ҷавобдиҳанда» (ҷилди 2, саҳ. 72, маншуроти китобхонаи оммаи Имом Содиқ, Кувайт) пурсиданд: «Агар Имом Алӣ аз Мӯсои паёмбар бузургтар аст, пас ин гуфтаи Имом Алӣ «ман асои Мӯсо ҳастам», чӣ маъное дорад ва оё имом амиралмуъминин, ояти бузург, муъҷизаи Мӯсо хоҳад шуд, дар ҳоле ки мегӯяд: "Чи ояте аз ман бузургтар аст?!"

Хоҳишмандам шуставу рафта ва ба таври муфассал ҷавобро баён фармоед. Бо ташаккури фаровон!

Ҳоирӣ ҷавоб дода: «ин калимаи муборак дорои ду маънӣ ё ду тафсир аст: аввал ин ки вай ба манзалаи асои Мусо барои Расул (с) аст, яъне ин ки вай (а) бузургтарин нишона аст ва бузургтарин муъҷиза аст барои исботи нубуввати бародараш ва амузодааш дар заминаи илм ва эъҷоз ва кароматҳояш. Дувум ин ки вай дар асои Мӯсо муассар будааст. Ва агар таъсири вилояти узмои Алӣ намебуд, он асо ба аждаҳо табдил намешуд ва ӯ ҳамон касе аст, ки ҳамаи паёбаронро дар заминаи изҳори муъҷизаҳо ва кароматҳо ва таъсири далелҳои онҳо ва пирӯз шудан бар мункирони рисолати онҳо ёрӣ ва нусрат

додааст, чунон ки ин ривояти сареҳи онҳост ба салтанат кардани бузургии вай ва вилояти ҷаҳоншумул ва куллии вай ва ӯ ҳамон нишона ва муъҷизаи бузург ва хабари азим аст».

Ва ҳамчунин дар китоби ёдшуда (саҳ. 219, ҷ.2) аз вай пурсиданд «касе ки дар дохили ҳарами шариф дар рӯбарӯи мазори маъсум (ъ) қарор мегирад ва намоз мехонад, чӣ ҳукме дорад?! Ва назари шумо дар бораи шуҳадо ва солиҳон аз фарзандони маъсумон чист? Ва намоз хондан дар канори мазори муқаддас чӣ ҳукме дорад?». Ҳоирӣ ҷавоб дод «дуруст нест дар намоз бар мақбара тақаддум ҷуст ва намозаш дар муқобил ва рӯбарӯи мазор ба иттифоқи ҳамаи уламои имомия ботил аст. Чаро ки ин ҳукм баъд аз вафоташон он чунон аст ки дар ҳоли ҳаёташон будааст. Ва аммо намоз хондан дар рӯбарӯи мазори масалан Абӯлфазл ал-Аббос (а) бар хилофи эҳтиромаш аст ва навъе ҷасорат ба мақомаш мебошад ва намоз хондан дар ду канори мазори маъсум модоме, ки бар қабри мутаҳҳари вай ки дар дохили мазораш аст, пештар наистода бошад, ишколе надорад. Аллоҳ таъоло мо ва шуморо ва он чи ки дӯст дорад ва меписандад, тавфиқ диҳад, омин. Ба ҳаққи Муҳаммад (с) ва оли поки вай ки дуруд ва саломи Худованд бар ҳамаи онҳо бод».

Ва боз дар саҳифаи 118, ҷилди 2 он ҷаноби олӣ чунин мавриди суол қарор гирифт «аз хатибон мешунавем, ки Расулуллоҳ (с) дорои нуре буд ва ин нур бар нури Хуршеду Моҳ бартарӣ меёбад ва агар Хуршедро ҳаракат диҳад, бар он сояе дида намешавад. Аз ҷаноби олӣ хоҳишмандам, ки дар бораи кайфияти ин нур барои банда тавзеҳ диҳад?!». Ҳоирӣ ҷавоб дод: «Бисмиҳи таъоло, саломун ъалайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу. Бидон эй фарзанди азизам! Худо туро ба корҳои мавриди писандидааш тавфиқ диҳад, ки Аллоҳ таъоло нури паёмбараш Муҳаммад (с)-ро аз нури азамати Худ офарид.

Чунон ки ин мавриди иттифоқи шиа ва суннӣ аст, яъне Худои субҳон дар аввали низоми офариниш, нуре муқаддас, бузург ва ашиъадорро биофарид ва онро ба хотири бузургӣ ва сифоти он ба худ нисбат дод. Он гоҳ аз он нур Муҳаммад (с)-ро халқ кард ва аз нури паёмбараш Алӣ амиралмуъмининро ҳамчун партаве аз як партав ва шамъе аз як шамъ биофарид ва ин шамъи дуюм таҷассуми шамъи аввал аст бо ҳамаи мазоё (фазилатҳо)-и он аз сифоти лоҳутӣ.... аммо фазл ба аввалӣ ихтисос дорад. Чун аввал будааст ва дар вуҷуди дувум васодат кардааст. Ва дигар маъсумин ҳам чунин ҳастанд, яъне Фотимаи Заҳро ва писарони пок ва тоҳираш, ки дуруд ва саломи Худо бар ҳамаи онҳо бод. Баъд аз Алӣ аз он нур офарида шудаанд ҳамчун партаве аз як партав, ҳар як аз онҳо таҷассуми дигаре аст дар ҳамаи сифаташ ки Аллоҳ таъоло бо фазл ва карами Худ ба ӯ бахшидааст. Пас, аз ашиъа ва дурахшиши зоҳири он оқилон ва ғайри оқилон ғайри онҳоро аз анбиё ва расулон ва малоика ва тамоми дигар халоиқ офарид».

Ва аз Оятулло узмои онҳо Ҷаводи Табрезӣ дар таълиқот ва фатовои вай, ки бо «Сироту-н- наҷот»-и Хуӣ чоп шудааст (ҷ.3, саҳ. 438-439, Мактабатулфиқҳи Кувайт) пурсида шуд : «назари шумо дар бораи касоне ки муътақиданд Паёмбар ва аҳлу байти Паёмбар қабл аз пайдоиши ҷаҳон бо рӯҳҳо ва аҷсоми моддии худ мавҷуд будаанд ва қабл аз халқи Одам халқ шуда буданд, чаро ки Аллоҳ таъоло симои онҳоро дар атрофи Арш қарор додааст, чист?!». Табрезӣ ҷавоб дод «онҳо (а) бо ашбоҳи нури худ қабл аз офариниши Одам мавҷуд будаанд ва хилқати ҷисмӣ ва моддии онҳо баъд аз пайдоиши Одам сурат гирифтааст Чунон ки возеҳ аст ва Аллоҳ доност». Ва ҳамчунин аз ӯ пурсида шуд: «назари ҷаноби олӣ дар бораи ин ки Расулуллоҳ (с) ба лиҳози хилқат аз хилқати сохтори ва таквинӣ аз Одам қадимитар аст ва Паёмбар ва аҳлу байташ ҳам он гуна халқ шудаанд, чист?!».

Табрезӣ ҷавоб дод «мурод аз ақдамият дар халқу офариниш ҳамон нурияти вай, на бадани унсурии ӯ мебошад ва қаблан зикр шуд, ки Аллоҳ таъоло ҳамон касе аст, ки ҳамаи махлуқотро офаридааст ва мефармояд: **"Ин Аллоҳ Парвардигори шумост, ҳеҷ маъбуди барҳақ ҷуз Ӯ вуҷуд надорад, офаринандаи ҳама чиз аст, пас, Ӯро ибодат кунед ва Ӯ корсоз ва соҳиби ҳама чиз аст "** *(сураи «Анъом», ояти 102).*

Ва ин ваколат бо истибонат дар халқ ҷамъ намешавад ва ин зоҳири оёти фаровоне аст, ки дар инҷо маҷоли зикри онҳо нест. Ва офариниши баъзе аз ашё аз баъзе дигар монанди офариниши гӯшт аз порчаи хун ва офариниши ҷанин аз гӯшт маънояш он нест ки холиқи ҷанин ҳамон порчаи гӯшт аст, балки Аллоҳ таъоло он ҷанинро аз он офарида аст ва ончи ки дар баъзе ривоятҳост, аз ин ки шиъаи мо аз беҳтарини тинатҳо офарида шудаанд ё ин ки аз нури онҳо Аллоҳ таъоло баъзе аз халоиқро офаридааст, маънояш ин нест ки тинати фозил ё нури онҳо ҳамон холиқ аст, балки холиқ ҳамон Аллоҳ аст, монанди офариниши Вай инсонро аз гил. Ва Худо доност».

Ва аз ӯ пурсида шуд: «оё дуруст аст, ки муътақид бошем ҳазрати Фотимаи Заҳро шахсан дар як они воҳид дар маҷлиси мутаадиди занон дар қолаби пайкараи ҷисми воқеии худ ҳозир мешавад?!». Табрезӣ ҷавоб дод «вай метавонад бо симои нури худ дар як замон дар амокини мутааддид ҳозир шавад ва монеъе дар ин нест, чаро ки симои нури ӯ фарозамонӣ ва фаромаконӣ аст ва як ҷисми унсурӣ нест, то ба замон ва макон эҳтиёҷ дошта бошад. Ва Худо доност».

Аз Ӯ пурсида шуд: «оё хусусияте дар хилқати Заҳро (а) вуҷуд дорад ва назари шумо нисбати масоибе, ки баъд аз падараш аз зулми он ҷамоат бар ӯ ҷорӣ шуд, ва шикастани дандонаш ва соқит кардани ҷанинаш чист?!»

Табрезӣ ҷавоб дод «оре, дар воқеъ, хилқати вай ба лутфи Аллоҳ таъоло монанди хилқати соири аима (дуруду

саломи Худо бар онҳо бод) мебошад, чаро ки Худо хилқати ӯ аимаро аз соири мардум тамоиз дода аст... Ва Фотима дар шиками модараш сухан гуфта аст. Ва малоика баъд аз вафоти Расул бар ӯ нозил мешуданд.

## ЧАҲОРУМ, ИҒРОҚ ДАР СИФАТҲОИ ИМОМОН

Барои баёни сифоти аима дар назди шиа ба абвоби феҳрастҳои кутуби муътабари онҳо иктифо мекунем ва касе ки ин абвобро бихонад, ба лутфи илоҳӣ барои ӯ рӯшан хоҳад шуд, ки иғроқу муболиға дар аима то ҳадди худопарастӣ пеш рафтааст.

**А.** Китоби «ал-Кофӣ» асари Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ мулаққаб дар назди шиа ба Сиқатулислом.

Оятуллои шиа Абдулҳусайни Шарафуддин аз «Кофӣ» тамҷид ба амал оварда, дар китобаш «ал-Мурочаъот» (мурочааи 110) гуфтааст «чор китобе, ки аз даврони садри нахустин то ин замони мо марҷаи имомия дар усул ва фурӯъашон будаанд, ҳамон «Кофӣ» ва «Таҳзиб» ва «Истибсор» ва «Ман ло яҳзуруҳулфақиҳ» мебошанд ва китоби «Кофӣ» аз ҳаммаи онҳо қадимитар ва бузургтар ва беҳтар ва маҳкамтар мебошад.

Феҳрастҳои китоби «Кофӣ» (ч.1, Доруттаъорифи Бейрут).

Боби ин ки аима (ъ) волиёни амри Худо ва хозинони илми Вай ҳастан.

Боби ин ки аима (ъ) хулафои Аллоҳ таъоло дар заминаш ва ба мусобаи дарвозаҳояш мебошанд, ки аз онҳо меояд.

Боби ин ки аима нури Аллоҳ азза ва ҷалла ҳастанд.

Боби ин ки оёте ки Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр карда, ҳамон аима ҳастанд.

Боби он чи ки Аллоҳ ва Расулаш аз ҷаҳон ҳамроҳ бо аима фарз карда аст.

Боби ин ки росихон дар илм ҳамон аима ҳастанд.

Боби ин ки касоне, ки Аллоҳ аз миёни бандагонаш баргузида ва китобашро ба онҳо мерос бахшида, ҳамон аима (ъ) ҳастанд.

Боби ин ки аима агар бихоҳанд ки бидонанд, медонанд.

Боби ин ки аима медонанд ки чӣ вақт мемиранд ва ҷуз бо интихоби худи онҳо намемиранд.

Боби ин ки дониш он чиро ки буда ва хоҳад буд, медонанд ва чизе (бар онҳо дуруду саломи Худо бар онҳо бод) махфӣ нест.

Боби ин ки Аллоҳ Таъоло ҳар илмеро ки ба паёмбараш омухта, ба ӯ дастур дода, ки онро ба амиралмуъминин (ъ) биёмӯзад ва ин ки вай шарики паёмбар (с) дар илмаш будааст.

Боби ин ки аима агар маҳҷуб шаванд ба ҳар инсоне, манфиат ва зиёни ӯро зикр хоҳанд кард.

Боби вогузории амри дин ба Расул (с) ва аима (ъ).

Боби ин ки Қуръон имомро ҳидоят медиҳад.

Боби ин ки неъмате ки Аллоҳ таъоло дар китобаш зикр карда, ҳамон аима аст.

Боби арза намудани аъмол бар Паёмбар (с) ва аима (ъ)

Боби ин ки аима маъдани дониш ва дарахти нубувват ва бозмондагони малоика ҳастанд.

Боби ин ки аима (ъ) ворисони илм ҳастанд ва аз якдигар дониш ба ирс мебаранд.

Боби ин ки аима дониши Паёмбар ва ҳама паёмбарон ва авсиёи қабл аз худро ба ирс бурдаанд.

Боби ин ки аима дар назди онҳо ҳама китобҳое, ки аз тарафи Худои азза ва ҷалла нозил шудаанд, мавҷуд аст ва онҳо ба рағми мухталиф будани забони он китобҳо онҳоро мешиносанд.

Боби ин ки танҳо аима ҳамаи Қуръонро ҷамъоварӣ карда ва ҳамаи дониши онро медонанд.

Боби ин ки аима дар шаби ҷумъа (ба дониши) онҳо афзуда мегардад.

Боби ин ки агар дар илми аима афзуда намешуд, он чиро ки дар наздашон буд, тамом мешуд.

Боби ин ки аима ҳамаи донишҳоеро ки ба малоика ва анбиё ва расулон (ъ) дода шудааст, медонанд.

**Б.** Феҳрасти бобҳои «Биҳору-л-анвор» аз хотимаи муҷтаҳидони шиа Мулло Боқири Маҷлисӣ (ҷ. 23-27, китоби имомат, табъи Дору-л-эҳёи-т-туроси-л- арабӣ, Бейрут).

Боби ин ки Аллоҳ Таъоло барои имом сутунеро баланд мекунад, ки ӯ метавонад аъмоли бандагонро бинигарад.

Боби ин ки чизе аз аҳволи шиа худашон аз онҳо ва ҳамаи улуме, ки аима бадонҳо ниёз доранду аз аима маҳҷуб нест, онҳо медонанд ки чи балое ба сарашон меояд ва бар сари он сабр меварзанд. Ва агар аз Аллоҳ таъоло бихоҳанд, ки онҳоро бардорад, дуояшон пазируфта хоҳад шуд. Ва он чиро ки дар замраҳо ва ботинҳо нуҳуфта аст, ва низ дониши олим пас аз марг ва гирифториҳо ва балоҳо ва фасли хитоб ва тавалудномаҳоро медонанд.

Боби ин ки ҳамаи улуми малоика ва анбиё дар назди онҳост ва он чи ки ба анбиё дода шуда, ба онҳо ҳам дода шуда ва ҳар имоме ҳамаи илмеро ки қабл аз вай буда, медонад ва замин бидуни олим боқӣ намемонад.

Боби ин ки онҳо китоби паёмбарон (ъ)-ро дар ихтиёр доранд ва метавонанд бо вуҷуди забонҳои мухталифи он китобҳо онҳоро бихонанд.

Боби ин ки онҳо ҳамаи забонҳо ва луғатҳоро медонанд ва бо онҳо суҳбат мекунанд.

Боби ин ки онҳо аз анбиё ҳам олимтар ҳастанд.

Боби ин ки онҳо медонанд, ки чи вақт мемиранд ва ин танҳо бо иҷозаи онҳо мумкин аст.

Боби аҳвол ва авзоъи онҳо баъд аз марг ва ин ки гӯшти онҳо бар замин ҳаром аст ва онҳо ба осмон рафъат дода мешаванд.

Боби ин ки онҳо баъд аз маргашон зоҳир мешаванд ва шигифтиҳое аз онҳо зоҳир мешавад.

Боби ин ки номҳои эшон бар Арш ва Курсӣ ва Лавҳ ва пешонии малоика ва дар Биҳишт ва ғайри он навишта шудааст.

Боби ин ки ҷин хизматгори онҳо ҳастанд ва барои онҳо зоҳир мегарданд ва аз нишонаҳои дини худ аз аима суол мекунанд.

Боби ин ки онҳо метавонанд мурдагонро зинда сохта ва кӯрҳоро бино гардонанд ва ҷузомгирифтагонро беҳбуд бахшанд (ва дар як калом) ҳаммаи муъҷизоти паёмбаронро метавонанд, анҷом диҳанд.

Боби ин ки абр барои онҳо мусаххар шуда ва асбоб барои онҳо осон гардида аст.

Боби тафзил додани онҳо бар ҳамаи анбиё ва бар ҳамаи халоиқ ва гирифтани паймон аз онҳо ва аз малоика ва аз соири халқ ва ин ки улул-азм фақат бадин хотир улул-азм шудаанд, ки аимаро дӯст доштанд (дуруду саломи Худо бар ҳамаи онҳо бод).

Боби ин ки дуои паёмбарон бо тавассул ва талаби шафоат ҷустан ба аима (ъ) мустаҷоб шудааст.

Боби ин ки малоика ба назди онҳо меоянд ва бар бистарҳояшон менишинад ва аима (ъ) онҳоро мулоҳиза мекунанд.

Боби ин ки дониши Осмон ва Замин ва Биҳишт ва оташ аз онҳо ҳуҷҷат нашудааст ва малакути осмонҳо ва Замин бар онҳо арза шуда ва он чиро ки буда ва ончиро ки то рӯзи қиёмат вуҷуд хоҳад дошт, дониста ва медонанд.

Боби ин ки онҳо мардумро ба лиҳози ҳақиқати имон ва ҳақиқати нифоқ мешиносанд ва онҳо китобе дар ихтиёр доранд, ки номҳои аҳли Биҳишт ва номҳои шиаёни худашон ва душманонашон дар он вуҷуд дорад ва ин ки хабари хабардиҳандае аз он чи ки аз аҳволашон медонанд, онҳоро аз ҷой бар намекананд.

Боби навъияти ҷондорон ва паррандагоне, ки аимаро дӯст доранд ва фазилате ки бар болҳои ҳуд-ҳуд нисбат ба онҳо навишта шудааст ва ин ки онҳо забони парандагон ва чорпоёнро медонанд.

Боби он чи ки аз ҷимодот ва наботот ба вилояти онҳо иътироф кардаанд.

**В.** феҳрасти бобҳои китоби «Басоиру-л-дараҷот»-и абӯ ҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан (-и-(ас-Саффор),табъи Аъламӣ- Эрон).

Боби аъмол бар расули Худо (с) ва аимаи (ъ) арза мешавад.

Боби арзаи аъмол бар аимаи зинда ва вафотёфта.

Дар иртибот бо аима ин ки аъмол дар масъалаи амудӣ ки барои онҳо баланд карда мешавад ва он чи ки дар шиками модарашон бо онҳо мешавад.

Боби дар ин ки имоми мо байни машриқ ва мағрибро бо нур мулоҳиза мекунад.

Боби ин ки аима илми миноё ва балоё ва насабҳои араб ва фасли хитобро медонанд.

Боби ин ки аима мурдагонро зинда ва кӯрони модарзодро бино месозанд ва ба изни илоҳӣ ҷузомгирифтагонро шифо медиҳанд.

Боби ин ки имом метавонад дӯст ва душмани худро бо таваҷҷуҳ ба сириште ки аз он офарида шуда ва дар сурат ва номҳояшон мавҷуд аст, ташхис диҳад.

Боби ин ки амиралмуъминин бар абр савор шуда ва дар афлок ва асбоб боло рафта аст.

Боби ин ки Аллоҳ таъоло дар Тоиф ва ғайри он бо амири муъминон Алӣ муноҷот карда ва дар байни он ду Ҷибраил фуруд омада аст!

Боби ин ки аима аз он чи ки дар осмонҳо ва Замин ва Биҳишт ва Ҷаҳаннам аст ва он чи ки буд ва он чи ки то рӯзи қиёмат хоҳад буд, огаҳӣ дошта ва доранд.

Боби ин ки аима илми гузашта ва ояндаро то рӯзи қиёмат дарёфт кардаанд.

Боби ин ки онҳо забони чорпоёнро медонанд ва он чорпоён онҳоро мешиносанд ва агар аз ноҳияи аима фаро хонда шаванд, ба онҳо ҷавоби мусбат медиҳанд (ва пеши онҳо мераванд).

## 5
## ИҒРОҚИ ШИА ДАР ФАЗИЛАТИ ҚАБРҲОИ АИМА

**А.** Абвоби китоби «Комилу-з-зиёрот»-и Абулқосим Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Қулуя (муассисаи нашри фақоҳати Қум), ки ба таҳқиқи ин китоб пардохтааст, ин китобро сутудааст саҳифаи 1: "ин китоб дар миёни уламои шиа китоби машҳур ва маъруф аст ва аз ҷумлаи муҳимтарин манобиъи мавриди эътимод ба шумор меравад. Шайх дар «Таҳзиб» ва ғайри ӯ аз муҳаддисон монанди Ҳури Омулӣ аз он матолибе иқтибос кардаанд ва бештари уламои шиа, ки дар иртибот бо ҳадис ва зиёрат ва ғайри он даст ба таълиф задаанд, аз он китоб нақл кардаанд. Ва он китоб шомили ҳамаи зиёратҳо ва фазилате, ки дар ин бора аз аима ривоят шуда, мебошад. Дар ин китоб машоихи машҳур ба дониш ва ҳадис, касоне ки муаллифи гаронқадр дар кулл онҳоро мавриди эътимод дониста ва онҳоро пироста аст, мавҷуд мебошад ва дар он китоб як фоидаи бузург дар мабоҳиси фиқҳӣ ва риҷолӣ вуҷуд дорад, гарчи дар он баҳсе вуҷуд дорад, ки он ҷойгоҳ онро дар худ намегунҷонад. Илова бар ин, худи ҷаноби муаллиф ҳам дар саҳифаи 37-и китоби фавқ эътимодсозӣ мекунад ва мегӯяд: «Андешаи худро бадон машғул дошта ва эҳтимом ва талоши худро ба таваҷҷуҳи он намудам. Ва аз Аллоҳ таъоло хостам, ки маро бар сари он ёрӣ диҳад, то ин ки онро дар қолаби суханони аима (ъ) ҷамъоварӣ ва истихроҷ кардам. Дар ин китоб ҳадисе аз ғайри аима вуҷуд надорад, чаро ки суханон ва аҳодиси онон моро аз суханони дигарон бениёз мекунад. Ва қатъан мо донистаем, ки нисбат ба ҳама марзиёти онҳо дар ин бора иҳотаи комил надорем. Вале саъй кардаем аз ёрон ва ҳамкешони мавриди эътимоди худ ривоёти онҳоро нақл кунем. Худо онҳоро мавриди раҳмат ва лутфи худ қарор диҳад. Дар зимн ҳадисеро ки аз риҷоли шоз (ва мунҳариф) ривоят шуда хориҷ накардаем, чаро ки ин кор ба

ривоятҳои машҳури уламои мавриди эътимоди мо, ки дар китоб зикр шудаанд, латма мезанад. Ва онро китоби «Комилу-з-зиёрот» ном ниҳодам. Ва ин ҳам қисмате аз бобҳои феҳрасти Дорусурури Бейрут, соли 1997, аз китоби «Комилу-з-зиёрот»:

Боби (58) Зиёрати Ҳусайн бартарин амал аст.

Боби (59) Зоири (зиёраткунандаи) Ҳусайн монанди зоири Аллоҳ дар Аршаш аст.

Боби (60) Зиёрати Ҳусайн ва аима (ъ) бо зиёрати қабри Расули Аллоҳ ва олаш баробар аст.

Боби (61) Зиёрати Ҳусайн мӯҷиби фузунии умр ва рӯзӣ ва тарки он мӯҷиби камшудани онҳо мебошад.

Боби (62) Зиёрати Ҳусайн гуноҳонро мезудояд.

Боби (63) Зиёрати Ҳусайн бо як умра баробар аст.

Боби (64) Зиёрати Ҳусайн бо як ҳаҷ баробар аст.

Боби (65) Зиёрати Ҳусайн баробар бо як ҳаҷ ва умра аст.

Боби (67) Зиёрати Ҳусайн баробар бо озод кардани як банда аст.

Боби (68) Зоирони Ҳусайн мавриди шафоат қарор мегиранд.

Боби (69) Зиёрати Ҳусайн, ба василаи он гирифторӣ бартараф мешавад ва ҳал мешавад.

Боби (91) Он чики аз хоки қабри Ҳусайн мустаҳаб аст ва шифо медиҳад.

Боби (92) Хоки қабри Ҳусайн шифо ва амон аст.

Боби (93) Аз куҷо хоки Ҳусайн баргирифта мешавад ва бо чӣ кайфияте?

Боби (94) Инсон вақте хоки Ҳусайнро мехӯрад, чӣ бигӯяд?

Боби (53) Зоирони Ҳусейн қабл аз мардум вориди Биҳишт мешаванд.

**Г.** Фазоили зиёрати қубури аима аз китоби «Нуру-л-айн фил- машйи илло зиёрати қабр Ҳусайн»таълифи шайх Муҳаммад Ҳасани исфаҳонӣ (Дурулмизони Бейрут).

## АБВОБИ ФЕҲРИСТ

Боби зоирӣ. Дар рӯзи қиёмат нуре ба ӯ (зоир) дода мешавад, ки ба хотири нури ӯ мобайни машриқ ва мағриб рӯшан мегарданд.

Боби ин ки зиёрати вай мӯҷиби озод шудан аз оташи Дӯзах аст.

Боби ин ки зоирони Ҳусайн дар ҷавори Расули Худо (с) ва Алӣ ва Фотима (ъ) ба сар мебаранд.

Боби ин ки зиёрати Ҳусайн навиштани ҳасанот ва маҳв кардани бадиҳо ва боло гардонидани дараҷотро воҷиб мекунад.

Боби ин ки зиёрат кардани вай ба масобаи бахшидани гуноҳони панҷоҳсола аст.

Боби ин ки зиёрати Ҳусайн бо озод кардани банда ва ҷиҳод ва садақа ва рӯза баробарӣ мекунад.

Боби ин ки зиёрати Ҳусайн бо 22 умра баробар аст.

Боби ин ки зиёрати Ҳусайн барои касе ки ҳаҷ барояш фароҳам нашуда, баробар бо як ҳаҷ ва барои касе ки умра барояш фарҳам нашуда, баробар бо як умра аст.

Боби ин ки Аллоҳ таъоло дар ҳар шаби ҷумъа аз Ҳусайн дидан мекунад.

Боби ин ки аз Аллоҳ мехоҳанд, ки бо онҳо (имкони) зиёрати Ҳусайнро бидиҳад.

Боби ин ки Паёмбари аъзам ва ъитраи тоҳир Ҳусайнро зиёрат мекунанд.

Боби ин ки Иброҳими Халил Ҳусайнро зиёрат мекунад.

Боби ин ки Мӯсо ибни Имрон аз Аллоҳ мехоҳад, ки ба ӯ иҷоза диҳад, то қабри Ҳусайнро зиёрат кунад.

Боби ин ки малоика аз Худо мехоҳанд, ки ба онҳо иҷозаи зиёрати қабри Ҳусайнро бидиҳад.

Боби ин ки ҳар шабе намегузарад, магар ин ки Ҷибраил ва Микоил ӯро зиёрат мекунанд.

Боби ин ки Аллоҳ таъоло ба зоири Ҳусайн нисбат ба

малоика ва ҳомилони Арш мубоҳот ва ифтихор мекунад.

Боби ин ки Аллоҳ таъоло савганд хӯрда, ки зоирони Ҳусайнро дасти холӣ боз нафиристанд.

Боби ин ки зиёрати Ҳусайн бо сӣ ҳаҷи мамрур ва мақбул бо Расули Худо (с) баробарӣ мекунад.

Боби ин ки кассе, ки Ҳусайнро зиёрат кунад, ҳаммонанди касе аст ки Аллоҳро бар болои Аршаш зиёрат кардааст.

Боби ин ки касе қабри Ҳусайнро зиёрат кунад, ҳамчун касе аст, ки Аллоҳро бар болои курсиаш зиёрат кардааст.

Боби ин ки зоири Ҳусайн монанди зоири Расул (с) аст.

Боби ин ки касе ки Ҳусайнро зиёрат кунад, Аллоҳ таъоло (номи) ӯро дар аълоъилййин менависад.

Боби ин ки кассе,ки дӯст дорад ба Аллоҳ нигоҳ кунад, аз қабри Ҳусайн зиёд дидан кунад.

Бародари мусалмонам! Ин баъзе аз намунаҳои иғроқи шиа дар нисбати аима буд. Ва бадеҳӣ аст, вақте ки мутафаккирон ва муболиғони шиа ба қасди таблиғ ва фарохонӣ ба сӯйи мазҳаби ташайюъ ва харидани виҷдонҳои афроде, ки ба нафъи онҳо қалам мезананд, зуҳур менамоянд, на танҳо ин эътиқодотро ошкор намекунанд, балки мебинем ки ба ин кори онҳо тазоҳур карда ва мегӯянд «мо ба ҳамаи он чи ки дар китобҳоямон вуҷуд дорад, муътақид нестем. Ва албатта, ки ин ҷуз ҳиққа ва дурӯғу найранг чизи дигаре нест ва мавориди зер нақшаи онҳоро рӯйи об мерезад.

Аввалан, онҳо танҳо ин ривояти хурофиро, ки гоҳан то дараҷаи куфр пеш меравранд, рад намекунанд, балки мебинем касоне аз онҳо пайдо мешаванд ва аз ин гуна китобҳо таърифу тамҷид мекунанду барои он муқаддима менависанд.

Сония, онҳо вақте ки ҳолномаи нависандагони чунин китобҳоеро менависанд, ботилпазирии чунини онҳоро натанҳо инкор намекунанд, балки дар ниҳояти меҳрубонию таъриф ва тамҷид аз онҳо ин таълифотро

далеле бар фазилати муаллифони онҳо қаламдод менамояд. То барои шумо рӯшан шавад афкоре ки дар муқобили аҳли суннат нисбат ба ин даст аз ривоятҳо анҷом медиҳанд, сирфан аз боби тақия аст, ки нуҳ даҳуми дини ташайюъро ташкил медиҳад.

Вақте ки шиаҳо ба хотири китоб ё як суханронӣ агарчанде ба сурати ногаҳонӣ- мавриди эътироз қарор бигиранд, шуруъ ба иттҳомзудоӣ аз худ карда, далел меоваранд ва онро ба куллӣ инкор мекунанд. Пас, вақте ки касе коре ба корашон надорад ва бо хаёли роҳат лам дода, чунин чизеро дар муқобили ин иғроқ ва инҳироф зоҳир намекунанд, чӣ гуна бояд бошанд?! Чаро фақат забонон дар қиболи аҳли суннат дам аз инкор мезананд ва онро ба сурати амалӣ пиёда намекунанд?! Чаро он чиро ки ба онҳо нисбат дода мешавад, дар ҳолае аз ибҳом инкор мекунанд?! Чаро ба дунболи санади ин ривоятҳо намегиранд ва заъф ва адами ҳуҷҷат будани онҳоро баён намекунанд?!

## 16
## МАҲДИИ ШИА «ҚУРЪОНИ КОМИЛ»–РО МЕОВАРАД

Шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммадибни Нуъмон мулаққаб ба Муфид дар китоби «ал-Иршод» (саҳ. 365, табъи севум муассисаи Аълами Бейрут. Лубнон, с. 1979 мелодӣ) аз Абӯҷаъфар ривоят карда, ки ӯ гуфтааст «вақте ки қоим Оли Муҳаммад зуҳур мекунад, хаймаҳое мезанад, ки Қуръонро бар асоси он чи ки нозил шуда, (ба мардум) омӯзиш медиҳад. Ҳифз кардани Қуръон дар он хаймаҳо бар ҳама аз ҳифз кардани он дар шароити феълӣ осонтар аст, чаро ки ба лиҳози таълиф ва гирдоварӣ бо он фарқ дорад».

Ва ин ривоятро Комил Сулаймон дар "Рӯзи раҳоӣ" (саҳ. 372) нақл кардааст. Ва шайхи онҳо Нуъмонӣ дар китоби "ал-Ғайба" (саҳ. 318) аз Алӣ ривоят кардааст, ки «гӯё ман дар миёни аҷамиён ҳастам, ки хаймаҳои онҳо дар масҷиди Куфа аст. Онҳо Қуръонро он гуна ки нозил шуда, ба мардум омузиши медиҳанд». Гуфтам (яъне ровӣ): «Оё Қуръони феълӣ он гуна нест, ки нозил шуда?!». Гуфт: «На, номи ҳафтод нафар аз қурайш ҳамроҳ бо номи падаронашон пок шудааст ва ин ки мебинӣ номи Абӯлаҳаб ҳанӯз ҳам дар Қуръон мавҷуд аст, ӯ аз он лист (варақ) пок нашудааст ҷиҳати хоршумории паёмбар (с) ва оли вай буда, чароки ӯ амакаш буда аст».

Ва шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммад Содиқи Садр дар «Таърихи пас аз зуҳур» (саҳ. 637) мегӯяд «аз Абӯабдулло нақл шуда, ки вай гуфтааст «ту гӯӣ ман акнун (қоим)-ро дар байни рукну мақом мулоҳиза мекунам, ки бо мардум бар китоби ҷадид, ки бар араб хеле душвор ва сахт аст, бийъат мекунад (аз онҳо бийъат мегирад)». Ва ин ривоятро шайхи онҳо Комил Сулаймон дар "Рӯзи раҳоӣ" (саҳ. 371) нақл кардааст.

Ва дар «Таърихи пас аз зуҳур» (саҳ. 638) аз Абӯ Ҷаъфар

ривоят аст, ки ӯ гуфта қоим дар соле чудогона аз солҳо қиём мекунад, то ин ки гуфт «ба Худо гӯиё ман дар байни рукну мақом ӯро менигарам, ки боре ҷадид ва китоби ҷадид ва қудрати ҷадид аз осмон аз мардум байъат мегирад ва мардум бо ӯ байъат мекунанд». Ва дар китоби "Рӯзи раҳоӣ" аз Комил Сулаймон (саҳ. 373) аз Ҷаъфари Содиқ омадааст: "Вақте ки қоим зуҳур мекунад, китоби аслии Аллоҳ таъолоро мехонад ва он мусҳаферо ки Алӣ навишта аст, берун меоварад."

Ва Муҳаммад ибни Муҳаммад Содиқи Садр дар «Таърихи пас аз зуҳур» (саҳ. 638) аз Муҳаммад ибни Алӣ ривоят карда аст ки «агар қоим Оли Муҳаммад хориҷ шавад... то ин ки гуфт ба амре ҷадид ва суннате ҷадид ва қазовати ҷадид, ки бар Араб басе душвор ва сахт аст, бармехезад».

Ва дар китоби "Рӯзи раҳоӣ» (саҳ. 372) аз амири муъминон нақл аст, ки «ту гӯӣ ман ҳам акнун шиъаҳоямро дар масҷиди Куфа нигоҳ мекунам, дар ҳоле ки хаймаҳое зада, Қуръонро, он чунон ки нозил шуда, омӯзиш медиҳам."

Ва Комил Сулаймон дар китоби "Рӯзи раҳоӣ" (саҳ. 373) аз мусҳафе ки Маҳдӣ онро хоҳад овард, барои мо нақл карда ва мегӯяд «вақте ки Алӣ аз (китобати) он фориғ шуд, онро ба мардум нишон дод. Онгоҳ ба онҳо гуфт ин китоби Худои азза ва ҷалла аст, он чунон ки Аллоҳ онро бар Муҳаммад нозил кардааст. Дар ҳақиқат, ман онро аз ду лавҳ (яъне аз ду ҷилде, ки аз аввал то охир онро дар худ ҷамъ кардаанд) ҷамъ кардаам. Онгоҳ онҳо гуфтанд дар назди мо ҳамон мусҳафе аст ки Қуръонро дар худ ҷамъ кардааст. Мо эҳтиёҷе ба он надорем, онгоҳ Алӣ гуфт ба Худо баъд аз имрӯз дигар ҳаргиз онро нахоҳед дид. Балки фақат бар ман лозим буд, ки вақте онро ҷамъ кардам, бар шумо хабар диҳам, то онро бихонед!».

Ва Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар китобаш «ал-Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2, саҳ. 360) гуфтааст «дар ахбор ривоят

шуда, ки онҳо (ъ) ба шиаёни худ дастур додаанд, ки аз ин Қуръони мавҷуд дар қироати намоз ва ғайри он истифода кунанд ва аҳкоми онро амалӣ созанд, то замоне ки мавлои мо соҳиби замон (Маҳдӣ) зуҳур мекунад, ки онгоҳ ин Қуръонро аз дастони мардум ба осмон рафъат медиҳад ва Қуръонеро, ки амиралмуъминин таълиф кардааст, берун меоварад ва онро мехонад ва ба аҳкоми он амал мекунад».

Ва Абулҳасани Омулӣ дар "Миръоту-л-анвор ва мишкоту-л -асрор" (саҳ. 36, Доруттафсири Қум) мегӯяд «Қуръоне, ки аз мавориди мазкур маҳфуз монда ва мувофиқ ба он чи ки Аллоҳ нозил кардааст мебошад, чизе аст ки Алӣ онро ҷамъ карда ва онро ҳифз карда, то ин ки ба писараш Ҳасан расида ва бадин тартиб, то ин ки ба қоим (Маҳдӣ) расида ва Қуръони имрӯз дар назди ӯст (дуруду саломи Худо бар ӯ бод).

Муҳаммад ибни Неъмон мулаққаб ба Муфид дар «Масоили сарвия» (саҳ. 81-88) мегӯяд ин ривоят аз аимаи мо (ъ) саҳеҳ аст, ки онҳо дастур додаанд ба қироати он чи дар байни ду ҷилд қарор дорад ва ин ки аз он таҷовуз накунем ва чизе аз он накоҳем,то вақте ки қоим зуҳур мекунад. Онгоҳ Қуръони аслиро ки амиралмуъминин ҷамъ кардааст, тиловат мекунад».

**Мегӯям** ин ҳамон эътиқоди шиа аст дар ин ки Имом Маҳдӣ, ки имоми дувоздаҳум аст Қуръонро хоҳад овард, ки бар ҳусби эътиқоди онҳо аз таҳрифи саҳоба дар амон мондааст. Ва аз шайхи онҳо Оятуллои Мирзоҳасани Ҳоирӣ, чунон ки дар китобаш «ад-Дин байна соили вал муҷиб» (саҳ. 89, табъи соли 1394) омадааст, ин суолро пурсиданд: «Равшан аст, ки Қуръон ба шакли оёти ҷудогонае бар Паёмбар (с) нозил шудааст, пас чӣ гуна дар қолаби сураҳо ҷамъ шуд? Ва аввалин касе ки қуръонро ҷамъ кард, чӣ касе буд? Ва оё Қуръоне, ки мо имрӯз мехонем, ҳама оёте, ки бар Набии акрам нозилшуда шомил аст ё ин ки дастхуши зиёдат ва нуқсон гардида аст?!». Ростӣ мусҳафи Фотимаи Заҳро чӣ бар сараш омад?!

Ҳоирӣ ҷавоб дод: "Оре Қуръон аз тарафи Аллоҳ таъоло бар Паёмбараш Муҳаммад ибни Абдулло дар зарфи муддати 23 сол, яъне аз аввали биъсаташ то рӯзи вафоташ нозил шудааст. Ва аввалин касе, ки онро ҷамъ кард ва онро дар сурати китоб дар байни ду ҷилд қарор дод, ҳамон амиралмуъминин Алӣ ибни Абӯтолиб аст ва ин Қуръонро имоми баъд аз имом аз писарони маъсумаш ба ирс бурдааст ва имоми мавриди интизори (Маҳдӣ), вақте ки зуҳур кунад, он Қуръонро зоҳир хоҳад кард. Аллоҳ Таъоло фараҷи ӯро зудҳангом гардонад ва зуҳури вайро осон намояд. Пас, Усмон дар замони хилофаташ онро ҷамъ кад ва ин Қуръон ҳамон аст ки аз синаҳои асҳоб ё аз он чи онҳо навиштаанд ва мо дар пеши рӯи худ дорем, онро ҷамъоварӣ кард."

**Бародари мусалмонам!** Диққат кунед! Дар он чи ки меояд дар он ҷо ду мусҳаф вуҷуд дошта, ки якеро Алӣ ҷамъ карда ва дигареро Усмон ҷамъ кардааст. Ва ҷаноби Ҳоирӣ ба ин тасреҳ накарда, ки он ду мусҳаф бо ҳам мутобиқ ҳастанд. Ва барои мисол нагуфта, ки мусҳафи Усмон ҳамон мусҳафи Алӣ аст.

Дар воқеъ, мусҳафи Алӣ ба имомони маъсум ба ирс расида ва касе ки аз он иттилоъ пайдо накарда ва имоми мавриди интизори онҳо вақте ки зуҳур мекунад, онро зоҳир хоҳад кард ва соил ҳақ дорад бипурсад, ки агар он мусҳафе ки имоми мавриди интизори шиа онро зоҳир кунад, ҳамон мусҳафе бошад ки дар миёни мусалмонон роиҷ ва мутадовул аст. Пас, он мусҳафе ки имоми мавриди интизор зоҳир мекунад, чи фоидае метавонад дошта бошад?!

## ҶАВОБРО БА УЛАМОИ ОНҲО ВОГУЗОР МЕКУНЕМ

Шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммад Нуъмон мулаққаб ба Муфид дар китобаш «Аввоили муқолот» (саҳ. 54, табъи дуюми Табрези Эрон) ва (саҳ. 91, табъи китоби исломи Бейрут) мегӯяд «ривоятҳо ба сурати ҷомеъ ва шомил аз аимаи Худо аз оли Муҳаммад аз ихтилоф ва мутафовут будани Қуръон ва ин ки тавассути баъзе аз он золимон дучори зиёдат ва нукс шуда аст, ҳикоят мекунад. Ва кассе, ки ӯро файласуфи фуқаҳо ва фақеҳи файласуфон ва устоди асри худ ва кулияи рӯзгори худ ном ниҳодаанд, яъне Мавло Муҳсин мулаққаб ба Файзи Кошонӣ дар тафсири «ас-Софӣ» (муқаддимаи шашум, 1/44, табъи аввал, с. 1979, муассисаи «Аъламӣ лилматбуъот»-и Лубнон) мегӯяд «аз ҳамаи ахбор ва ривоятҳои нақлшуда аз тариқи аҳли байт чунин мустафод мешавад, ки Қуръоне, ки ҳамакнун фарорӯйи мост, тамоми он нест, он гуна ки бар Муҳаммад нозил шудааст. Балки қисмате аз он бар хилофи оне аст, ки Аллоҳ нозил карда, ва қисмате аз он тағйир ёфта ва дасти коре шуда. Ва ин ки ашёи зиёде аз он ҳазф шуда, аз ҷумла номи Алӣ дар бисёре аз ҷоҳо ва аз ҷумлаи оли Муҳаммад чандин бор ва аз ҷумла номҳои мунофиқон дар ҷойҳояшон ва ... ғайри инҳо ... ва ин ки ин Қуръон ҳам чунин бар он тартибе нест, ки мавриди писанди Аллоҳ ва Расул (с) мебошад».

Ва ҳамчунин Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ дар тафсираш (ҷилди 1, саҳ. 36, Дору-с-сурури Бейрут) гуфта аст «ва аммо он чи ки хилофи он чи ки Аллоҳ нозил кардааст, ин гуфтааст: **"Шумо беҳтарин уммате ҳастед ки барои мардум падид омадаед, амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар мекунед ва ба Аллоҳ имон доред. Ва агар аҳли китоб имон меоварданд, барояшон беҳтар буд "** *(«Оли Имрон», ояти 110)*.

Онгоҳ Абӯабдулло бо қорији ин оят гуфтааст

«беҳтарини умат?!». Дар ҳоле ки амиралмуъминин Ҳасан ва Ҳусейн ибни Алиро мекушанд?! Онгоҳ ба ӯ гуфта шуд «эй писари Расули Худо, он оят чӣ гуна нозил шуд?». Гуфт «фақат ин нозил шуд <u>"шумо беҳтарин аима будаед, ки барои мардум хориҷ шудед"</u> оё дар охири оят мадҳи Худоро дар бораи онҳо намебинӣ?».

Ва масали ояти фавқ аст, ояте ки бар Алӣ аби Абдулло хонда шуд:

**"Ва онон ки мегӯянд эй Парвардигори мо, ҳамсарон ва фарзандонамонро рӯшании чашмонамон бигардон ва моро пешвои парҳезгорон қарор бидеҳ "** *(«Фурқон», ояти 74).*

Онгоҳ Абӯабдулло гуфт «онҳо чизи бузургеро бо ин тақозо ки онҳоро имоми парҳезгорон гардонад, аз Худо хостанд». Ба ӯ гуфта шуд?! Гуфт фақат ин нозил шуд. **"Ва онон ки мегӯянд эй Парвардигори мо, ҳамсарон ва фарзандонамонро рӯшании чашмонамон бигардон ва моро пешвои парҳезгорон қарор бидеҳ "** *(«Фурқон», ояти 74).*

Ва низ ин оят (масали оёти фавқ тағйир ёфтааст.)

**"Инсон маъмуроне дорад, ки паёпай ӯро ба амри Аллоҳ аз пеши рӯ ва пушти сар ҳифозат мекунанд"** *(«Раъд», ояти 11).*

Онгоҳ Абӯбдулло гуфт «чӣ гуна он чиз имрӯз аз фармони Худо маҳфуз мешавад? Ва чӣ гуна маъмуроне аз пеши рӯ барои ӯ хоҳад буд?!».

Онгоҳ ба ӯ гуфта шуд «эй писари Расули Худо ва ин чӣ гуна аст?!» Гуфт ин оят фақат ингуна нозил шуд: "Лаҳу муъқиботун мин халфиҳи ва рақибуи мин байни ядайҳи яҳфазунаҳу би амриллоҳ" ва назири чунин оёте фаровон аст. Ва ҳамчунин дар тафсираш (ҷилди 1, саҳ. 37, Доруссурури Бейрут) мегӯяд «ва аммо оёте ки дасткорӣ шудаанд ин аст:

**"Вале Худо гувоҳӣ медиҳад ба он чи ки** <u>(дар бораи Алӣ ба истилоҳи шиа)</u> **нозил кардааст онро бо илми худ нозил карда ва малоика шаҳодат медиҳанд "** *(«Нисо», ояти 166).*

**" Эй паёмбар он чи ро ки аз тарафи Парвардигорат** <u>(дар</u>

бораи Алӣ ба заъми шиа) **нозил шуда, иблоғ кун ва агар иблоғ накунӣ, пас, рисолаташро иблоғ накардӣ"** *(«Моида», ояти 67).*

**"Касоне ки кофир шуданд** (ва нисбат ба ҳаққи оли Муҳаммад ба заъми шиаҳо) **зулм карданд, Худо онҳоро намебахшад ва на ҳам ба роҳи** (рост) **ҳидояташон мекунад"** *(«Шуъаро», ояти 227).*

**"Ва касоне** (дар ҳаққи оли Муҳаммад) **зулм карданд, ба зудӣ хоҳанд донист, ки ба куҷо боз хоҳанд гашт"** *(«Анъом», ояти 93).*

Ва шайхи онҳо ва алломаи онҳо Неъматуллои Ҷазоирӣ дар «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2/357 табъи Табрези Эрон) мегӯяд «сеюм ин ки пазируфтан ба татовир расидани (қироати ҳафтгона) аз ваҳии илоҳӣ ва будани ҳар як ба ин ки Ҷабраил онро фуруд оварда, мунтаҳи ба тарҳи ривоятҳои ҷомиъ, балки мутавотир мешавад, ки сароҳатан бар воқеъ шудани таҳриф ва дастбурд дар Қуръон ба лиҳози калом ва мода ва эъроб далолат доранд. Бо вуҷуди он ки уламои мо (р) бар сиҳати он ва тасдиқ кардани он иттифоқ кардаанд».

Ва шайхи онҳо ва алломаи онҳо Мулло Боқири Маҷлисӣ дар "Миръоту-л-уқул фи шарҳи ахбори оли Расул» (12-525-526, табъи 2, нашри Дорулкутуби Исломӣ. Теҳрон) ривоятеро ворид карда, ки онҳо аз Абӯбдулло ривоят кардаанд, ки ӯ гуфта аст «Қуръоне, ки Ҷабраил барои ҳазрати Муҳаммад (с) овард, ҳабдаҳ ҳазор оят мебошад."

Дар тавзеҳи ин ривоят мегӯяд: "Мувассақ (боэътимод) аст ва дар баъзе аз нусхаҳо аз Ҳошим ибни Салом аз Ҳорун ибни Муслим нақл аст ки ин хабар саҳеҳ аст. Ва ногуфта пайдост ки ин хабар ва бисёре аз ахбори саҳеҳи ошкоро аз нақси Қуръон ва тағйири он ҳикоят мекунанд. Ба назари ман ахбор дар ин бора ҳамагӣ ба лиҳози маънои мутавотир ҳастанд ва тарҳ кардани ҳамаи онҳо воҷиди рафъи эътимод аз ахбор ба лиҳози раъс аст, балки

гумони ман ин аст ки ахбор дар ин бора аз ахбори имомат камтар нестанд, пас, чӣ гуна хоҳад буд нисбат ба субути он ба василаи хабар?!"

Ва шайхи онҳо Абӯансур Аҳмад ибни Алӣ ибни Абитолиби Табрасӣ дар китобаш «Иҳтиҷоҷ» (1/225/228, с. 1414 ҳиҷрӣ, маншуроти Ширкати кутуби Бейрут) ва (табъи Аъламӣ Бейрут, ҷилди 5, саҳ. 155) аз Абӯзари Ғифорӣ нақл мекунад, ки ӯ гуфта аст «вақте ки Паёмбар (с) вафот кард, Алӣ Қуръонро ҷамъ кард ва тибқи васияти Паёмбар онро ба сӯйи муҳоҷирон ва ансор овард. Сипас, вақте ки Абӯбакр онро кушуд, дар аввалин саҳифае ки онро боз кард, расвоиҳои он қавм берун омад. Онгоҳ Умар бархост ва гуфт «эй Алӣ, онро бозгардон, мо ҳеҷ эҳтиёҷе ба он надорем». Ба ҳамин хотир, Алӣ онро баргирифт ва бозгашт. Сипас, Умар Зайд ибни Собитро ки як қории Қуръон буд, ҳозир кар ва ба ӯ гуфт «Алӣ Қуръонро овард ва дар он расвоиҳо ва фазоеҳи муҳоҷирон ва ансор мавҷуд аст ва мо чунин назар додем, ки Қуръон ҷамъоварӣ ва таълиф шавад ва он чиро, ки аз фазиҳат(шармандагӣ) ва беҳурматии муҳоҷирон ва ансор дар он буд, аз он ҳазф шавад. Зайд ҳам дар ин робита пешниҳодро қабул кард. Вақте ки Умар халифа шуд, аз Алӣ хост, ки он Қуръонро ба онҳо таҳвил диҳад, то фи мобайн худи онро таҳриф кунанд. Ба ҳамин хотир Умар гуфт «эй Абул Ҳасан, чаро Қуръонеро, ки пеши Абӯбакр овардӣ, пеши мо намеоварӣ?». Алӣ гуфт (аслан ҳарфашро ҳам назанед) чаро ки ман онро мунҳасиран назди Абӯбакр овардам, то ҳуҷҷате бар шумо боқӣ намонад ва дар рӯзи қиёмат нагӯед, ки мо аз ин ғофил будем ё бигӯед ту Қуръонро, ки дар наздат буд, наовардӣ (Қуръоне ки фақат покон онро ламс кунанд)». Умар гуфт «пас, оё барои зоҳир кардани он вақти мушаххас вуҷуд дорад?». Гуфт «оре, вақте ки қоим (аз фарзандони ман) зуҳур мекунад ва мардумро бар он ҳамл мекунад, ки онгоҳ суннат ба василаи (вай) ҷорӣ мешавад (дуруду салом бар ӯ бод)».

Ва Табрасии имоми шиъӣ (1/371, аълами Бейрут 1/249) мегӯяд «ва ба таври умум тақия ва тасреҳ кардани асмо бадал шуда ва зиёрат дар оёти он иҷоза намедиҳад, пас он чи ки шунидаӣ ҳамин кофии ту аст аз ҷавоб дар ин ҷойгоҳ. Чаро ки шариати тақия аз тасреҳ кардан ба зиёдтар аз он мамнуъият ба амал овард».

Ва Табрасӣ дар ҷои дигар (1/377/378, аълами Бейрут, 1/254) мегӯяд «ва агар ҳамаи он чиро ки ҳазф шуда ва таҳриф шуда ва табдил шуда...ро барои шумо шарҳ диҳам, сухан ба тӯл меанҷомад. Ва он чи ки тақия изҳор кардани онро аз фазоили авлиё ва зиштиҳои душманон манъ кардааст, зоҳир мешавад».

Ва шайхи онҳо, ки ӯро ба орифи машҳур тавсиф кардаанд, яъне Султон Муҳаммади Ҷаннобзӣ мулаққаб ба Султон Алӣ Шоҳ дар китоби «Баёни одат фи мақомоти ибодат» (19-20 аз ҷузъи аввал, ки муассисаи аълмӣ матбуоти Бейрут дар соли 1408 ҳиҷрӣ иқдом ба чопи он кард) мегӯяд «бидон, ки ривоятҳои ҷомеъ ва шомили нақлшуда аз аимаи атҳор ҳамагӣ шикоят аз он дорад, ки Қуръони кунунӣ дастхуши зиёдату нақсу таҳриф ва тағйир гардидааст, он ҳам ба тавре ки тамоман яқинбахш ҳастанд. Ва аммо ин ки бархе таъвил бар ин доранд, ки зиёдат ва нуқсон ва тағйир сирф дар тарзи бардошт ва тафҳими онҳо аз Қуръон будааст, на дар лафзи он, коре мутакаллифона анҷом додаанд. Ва шахсиятҳои комилро насазад, ки дар хитобҳои оми худ қоил бад-он шаванд».

Ва шайхи онҳо ки дар назди шиаён ба коршиноси фозил ва касе ки ҳама талоши худро сарфи адои таклифу масъулият мекунад мутассиф аст, яъне оқои Абулҳасани Омурӣ Мавло Муҳаммад Тоҳир ибни Абдулҳамид ибни Мӯсо ибни Алӣ ибни Маътуф ибни Абдаҳамиди Омурӣ Наботи Фатунӣ дар муқаддимаи тафсираш «Миръоту-л - анвор ва мишкоту-л-асрор» (саҳ. 36, чопи муассисаи Офтоби Теҳрон, соли 1474 шамсӣ аз маншуроти исмоилиёни Қум) мегӯяд «бидон ҳақи гурезнопазире, ки

ба сабаби ахбор ва ривоятҳои мутавотироти ва ғайри онҳо ба даст меояд, ин аст ки ин Қуръоне, ки ҳамакнун дар ҷилави мо қарор дорад, баъд аз вафоти Расули Худо (с) тағйироте чанд дар он ба чашм мехӯрад ва касоне, ки онро баъд аз Паёмбар (с) ҷамъоварӣ кардаанд, бисёре аз калимот ва оёте, ки мувофиқ ба он чи ки Аллоҳ таъоло нозил карда буд ва Алӣ онро ҷамъ карда ва онро нигоҳ дошта буд, то вақте ки ба писараш Ҳасан расид ва бадин тартиб, то ин ки ба қоим (Маҳдӣ) мунтаҳӣ шудро ҳазф кардаанд. Боре Қуръони аслии имрӯз дар нази қоим аст (дуруд ва саломи Худо бар ӯ бод)».

Омули Фатунӣ дар саҳифаи 49 мегӯяд "бидон, он чи ки аз сиқаи ислом оқои Кулайнӣ бардошт мешавад, ин аст ки вай ба таҳриф ва тағйири Қуръони кунунӣ эътиқод дорад, чаро ки вай ривоятҳои зиёдеро дар китобаш дар ин замина нақл кардааст ва ҷолиб ин ки ровиёни онҳоро мувассақ (мавриди эътимод) дониста ва ҳар гуна қадҳ ва мухолифатеро бо он ривоёт баъид дониста, албатта, эшон дар бораи шайхаш ҷаноби Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ ҳам чунин назаре дорад, чаро ки тафсири вай саршор аз чунин ривоятҳое аст. Вай дар тафсираш гуфта аст «ин гуфтаи Худо –**"Шумо беҳтарини уммат ҳастед, ки барои мардум падид омадаед"** *(«Оли Имрон», ояти 110)* ба хилофи нузули асли Қуръон аст. Чаро ки Содиқ ба қории ин оят гуфт «беҳтарини уммат?! дар ҳоле ки Алӣ ва Ҳусайн ибни Алиро мекушед?!». Ба ӯ гуфта шуд «пас чӣ гуна нозил шуд?!». Гуфт фақат гуфта шуд **"шумо беҳтарини уммат ҳастед, ки барои мардум падид омадаед"** магар мадҳ ва ситоиши Худовандро дар охири оят нисбат ба онҳоро намебинӣ: **"Амри ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунед"** пас гуфт он мардум оёти зиёдеро аз ин навъ нақл кард. Пас гуфт аммо он чи ки аз Қуръон ҳазф шуда ин гуфтаи Аллоҳ таъоло аст "локиналлоҳа яшҳаду фӣ мо унзила илайка (фӣ алиййин).

Гуфт ва бадинсон нозил шуд: "анзалаҳу би илмиҳи вал

малоикату яшҳадуна...).

Сипас оётеро аз ин қабил зикр намуд. Ва ҷамоате аз уламони муфассири мо монанди Айёшӣ ва Нуъмонӣ ва Фаротии Куфӣ ва дигарон бо Қумиву Кулайнӣ мувофиқат кардаанд. Ва ин назарияи аксари муҳаққиқон ва муҳаддисони мутааххир ва назарияи шайхи бузургвор Аҳмад ибни Абитолиби Табрасӣ аст, чунон ки китобаш «Иҳтиҷоҷ» ба он тасреҳ мекунад. Ва дар ҳақиқат, шайх алломаи мо Муҳаммад Боқир ходими улуми аҳли байт ва ходими ривоятҳи онҳо дар китобаш «Биҳору-л-анвор» ӯро ёрӣ дода ва доманаи баҳсро густурда сохтааст. Албатта, Аҳмади Табрасӣ дар ин бора бештар сухан нагуфта аст. Ин ҷаноб ҳам баъд аз пайгирии ахбор ва ривоятҳо ва баррасии осор ба ин натиҷа расидам, ки ин сухан комилан саҳеҳ аст. Ва метавон онро аз ҷумлаи заруриёт ва усули мазҳаби ташайюъ номид ва яке аз бузургтарин ва асостарин мафосиди ғасби хилофат будааст.

Ва аллома Саид Аднони Баҳронӣ дар китобаш «Машориқу –ш-шумуси-д- дуррия» (саҳ, 126) пас аз зикри ривоятҳое, ки вуҷуди таҳрифро дар назари ӯ собит мекунанд, мегӯяд «ахборе ки қобили шумориш нестанд, фаровонанд ва ҳатто аз ҳадди тавотур ҳам гузаштанд, ҳол ки дар миёни ҳарду даста ин хабар печида, ки Қуръон дучори таҳриф ва тағйир шудааст. Дар нақли ривоятҳои мазкур он чунон фоидаи зиёде нест. Саҳоба ва тобиъин, балки гурӯҳи ҳақ иҷмоъан бар ин ақидаанд, ки ин тағйирот ва таҳрифот ба Қуръон роҳ ёфтааст ва ба ҳамин хотир гурӯҳи ҳақ аз як тараф ин дидгоҳро аз ҷумлаи заруриёт ва усули мазҳаби худ медонад ва ба василаи он ривоятҳо якдигарро маҳкум кардаанд».

Ва аллома муҳаддиси машҳур Юсуфи шиаи Баҳронӣ дар китобаш «ад-Дуррару-н-наҷафия» (муассисаи Оли байт, саҳ. 298) баъд аз зикри ривоятҳое, ки дар назараш таҳрифи Қуръонро собит мекунанд, мегӯяд «ногуфта пайдост, ки ин ахбор ва ривоятҳои шуста ва рафта

дидгоҳҳоро таъйид мекунанд ва бар он ангушти сиҳат мегузоранд. Ва агар ин ривоятҳо ба иллати касрат ва интишорашон мавриди таън ва эътироз қарор бигиранд, (рафта-рафта) ҳамаи ахбори шариат ҳам мавриди таън қарор мегиранд ва ин комилан рӯшан аст. Магар на ин ки усули (дин) - яке аст ва ҳамчунин шеваҳо ва ровиён ва машоих ва ноқилон ҳам таҳти шиъои ин усул қарор мегиранд. Ва ба ҷони худам савганд, агар бигӯянд тағйир ва табдиле дар Қуръон роҳ наёфта, фақат ба хотири (худширинӣ) ва ҳусни зан ба пешвоёни (хулафои) ситампеша аст ва ин ки онҳо ба амонати бузург хиёнат накардаанд, дар ҳоле ки дар он яке амонат ки басе зиёновартар барои дин аст, хиёнат кардаанд».

Ва ҳамчунин аллома муҳаққиқи шиа Мирзо Ҳабибуллои Ҳошими Хуӣ дар китобаш «Минҳоҷу-л-бароъати фӣ шарҳи «Наҳҷу-л-балоғати» (муассисаи вафои Бейрут. ал-Мухтору-л -аввал, саҳ. 214-220) далоиле дар заминаи нуқсони Қуръон баршумурдааст ва мо теъдоде аз ин адиларо тибқи гуфтаи ин олими шиъӣ зикр мекунем:

1) Нақси сураи вилоят.

2) Нақси сураи нурайн.

3) Нақси баъзе калимот аз оёт.

Сипас гуфта аст «Имом Алӣ дар даврони хилофаташ ба иллати тақиякорӣ натавонист Қуръонро тасҳеҳ кунад. Ҳамчунин ба хотири он иқдом ба ин кор накард то ин Қуръон дар рӯзи қиёмат бар муҳаррифон ва тағйирдиҳандагон ҳамчун ҳуҷҷат ва далеле боқӣ монад». Ва ҳамчунин гуфта аст «аима аз тарси ин ки дар байни мардум ихтилоф эҷод нашавад ва мардум ба куфри аслии худ бознагарданд, натавонистанд ки Қуръони аслӣ ва саҳеҳро зоҳир кунанд».

Матолиби фавқ, баъзе аз тасреҳот ва мақулоти уламои шиа аст ба ин ки Қуръони кунунӣ ноқис ва таҳрифшуда мебошад. Ва чун эътиқод ба таҳрифи Қуръон аз ҷумлаи усул ва заруриёти мазҳаби шиа аст. Уламои онҳо, чи дар

гузашта ва чи дар ҳозира, ихтисосан китобҳоеро дар ин замина навиштаанд ва аз ин эътиқоди муғризона ва палиди худ парда бардоштаанд. То ҷое ки банда медонам охирин нафари онҳо ки дар ин арса қаламфарсоӣ кардааст, шайх ва алломаи онҳо Мирзо Ҳусайн ибни Мирзо Муҳаммади Таққӣ ибни Мирзо Али ибни Муҳаммади Нури Табрасӣ мебошад. Вай китобе таълиф карда, таҳти унвони «Фаслу-л- хитоб фӣ исботи таҳрифи китоби Рабби-л -арбоб». Вай бино ба гумони худ бо такя бар 2000 ривоят дар ин китоб иддаъо карда, ки Қуръони дастхуши таҳриф гардидааст. Дар муқаддимаи китобаш гуфтааст ин китоби нодиру бузург ва арзишманд аст, ки дар заминаи исботи таҳрифи Қуръон ва расвоиҳои ситампешагон ва таҷовузкорон онро ба нигориш даровардаам. Ва онро "Фаслу- л- хитоб фӣ таҳрифи китоби Рабби-л-арбоб" ном ниҳодаам.

Ва ин гумроҳшуда аз Қуръони карим дар ҷое ки сухан аз далоили таҳриф ба амал меоварад, мегӯяд "фасоҳати он дар баъзе фикраҳоболиғ аст ва ба ҳадди эъҷоз мерасад ва баъзе дигар аз он сахиф аст (астағфируллоҳ ва наъузу биллоҳ).

То ҷое ки ман иттилоъ дорам, ҳеҷ олими шиъӣ китоби «Фаслул хитоб»-ро инкор накардааст. Ин оқои Табрасӣ дар назди шиа маконат ва манзалати бузурге дорад. Дар ҳақиқат Оятуллои шиъӣ Муҳсин Амин дар китоби «Ааъёну-ш- шиъа» барои ӯ ҳолномае навишта ва аз ӯ тамҷид ба амал овардааст.

Ва ҳамчунин шайхи онҳо Аббоси Қумӣ дар ( Алқоб ва куниятҳо) ва оқо бузурги Теҳронӣ дар (Нуқабои башар) ӯро мавриди сано ва таъриф қарор додаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки китоби Табрасӣ «Мустадраку-л-васоил ва мустанбату-л-масоил» аз ҷумлаи китобҳои муътамади шиа аст. Чаро ки ин китоб навъе такмила бар китоби «Васоили шиъа»-и Ҳури Омулӣ ба ҳисоб меравад.

## ВА НУРИИ ТАБРАСӢ ДАР НАЗДИ ШИА БА ОХИРИН МУҲАДДИС МУЛАҚАБ АСТ!

Дар умум шиаҳо қоил ба таҳрифи Қуръон ҳастанд ва нисбат ба ровиён ва муҳаддисони таънзадаи худ ҳисси башардӯстиашон гул мекунад ва эҳсоси дилсузӣ мекунанд. Ва агар дар муқобили суннат таҳрифи Қуръонро ҳам инкор мекунанд, ҳама ва ҳама аз боби тақия аст, ки дар сояи он метавонанд аҳли суннатро ба бозӣ бигиранд ва бар онҳо дурӯғ бибананд. Вагарна эҳсоси тараҳҳум ва дилсӯзӣ нисбат ба Нурии Табрасӣ ва амсоли ӯ монанди Қумӣ ва Кулайнӣ ва дигарон, ки қоил ба таҳрифи Қуръон ҳастанд, чӣ маъное дорад?! Ва бузургтарин мисол бар ин раҳбар ва раиси ҳавзаи илмияи онҳо ва марҷаи аълои онҳо дар Наҷаф Абулқосими Хуӣ аст, ки дар китобаш "ал-Баён фи тафсирил Қуръон" (саҳ. 278, чопи чоруми соли 1389) мегӯяд «сухан аз таҳрифи Қуръон, хурофот ва хаёландешӣ аст, ки фақат ва фақат сустақлон қоил ба он ҳастанд... Ва шахси оқил ва мунсиф ва мутадаббир қотеъона ва бе ҳеҷ тардиде ин суханро ботил ва хурофӣ медонад».

**Мегуям** пас, оё ҷаноби Кулайнӣ, Қумӣ, Табрисӣ, Маҷлисӣ, Нурӣ, Фатунӣ ва Муфид ва ғайри онҳо аз ҷумлаи касоне ҳастанд, ки ақлашон заиф ва нотавон аст?! Ва аз ҷумлаи касоне ҳастанд, ки таҳти шуои ин иттиҳом қарор мегиранд?! Оё агар ин сухани Хуиро ҳамл бар тақия кунем, ки дар сояи он онҳо метавонанд ба душманони худ дурӯғ бигӯянд, ӯро Содиқ медонем?!

Дар ин ҷо умури ҷиддан муҳиме вуҷуд дорад, ки онҳоро дар пеши рӯйи хонандаи гиромӣ қарор медиҳем, ки мутааллиқ ба дидгоҳи Хуӣ аз Қуръон мебошад. Ва ҳукм дар бораи онҳоро ба хонанда вогузор мекунем.

Аввал, ҷаноби Хуӣ оқои Алӣ ибни Иброҳими Қумӣ, ки китоби Аллоҳро мавриди таън қарор медиҳад, мувассақу мавриди эътимод дониста аст. Ба «Муъҷами риҷоли-л-

ҳадис»-и Хуӣ муроҷиа кунед.

Дуюм, ин Абулқосими Хуӣ ҳамон касе аст ки ба дуои ду бути Қурайш фатво дода ва дар ин дуо ду сатр омада, ки Абӯбакр (р) ва Умар (р)-ро ба дастбурд (таҳриф кардан )-и дар Қуръон муттаҳам мекунанд. Яке: "Худоё лаънат кун ду бути Қурайш... он ду ки мухолифи фармони Ту амал кардаанд... ва Китобатро таҳриф карданд". Дуюмӣ: "Худоё, ба ададди ҳар ояе ки онро таҳриф кардаанд, онҳоро лаънат кун!"

Саввум, ин оқо комилан ба ин қонеъ шуда, ки Имом Алӣ мусҳафе дар ихтиёр дошта, ки бо Қуръоне ки мусалмонон дар ҳамаи нуқоти дунё бо он ибодат мекунанд, муғойир аст, чаро ки дар тафсираш «ал-Баён» (саҳ. 243) мегӯяд "Вуҷуди мусҳафе барои амири муъминон, ки дар тартиби сураҳо бо Қуръони мавҷуд муғойират дорад, аз ҷумлаи чизҳое аст, ки шак дар он дуруст нест ва ҳамин ки уламои аълом (шинохта) вуҷуди онро пазируфта ва дар ин замина бо ҳам созишу тавофуқ доранд, моро аз заҳмати собит кардани он бениёз сохтааст".

Чорум, ин оқо чунин назар дорад, ки насхи тиловат мусталзими қавл ба таҳрифи Қуръон аст. Ва чун насхи тиловат дар Китоб ва суннат собит аст, пас ба назари ҷаноби Хуӣ ин, яъне таҳриф дар Қуръон ҳам роҳ ёфтааст. Ӯ дар саҳ. 219 мегӯяд «қавл ба насхи тиловат зотан қавл ба таҳрифи Қуръон аст ва бар ҳамин асос истишҳори қавл ба воқеъ шудани насх дар тиловат дар назди уламои аҳли суннат мусталзими иштиҳори қавл ба таҳриф аст». Ва дар саҳифаи 224 мегӯяд «ногуфта пайдост, ки агар бигӯем тиловат насх шудааст, зотан бад-ин маънӣ аст, ки бигӯем дар Қуръон таҳриф ва исқот ва ҳазф ҳам роҳ ёфтааст».

Панҷум, Хуӣ дар саҳифаи 219 гуфтааст «ва ҷамоате қавл ба адам(набудан)-и таҳриф дар Қуръонро ба бисёре аз бузургон нисбат додаанд, аз ҷумла шайхи машойих Муфид».

**Мегӯям** шумо қаблан мулоҳиза кардед, ки ҷаноби

Муфид чунин муътақид буд, ки ривоятҳои ҷомеъ ва шомиле дар заминаи вуқӯи таҳриф дар Қуръон омадаанд ва Хуӣ ҳам дар ин ҷо ки мегӯяд «ва нисбат додан» дар мақоми гумроҳ кардан ва тақаллуб кардан баромада ва амдан мехоҳад ба назари саҳеҳи Муфид нисбати таҳрифи Қуръон ишора накунад.

Шашум, Хуӣ аҳодиси ворида дар боби таҳрифро дар назди худашон қавӣ донистааст. Ӯ дар саҳифаҳои 245-246 гуфта аст «Бисёре аз ривоятҳо гарчи ба лиҳози санад заиф ҳастанд, теъдоде аз онҳоро аз китоби Аҳмад ибни Муҳаммади Сайёдӣ нақл кардааст. Ӯ касе аст, ки уламои риҷол боитифоқ қоил бар фасоди мазҳабаш ҳастанд. Ва ӯ қоил ба таносух аст ва низ аз Алӣ ибни Аҳмади Куфӣ нақл кардам, ки уламои риҷол мегӯянд ӯ каззоб аст ва фосидмазҳаб мебошад. Аммо касрати ривоёт ин қатъиятро мебахшад, ки баъзе аз онҳо аз аимаи маъсумин ривоят кардаанд ва ман аз итминон ба ин намекоҳам ва дар он ривоятҳо теъдоде ҳам ҳастанд, ки ба шеваи муътабаре ривоят шудаанд. Бино бар ин, мо ниёзе надорем, ки биёем, дар бораи санади ҳар ривояте сухан бигӯем.

Ҳафтум, Абулқосими Хуӣ дар "Муъҷаму риҷоли-л-ҳадис" (саҳ. 245, ҷузъи 14, чопи Бейрут, соли 1403) аз Бариди Аҷалӣ аз Абӯабдулло ривоят карда, ки ӯ гуфтааст: "Худованд дар Қуръон номи ҳафт нафарро зикр кард, ки Қурайш номи шаш нафари онҳоро пок кард ва Абӯлаҳабро боқӣ гузошт». Ва ман (ровӣ) аз ин қавли Худо **"Оё ба шумо хабар диҳам, ки шаётин бар чӣ касе нозил мешаванд?! Онҳо бар ҳар дурӯғгӯйи гунаҳкор нозил мегарданд"** *(«Шуъаро», оёти 221-222)* пурсидам, гуфт онҳо ҳафт нафаранд: Муғийра ибни Саъид, Банон, Соиди Наҳдӣ, Ҳориси Шомӣ, Абдулло ибни Ҳорис, Хамра ибни Аммори Забирӣ ва Абӯлхаттоб».

Ва Хуӣ ривоятҳои зиёдеро ҳамзамон бо ин ривоят нақл карда ва дар саҳифаи 259 аз ҳамон ҷилди зикршуда дар тавзеҳи онҳо гуфта аст «аз ин ривоятҳо чунин ба даст меояд,

ки Муҳаммад ибни Абизайнаб марде гумроҳ ва гумроҳшуда ва дорои ақидаи фосид буда ва баъзе аз ин ривоятҳо гарчи дорои санади заиф ҳастанд, аммо он қадар ривояти саҳеҳ дар миёни онҳо вуҷуд дорад, ки иддаои тавотур дар онҳоро ба марҳалаи иҷмол мерасонад ки дур нест».

Ва бисёр возеҳ аст, ки Хуӣ дараҷаи ин ривоятро аз ҷиҳати сиҳат ва заъф баён накардаасст. Аммо дар ҷилди нуҳум, саҳифаи 47 ба ин ривояти хабис ва муғризона ки ба китоби Аллоҳ таъна мезанад, истишҳод мекунад(далел меорад) ва дар ҳолномаи Муҳаммад ибни Абизайнаб тафсири ӯ аз ин оят меояд» **"Оё ба шумо хабар диҳам ки шаётин бар чӣ касе нозил мешаванд?! Онҳо бар ҳар дурӯғгӯйи гунаҳкор нозил мегарданд"** *(«Шуъаро», оёти 221-222)* ва ин ки Соиди Наҳдӣ яке аз онҳо будааст. Ва чунон ки маълуму рушан аст, он чи ки Хуӣ дар ин ҷо аз он далел овард, ниме аз он ривоят хабис аст ва тибқи одаташ ба лиҳози сиҳат ё заъф ба он напардохтааст бо вуҷуди он ки ангезаҳо фароҳам аст, барои он ки онро мавриди интиқод қарор диҳад ва аз китоби Худои азза ва ҷалла дифоъ кунанд, аммо ӯ ин корро накардааст.

Ҳаштум, ин оқо хиҷолат намекашад аз ин ки дар саҳифаи 219 аз тафсираш сароҳатан дуруғгӯӣ мекунад. Ӯ мегӯяд: "Чизе ки дар байни уламои шиа ва муҳаққиқони онҳо машҳур аст ва бар сари он тавофуқ доранд, ин аст ки таҳрифе дар Қуръон сурат нагирифтааст "сипас, худро таксиб карда ва гуфтааст "пас, ҷамъе аз муҳаддисони шиа ва уламои аҳли тасаннун ба воқеъ шудани таҳриф дар Қуръон гироиш ёфтаанд." Ҷуръати ӯро дар ин гуфта нигоҳ кунед "Ва ҷамъе аз уламои аҳли суннат?!!».

**Мегӯям** ин ҳамон Хуӣ ва ин ҳамон қавлҳову афкораш аст. Ва набояд аз мо пинҳон бимонад, ки вай савганд хӯрдан ва дурӯғро аз боби тақия ҷоиз медонад. Дар китоби «Танқиҳ шарҳи урвату-л-вусқо» (278, 307) аз Ҷаъфари Содиқ нақл карда «ва ин ривоятро саҳеҳ донистам, ки ӯ гуфтааст ҳар коре ки кардед ё бар сари он

савганде аз боби тақия хӯрдед, дастатон боз аст» (ва гуноҳе бар шумо нест).

Ҳушдор аз ин шайтонҳои ҳуққабоз, ки барои фиреб додани мусалмонон ва дурӯғ гуфтан бар онҳо савганди дурӯғомезро ҳам ҷоиз медонанд.

**Бародарони мусалмонам,** масъалаи муҳим ва бузургро мулоҳиза кун ва он ин ки ҷаноби Хуӣ гӯяндагони таҳрифи Қуръонро кофир надониста. Чаро?! Чун мазҳаби шиа бар асоси ривоятҳои инҳо ки қоил ба таҳрифи Қуръон аст устувор мебошад, ҳол агар ривоятҳо ва ақволи инҳо мардуд эълом шавад, дигар чизе аз мазҳаби инҳо боқӣ намемонад ва тамоман нобуд хоҳад шуд.

**Бародари мусалмонам**, аз ин тааҷҷуб макун, ки шиа ҳам Қуръони мавҷудро қироат мекунанд, бо он ки ба гумонашон таҳриф шудааст, чун онҳо тибқи ақволашон бар ин масала дастур дода шудаанд. Масалан, ҳамин оқои Нематуллоҳи Ҷазоирӣ дар китоби «ал-Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2, саҳ. 363, маншуроти Аъламӣ Бейрут) хостгоҳ ва иллати қироати шиа аз ин Қуръонро, бо вуҷуди он ки мегӯянд таҳриф шудааст, зикр мекунанд ва мегӯянд «дар ахбор ва ривоятҳо ривоят шуда, ки аима (ъ) шиаҳои худро ба қироати Қуръони мавҷуд дар намоз ва ғайри он ва ба амал ба аҳкоми он дастур додаанд, он ҳам то замоне ки мавлои мо соҳиби замон зуҳур мекунад ва он Қуръонро аз дастраси мардум бармедорад ва ба Осмон иртифоъ медиҳад ва он Қуръонеро ки амири муъминин (Алӣ) таълиф кардааст, берун меоварад. Пас, онро қироат мекунад ва ба аҳкоми он амал менамояд».

Ва Муҳаммад ибни Нуъмон мулаққаб ба Муфид дар "Масоили сарвия» (78-81) ва ҳамчунин Исфаҳонӣ дар «Ороун ҳавла-л-Қуръон» (саҳ. 135) гуфтааст «ин хабар аз аимаи мо саҳеҳ аст, ки онҳо ба мо дастур доданд, ки Қуръони қароргирифта дар байни 2 ҷилдро бихонем ва дар пайи зиёд кардан ё кам кардан аз он барнаоем, то замоне ки қоим зуҳур мекунад. Онгоҳ ӯ Қуръони аслӣ,

яъне ҳамоне ки амиралмуъминин онро ҷамъ кардааст, бар мардум мехонад ва онҳо моро фақат аз қироати ҳарфҳое ки бар ҳуруфи собитшудаи мусҳаф афзун аст ва ба василаи ривоятҳое омадаанд, наҳӣ карданд, чаро ки ин ҳуруфи (зиёд) ба сурати тавотур наёмада, балки фақат дар қолаби ривоятҳои (оҳод) омадаанд. (Ва дар ривоятҳои оҳод) ҳам гоҳе шахси ноқил дучори иштибоҳ мешавад. Ва гузашта аз ин, агар инсон бар хилофи одатшудаи Қуръони кунунӣ бихонад, худ ба худ баҳона ба дасти аҳли хилоф ва ҷабборон медиҳад ва худро дар маърази ҳалок қарор медиҳад. Ба ҳамин хотир моро аз қироати хилофи Қуръони мавҷуд манъ кардаанд."

**Аммо иддаои баъзе аз шиа мабни бар ин ки таҳриф дар Қуръон манзур аз он таҳриф ба василаи тафсир аст. Ин сухани ботил аст ва далели мо бар бутлонион ин аст:** Иддаои он мабнӣ бар вуҷуди Қуръони саҳеҳ дар назди Маҳдии мавъуд, яъне Қуръони мавҷуди кунунӣ саҳеҳ нест, чаро ки агар Қуръони Маҳдӣ мисли Қуръони кунунӣ мебуд, пас, иддаои шиа қоил бар вуҷуди Қуръон дар назди Маҳдӣ чӣ фоидае дорад?!

Бо ривояти мавҷуд дар «Кофӣ» (2/591) (китоби фазли Қуръон), ки дар он фасл омадааст: Қуръоне, ки бар Муҳаммад (с) нозил шуда, ҳабдаҳ ҳазор оят буда. Аммо Қуръони мавҷуди феълӣ тақрибан шашҳазору дусад оят мебошад ва ин, яъне аз се ду микдори оятҳои Қуръон ноқис аст ва ин иддаоро касе кардааст ки ин ҳадисро шарҳ дода ва аз ҷумлаи онон Маҷлисӣ аст, ки дар китоби «Миръоту-л-укул» (ҷилди 12, саҳ. 525) ва низ Солеҳи Мозандаронӣ дар китобаш "Шарҳи ҷомеъи «Кофӣ" (ҷилди 11, саҳ. 76) ба накл аз усули мазҳаби шиа.

Эътирофи баъзе аз бузургони уламои шиа ба ин ки таҳриф дар Қуръон фақат дар тафсир нест, балки дар алфози Қуръон ҳам мебошад монанди Маҷлисӣ дар «Миръоту-л-уқул» (ҷилди 12, саҳ, 525) ва Ҳабибуллои Ҳошимӣ дар «ал-Бароъату фӣ шарҳи «Наҳҷу-л-балоғати» (саҳ. 216).

Иддаои уламои шиа ба нақси комили сураҳо аз қироат монанди сураи «Вилоят» ва сураи «Нурайн» (ду нур), чунон ки Маҷлисӣ дар китобаш «Тазкирату-л-аима» (18-21) ва Ҳабиби Ҳошимӣ дар китобаш «ал-Бароъату фӣ шарҳи «Наҳҷу-л-балоғати» (ҷилди 2/218) ва Нурии Табрасӣ дар китобаш «Фаслу-л-хитоб» (саҳ. 118) гуфтаанд «сураи «Нурайн» ин аст: «Эй касоне ки имон овардаед, ба ду нуре ки онҳоро нозил кардаем, имон биоваред, он ду оёти моро бар шумо мехонанд ва шуморо аз азоби рӯзи бузург барҳазар медоранд. Ду нур ки аз якдигар ҳастанд. Ва ман шунаво ва огоҳ ҳастам. Касоне ки ба аҳд ва паймони Худо ва расулаш дар оёте вафо мекунанд, барои онҳо биҳиштҳое пур аз ноз ва неъмат аст. Ва касоне ки баъд аз имонашон кофир шуданд чун мисоқ ва аҳди худ ва он чиро ки расул бар сари он бо онҳо паймон баста буд, шикастанд, дар оташи Ҷаҳаннам партоб карда мешаванд. Онҳо ба нафси худ зулм кардаанд ва аз васии Паёмбар сар печиданд, онҳо аз оби доғи Дӯзах об дода мешаванд. Худое, ки нури Осмон ва Замин аст, бар ҳар чизе ки бихоҳад (тавоно аст). Ва аз малоикааш касонеро баргузид ва аз миёни муъминон (авсиёе) қарор дод. Худо ҳарчи бихоҳад, анҷом медиҳад, ҳеҷ худое нест ҷуз Ӯ, ки Раҳмону Раҳим аст. Касоне ки қабл аз онҳо нисбат ба расулонашон макр ва ҳиқа ба кор буданд, ман ҳам бо ин ҳамин макр ва ҳиқа онҳоро гирифтам (ва нобут сохтам) баростӣ, ки гирифтани ман шадид ва дарднок аст. Аллоҳ таъоло Од ва Самудро ба хотири он чи ки касб карданд, ҳалок сохт. Ва онҳоро барои шумо ба унвони ёдоварӣ ва тазкирае қарор дод. Оё парҳезгорӣ намекунед?! Ва Фиръавн ва пайравонашро ба хотири саркашӣ бар Мӯсо ва бародараш Ҳорун ғарқ кард. То барои шумо нишона ва ояте бишавад. Ва бештари шумо фосиқ ҳастед, Худо ҳамаи онҳоро дар рӯзи ҳашр ҷамъ мекунад ва вақте ки мавриди суол ва бозхост қарор мегиранд, наметавонанд ҷавоб диҳанд. Дар ҳақиқат, Ҷаҳаннам манзилгоҳи онҳост.

Ва Аллоҳ таъоло доно ва кордон аст. Эй Расул, инзор ва ҳушдори моро иблоғ кун! Ба зудӣ хоҳанд донист. Дар ҳақиқат, касоне ки аз оёт ва ҳукми ман руй мегардонданд, зарар кардаанд, монанди касоне ки ба аҳди ту вафо мекунанд, ман ҷанноти наъимро ба онҳо подош медиҳам.

Ба рости ки Худо дорои мағфират ва подоши азим аст. Ва Алӣ аз ҷумлаи муттақиён аст ва мо дар рӯзи қиёмат ҳаққи ӯро пардохт мекунем, ва мо аз зулме, ки ба ӯ шуда, ғофил нестем. Ва ӯро гиромӣ доштем. Ва ҳамагонро ҳалок мекунем. Ӯ ва фарзандонаш ба яқин аз ҷумлаи собирон ҳастанд ва душмани онҳо имоми муҷримон аст. Бигӯ ба касоне ки баъд аз имонашон кофир шуданд, зиннати ҳаёти дунёро талаб кардед, ва бо аҷалла онро талаб намудед, ва он чиро ки Худо ва Расулаш ба шумо ваъда дода буданд, фаромӯш намудед ва баъд аз маҳкам кардани паймонҳо онҳоро шикастед ва пора кардед ва мо мисолҳоро барои шумо задем, то шояд шумо ҳидоят ёбед. Эй Расул, мо оёти рӯшангареро ба сӯйи ту фиристодем. Касе ки ба онҳо вафо кунад, муъмин аст. Ва ҳар кас баъд аз ту аз онҳо руй гардонад, шикаст мехӯранд, пас аз онҳо рӯй бигардон, чаро ки он маъраз ва рӯйгардон ҳастанд.

Мо дар рӯзе ки чизе ба дарди онҳо намехӯрад ва мавриди раҳм қарор намегиранд, онҳоро ҳозир кунем онҳоро дар Ҷаҳаннам ҷойгоҳе хоҳем дод, ки аз он такон нахоҳанд хурд. Пас, тасбеҳи Парвардигори худ кун ва аз ҷумлаи саҷдакунандагон бош. Ва дар ҳақиқат Мӯсо ва Ҳорунро бо он чи бар ҷой монда фиристодем, онҳо ба Ҳорун зулм карданд. Аммо (ӯ) сабри зебо пеша кард ва мо натиҷатан баъзе аз онҳоро бузина ва хук қарор додем. Ва то рӯзи қиёмат лаънат кардем. Пас, сабр кун онҳо хоҳанд дид. Ва барои ту аз онҳо як (васи) қарор дорем, то шояд баргарданд. Ва ҳар кас аз фармони ман рӯй гардонад, бозгашташ ба суи ман аст, (ва ман медонам бо ӯ чи кор кунам)? Пас, бо ин куфри худ каме баҳра бигиранд, Пас, эй Расул, аз аҳдшиканон суол макун, мо дар гардани

касоне ки имон овардаанд, аҳдеро қарор додаем, пас, онро бигир ва аз ҷумлаи шокирон бош. Алӣ шабҳангом фармонбар ва саҷдакунанда аст, аз охират метарсад ва умеди сабаби парвардигораш дорад. Бигӯ, оё баробаранд касоне ки зулм карданд ва онҳо аз азоби ман огоҳ ҳастанд.

Занҷирҳоро дар гарданҳои онҳо қарор хоҳем дод ва онҳо ба хотири аъмолашон пушаймон хоҳанд шуд, мо ба фарзандони солеҳи вай туро мужда медиҳем. Ва онҳо хилофи фармони мо амал намекунанд. Пас, салавот ва раҳмати ман бар зинда ва мурдаи онҳо бод дар рӯзе ки зинда мешаванд. Ва бар касоне ки баъд аз ту бар оҳо зулм мекунанд, хашм ва ғазаби ман бод. Онҳо қавме бад ва зарарманд ҳастанд ва касоне ки роҳи онҳоро паймуданд, раҳмати ман бар онҳо бод ва онҳо дар утоқҳое амниятёфта ҳастанд, ва ситоиш барои Аллоҳи раббил оламин мебошад».

Ва низ сураи зер ҳазф шудааст, ки алломаи муҳаққиқ Ҳабибуллоҳи Ҳошимӣ дар китобаш «Минҳоҷу-л-бароъати фӣ шарҳи «Наҳҷу-л-балоғати» (ҷилди 2, саҳ. 217) ва алломаи Маҷлисӣ дар китобаш «Тазкирату-л-аима» (1920, бо забони форсӣ аз маншуроти мавлонои Эрон) бад-он ишора кардаанд: «Эй касоне ки имон овардаед ба паёмбар ва валӣ, имон биёваред, он ду кас ки онҳоро фиристодем ки онҳо шуморо ба роҳи дуруст ва саҳеҳ роҳнамоӣ мекунанд. Паёмбар ва валӣ аз якдигар ҳастанд. Ва ман огоҳ ва доноям. Касоне ки ба аҳди Аллоҳ вафо мекунанд, Ҷаннати наъим аз они онҳост. Касоне ки оёти мо вақте бар онҳо хонда шуд, онҳоро таксиб карданд, дар Ҷаҳаннам ҷойгоҳи бузурге ба онҳо ихтисос дорад. Дар рӯзи қиёмат барои онҳо нидо зада мешавад, ки куҷоянд он гумроҳони таксибкунандаи паёмбарон?! Расулон магар бар ҳақ онҳоро бар ҷой нагузоштанд? Ва Аллоҳ таъоло ба онҳо муҳлат намедиҳад, то муддати кӯтоҳ, пас, ҳамд ва ситоиши Худои худ кун ва аз ҷумлаи шоҳидон ва гувоҳон бош».

## 17
## МАҲДИИ ШИА БАР АБӮБАКР ВА УМАР ИҚОМАИ ҲАД (ДУРРА)МЕЗАНАД

Сайид Муҳаммад Козими Қазвинӣ дар китобаш "Маҳдӣ аз гаҳвора то зуҳур" (саҳ. 541, муассисаи Имом Ҳусайн, Лондон. Мактабаи «Алфайн»-и Кувайт ҳам онро тавзеъ (паҳн) кардааст бо чопи ҷадид) гуфтааст "ва онҷо дар Мадина (Маҳдӣ) ба аъмол ва иқдомоте даст меёзад, ки ба яке аз онҳо ишора мекунем ва он кандани теъдоде аз қабрҳо ва берун овардани ҷасадҳо аз онҳо ва сӯзондани онҳо ва ин аз ҷумлаи масъалаҳое аст, ки тавзеҳ ва баррасӣ металабад. Аммо ба зикри мухтасари онҳо иктифо мекунем."

Ин оқои шиа аз боби тақияву фиреб номи он касонеро ки тавссути Маҳдӣ гурашон канда мешавад ва баъдан аз он берун оварда шуда ва сӯзонда мешаванд, зикр накардааст. Гӯрҳое ки мавриди назараш аст, ҳамон қабри Абӯбакри Сиддиқ ва Умари Форуқ аст, чунон ки шайх ва алломаи онҳо Аҳмал ибни Зайналобидини Аҳсоӣ дар китоби «Раҷъа» (саҳ. 186 - 187 ва қариб ба он дар китоби "Ҳаёту-н-нос" саҳ. 50) ки дар он китоб аз Абӯбакр ва Умар ба «Тоғут» ва «Ҷибт» таъбир кардааст ва низ Мирзо Муҳаммади Муъмин Астарободӣ дар китобаш «Раҷъа» (саҳ, 117, Дору-л-эътисоми Қум. Эрон). Ва низ Неъматуллои Ҷазоирӣ дар китобаш «Анвору-л-нуъмония» (ҷилди 2, саҳ. 89) ва Зайналобидини Наботӣ дар китобаш "Сиротал мустақим" (ҷилди 2, саҳ. 253) ба ин масъала тасреҳ кардаанд.

# 18
# МАҲДИИ ШИА ДАСТОНИ БАНИ ШАЙБАРО ҚАТЪ МЕКУНАД

Муҳаммад Козимӣ Қазвинӣ дар китобаш «Имом Маҳдӣ аз гаҳвора то зуҳур» (саҳ. 539, муассисаи Ҳусайн. Лондон) гуфтааст «шиа аз Имом Содиқ ривоят кардааст, ки ӯ гуфта аст «аммо ҳамин, ки қоими мо қиём кунад, фарзандони Шайбаро гирифта ва дастонашонро қатъ мекунад ва онҳоро мегардонад». Ва мегӯяд «инон дуздони (моли) Худоянд» ва низ аз ӯ ривоят шуда ки гуфтааст "ва дастони фарзандони Шайбаро қатъ мекунад" ва низ аз ӯ ривоят шуда ки "ва дастони фарзандони Шайбаро қатъ мекунад ва бар он навишта инон сориқони Каъба ҳастанд" ва ҷаноби Қазвинӣ дар тавзеҳи ин ривоят гуфтааст "фарзандони Шайба ҳамон ходимони Каъба ҳастанд, ки калидҳои Каъба дар дасти онҳо буд. Онҳо ба унвони халаф (бозмондагон) аз салафи онҳо калидҳоро ба ирс мебурданд. Ва онҳо амволу захираҳоеро, ки ба Каъба ҳадя дода мешуд, ба сирқат мебурданд (медуздиданд) ва ба дилхоҳи худ дар онҳо тасарруф мекарданд ва ба ҳамин хотир Имом Содиқ онҳоро сориқон, яъне дуздони амволи Худо ном ниҳода аст».

# 19
# МАҲДИИ ШИА БА ҲУКМИ ДОВУД ҲУКМ МЕКУНАД

Маҳдии мавъуд (ваъдашуда)-и шиа, вақте ки меояд, ба шариати Муҳаммад (с) ҳукм намекунад, балки ба ҳукми Довуд ҳукм мекунад, чунон ки яке аз уламои муосири онҳо ба номи Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Содиқи Садр "Дар таърихи пас аз зуҳур» (ҷилди 2, саҳ. 727 – 810) ин мавридро аз Абӣ Ҷаъфар нақл карда, ки вақте ки қоими оли Муҳаммад (Маҳдӣ) қиём кард, ба ҳукми Довуд ҳукм мекунад ва дунболи далел ва мадрак намегардад."

Ва Нуъмонӣ нависандаи китоби «ал-Ғайба», саҳ. 314 -315 аз Абӯабдулло ривоят карда, ки ӯ гуфтааст "ва Аллоҳ таъоло бодро аз ҳар дарае бармехезонад, ки мегӯяд ин Маҳдӣ аст, ки ба ҳукми Довуд ҳукм мекунад ва далеле намехоҳад."

Ва шайхи онҳо Комил Сулаймон дар китоби «Рӯзи раҳоӣ дар сояи қоим Маҳдӣ (саҳ. 391, чопи ҳафтум, соли 1991, Дорулкитоби Лубнон. Бейрут) аз Абӯабдулло нақл карда, ки ӯ гуфтааст «вақте ки қоими оли Муҳаммад (с) ҳукм мекунад, ба ҳукми Довуд ҳукм карда ва ниёзе ба далел надорад. Зеро Аллоҳ таъоло онро ба ӯ илҳом мекунад, дар натиҷа ӯ бо илм ҳукм мекунад ва нуҳуфтаҳои ҳар қавмеро ба онҳо хабар медиҳад ва бо дидани қиёфа ва чеҳра дӯстро аз душман ташхис медиҳад».

Ва шайхи онҳо Муҳаммад ибни Муҳаммад Содиқи Садр дар "Таърихи пас аз зуҳур" (саҳ. 728) ривоятеро аз Содиқ нақл карда, ки насси он чунин аст "дунё нахоҳад рафт, то вақте ки родмарде аз миёни (насли) ман зуҳур мекунад, ки ба ҳукми Довуд ҳукм мекунад ва дунболи далел ва мадрак намегардад."

Ва боз ҳамин оқо дар китоби фавқуззикр (саҳ. 115) аз Абӯбасир ривоят карда, ки Абӯ Ҷаъфар гуфта аст "қоим ба фармони ҷадид ва китоби ҷадид ва қазовати ҷадид, ки бар араб хеле сахт аст, қиём мекунад ки он ҳамон шамшер аст."

# 20
# МАҲДИИ ШИА МАСҶИДУЛҲАРОМРО МУНҲАДИМ (ВАЙРОН) МЕСОЗАД

Саид Козими Қазвинӣ дар китобаш «Маҳдӣ аз гаҳвора то зуҳур» (саҳ. 534) таҳти унвони «Иодаи масҷид ба ҳолати аслӣ» аз Имом Содиқ нақл карда, ки «вақте ки қоим зуҳур мекунад, Масҷидулҳаромро мунҳадим месозад, то онро ба асоси худ бозгардонад ва санги мақомро ба ҷойгоҳи аслиаш интиқол медиҳад».

Сипас муаллиф тавзиҳ дода мегӯяд «баъд аз вафоти Паёмбар (с) Масҷидулҳаром тавсиа ёфт. То ба имрӯз ва аз ҳама ҷавониби он масоҳатҳои зиёде ба он афзуда гашт, аммо ба рағми ҳама инҳо ҳанӯз ба он асоси қадимӣ, ки Иброҳими паёмбар барои Масҷидулҳаром тарсим кард, нарасидааст. Чаро ки асоси қадимӣ аз Ҳазура (байни Сафо ва Марва) шурӯъ мешавад». Аз Содиқ ривоят шуда, ки вақте ки дар бораи зиёдатҳои ҷадид дар Масҷидулҳаром мавриди суол қарор гирифт: оё аз Масҷидулҳаром аст ё на, гуфт «оре,… онҳо ҳанӯз ба масҷиди Иброҳим ва Исмоил нарасидаанд» ва гуфт «хати Иброҳим мобайни Ҳазура то саъйгоҳ (макони саъйи байни Сафо ва Марва) аст, ин ҳамон хате аст ки Иброҳим тарсим кардааст».

## 21
## ҶИҲОД ДАР НАЗДИ ШИА НЕСТ, МАГАР БО ҲУЗУРИ МАҲДӢ

Бояд ҳақиқатеро зикр кунем, ки мутаассифона, касоне ки нисбат ба шиа нармиш ба харҷ медиҳанд ва ё ба иллати ҷиҳод бо куффор нидои наздик шудан ба онҳоро сар медиҳанд, аз он огоҳ нестанд ва он ин аст ки ҷиҳод дар назди шиа то рӯзе ки имоми дувоздаҳуми онҳо зуҳур накунад, ҳаром аст! Аз ҳамин ҷиҳат, таърих ҳеҷ ҷиҳоде аз шиаро ба зидди куффор сабт накарда ва нахоҳад кард. Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ, ки дар ҳадис назди онҳо хело муътабар ва мувассақ аст дар китоби «ал-Кофӣ» (ҷилди 8, саҳ. 295) аз Абӯабдулло ривоят кардааст, ки ҳар парчаме ки қабл аз қиёми қоим баланд карда шавад, соҳиби он Тоғуте аст, ки ба ҷойи Аллоҳ парастида мешавад ва ин ривоятро шайхи онҳо Ҳури Омулӣ дар "Васоили шиа" (ҷилди 11, саҳ. 37) нақл кардааст ва муҳаддиси онҳо Ҳусайни Нури Табрасӣ дар «Мустадраку-л-васоил» (ҷилди 2, саҳ. 248) аз Абӯ Ҷаъфар ривоят кардааст "касе ки аз мо – аҳли байт қабл аз қиёми қоим (ба манзури ҷиҳод) берун шавад, ба ҷӯҷае мемонад, ки парвоз карда ва аз ошёнааш афтодааст ва кӯдакон бо он бозӣ мекунанд." Ва Ҳури Омулӣ дар «Васоили шиа» (11/36) аз Абӯҷаъфар ривоят кардааст «эй Садир, дар хонаат бимон ва дар он бинишин ва феълан (то шаб ва рӯз мегардад) икдоме макун! Пас агар хабар ба ту расид, ки Суфёне хориҷ шуда, ба сӯйи мо ҳаракат кун, ҳарчанд пиёда биёӣ!

Ва дар саҳифаи «Саҷҷодияи камила» (16, Дорулҳаврои Бейрут. Лубнон) аз Абӯабдулло нақл аст ки "хориҷ нашуда ва хориҷ нахоҳад шуд аз мо – аҳли байт то қиёми қоимон ҳеҷ аҳаде, то зулмеро дафъ кунад ё ҳаққеро наҷод диҳад, магар он ки гирифторӣ ва бало ба ӯ рӯ кунад ва қиёми вай мунҷар ба издиёди баде барои мо ва шиаи мо шавад."

Ва дар "Мустадраку-л-васоил" (2/248) аз Абӯҷаъфар нақл шуда ки "ҳар парчаме ки қабл аз қоим барафрошта шавад, соҳиби он тоғут аст." Ва дар «Васоили шиа» (11/36) аз Алӣ ибни Ҳусайн нақл шуда ки «ба Худо, касе аз миёни мо қабл аз хуруҷи қоим хориҷ намешавад, магар ин ки масали ӯ масали чӯҷае, аст ки аз ошёнааш парвоз кардааст қабл аз он ки болҳояш комил шавад. Онгоҳ кӯдакон бар он ҷуст зада ва ба он бозӣ мекунанд».

Ва Марҷаъ ва Оятуллои онҳо Хумайнӣ муқаррар карда, ки оғоз кардани ҷиҳод фақат дар замони қоимашон хоҳад буд. Чаро ки дар «Таҳриру-л-васила», (ҷилди 1, саҳ. 482) гуфтааст «дар асри валӣ амр ва султони аср аҷалаллоҳ фараҷаҳу шариф намояндагони умумии ӯ, ки ҳамон фуқаҳони ҷомеъи шароит ва тақво ва қазоват ҳастанд, дар заминаи иҷрои сиёсат ва соири вазоифи имом ҷуз оғоз кардани ҷиҳод ба ҷои ӯ менишинад».

**Мегӯям** оё аз инон интизор меравад, ки дӯшодӯши мо аҳли суннат бо куффор ҷиҳод кунанд?! Оё зулм ва хиёнати онҳо нисбат ба мусалмононро дар тӯли таърих фаромӯш кардаем? Оё фаромӯш кардаем, ки ин онҳо будаанд ки (дар тӯли ин муддат) бар сари роҳи мавҷи Исломхоҳӣ сангандозӣ кардаанд?! Оё хиёнатпешагии онҳо ва саршикастагӣ ва хории онҳо ва дидгоҳи тамошое, ки онҳо нисбат ба ҷангҳои мо бо куффор, ки мехостанд мо бозандаи ҷанг бошем, фаромӯшшуданӣ аст?!

Ҳаққе, ки бояд гуфта шавад, ин аст ки онҳо танҳо заминае дар мақоми як тамошогар будаанд, ки аҳли суннатро қавӣ ёфтаанд. Аммо вақте ки сустӣ ва заъф дар аҳли суннат мушоҳида карданд, аксуламале ҷуз куштори онҳо аз худ нишон надодаанд. Лаҳни қавли ин ҷамоатро муқоиса намоед ва мавриди арзёбӣ қарор диҳед. Тамоми матолибе, ки бо мақолот ва эътиқодот ҷур дармеояд, ҳамагӣ аз боби тақия аст. Оё шайхи онҳо ҷаноби Наҷафӣ иҷмои шиаёнро бар куфри мухолифонашон нақл накардааст?!! Оё намедонед касоне, ки аз аҳли суннат дар

дижҳо ва қалъаҳо ба манзури ҳимояти мусалмонон ба шаҳодат медиҳанд, дар дунё ва охират бар ҳусби эътиқодашон қоил ҳастанд?!

Муло Муҳсин мулаққаб ба Файзи Кошонӣ дар «ал-Вофӣ» (9/15) ва Ҳурри Омулӣ дар «Васомли шиа» (11/21) ва Муҳаммад Муҳсини Наҷафӣ дар «Ҷавоҳиру-л-калом» (21-40) аз Абдулло ибни Синон ривоят кардаст ки «ба Абдулло гуфтам фидоят бишавам, дар бораи касоне, ки дар ин дижҳо ва ҳимояти марзҳо кушта мешаванд, чӣ мегӯӣ?!». Гуфт «вой бар онҳо, (ё ҷаҳаннам бар онҳо), ба унвони қотил дар дунё ва охират ҳастанд. Ба Худо шоҳид фақат шаҳиди мост ва лав бар бистарҳои худ бимиранд. "Шаҳид фақат шаҳиди мост" ва куштаҳои аҳли суннат дар ҷангҳои онҳо бо куффори Насорӣ ва мушрикин ва будоиҳо ва камунистҳо (Ҷаҳаннам бар онҳо ки аҷала мекунанд)!!

Шайх Муҳаммад Аҳмади Урфа узви ҳайати кибори уламои Азҳар дар тавзеҳи ин ривоят дар муқаддимаи китоби (Ал вашиа фи накди ақоиди шиа) аз Мӯсо Ҷорулло гуфта аст «агар дар ҳамла ва таҷовузи сеҷониба бар Миср шиаҳое аз мо ҳам мушорикат доштанд, аз қитоли мутавоҷизон сар боз мезаданд ва худро ақиб мекашиданд бар асоси ин қоида ва ин ҳамон роз дар алоқаи истеъмор аст ба интишори ин мазҳаб дар сарзаминҳои исломӣ. Он шайхи фозил таҳлиле дуруст ироа додаст, чаро ки яке аз бузургон, аз ҷумла касоне, ки ба ӯ эътимод дорем, шахсан набарди сахтеро ки миёни мусалмонон ва куффор дар Ҳиндустон қабл аз беш аз чил солро шаҳид будааст. Ва ин ки шиа "дар он ҷанг" ба ёрии аҳли суннате ки дар он ҷагҳо ғуттавар шуда буданд, нашитофтанд. Ва мо мегӯем ва чӣ касе замонат мекунад, ки шиа як паймони махфиёна бо куффори ҳинд (бар алайҳи аҳли суннат) надоштаанд?

Оё магар мо дар назари онҳо навосиб нестем?!

# ФАСЛИ СУВУМ
# ҲАҚОИҚЕ ДИГАР АЗ ШИА
## МАБҲАСИ АВВАЛ. ГУМОНИ ОНҲО МАБНӢ БАР ВУҶУДИ НОСИБӢ БАР ХИЛОФАТИ АЛӢ (Р)

Дар ҳақиқат, саҳобаи гиромӣ бар хилофат ва имомати Абӯбакри Сиддиқ ва баъд аз эшон бар хилофати Умари Форуқ, сипас Усмони Зиннурайн ва сипас Алии Муртазо (р) иҷмоъ намудаанд. Зимнан Алӣ (р) бо ҳеҷ як аз нусусе, ки шиа муддаъии он ҳастанд, бар хилофати ҳазрати Абӯбакр ва Умар (р) эътироз надоранд ва хурдагирӣ накарда аст. Дар қарни нуздаҳум яке аз бузургони аҳли ташайюъ ва адами эътирози ҳазрати Алӣ нисбат ба ҳазрати Абӯбакр ва ҳазрати Умар (р) эътироф кардааст. Ӯ касе нест, ҷуз Оятулло Абдулҳусайни Шарофуддин Насавии Омулӣ дар китоби таблиғоти худ «ал-Мурочиот», ки шиа онро тарвиҷ дода ва ба шакли васеъ онро пахшу интишор медиҳанд, (дар мурочиаи 102-302, муассисаи алвафои Бейрут) мегӯяд: "Алӣ дар он ҳангом бадон иллат ба онҳо эътироз накард, ки метарсид агар худ ба саҳна биёяд ва иддаъои ҳаққашро бикунад, фитнае ҳамагир дучори уммати исломӣ мешавад ва калимаи тавҳид осеб мебинад, лизо ба равиши масъалатомез бо дастандаркорон амри хилофатро дар пеш гирифт... Шароити он рӯз иҷоза намедод ки ҳазрати Алӣ бо истифода аз қудрати физикӣ ва далоили (камаршикан) худ по ба саҳна гузорад, ва ба муқовамат иқдом намояд."

Илова бар ин лозим ба зикр аст, ки худ Алӣ (р) муътақид буд, ки хилофат дар сояи шӯро ташкил мешавад. Ва худи эшон дар муҳимтарин китоби шиъӣ яъне «Наҳҷул балоға» (саҳ. 3-7, Дорулмаърифати Бейрут, Дорулкитоби Лубнони Бейрут, 366) гуфтааст «мусалмонон бар сари чизҳое, ки бо Абӯбакр ва Умар (р) бийъат карда буданд, бо ман ҳам бийъат карданд». Ҳозирони ҳақ гузиниш ва ғосибони ҳақ рад кардан

надоштанд, чаро ки хилофат бар асоси шӯрои муҳозирон ва ансор ташкил шуда аст. Пас, агар онҳо шахсеро муттафиқан мавриди таъйид қарор доданд ва ӯро имом (ва халифа) ном ниҳоданд, ин маврид писанди Аллоҳ таъоло аст. Агар ӯ ҳам (Худои нокарда) ба хотири таън ё бидъате аз амри дини онҳо хориҷ шуд, онро ба амри аслӣ боз мегардонанд ва агар имтиноъ варзед ва вайро ба далели пайрави аз оин ва равиши ғайри имондорон хоҳанд кушт.

Ва Алӣ (р) савганд ёд карда, ки ба хилофат алоқа надоштааст. Чунонки Шариф Ризои шиъӣ дар «Наҳҷул балоға» (2/184, Дорулмаърифати Бейрут, Дорулкитоби илмияи Бейрут, 2/280 ) аз қавли ӯ гуфтааст: «Ба Худо, ман алоқа ва тамоуле бар хилофат ва имомат надоштаам, аммо ин шумо будед, ки маро бадон даъват кардед ва маро водор ба он сохтед». Диққат кунед, ки чӣ гуна эшон хилофат ва имоматро бар асоси шӯро медонад ва таъйид мекунад, ки дар асари исрори мусалмонон ва на ба фармудаи Паёмбар ба ин амр ҳиммат гуморида аст. Алӣ (р) аз ин иборатҳои хаёлӣ, ки шиа муддаъии он аст, ҳеҷ иттилоъе надорад.

Касе ки мудаъӣ шуд, ки ҳар паёмбаре як васӣ дорад, ҳамон Абдулло Ибни Сабо будааст.

Барои мисол Ҳамин Абӯ Умару ва Киши -ки дар заминаи риҷолшиносӣ дасти хеле болое дорад, дар китобаш «Маърифату ноқилин анил аимату содиққин» (маъруф ба риҷоли Киши) дар саҳифаи 108 (чопи Машҳад. Эрон) дар қисмати ҳолномаи Абдулло ибни Сабо гуфта, ки «ӯ яҳудӣ буда, онгоҳ Ислом овард ва бо ҳазрати Алӣ байъат кард ва бинои дӯстӣ ниҳод. Ва ӯ дар ҳоле ки бар сари дини яҳудияти худ буд, мегуфт Юушаъ ибни Нун васи ва валии ҳазрати Мӯсо будааст. Ва баъд аз он ки Ислом овард ва Паёмбар (с) ҳам фавт кард, боз ҳам ин суханро дар бораи ҳазрати Алӣ такрор кард ва аввалин касе буд, ки ошкоро фарзияти имомати ҳазрати Алӣ ва

нидо сар дод ва аз душманони вай ибрози бароат кард ва аз мухолифони ҳазрати Алӣ пардадари кард ва онҳоро кофир донист. Лизо аз ҳамин ҷост, ки мухолифони шиа гуфтаанд "асли шиагарӣ ва рофизият баргирифта аз яҳудият аст»».

Ва ҳамчунин олими бузурги онҳо дар заминаи (фирқашиносӣ), ки ӯро мулаққаб ба Шайхи бузургвору муҳтарам ҷаноби Ҳасан ибни Мӯсои Навбахтӣ кардаанд, дар китобаш «фироқу шиа-фироқаҳои шиа» (саҳ. 22, чопи Ҳайдарияи Наҷаф,с. 1355 ҳиҷрӣ) ин масъаларо таъйид карда гуфтааст «ва ҷамоате аз аҳли илм аз ёрони ҳазрати Алӣ ривоят кардаанд, ки Абдулло ибни Сабо яҳудӣ буд. Пас, Ислом овард ва бо ин мақола бо Алӣ байъат кард ва бинои дӯстӣ ниҳод. Дар даврони мусалмониаш баъд аз вафоти Паёмбар (с) дар иртибот бо Алӣ ҳамчунин мегуфт (яъне гуфт «Алӣ васи ва саллии паёмбар аст»). Ва ӯ аввалин касе аст, ки ошкоро фарзияти имомат барои ҳазрати Алиро ҳувайдо сохт. Аз ҳамин ҷост ки мухолифони шиа гуфтаанд «дар ҳақиқат асли шиа мояи гирифта аз яҳудият аст»».

Шайхи онҳо Абӯхалаф Саъд ибни Абдуллоҳи Қуми Ҳанбасони Киши ва Навбахтӣ чунин эътироф карда ва дар китобаш «ал-Муқалот вал фироқ» (саҳ. 22, Теҳрон, Маркази интишороти илмӣ- фарҳангӣ) ба ин масала изъон намудааст.

## БАҲСИ ДУВВУМ
## ҶАЗБИ ТАДРИҶИИ АВВОМ ВА ДАР ВАРТА АНДОХТАНИ ОНОН

Яке аз услубҳои кори шиа ҷазби тадриҷии касоне аст, ки аз ҳақиқати шиа огоҳ нестанд. Ва сариъан дар васоили хатар марбут ба мазҳаби шиа ва мазҳаби аҳли суннат ғуттавар мешаванд, то дасти охир ба нафъи шиа қаламзанӣ ё дамзанӣ кунанд. Чунон ки шайхи онҳо Муртазо Разавӣ дар китобаш «Бо андешамандони Қоҳира» чунин кардааст, то ҷое ки шайхи шиа ба номи Муртазо Ҳакимӣ муқаддамае бар ин китоб навишта ва ҳам китоб ва ҳам муаллифи онро мавриди тақдир қарор додаст. Дар (саҳ. 21, табъи аввал, соли 1974) гуфтааст "устод Разавӣ яке аз дигар касоне аст, ки теъдоди аз масоили ақида ва таърихро бо услуби дигар бо бисёре аз андешамандон ва фарҳангчиён дунбол карда аст. Вай тавониста аст, ки дар ниҳоят тафоҳум ва тақоруби қобили мулоҳизаеро дар сояи он мубоҳис ба даст биоварад. Вай амалан бо нахбагон ва табақаи мумтози рӯшанфикрони қотигардида ва дар ҳамин ҳол миқдори аз масоили муҳим ва арзишмандро барои онҳо матраҳ месозад, ки ба василаи онҳо онҳоро ба тасреҳот ва ақволе мекашонанд, ки фиқҳи муосир ва фарди шиаро пурарзиш месозад».

Муртазо Разавӣ дар китоби фавқуззикр (саҳ. 201-202) гуфтугӯеро зикр мекунад, ки миёни ӯ ва яке аз андешамандони Миср сурат гирифта аст. Ин шумо ва ин нақли вай, дар ҳоле ки масъулияти (сиҳат ё ғалат будани ин тасреҳот) бар уҳдаи худаш аст. Разавӣ мегӯяд «ва баъд аз чандин сол иттифоқан дар моҳи мубораки рамазон ба Қоҳира омадам. Субҳгоҳ занги хонаи он устодро ба садо даровардам. Тибқи одаташ аз ман истиқболи гарме ба амал овард ва маро ба утоқи истироҳат бурд. Ва чун хостам бозгардам, гуфт дӯст дорам, ки иншаб ифторро пеши мо бикунӣ. Ман ҳам даъвати ӯро пазируфтам ва иттифоқан ба

ҳангоми мағриб вориди хонааш шудам. Вақте ки ворид шудам, салом кардам ва дар утоқе, ки барои меҳмонон омода карда буд, нишастам. Он ҷаноби олӣ ба ман салом кард ва чанд дақиқа маро тарк гуфт. Пас, бозгашт дар ҳоле ки дар дасташ башқобе буд, ки дар он хурмои омехта бо гарду қарор дошт. Он ҷаноб донаеро бардошт ва онро дар даҳонаш қарор дод ва дувумиро ба дасташ гирифт ва онро ба ман таъоруф карду гуфт бифармо... Ман ҳам онро гирифтам ва онро дар рӯйи миз дар муқобилам боқӣ гузоштам. Гуфт «ифтор кун! Чаро ифтор намекунӣ?!» . Гуфтам Аллоҳ Таъоло фармудааст: **"Сипас рӯзаро то шабҳангом комил кунед"** *(сураи «Бақара», ояти 178).* Пас, оё ба ин вақт шаб гуфта мешавад?! Ҷавоб дод «хайр (не)». Гуфтам «пас, чӣ гуна ифтор кунем?!». Гуфтам «нигоҳ кун устод, ба ин сурхии дурахшон, ки зоҳир аст. Ва мо шиъаи имомия дар ин вақт ифтор намекунем, балки дар резакориҳо ҳам диққат мекунем ва мунтазир мемонем, то ки сурхӣ пинҳон шавад, чаро ки вуҷудии он бар одамӣ пинҳон шудани қурси Хуршед далолат дорад. Пас, агар ин сурхӣ аз байн рафт, ифтор кардан барои мо ҷоиз аст ва мо ба ҳоли бародарони суннии худ таассуф мехӯрем...». Эшон ҷавоб дод ва гуфт «аммо ман аз ҳамакнун бо шумо ҳастам ило охир».

**Ман мегӯям** вақти намози мағриб ва ифтори рӯзадор ҳамон вақте аст ки Хуршед ғуруб мекунад ва аҳодиси саҳиҳе аст тариқи аҳли суннат воридшуда, ки ин фоидаро медиҳанд. Лизо он чиро ки мизбон анҷом дода, комилан саҳеҳ будааст. Аммо ӯ дар муқобили он шиа муқовимат ва пойдорӣ накарда ва ин агар нақли Разавӣ саҳеҳ бошад, ба иллати нодонӣ ва ҷаҳли вай будааст. Ривоятҳое аз шиа нақл шуда, ки сиҳати ифтор кардани аҳли суннатро таъйид мекунад ва намози мағрибро дар назди онҳо наздик месозад. Дар ҳақиқат, шайхи онҳо Муҳаммад Алӣ ибни Бобуяи Қумӣ мулаққаб ба Садуқ дар китоби муътамадаш дар назди шиа «Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ» (ҷилди 1, саҳ. 142, Дорулкутуби исломияи Теҳрон) аз Садуқ ривоят кардааст ки "агар

Хуршед ғуруб кард, ифтор кардан ҳалол шуда ва намоз хондан воҷиб мегардад" ва ин ривоятро шайх Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 7, саҳ. 90, Дору эҳёи-т- туроси-л-арабӣ, Бейрут) зикр кардааст. Ва Ҳури Омулӣ дар "Васоили шиа», ҷилди 7, саҳ. 87) аз Зурора ривоят кард, ки ӯ гуфтааст Абӯҷаъфар гуфта «вақти мағриб вақте аст, ки қурси Хуршед пинҳон шавад."

Ва аз Абуасомаи Шиҳом ривоят аст, ки марде ба Абӯабдулло гуфт «оё намози мағрибро то вақте ки ситораҳо дар меоянд, ба таъхир андозем?!». Гуфт «оё ту хаттобӣ ҳастӣ? Ҷабраил (ъ) намози мағрибро дар вақте ки қурси Хуршед ғуруб кард, барои Паёмбар (с) оваард».

Ин ривоятро шайхи шиъи муҳоҷири Омулӣ Ҳабиб оли Иброҳим дар китобаш «ал-Ҳақоиқ фи-л-ҷавомиъи вал фавориқ» (ҷилди 2, саҳ. 383, табъи 1, муассисаи нашри исломӣ Бейрут, с. 1407 ҳиҷрӣ) истихроҷ кадааст. Бинобар ин нуқтаи асосӣ пинҳон шудани Хуршед аст ва ин дуруст ҳамон коре аст ки мизбон анҷом додааст. Мизбоне ки агар иддаъои ин рофизӣ рост бошад, ки ҳатман рост нест, ба муҳтавиёти китобҳои аҳли суннат ва шиа аслан огоҳӣ надоштааст.

Ва Садук дар китоби «Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ» (ҷилди, 1 саҳ. 142) аз Абӯабдулло ривоят карда ки «Расулуллоҳ (с) намози мағрибро ба ҷо меовард ва ҳамроҳи ӯ тоифае аз ансор, ки ба онҳо бани Салама мегуфтанд ва манозили онҳо ним мил бо масҷид фосила дошт, намоз мехонданд. Пас, ба манозили худ боз мегаштанд дар ҳоле ки ҳанӯз ҷойгоҳи тирҳои худро мушоҳида мекарданд».

Пас нигоҳ кун, ки чи гуна эшон аз намоз фориғ шуда ва бани Салама ба манозили худ рафта дар ҳоле ки ҷойгоҳи тирҳои худро медиданд. Ва Садуқ дар ҳамон ҷо аз Зайди Шиҳом ривоят карда ки «як бор аз кӯҳи аби Қайс боло рафтам, дар ҳоле ки мардум намози мағрибро ба ҷо меоварданд. Онгоҳ хуршедро дидам, ки пинҳон нашуда

буд ва балки дар пушти он кӯҳ худро аз диди мардум пӯшонда буд. Ва ба Абӯабдулло расидам ва онро барои ӯ таъриф кардам. Ба ман гуфт «ва чаро ин корро кардӣ?! Кори баде кардӣ, намози мағрибро танҳо вақте баҷо меоварӣ, ки хуршедро набини, ҳол чи пушти кӯҳ қоим шавад ё ба куллӣ ғуруб кунад, модоме ки абре ё торикие онро фурӯ напӯшонад ва аз он соябон нагирад. Пас, тулуъ ва ғуруби Хуршед бар ту кофӣ аст ва лозим нест ки мардум дар пайи ҷустуҷӯйи ӯ бароянд».

Ва муҳоҷир Ҳури Омулӣ дар «ал-ҳақоиқу фи-л-ҷавомиъи ва-л-фаворик» (ҷилди 2, саҳ. 373) аз Фазл ибни Шозон аз Ризо нақл карда ки бад-ин далел намоз дар ин авқот қарор дода шуда ва пеш ё ақиб наафтода, ки ин авқот машҳуру маълум ҳастанд ва ҳамаи аҳли заминро таҳти пӯшиши худ қарор медиҳанд ва олиму ҷоҳил онҳоро мешиносад, ки чор вақт ҳастанд. Ғуруб кардани Хуршед маъруф ва шинохта шудааст. Ва ба он ҳангом намози мағриб воҷиб мешавад.

Ва оё аҳли суннат коре ғайр аз инро анҷом медиҳанд?!

Ва оё мизбони Разавӣ коре ғайр аз инро анҷом дода аст?!

Бруҷардӣ дар «Ҷомиъи аҳодиси шиа» (9-165) аз қавли нависандаи китоб «ад-Даъоим» гуфтааст, то ҷое ки мо аз ровиёни аҳли байт донистаем, ки аҳли байт иҷмоъан бар ин иттифоқи назар доранд, ки «сири расидани шабе ки ифтор карданро барои рӯзадор ҳалол месозад, ҳамон пинхон шудани Офтоб дар уфуки мағриб аст бидуни ҳеҷ монеъ ва ҳиҷобе ки онро бипӯшонад монанди кӯҳ ё девор ... Пас, агар қурси Хуршед дар уфуқ пинҳон шуд, дар ҳақиқат шаб даррасида ва ифтор кардан ҳалол шуда аст». Пас, нигоҳ кун ки чӣ гуна Мӯсои Козим (ъ) ҳамон гуна ки аҳли суннат ифтор мекунад, ӯ ҳам ифтор мекунад. Ва ҳамчун ҷаноби Разавӣ мунтазир нашуда. Разавие ки хуб медонад чи гуна бо тадлис ва печондани мавзуъ ин бечораҳоро фиреб диҳад, балки бо азони аҳли суннат ифтор кардааст.

## МАБҲАСИ САВВУМ. ДАР НАЗДИ ШИА ҲЕҶ ИСНОД Ё РИВОЯТЕ НЕСТ, МАГАР ОН КИ ЧИЗЕРО МУХОЛИФИ ОН РИВОЯТ КАРДААНД

Дар ҳақиқат Муртазо Аскарӣ дар садади он баромад, то аз тариқи тақияе ки мазҳабаш ӯро то қиёми қоимашон ба тамассук задан ба он амр кардааст. Дастандаркорони мусалмонони Мадинаи мунаввара ва дар раъси онҳо шайх Абдулазиз ибни Бозро фиреб диҳад. Аммо чун тақияи ӯ бо шикаст мувоҷеҳ шуд, оқои Аскарӣ бо таъна задан ва шубҳаафканӣ бозгашт ва дар айни ҳол зиду нақизҳои мазҳаби худро ба мазҳаби аҳли суннат часпонид. Дар инҷо ҳам ба ӯ ва ҳам ба ҳамаи шиаён ёдовар мешавем, ки ҳамма таънаҳо ва интиқодҳое ки Аскарӣ гирифтааст, тамоман бар мазҳаби шиа ва уламои он мувофиқат дорад. Оре, ривояте дар назди шиа аз аимаи маъсуми онҳо ёфт намешавад ва магар ин ки дар онҷо ривояте мутаноқиз бо он вуҷуд дорад. Ва ҳеҷ хабаре ёфт намешавад, магар магар ин ки муқобили он хабаре мутазод (зид) вуҷуд дорад ва ҳадисе пазируфта намешавад, магар ки дар муқобили он мутаноқизе вуҷуд дорад. Ин амр боис шуда ки мухолифони мо бештарин эътироз ва таънаро нисбат ба мазҳаби мо бигиранд ва бизананд."

Ва сайид Алӣ Дилдори дувоздаҳимомӣ дар китоби «Асосу-л-усул» (саҳ 51. Лакҳнав, ҳинд мегӯяд) "Аҳодис ва суханони маҳдуд ба аима хеле бо ҳам мутафовит мебошанд, дар муқобили ҳар ҳадис хабари мутазоди дигаре вуҷуд дорад ва ин муҷиб шуда, ки мунтақидон ва ноқизон аз эътиқоди ҳисси... руҷӯъ кунанд."

Ва олим, муҳаққиқ ва фарзонаву нуктасанҷи шиӣ ва шайхи онҳо Мӯсо ибни Шаҳобидини Каркӣ дар китобаш «Ҳидояту-л-аброр ило тариқи аимати-л-атҳор» (саҳ. 164, табъи аввал, соли 1396 ҳиҷрӣ) мегӯяд: «Пас, он ҳадафе аст, ки дар аввали китоби «Таҳзиб» онро зикр карда, яъне ҷиҳати таноқуззудоӣ миёни ривоёт ва ахбори мо, чун ба ӯ

хабар расида ки баъзе аз шиаҳо ба хотири ин масъала аз мазҳаби шиа баргаштаанд. Бино бар ин таъоруз, таноқуз ва тазоди армуғони ривоятҳои онон буд. Ва балки дуруғгӯӣ дар фарҳангҳои ҳадиси муътабари онҳо интишор ёфтааст. Чунки яке аз уламои онҳо ба ҳамон Сайид Ҳошимӣ маъруф ба Ҳусайнӣ аст ки дар китобаш «ал-Мавзуъот фи осори ва ал-ахбор» (саҳ. 165-252, табъи аввал,с. 1973) гуфтааст: «Чунон ки (ривояти) қасос гирифтани шиа вазъ шуда дар айни ҳол душманони аима бисёре аз ривоятҳои аз ин дастаро барои аимаи ҳидоятгар ва барои баъзе аз солеҳон ва муттақиён сохтаву бофтаанд». Ва низ гуфтааст: «Ва баъд аз баррасии аҳодиси мунташира дар фарҳангҳои ҳадис монанди «Кофӣ» ва «Вофӣ» ва ғайри онҳо дарёфтаем, ки тундравон ва кинатузони аимаи ҳидоятгар ҳеҷ дареро боқӣ нагузошта, магар ки аз он ворид шуда, аҳодиси аимаро фасод карда ва шуҳрат ва овозаи онҳоро зери суол бурдаанд."

# МАБҲАСИ ЧОРУМ. ИТТИҲОМ ЗАДАН БА АЛ-АЗҲАР БА ҶАЪЛ КАРДАНИ БАЪЗЕ АЗ КИТОБҲОИ АСОСӢ ВА МУҲИМ

Китобе аз Муҳаммад Иброҳим Қазвинии шиъӣ таҳти унвони «Имом Алӣ халифаи Расули Худо» ба дастам афтод, ки Доруссақалайни Бейрут барои севумин бор онро табъ карда буд. Дар саҳифаҳои 67-68-и он омадааст: «Хабархо ҳикоят аз он доранд, ки донишгоҳи ал-Азҳари Қоҳира бо ҳимояти як давлати арабӣ ва як кумитаи махфиёна ба манзури бознигарии муҷаддад дар ҳамма китобҳо ва манобиъи муътамади аҳли суннат ва дар оғози онҳо «Саҳеҳ»-и Бухорӣ ташкил додааст. Ва ҳадаф аз ин кор ин аст ки баъзе аз аҳодиси ривоятшударо дар заминаи фазоили аҳли байт, ки шиа метавонанд ба онҳо барои ҳаққонияти мазҳаби худ истидлол кунанд, ба дилхоҳи худ ҳазф ва ё таҳриф намоянд. Хулоса, раванди кори ин кумита бар асоси пинҳонкорӣ ва китмонсози шакл гирифта ва то ба ҳол баъзе аз манобиъро ҷиддан ба чоп расониданд, ки аҳодисеро аз онҳо ҳазф кардаанд ё баъзе аз ҷумалот ва калимоти ҳассоси худро таҳриф ва дасткорӣ карданд монанди таҳрифи калимаи "халифатӣ" ба «халилӣ» ва монанди он».

**Мегӯям** китобҳои аҳли суннат дар қадим ва ҷадид дар миёни дастони ҳамагон аъам аз шиа ва суннӣ даст ба даст гардидааст. Ва бузургтарин далел бар ин нақл кардани уламои мутақаддими шиа аз онҳо ва мурочиа кардан ба онҳост. Ба ҳамин хотир, алҳамдулиллоҳ, аз таҳриф ва дасткорӣ дар амон мондаанд. Он ҳам дуруст баръакси китобҳои шиа, чи онҳо то ҳамин авохир фақат дар миёни хоси шиа мутадовил буда ва дигарон аз онҳо бехабар буданд. Ва ин ёвагӯ натавониста, ки далеле дар сиҳати муддаъои худ биоварад ва низ вақте ки аз «Саҳеҳ»-и Бухорӣ сухан ба миён оварда ва боз ҳам натавониста ҷойҳои таҳрифшудаи онро собит кунад. Иноқои Қазвинӣ

он қадар боҳуш, заранг ва ҳиллабоз буда, ки медонист агар барои муддаъои худ мисолҳое биоварад, Аллоҳ таъоло ӯро расво хоҳат сохт ва аз ӯ пардадарӣ хоҳад кард.

Аммо иноқо ба андешаи набард бо душман ва туҳматзанӣ ба онҳо тибқи ҳадиси ривоятшуда дар назди онҳо, ки қаблан зикр шуд-ро иҷро намудааст. Ва чун хеле бешарму густох ва муғриз аст, мебинем, ки дар саҳифаи 212-уми китобаш ривояти муғризонаеро зикр када, ки дар бораи Умари Форуқ бадгӯӣ ва ифтиро мекунад. Ва он ривоят иборат аст аз: "Қайс ибни Саъд аз ҷо парид ва шамшерашро бардошт ва риши Умарро гирифт ва дар сураташ фарёд зад «ба Худо, эй писари Саҳоки Ҳабашӣ..." Сипас, дар поварақи тавзеҳ дода мегӯяд: «Саҳок модарбузурги Умар буд, ки Умар бахотири ӯ сарзаниш мешуд, чаро ки он зан, аз аҳли фасод будааст."

Ва ин Қазвинӣ, ки нисбат ба беҳтаринҳои уммати исломӣ ёвагӯӣ ва бадгӯӣ мекунад, мебинем, ки дар саҳифаҳои 93-94 мегӯяд ва ин калимот "ашҳаду анна алиян валияллоҳ" (шаҳодат ва гувоҳӣ медиҳам, ки Алӣ валии Аллоҳ аст) ба шиъоре барои мусалмонон шиаи пайрави аҳли байт табдил шудааст. Онҳо дар азон ва иқомат васоири арсаҳои динӣ ба унвони итоат кардан аз Аллоҳ ва Паёмбараш ба онҳо чанд мезананд. Ва ба хотири он дар маърази ҳамалоти интиқодӣ ва тавбехи тундӣ қарор гирифтаанд.

Аммо дар муқобили онҳо муқовамат карда ва ба онҳо ҷавоб додаанд. Ва имон ва тамассукашон ба ин шиори Илоҳӣ афзуда шудааст. Чаро ки донистаанд ки ин шиор ҳақ аст ва баъд аз ҳақ ҷуз гумроҳӣ нест. Ва бар ҳар мусалмон пойбанди фаромни Аллоҳ ва Расулаш лозим аст, ки ба ин шиор тамассук кунад ва дар азон ва ғайри он онро биоварад.

Ва бояд аз ин барҳазар бошад, ки онро тарк намояд, чароки дар он сурат аз ҷумлаи касоне хоҳад шуд, ки Расул (с) дар бораи онҳо гуфтааст ***"шумо баъд аз ман ба пушти***

***сарҳои худ бармегардед."*** Шиъор, яъне шиори "ашҳаду анна алиян валиюллоҳ" бар гирифта аз шиори муфаввиза *(вогузоркунандагон)* аст ва онҳо бар забони уламои пешини шиа мавриди лаънат қарор гирифтаанд. Масалан, ин раиси муҳаддисон дар назди шиа аст, яъне Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Бобуяи Қумӣ мулаққаб ба Садуқ, ки дар китобаш «Ман ло яҳзурулхул фақиҳ», ки яке аз китобҳои саҳеҳи чоргонаи онҳост, дар ҷузъи аввали он (саҳ. 188, чопи панҷум нашри Дорулкитоби исломи Теҳрон. Ва табъи Дорлуазвои Бейрут, ҷилди 1, саҳ. 290, боби «Азон ва иқомат ва савоби муаззинон») мегӯяд «ин ҳамон азони саҳеҳ аст, ки дар он афзуда намегардад ва аз он кам намешавад». Худо лаънаташон кунад, ривоятҳоеро вазъ карда ва дар азон "Муҳаммад ва Оли Муҳаммад хайру-л-барийяти"-ро дубор изофа кардаанд ва дар баъзе аз ривоятҳои худ баъд аз "ашҳаду анна Муҳаммада-р- расулаллоҳ" "ашҳаду анна алийян валийюллоҳ"-ро ду бор изофа карданд ва бархе аз онон ба чои он ривоят карда "ашҳаду анна Алиян амирал муъминин" ҳақо (дубор) ва шаке дар ин нест ки ҳазрати Алӣ валии Худо ва воқеан амиралмуъминин аст ва Муҳаммад ва оли Муҳаммад беҳтарин махлуқот ҳастанд, аммо ин дар асли азон нест ва балки инро барои он зикр кардаанд, то он мутақаллибон ва муттаҳамон ба тафвиз худро аз мо муаррифӣ кунанд.

**Мегӯям:** муфаввиза касоне ҳастанд, ки ин зиёдатро ворид сохтанд. Онҳо тибқи таърифи нависандаи ҳошияи китоби фавқ Шайх Алӣ Охундӣ фирқаи гумроҳе ҳастанд, ки гуфтаанд «Аллоҳ таъоло Муҳаммад (с)-ро халқ кард ва халқи дунёро ба ӯ вогузор кард, пас ӯ ҳам холиқ аст ва гуфташуда балки халқро ба Алӣ вогузор кард».

Ва мутаассифона, шиа то ба ин рӯз «ашҳаду анна алийян валиюллоҳ»-ро ҳамчунон дар азонашон изофа карда ва гуфтаанд, дар ҳоле ки уламои онҳо эътироф кардаанд ки он ҷузъи азон нест. Чунон ки дар китобҳои

фиқҳии онҳо мавҷуд аст. Ва ба ин асос онҳо фарқе бо он мафузаҳое надоранд, ки мавриди лаънати Сиддиқ қарор гирифтаанд. Ва бадин тартиб забони ҳоли ал-Азҳар чунин мешаванд "Агар мазамат ва накуҳиш дар иртибот бо манро аз инсони ноқис (разил ва баде) шунидӣ. Пас он худ гувоҳиҳое аст барои ман ба ин ки ман комил ҳастам."

# МАБҲАСИ ПАНҶУМ.
# КИСРАВӢ КИСТ ВА ШИАЁН ЧАРО ӮРО КУШТАНД?

Ӯ Аҳмад Мирқосим ибни Мираҳмад Кисравӣ аст. Дар Табрез пойтахти Озарбойҷон, яке аз устони (вилоятҳои) Эрон ба дунё омад. Ва дар Эрон омӯзиш ва таълим дид. Ва ба унвони устод дар донишгоҳи Теҳрон фаъолият кард ва чандин мансаби қазоиро (қозигӣ, додгоҳӣ) ба ухда гирифт ва борҳо раёсати теъдоде аз додгоҳҳоро дар шаҳрҳои Эрон уҳдадор шуд, то ҷое ки дар Теҳрон ба яке аз чор бозраси бузурги Вазорати додгустарӣ (адлия) табдил шуд. Сипас бист додситони (сарнивол) умумиро дар Теҳрон ба ухда гирфт. Ва ӯ ба унвони нависандаи нашрияи «Парчами Эрон» машғул ба кор буд. Ва ӯ луғати арабӣ, туркӣ, англисӣ, арманӣ, форсӣ ва форсии қадим, яъне паҳлавиро хело хуб медонист. Вай дорои китобҳои зиёд ва мақолоти мунташиршуда дар рӯзномаҳо ва нашриёти эронӣ аст. Ва бо мақолоти қавиаш усули мазҳаби шиаро мавриди ҳамла қарор медод. Онҳо назари баъзе аз рӯшанфикрон ва ҷамъияти коргарон шаҳрҳоро ба сӯи ӯ ҷазб карда буд ва гурӯҳҳое аз мардум аз ҳар миллат ва маҳаллае ба хусус ҷавонони фориғутаҳсили мадорис ба ӯ рӯ карданд. Ва ҳазорон нафар аз онон ӯро иҳота карданд ва ба ёрии ӯ ва интизор ва пахши оро ва китобҳои ӯ ҳиммат гумориданд.

Ва оро ва назариёти вай ба яке аз кишварҳои арабӣ ҳам, ки ҳамон Қувайт аст, расида аст ва баъзе аз Кувайтиҳо аз Кисравӣ хостанд, ки китобҳоеро ба забони арабӣ таълиф кунад, то аз онҳо истифода кунанд. Ӯ ҳам китоби «ал-Ташайюъ ва шиъа»-ро барои онҳо навист ва дар он бутлони мазҳаби шиъиро ва ин ки ихтилофи шиа бо мусалмонон танҳо бар асоси лаҷоҷат ва таассуб аст, возеҳ сохт. Ва ҳамин ки китобаш тамом шуд, аз тарафи

гурӯҳе аз шиаҳои эронӣ мавриди шалики гулула қарор гирифт ва вориди бемористон шуд. Ва рӯйи як амалиёти ҷарроҳӣ анҷом гирифт, ва ниҳоятан ҷони солим бадар бурд ва шифо ёфт.

Пас, душманони шиааш шурӯъ карданд ба туҳмат задан ба ӯ, ки мухолифи Ислом аст. Ва шикоятеро бар алайҳи вай ба Вазорати додгустарӣ такдим карданд. Ва хостанд, ки дар бораи ӯ таҳқиқ шавад. Ва дар охирин ҷаласаи бозпурсӣ ва таҳқиқ дар поёни соли 1324 ҳиҷрӣ бори дигар бо гулула мавриди асобат қарор гирифт ва бо ханҷаре захмин шуд, ки ба дунболи он фавт кард, дар ҳоле ки 29-захм бар баданаш буд. Ва касе ки Кисравиро кушт ва он ҷиноятро иҷро кард, ҳамон шиъии мутаассиб, раиси фидоиёни Ислом ба номи Наввоби Сафавӣ буд.

Рӯзноманигори мисрӣ ҷаноби Мӯссо Сабрӣ дар гуфтугӯе, ки бо қотили фавқ анҷом дода ва нашрияи «Хабарҳои Қувайт» дар таърихи 16/6/1996 онро мунташир сохт, онро барои мо кашф намуда аст. Ин шумо ва иборати он (гуфтугӯ): Наввоби Сафавӣ – раиси фидоиёни Исломи мегӯяд: «Кисравӣ, дар матолибе ки менавишт, ба Ислом ва мусалмонон тавҳину беэҳтиромӣ мекард. Аз ин рӯ, хостам бо дасти худам хуни ӯро шаръан ва динан ва таассубан бирезам. Рӯзе дар як роҳи умумӣ бо ӯ рӯбарӯ шудам ва ҳамроҳи ман бародаре буд ва ӯро чордаҳ нафар дастёр буд, ки мулаққаб ба «Ҷамоати ҷангӣ» буданд. Ва ба ҳамроҳи ман туфангчаи кучаке буд ва ман бар ӯ шалӣ кардам, аммо гулула асари комиле накарда буд ва ҷанг миёни мо дар хиёбон ба муддати се соат идома ёфт, аммо ӯ намурд. Ман хостам хаёлам аз куштанаш осуда шавад ва худам кори ӯро тамом созам, то дар роҳи Аллоҳ ба дасти хукумат кушта шавам. Лизо, баъд аз тапонча онҷиро, ки ба дастам афтод бо он ӯро задам. Ва ҷамоаташ фирор карданд ва Кисравӣ миёнии мо боқӣ монд, дар ҳоле ки мардум ҷамъ шуда баданд. Ва баъд аз он ки гумон бурдам, ки ӯ мурда ё ба зудӣ хохад мурд, дар канори часадаш

истодам ва дар миёни мардум суханронӣ кардам. Онгоҳ дар зиндони Теҳрон зиндонӣ шудем. Ва моҷаро дар рӯзномаҳо мунташир шуд. Ва ман дар зиндон аз Аллоҳ мехостам, ки бо зарбае ки ман бо ӯ задам, ӯро бимиронад ва ба паси ин кор шаҳодатро насиби мо созад. Ва Кисравӣ муддатеро дар бемористон ба унвони як бемори дар ҳоли марг басар бурд, аммо намурд. Ва ман тадбир ва ҳикмати Худоро дар ин бора нафаҳмидам. Сипас аз зиндон озод шудам ва ҷамоатеро омода барои рехтани хуни онҳо дар роҳи Ислом ташкил додам. Ва ин масъаларо алано кардам. Аз ин рӯ, рӯзномахо ва нашриёте ки аз таблиғоти гумроҳкунандаи Кисравӣ ҳимоят мекарданд, кашф шуданд ва дигар аз нияти бад ва шуми худ нанавиштанд ва ҷамоатҳои андак вобаста ба онҳо ҳам, сукут ихтиёр карданд. Ва баъд аз се моҳ Кисравӣ аз бемористон мураххас шуд ва як рӯз бо ӯ дар маркази додгоҳи низомӣ, ки моро ҷиҳати муҳокима даъват карда буданд, рӯбарӯ шудам. Дидам, ки силохе дар даст надорам, то ӯро бикушам ва онҷо як сарбоз буд. Дар дасташ туфанге дошт. Хостам он туфангро аз дасташ бигирам то Кисравиро дар додгоҳ бикушам. Ва билохира он туфангро гирифтам, аммо касеро рӯбарӯи худ надидам. Дар ҳақиқат он сарбоз ва қозиҳо ва Кисравӣ тарсида буданд ва ҳама ҳозирони додгоҳ ба инҷо ва онҷо рафтанд ва ҷаласаи додгоҳии мо таътил шуд ва аз додгоҳ хориҷ шудам ва баъд аз он моҷаро ба дархости қозиҳо ҷавоб надодам. Ва дигар ба додгоҳ боз нагаштам. Ва тайи номае ба қозиҳо эълон кардам «даъвати шумо дар додгоҳҳоятон расмӣ ва қонунӣ нест, чаро ки шумо аз дини Аллоҳ ва Ислом дар ғам ва андӯх ҳастед ва ҳукумати шумо ғоиб аст». Ва назари ман ин буд, ки Кисравӣ бояд муҳокима шавад, на мо, чароки ӯ ба дин эътидоду таҷовуз карда ва ба ҳамин хотир имзои ҳазорон нафарро ҷамъ кардам бар ин маънии ки бар ҳукумат лозим аст, ки Кисравиро ба додгустарӣ биёварад ва дар як додгоҳи шаръӣ ӯро ба хотири куфраш

ба дини Аллоҳ муҳокима кунад. Ва ҳукумат бар хостаи ман тан дардод ва мавъиди муҳокимаро муайян кард. Ва азму чазм карда будам, ки дар он рӯз ӯро бикушам. Албата, ин танҳо сазои ӯ нахоҳад буд. Ба ҳамин хотир, 9-нафар аз ёрони ман, ки ухдадори куштани ӯ шуда буданд, ба додгоҳ рафтанд. Ва ӯро куштанд ва вазъияти додгоҳ ба ҳам рехт ва сарбозону қозиён ҳар як ба ҷое рафтанд ва мардум ҳам пароканда шуданд. Дар ҳоле ки се ҳазор нафар буданд, ки барои руъяти муҳокама омада буданд ва намояндаи мо бидуни ҳеҷ мазоҳимате боз гаштанд».

**Ман мегӯям** ин чизе аст, ки Наввоби Сафавӣ гуфтааст. Ва мо ба суроғи яке аз мароҷеъи бузурги шиа меравем ва ӯ марҷаи бузурги онон Оятуллои узмо мавло Мирзо Ҳасани Аҳқофӣ аст, ки дар китоби форсияш «Номаи шиъиён», ки тавасути Ҳасани Назафӣ таҳти унвони «ал-Имом» ба арабӣ тарҷума шудааст, мегӯяд «ва феълан, ки Кисравӣ кушта шуд, аммо ҳанӯз баъзеҳо, ки тамаъи раёсат доранд ва бо ӯ иртибот доранд, зиндаанд ва ризқ мехӯранд ва ин шарикони вай аз мазоҳиби мухталифи дигар дар он эътирозот аз муҳтавои китобномаи шиаён огоҳ хоҳад шуд.

Ва Аҳқоқӣ мегӯяд «ҳамин, ки Кисравӣ ба сазои ақвол ва афъоли бадхоҳонаи худ расид ва бисоташ бар чида шуд, теъдоде (аз дӯстон) хаёл карданд, ки ҳадафи зиллатовари вай рӯ ба завол ниҳодааст. Гумон бурданд, ки агар барои бори дигаре ҳам номаш ва ҳам китобхояш ҳувайдо шавад, таъсире нахоҳад дошт, аммо масъала баръакс аст. Дар воқеъ, рад кардани ақволаш ва рӯшан кардани макр ва ҳилааш дар ҳама шароит бар ҳама афрод воҷиб аст, зероки вай донаҳои таққалубу найранг ва ранг иваз карданро дар миёни фарзандони мазлуми шиа пахш карда ва баъзе эътиқодоти заҳрогини вай дар аъмоқи мардуми содадил реша давондааст. Ҳанӯз ҳам бархе аз ҷоҳилон ва сатҳинигарон муътақиданд, ки эътирозот ва мухолифоти Кисравӣ қобили рад кардан нестанд».

**Мегӯям** Аллоҳу Акбар ...... чӣ гуна афроде ки

муътақиданд, ки эътирозоти Кисравӣ бе ҷавоб аст, ӯро бар ҳақ донистанд. Тибқи эътирофоти Аҳқофӣ ва фарзандаш, ки дар китоби фавқ суолотеро аз ӯ мепурсад, инон аз табақаи рушанфикр ва донишҷӯён ҳастанд. Аҳқофӣ дар ҷавоби фарзандаш гуфтааст маҷбур шудаам, ки ин китобро дар қолаби гуфтугӯе байни ман ва фарзандам, нури чашмам Мирзо Абдурасули Аҳқофӣ ба риштаи таҳрир даровардаам.

**Мегӯям** ҳар дуи инҳо эътироф карданд, ки пайравони ҷадиди Кисравӣ аз табақаи фарҳангӣ ва донишҷӯӣ мебошад. Писар ба падараш мегӯяд «ман дар тааҷубам аз ин ки чӣ гуна ин маҷмуа аз донишҷӯёни рӯшанфикр ба он ботиле, ки сифати алани (ошкор) ба худ гирифта, мутаваҷеҳ нашуда, бо Кисравӣ иртибот пайдо кардаву дуруғҳои уро бовар кардаанд». Падараш дар ҷавоб мегӯяд «на танҳо набояд тааҷҷуб кунӣ, балки бояд интизори бештареро аз ин дошта бошӣ, ки бештари ҷавононе, ки ба думболи Кисравӣ афтодаанд, ба рағми ин ки дар шумораи донишҷӯёни мамлакат ҳастанд, дар айни ҳол чизе ҳоло нашудаанд ( ва омӯзиш надидаанд)». Ин гуфтаи Аҳқофиро нигоҳ кунед (ба рағми ин ки дар шумораи дрнишҷӯён ҳастанд) бо таваҷҷуҳ ба ин ки Аҳмад Кисравӣ, ки Аллоҳ ӯро раҳмат кунад, асолатан шиа аст. Ва он фарзанд суханонашро хитоб ба падараш гуфта, ба ин эътироф мекунад, ки теъдоде аз ҷавонони онҳо ақволи марҳум Кисравиро пазируфта ва онҳоро ба унвони як амри мусаллам эътибор кардаанд. Ӯ мегӯяд «Кисравӣ мегӯяд шиъа мушрик ҳастанд, мурдагонро ибодат мекунанд ва гумбадҳо ва мазорҳоро муқаддас медоранд. Ва он касоне, ки ба зиёрати марқадҳои муқаддас мераванд, сирфан ба ибодати аимаи худ мераванд. Ва дар натиҷа гурӯҳе аз ҷавонони ин аср то ҳаде ин аслро пазируфта ва инро ба унвони амри мусаллам эътибор кардаанд», хохишмандам, ки посух диҳед».

**Мегӯям** мо аз ҳаққе, ки шиа Кисравиро ба хотири он

куштаанд, дифоъ мекунем ва мегӯем гумбадҳо ва маросиме ,ки шиа барпо мекунад, бо ҳидояти Паёмбар (с) сад дар сад мухолиф аст. Дар ҳақиқат, Паёмбар (с) аз бинособӣ бар рӯйи қабрҳо наҳӣ кардааст. Аммо шиа наҳии ӯро ба пушти девор кӯбидааст. Ба рағми он ки ин ривоят аз тариқи худи онҳо собит шудааст.

Пас, ин Хури Омулии шиъии дувоздаҳимомa аст, ки дар «Васоили шиа» (ҷилди 2, саҳ. 869, ҷилди 3, саҳ. 454) аз Абӯадуллоҳ ривоят мекунад, ки «Паёмбар (с) наҳӣ карда аз ин ки бар рӯйи  қабраш намоз гузорида шавад ё бар он бинособӣ мешавад».

Хури Омилӣ дар «Васоилаш» (ҷилди 2, саҳ. 869) аз Алӣ ибни Ҷаъфар ривоят карда, ки гуфт «аз Абӯҳасани Мӯсо дар бораи бинособӣ бар рӯйи қабр ва нишастан бар рӯйи он суол кардам, ки оё дуруст аст ё на?». Он гоҳ гуфт «бинособӣ бар рӯйи қабр ва нишастан бар рӯйи он ва гачкорӣ кардани он ва гиландуд кардани он ҷоиз ва муносиб нест».

Ва Ҳури Омулӣ дар «Васоил» (ҷилди 2, саҳ. 870) аз Абӯабдуллоҳ ривоят кардааст, ки «бар қабрҳо бино насозед ва сақфҳои хонаҳоятонро наққошӣ накунед, чароки Расул (с) аз ин кор икроҳ дошта аст».

Ҳусайни Нури Табрасӣ дар «Мустадраку-л- васоил» (ҷилди 1, саҳ. 127) аз Паёмбар (с) ривоят кардааст, ки ӯ нахйи кардааст, ки қабр гачкорӣ шавад ё бар он бинособӣ шавад ё бар рӯйи он нишаста бувад».

Ва Ҷаъфари Содиқ сохтан бар қабрҳоро аз ҷумлаи хӯрдани моли ҳаром баршумурдааст.

Ва дар ривояте аз ӯ ки Ҳусайни Нури Табрасӣ дар «Мустадраку-л-васоил» (1/127) онро зикр кардааст, аз Абдулло ибни Талха аз Содиқ ривоят аст, ки ӯ гуфта «ҳафт чиз аз хӯрдани моли ҳаром аст – ришва додан дар ҳукм ва маҳрияи зани бадкора ва подоши коҳин ва фолбин ва қимати саг ва касоне ки бар рӯйи қабрҳо бинособӣ мекунанд (ва онҳоро ба шакли гунбад дар

меоваранд) ва Паёмбар (с) қабрҳоеро, ки бар онҳо (гунбад ё мазор ) сохта шуда буданд, ҳароб мекард».

Ва дар ривояте дар назди Хури Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 2, саҳ. 870) аз Абӯабдулло нақл аст, ки амиралмуъминин гуфт «Паёмбар (с) маро фиристод, то қабрҳоро нобуд созам, яъне онҳоро ба хок яксон кунам ва тасовир (муҷасамаҳо)-ро дарҳам бишканам».

Ва дар ривояте дар «Васоили шиа» (ҷилди 2, саҳ. 869) аз Абиабдулло ривоят аст, ки амиралмуъминин гуфт «Паёмбар (с) маро ба Мадина фиристод ва гуфт «ҳеҷ муҷасамаеро боқӣ магузор, магар он ки онро нобуд сохта бошӣ ва ҳеҷ қаберо боқӣ нагузор, магар он ки онро бо хок яксон созӣ».

**Гуфтам** ин чизест, ки марҳум Кисравӣ бо иқтидо ба Паёмбар (с) ва ол ва аҳли байташ (р) дар сахтгирӣ дар наҳй аз сохтан бар рӯйи қабрҳо аз он наҳй кардааст. Ва табиъиист, ки баъзе аз ҷавонони шиаи таҳсилкарда ва илмҷӯ ин андешаро талақӣ ва қабулкунандаанд, ба вижа он ки ин ривоятҳоро худи шиъиён нақл кардаанд, чароки биносозӣ бар рӯйи қабрҳо иллате дар фосид кардани эътиқоди шиа будааст, то ҷое ки (масалан) зиёрати қабри Ҳусайнро бартару бузургтар аз ҳаҷ донистанд (ҳатто касоне, ки зиёрати онро мурот накарданд, машмули ин қоида ҳастанд).

Чунонки яке аз наздикони Хумайнӣ Оятулло АбдулҲусайн Дастғайб дар китобаш «Инқилоби Ҳусайнӣ» (саҳ. 15, табъи Доруттаъорифи Бейрут) ин масъаларо таъйид карда, гуфтааст «Раббулоламин ба унвони лутф ба бандагонаш зиёрати қабри Ҳусайнро ба ҷои ҳаҷҷи Байтуллоҳи-л- ҳаром қарор додааст, то касе ки муваффақ ба ҳаҷ нашуда, бад-он тамассук ҷӯяд, балки савоби онро барои баъзе аз муъминон ва онҳо касоне ҳастанд, ки шароити зиёратро муроот мекунанд, бештар аз савоби ҳаҷ донистааст…

Шиа меояд ва ривоятеро ба Содиқ мансуб сохта, ки

дар он гуфтааст : «Аллоҳ таъоло дар рӯзи арафа қабл аз он ки ба аҳли Арафот нигоҳ кунад, ба зоирони қабри Ҳусайн нигоҳ мекунад». Ин ривоятро ҷаноби Хури Омулӣ дар «Васоили шиа» (ҷилди 10, саҳ. 310) ворид сохта ва Оятулло Абдулҳусайн Дастғайб дар «Инқилоби Ҳусайнӣ» (саҳ. 15) , дар ҳоле ки лафз моли ӯст, онро зикр намудааст.

Ва бадин тартиб Кисравӣ тавониста, ки уламои шиаро шикаст диҳад (ва кӯзаи онҳоро ба хок бимолад ). Онҳо ҳам бо ҳеҷ василае натавонистаанд ба ӯ чавоб диҳанд, магар як василa ки он ҳам террор кардани вай буд. Ва албатта, ки қотил ва тарроҳони ин нақшаи шум дар рӯзе, ки на мол ва на фарзанд нафъе намедиҳад, бояд ҳисоб пас бидиҳад.

# МАБҲАСИ ШАШУМ.
# ДИДГОҲИ РАЪЙДИҲАНДАГОНИ ШИӢ
# БА НОМЗАДИ СУННӢ

Дидгоҳи интихобкунундаи шиа дар муқобили кондидати аҳли суннат ин аст, ки ба у раъй надиҳанд. Оятуллохи Азимӣ ва марҷаи онхо Ҷавводи Табрезӣ дар ҳоли ҷавоб додан таълиқот ва фатвои худ ки дар китоби «Сироту-л- наҷот фи аҷбату истифотот ли хуи» (ҷилди 3, саҳ. 411, мактабати фиқҳи Қувайт, соли 1997) ин ҳақиқатро барои мо кашф кардааст.

Аз Табрезӣ пурсида шуд «агар муъмин ба ин натиҷа расид, ки кондидат кардани худаш мӯҷиби зойеъ шудани раъйи ҳамкешон ва дӯстон мешавад ва дар айни ҳол боиси муваффақияти номзади ғайри ҳамкеш мешавад, оё дуруст аст, ки ҳамроҳ бо кондидати шиа худро кондидат муаррифӣ кунад, дар ҳоле ки медонад шиаҳо ба он кондидат раъй медиҳанд?». Табрезӣ ҷавоб дод «агар он муъмини дувум ба шиа нафъ мерасонад, дар он фарзияи мазкур ҷоиз нест, ки худро кондидат кунад. Ва Худо доност».

Ва аз Табрезӣ пурсида шуд «агар дар арсаи интихоботи миёни онҳо музойиқае пеш меояд, ба тавре ки фақат яке аз онҳо мебоист дар саҳна боқӣ бимонад, дар ин ҳолат таклифи он ва таклифи боқии шиъиён чист?». Табрезӣ ҷавоб дод «бар ҳар муъмине воҷиб аст, ки манфиат ва ҳам маслиҳати шиъаро муроот кунад ва азият ва озорро аз онҳо дур созад. Ва Худо доно аст».

Агар итифоқ биафтад, ки аз ҳар минтака барои маҷлис фақат ду намоянда мутолиба шавад, агар номзади ҳамкеш ва қавӣ мулоҳиза шуд, ки одатан пирӯз мешавад, ва дар маркази дуюм ду номзад дар он рақобат мекунад, яке аз онҳо ҳамкеш ва дигаре ҳамкеш нест, суол ин аст:

1) Оё бар шиа воҷиб аст ки ба он номзади ҳамкеши дуюм, дар ҳоле ки ба фисқ маъруф нест, раъй бидиҳад?

2) Оё бар афроди шиа ҳаром аст ки кондидати

севуминро муаррифӣ кунад , ки аз он номзади дуюм, ки рақиби он номзади мухолиф (суннӣ) аст беҳтар аст, бо таваҷҷуҳ ба ин ки як бор яқин дорем ба ин ки ин кор курси дуюмро барои шиа танг месозад ва мӯҷиби пирӯзии мухолиф мешавад ва барои дигар фақат гумон мебаред, ки чунин шавад. Пас, хукум дар ҳарду ҳолат чист?

Табрезӣ чавоб дод:

1) Агар чунин ҳосил кунанд, ки ӯ ба шиа хизмат мекунад ва бар хилофи шаръ ва мазҳаби ахли байт раъй ва назария намедиҳад (ва конун тасвиб намекунад), бар шиа воҷиб аст агар номзади аз ӯ қавитар ва дилсӯзтар наёфтанд, ба ҳангоми давраи интихоботӣ он шахсро интихоб кунанд ва Худо олим аст.

2) Агар чунин ҳосил карданд шахси солис пирӯз нахоҳад шуд, он номзади дувумиро, ки рақиби он номзади мухолиф аст, агар дорои шароити зикршуда бошад, интихоб мекунанд. Худо олим аст.

Аз Табрезӣ пурсида шуд Оё барои шиа сахех аст, ки ба фавки таблиготи кондидаи муҳолиф сунни бишавад?! **Табрезӣ** чавоб дод: ин дуруст нест Худо олим аст.

Аз Табрезӣ пурсида шуд, ки дар як маркази интихоботӣ, ки ду кондидати мухолиф бо як шиа ҳузур доранд, оё дуруст аст, ки

1. ба мухолиф раъй диҳем бо вуҷуди он шиъии мутадайин?!

2. ба мухолиф раъй диҳем бо вуҷуди шиъии фосиқ?

3. бо мухолиф раъй диҳем бо вуҷуди шиъии секулор (дунявигаро)?!

Табрезӣ ҷавоб дод «интихоб ва гузиниш дуруст нест, магар он ки фарди интихобшуда шиъӣ бошад, ки ба шиа хизмат мекунад ва ба қонуни мухолиф ба мазхаби шиа раъй надиҳад. Ва агар шахсе дорои ин шароит пайдо шуд, боистӣ дар ҳангоми давраи интихоботӣ миёни ӯ ва дигарон ӯро интихоб кард, магар он ки касе ёфт шавад, ки аз ӯ тавонотар ва дилсӯзтар аст. Худо олим».

# ФАСЛИ ЧОРУМ
# ПАЁМЕ БА ИХВОНУЛМУСЛИМИН

## МАБҲАСИ АВВАЛ.
## ИХВОНУЛ МУСЛИМИН ВА ТАҚИЯИ ШИА

Касоне, ки аз мо - сунниҳо нисбат ба шиаҳо нармӣ ва мехрубонӣ ба харҷ медиҳанд, аз назаргоҳи шиа огоҳ нашудаанд. Дар ҳақиқат, яке аз нависандагоне ки ба нафъи шиахо қаламфарсоӣ мекунад, яъне Изуддини Иброҳим аст (бо китоби) «Дар баробари шиа ва Инқилоби Исломӣ», Теҳрон, саҳ, 14-15, табъи «Сипеҳр»-и Теҳрон, чопи дуюми соли 1406 аз маншуроти равобити ҷаҳонӣ вобаста ба созмони таблиғотии Исломи Эрон).

Аз Умари Талмасонӣ, дар ҳоле ки аз дидгоҳи марҳум Ҳасану-л-Банно сухан мегӯяд, нақл карда, ки мегӯяд «як рӯз аз худуди ихтилофи миёни аҳли суннат ва шиа аз ӯ суол кардем. Онгоҳ ӯ моро аз ворид шудан ба ин навъ масоили бузург, ки зебандаи мусалмонон нест, ки худро ба онҳо машғул созанд, наҳӣ кард. (Вай) гуфт «чунон ки мебинӣ мусалмонои то ин ҳад бо ҳам ба душманӣ бархостаанд ва душманони Ислом барои барафрӯхтани оташи он кор мекунанд». Мо бо он бузургвор гуфтем «мо ба хотири таассуб ё тавсиа намудани ихтилоф миёни мусулмонон ин суолро намепурсем, балки мехоҳем огоҳ шавем, ки чаро ихтилофи миёни шиа ва суннӣ дар таълифоте чанд зикр шудааст, ки қобили шумориш нестанд. Ва зимнан мо ҳам он қадар вақти изофӣ надорем, ки битавонем ба таҳқиқу баррасӣ дар он мурочиа бипардозем». Аз ин сухани Талмасонӣ ошкоро гардид, ки шайх Ҳасану-л-Банноро дар бораи ин масъала мебинем, ки он иборат аст аз адами ғуттавар шудан дар масоили ихтилофии миёни шиа ва суннӣ. Пас, Ҳасану-л-Банно ақида надошта, ки дар бораи ин масъалаи бузург баҳсу ковиш шавад ва худ ҳам сароҳатан, эълом карда, ки он

қадар вақти изофӣ надоранд, то дар партави он битавонанд дар ин бора таҳқиқ ва ковиш кунанд. Дар ин ҷо ду мусибат ҷамъ шудаанд, яъне набудани вақт ва наҳй аз ворид шудан ба масоили ихтилофии бузург. Дар ин сурат тақоруб ва наздикии марҳум Банно бо шиа аз рӯйи дониш ва бо ташвиқи он илмӣ набуда, ки ин масоилро таҳти шуои худ қарор медиҳад. Ин иҷоб мекунад, ки мо бигӯем он ҷамоате, ки нармиш ба ҳарҷ доданд ё бигӯем ба наздикии бо шиа фарохонданд аз ақоиди шиа огоҳ набуданд, балки андеша ва оғозгоҳи онон мубориза бо ин огоҳӣ ё бигӯем наҳй кардан аз вуҷуди чунин дониш ва огоҳӣ аст. Ин нуктаи бузургест, ки лозим аст касоне, ки пайгири қазия ҳастанд, аз он ғофил нашаванд. Пас, оё дидгоҳи онҳо ба унвони ҳуҷҷат пазируфта мешавад, ки мебоист мусулмонон аз он пайравӣ кунанд?! На, ба Худо, дидгоҳ ва мавқеи онҳо на танҳо ҳуҷҷат нест, балки бар ҳеҷ пояе аз илму далел ва ҳуҷҷату бурҳон қарор надорад. Саҳеҳ он аст, ки баръакси мавқеу дидгоҳи онҳо аз он чи, ки нависандаи мазкур нақл карда, ки ба унвони ҳасанае барояш маҳсуб мешавад мавқеъ гирифта шавад, агарчи мо бар ин яқин ҳастем, ки он нависанда дар пайи ҳасана набуда, чун бар он шарте нест, ки бо қаламзанони онҳо (шиаҳо) бар сари он тавофуқ кардааст.

Дар ҳақиқат Ҳасану-л-Банно (р) монанди дигар аҳли суннат наздикии мусулмонон бо якдигар ва ихтилофзудойи миёни онҳо барояшон муҳим будааст. Аммо ӯ аз мавзӯи аслӣ ва ҳақиқии шиа нисбат ба аҳли суннат огоҳ набудааст, чӣ шароиту машокиле ба онҳо мувоҷеҳ шуда, ба адами вақти изофӣ ба ӯ иҷозат надода, ки ин худ ба нафси хеш иҷозат надода, ки ба баҳсу баррасии кутуби қадимии шиа бипардозад, ки мадори мазҳаби онҳо бар сари он аст. Инчунин, баъзе аз китобҳои ҷадиди шиаро аз назар бигзаронанд, ки шиа онҳоро аз содадилон ва дилпокон махфӣ нигаҳ медоранд ва онҳоро танҳо ба худ ихтисос медиҳанд ва намегузоранд нигоҳи

душманонашон ба онҳо биафтад. Нигоҳи ин покдилон фақат ба китобҳои дурахшон ва зебое афтодааст, ки ба шакли ҳамгирой дам аз тақорубу наздикӣ ва иттиҳод мезананд ва ин ҳам моягирифта аз маҳкамкории тақия, яъне фиреб додан ва гӯл задани аҳли сунат аст, то ба ҳақиқат огоҳ нашаванд

Пас, бародароне, ки дидгоҳ ва мавқифи шайх Бано (р)-ро ҳуҷҷати худ қарор медиҳанд, бояд таваққуфе карда, ин қоидаро мавриди эҳтимом қарор диҳанд, ки мегӯяд «адами огоҳӣ нисбат ба чизе инро намерасонад, ки он чиз вуҷуд надорад». Марҳум Ҳасан Бано (бино ба гумони ағлаб) медонист, ки мункири вилоят кофир аст ва тақдимкунандаи Абӯбакру Умар (ба Алӣ) бидуни ҳеҷ ихтилофе дар миёни шиа бар асоси он чи, ки марзаи онҳо шайх Ҳасани Наҷафӣ дар китобаш «Ҷавоҳиру-л-калом» нақл карда, кофир аст. Ин китоб дар 43 ҷилд тадвин шуда, олими лубнонии шиа Муҳаммад Ҷаводди Муғнӣ (ки қаблан онро зикр кардем) онро муъҷизаи қарни нуздаҳум ном ниҳодааст. Мисли ӯ Буҳрону Шуштарӣ ва Маҷлисию Абдулоҳи Шибрӣ ва ғайра мебошанд.

Ва Хумайнӣ дар китоби «Ба шиа» (саҳ. 511) мегӯяд «бадеҳист, ки ин амр ба шиаи аҳли байт ихтисос дорад ва мардумони дигар аз он маҳрум мебошанд. Зеро имон ҷуз ба воситаи вилояти Алӣ ва имомони маъсуму тоҳираш (а) ҳосил намешавад. Балки имон ба Аллоҳ ва Расулаш бидуни вилоят қабул намешавад. Чунонки дар фасли баъди ин масъаларо зикр хоҳем кард».

**Мегӯям** оё ба назари шумо агар Ҳасан Бано (р) аз ин сухан иттилоъ меёфт, дар муқобили он сукут мекард?! Чӣ имони Ҳасан Бано ва бародарони аҳли суннаташ дар назди шиаҳо пазируфтанӣ нест, чаро ки онҳо ба вилояти авсиё ва маъсумон муътақид нестанд. Хумайнӣ дар китоби «Арбаина» (саҳ. 512) мегӯяд «он чи, ки дар зайли ҳадиси шариф гузашт, аз ин ки вилояти аҳли байт ва шинохти онҳо шарте дар қабули аъмол аст, аз умури мусаллам,

балки аз заруријату усули мазҳаби муқаддаси ташайюъ маҳсуб ва эътибор мешавад. Ривоятҳо дар ин бора он қадар зиёд аст, ки китоби мухтасар тавонои баррасӣ ва ҷамъоварии ҳамаи онҳоро надорад. Ҳатто бештар аз ҳаҷми таватур ҳам ҳастанд. Ин китоб ба зикри баъзе аз он ривоятҳо табаррук меҷӯяд».

**Мегӯям** каме қабл аз ин огоҳ шудӣ, ки манзур аз вилояти аҳли байт ҳамон оилаи масъум ҳастанд. Ва донистӣ, ки эътиқод ба имаи онҳо шарти қабули имон ба Аллоҳ ва Расулаш ва шарти пазируфтани аъмолаш аст. Ва бар ин асос ҷиҳоди имом Ҳасани Банно дар мизон ва назаргоҳи Хумайнӣ рақам хоҳад хурд (ҷавобро ба касоне ки бо шиа нармиш ба ҳарҷ медиҳанд, вогузор мекунем) .

....Чун Ҳасану-л- Бано (р) ба аимаи масъумин муътақид нест.

## МАБҲАСИ ДУВУМ
## ШАЙХ МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ (Р) ВА ШИА

Дар ҳақиқат шайх Муҳаммад Ғазолӣ дар як касетаи сабтшудаи савтӣ сароҳатан изъон карда, ки агар метавонист, иддае аз аҳли суннатро ҷиҳати ёрии шиа дар ҷангашон бо Ироқ ирсол медошт. Аммо чунон ки дар наввор мегӯяд наметавонад. Ва мо мегӯем Ғазолӣ ҷойгоҳи худро бояд дар сухани Хумайнӣ биёбад?

Эй шайх Муҳаммад! Худо қалбатро нуронӣ созад оё ба вилояти дувоздаҳ имом имон меоварӣ, то амалат мавриди қабул воқеъ шавад ё ҳатто ниятат қабул гардад!

Оё шумо аз мазҳаби шиа, ки уламои он баландгӯйи он ҳастанд ва аҳли суннатро ҷамиъан кофир медонанд, огоҳ шудаӣ?!

Фарз кун, ки ту аз Маҷлисӣ ва Баҳронӣ ва Наҷафӣ ва Қумӣ ва Хумайнӣ ва ғайри онҳо, ки сароҳатан куфри касонеро ки ба аимаи дувоздаҳгона эътиқод надоранд ба лиҳози илм олимтар ва ғанитар ҳастӣ?!

Ҷои басе таассуф аст, ки мебинем Шайх Муҳаммад Ғазолӣ дар нашрияи «Талиъаи исломӣ» (шумораи 26, марти 1985) тибқи нақле, ки Изуддин Иброҳим (ки масъулият бо ӯст) дар китобаш «Дидгоҳи мусалмонон дар баробари шиа ва Инқилоби Исломӣ» (саҳ. 26) дар посух ба ин ки вай чӣ нақше дар «ҷамоати тақриб» доштааст, гуфта: «оре, ман аз ҷумлаи касоне будам, ки ба масъалаи тақриб миёни мазоҳиби исломӣ таваҷҷуҳ кардаам. Ва ман дар Дору-т-тақриби Қоҳира амали пайваста доштаам. Ва бо шайх Муҳаммад Таққии Қумӣ ва шайх Муҳаммади Ҷаводи Муғния дӯст шудаам. Ва зимнан дӯстони дигаре аз уламо ва бузургони шиа дорам. Чунон ки Шайх Ғазолӣ дар китобаш «Чӣ гуна Исломро бифаҳмем?» (саҳ. 116, табъи сеюми соли 1983, Дору-т-тавфиқи ан-Нумузаҷия) хушҳолии худро нисбат ба иқдоми Вазорати авқофи Миср ва чопи китоби мухтасари нофиъи фиқҳӣ, ки шомили

баъзе аз аҳкоми ибодат бар мазҳаби шиаи имомия аст, иброз кардааст.

Ва Ғазолӣ дар китоби «Заломун мина-л-ғарб» (саҳ. 196, табъи аввал, с. 1956, Дорулкитоби араби, Миср) мегӯяд «бисёре аз уламои Азҳари шариф дар зеҳнияти онон симое аз шиа нақш баста, ки шоиаҳо ва фарзияҳои воридотӣ онро ба ҳам бофтааст».

Дар ҳоле ки у дар китобаш «Исломро чӣ гуна бифаҳмем?» (саҳ. 116) мегӯяд: «ва дар улуми шиа касонеро меёбем, ки бо ҳамоқате ошкор дар сираи салафи солеҳ ғутавар мешаванд. Ва бад-ин васила мехоҳанд тафриқа ва (гурӯҳгароӣ) боқӣ бимонад ва (оби) зулолу софи уммати исломӣ олуда шавад».

Ва дар китоби «Чӣ гуна исломро бифаҳмем?» (саҳ. 118) мегӯяд «беҳтар дидам ҷиҳати бастани он шикофе, ки маълули хаёлу андешаҳост. Балки ҷиҳати дурсозии он шикофе ки пайдошуда аз майлу орзуҳост, як кори мусбат ва созандаи қотиеро анҷом диҳам. Он гоҳ дидам ки вазорати авқоф замима кардани мазҳаби фиқҳии шиъаи имомияро ба фиқҳи мазоҳиби арбаъа, ки дар Миср тадрис мешавад, бар уҳда гирифтааст. Ва идораи фарҳанг ва иршоди исломӣ ҳам ироа кардани абвоби ибодат ва муъомилот дар ин фиқҳи исломиро ба бародарони муҷтаҳиди шиаи мо супурдааст. Ва арбоби маърифат ва андеша ба ҳангоми мутолиаи ин талошҳои илмӣ хоҳанд дид, ки мушобиҳат миёни ончи ки мо аз қироатҳои фиқҳӣ таълиф кардаем ва миёни он чи ки итифоқи ногувор моро аз он дур кардааст, наздик мебошад».

Ва бад-ин васила шитобҳои Ғазолӣ (р) рӯшан мешавад, ки ӯ қабл аз усул дар фуруъ шурӯъ кард. Ва дар ин иқдоми худ зираку кордон ба назар нарасид, бар ӯ буд ки ин суолро аз худ бипурсад, ки оё имомати дувоздаҳ имоми маъсум дар назди шиа ҷузъи усул аст ё фурӯъ? Ва оё шиа фақат дар фиқҳ бо мо мухолиф ҳастанд?! Ва мо ба ҷои шайх Ғазолӣ посух дода мегӯем «шайхи шиъӣ Муҳаммад

Ризо Музаффар дар «Ақоиди имомия» (саҳ, 93,94,95 ва 98, маншуроти Доруттаблиғи исломии Қум. Эрон) гуфта аст: «муътақидем, ки имомат асле аз усули дин аст ва имон ҷуз ба эътиқод бад-он комил намешавад.... Чунон ки муътақидем, ки имомат монанди нубуват лутфе аз ноҳияи Аллоҳ таъоло аст.... Ва муътақидем ки имомат монанди Паёмбар аст ва лозим аст, ки аз ҳама разоил ва корҳои фоҳишаомези зоҳирӣ ё ботинӣ маъсум бошад ва муътақидем, ки аима соҳибони амр ҳастанд.... Балки муътақидем, ки фармони онҳо фармони Аллоҳ ва наҳйи онҳо наҳйи Ӯ ва тоати онҳо тоати Ӯ ва маъсият кардани онҳо маъсият кардан аз Худо аст».

Бинобар ин, имомати аслӣ аз усули динашон аст ба иҷмоъ ва ман касеро ки аз онҳо ё аз касоне, ки нисбат ба онҳо нармиш ба ҳарҷ медиҳанду ғайри инро мегӯянд ба мубориза металабам (яъне ҳозирам бо ӯ гуфтугӯ кунам).

Ва мункири асл, ки ҳамон рукн аст, ба иттифоқи шиъа ва суннӣ кофир аст. Ва аҳли суннат имоматро ба ин мафҳуми шиъӣ инкор мекунад ва маънои ин он аст, ки онҳо аз назари шиъа кофир ҳастанд. Ба хотири ҳамин асл онҳо аҳли суннатро қатъан кофир медонанд, ҳоло чи фикр мекунед, дар ҳоле ки тасреҳи уламои онҳоро ба куфри мункири дувоздаҳ имом барои шумо накл кардем?! Шакке дар дурустӣ ва ҳусни нияти шайх Ғазолӣ надорем ва ӯ дар миёни аҳли суннат пешвое дар ин замона аст. Ӯ саддиқона ва мухлисона бо шайхи шиъӣ Муҳаммад Ҷавводи Муғнӣ иртибот барқарор мекунад. Дар ҳоле ки намедонад Муғнӣ ва ғайри ӯ аз боби тақия бо ӯ таъомул мекунанд, то дасти охир дастовардҳои мазҳаби монанди фатвои шайхи Шалтутро ба даст оваранд. Дар ҳақиқат, шайх Ғазоли дар як навори савтии сабтшуда бароҳатан эълом дошта, ки «имомат дар назди шиъа рукне аз аркони мазҳаб аст».

Ғазолӣ ин матлаброро дар як суханоронӣ гуфта, ки дар зимни он бархе аз суолот пурсида шуда аз ӯ дар борои шиа ва посух додааст. Музафар мегӯяд «имомат рукне аз

аркони дин аст» ва Ғазолӣ мегӯяд «рукне аз аркони мазҳаб аст!».

Ва шайхи шиъи Муҳаммад Ҷавводи Муғнияро ёфтам ки дар китобаш «ал-Шиъату фи мизон» (саҳ. 269, табъи чорум, Дорутаъорифи матбуоти Бейрут. Лубнон, с. 1399) мегӯяд «заруроти мазҳаб дар назди шиа ду навъ ҳастанд: навъи аввал ба усул бармегардад ва он имомат аст. Бинобар ин, бар ҳар шиаи дувоздаҳимомӣ лозим аст, ки ба имомати дувоздаҳ имом муътақид бошад. Ва кассе, ки диндорӣ ба имомашро тарк кунад, олим бошад ё ҷоҳил ва муътақид ба усули сегона бошад, ӯ дар назди шиа мусалмони ғайришаръӣ аст, он чи ки барои мусалмонон аст, барои ӯ ҳам ҳаст ва он чи бар он ҳаст бар ӯ ҳам ҳаст. Бинобар ин, имомати аслӣ барои мазҳаби ташайуъ аст».

**Мегӯям** оё ҷаноби Муғния шайх Ғазолиро водор кард,ки тасреҳеро дар он навори савтӣ ироа кунад? Дар ин ҷо Муғния тасреҳ карда,ки имомат асл аст, аммо вай фиреб дода ва гумроҳ карда он ҷо ки гуфта аст «имомат асле аз зарuриёти мазҳаб аст, на дин», дар ҳоле ки Музаффар гуфта «имомат рукне аз аркони дин аст». Такфир кардани уламои онҳо барои мункири имомат ҳам дар ҷои худ бимонад, чунон ки дар фасли «Куфри касе, ки ба вилояти аимаи дувоздаҳгона имон надорад», гузашт.

Оё медонӣ чаро Муғния ин матлабро гуфта, чаро ки ӯ аҳли суннатро мухотаб қарор медиҳад. Ва ӯ ин матлабро таҳти унвони «Заруриёти дин ва мазҳаб» навиштааст, ки маҷаллаи «Рисолату-л-Ислом» (ҷилди 2, соли 1950 мелоди, Миср) онро мунташир кардааст. Чунон ки худи ӯ дар поварқи саҳифаи 267 аз китобе ки онро нақл мекунем, бо ин матлаб тасреҳ кардааст. Иноқо он чиро ки навишта ба ангезаи тақия буд ва Аллоҳ таъоло хоста, ки оноқо ҳақиқаташ ошкор шавад.

**Бародари мусалмонам!** Қаблан он чиро, ки аз Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ дар китобаш «Ҷавоҳиру-л – калом» нақл кардем, аз он иттилоъ ёфтӣ. Ӯ дар китобаш

тасреҳ карда, ки аҳли суннат кофир ҳастанд ва ғайбат кардани онҳо ҷоиз аст.Ва онҳо аз масеҳиён ҳам бадтар ҳастанд ва аз сагҳо ҳам наҷастар ҳастанд ва иҷмоашонро бар ин ки мухолифи ҳақ (мухолифи мазҳаби онҳо) кофир аст, нақл кардааст.

Ва ҳамакнун шуморо аз раъйи Муҳамад Ҷавводи Муғния огоҳ месозем, ки гуфта аст: «касе, ки ба имомати дувоздаҳ имом диндорӣ намекунад, мусалмони ғайришиъӣ аст». Муҳаммад Ҷавводи дар китоби «Маъа уламои-н- наҷафи-л-ашраф» (саҳ, 81-Т-1984, Дору мактаби-л- ҳилол, дру-л-чавод, Бейрут, Лубнон) мегӯяд «соҳиби «ал-Ҷавоҳир» ё соҳиби муъҷизаи қарни нуздаҳум (оё маънои муъҷиза ин нест ки ҳар инсоне аз овардани назири он оҷиз мебошад, ҷуз соҳиби он?!) ва аз замоне ки барори Ислом , фуқаҳо ва муаллифоне дар заминаи ташреҳ ёфт шудааст то ба имрӯз касе монанди китоби «ал-Ҷавоҳир»-ро дар заминаи вусъат ва иҳота ва амиқ ва резакориҳои он, ва арзаи ақвол ва баррасии онҳо наёвардааст. Китоби вай алорағм ҳаҷми бузургаш китоби таҳқиқӣ аст, на китоби нақли ва талфиқи аз матолибе аз инҷо ва онҷо».

Ва Муғния мегӯяд «аз нависандаи «Такмилаи амалу-л-амал» марҳум Сайид Ҳасани Садр нақл шуда, ки ӯ гуфтааст «дар дараҷаи аввал тавфиқ ва ривоҷи китоби «ал-Ҷавоҳир» ба ахлоқу нияти поке ва тавозуъи муаллиф дар баробари Худо ва мардум бармегардад».

Пас, Муҳаммад Ҷавводи Муғния барои нависандаи ин китоб талаби раҳмат карда, дар китобаш «Бо уламои Наҷаф» (саҳ. 84) мегӯяд: «Аллоҳ таъоло ба соҳиби «ал-Ҷавоҳир» раҳм кунад, чаро ки ӯ фазоили фаровоне дошта, ки аз шумориш хориҷ аст».

Илова бар ин такрор гуфта соҳиби «ал-Ҷавоҳир» тавассутиоқои Муғния (22-63) холӣ аз лутф нест «дар ҳар ҳол ихтисоси ҳурмат ба муъминони қоил ба имомати дувоздаҳимомӣ ҳувайдо шудааст ва дар ин замина

кофирон ва мухолифон ҳатто агар яке аз онҳо (ъ)-ро инкор кунад, бебаҳраанд ва дар ин ихтисос қарор намегиранд».

Ва ғайри онҳо аз он чи ки қаблан нақл шуд.

**Мегӯям** Муҳаммад Ҷавводи Муғния ҳам ба сони соири уламои шиа на танҳо ҳеҷ рад ва инкоре ба нависандаи китоби «ал-Ҷавоҳир» намезанад, балки такфирати ӯ нисбат ба аҳли суннатро таъйид ва тақрир карда, китоби вайро ба унвони муъҷизае аз муъҷизот шумурдааст. Аллоҳ таъоло мо ва касонеро, ки аз рӯйи дили пок нисбат ба шиа дилнармӣ ба ҳарҷ медиҳанд, мавриди афв қарор диҳад

Ҷаноби Муҳаммад Муғния дар китобаш «Бо уламои Наҷаф» (саҳ. 69 ва мобаъди он) барои шайх Юсуфи Баҳронӣ, нависандаи китоби «ал- ҳадоиқу нозира» холном навишта ва ӯро супурдааст. Ва шумо дар аввали ин рисола иттилоъ пайдо кардед, ки ин Баҳронӣ мухолифони шиъаро кофир донистааст. Ва бадин сон Муҳаммад Ҷавводи Муғния ин корро ба ӯ инкор накардааст. Пас, Аллоҳ таъоло онҷиро ки Муҳаммад Ҷавводи Муғния дар китобаш (саҳ. 38) китмон сохта, дар ҳоле ки ӯ ба уламояшон Ҳули таҷлил ба амал меоварад, ҳувайдо сохтааст, он ҷо ки мегӯяд «он аллома дар партави далелҳои қотеъ ва кӯбанда хилофати имом(Али)-ро баъди Паёмбар бидуни ҳеҷ таъхире – ва бутлони тақлид кардан аз аимаи арбаъаро собит кардааст. Аз ин рӯ ҳамагӣ таслими гуфтаи он аллома шудаанд».

**Мегӯям** диққат кун! Дар наздиоқои Муғния мазоҳиби арбаъа, ки табъан усул ва фурӯъи онҳо мадди назараш аст, бо далоили қотиъ ботил ва беасос шудааст. Пас, оё марҳум шайх Ғазолӣ баъд аз ин дониста, ки бо ҳолати тақия бо мо таъомул мекунанд?!

Бо гуфтаи шайх Ғазоли бармегардем ки мегӯяд «дар назди гурухи зиёде аз аҳли илм симое аз шиа ҷилвагар шуда, ки шоиаҳо ва фарзияҳои воридоти онҳоро сохтаву

бохта аст».

**(Мо мегӯем)** оё мо он ривоятҳои собит ва балки мутавотири онҳо ва ақволи уламои аввали онҳо ҳамчун Муфид ва туси ва судуқ ва Маҷлисӣ ва Ҳури Омулӣ ва Каркӣ ва Файзи Кошонӣ ва Юсуфи Баҳронӣ ва Ҳусайни Баҳронӣ ва Абдуллои Бишр ва Момқони ва Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ ва Хумайнӣ ва Хуӣ ва Муҳаммад Шерози….. ва….. ва дигаронро, ки барои ту нақл накардем, ки оё аз ҷумлаи шоиаҳо ва фарзияҳои воридоти ва бемаврид аст ки симои шиаро дар назди бисёре аз аҳли илм дар ал-Азҳари шариф ташкил додааст! Оё онон ба куфр ва наҷосати аҳли суннат тасреҳ накардаанд?!

Оё Муҳаммад Ҷавводи Муғния ботил эълом кардани мазоҳиби арбаа тавассути аллома, балки тоғуташон (Ҳулли)- ро напазируфтааст ва онро бо бурҳону далели қотеъу инкорнопазир тавсиф накардааст!? Бинобар ин, ҳақ бо уламои Азҳар аст, касоне ки ботил будани ақоиди шиаро баён карда ва аз хатари тақоруб ба онҳо ҳушдор додаанд.

Сипас ба Ғазолӣ гуш фаро деҳ, ки дар китобаш «Заломун минал ғарб» (саҳ. 195) мегӯяд «метавонам бигӯям, ки ихтилоф миёни шиа ва суннӣ бештар як ихтилофи сиёсӣ аст то як ихтилофи динӣ».

Ва низ дар саҳифаи 197 мегӯяд «ман яқин дорам, ки агар ал-Азҳар дасташро ба сӯйи шиа дароз кунад, бештар авомили душманӣ ва кинатузӣ худ ба худ решакан хоҳад шуд, ҳамонгуна ки тудаҳои ях дар зери шуои Хуршед об хоҳад шуд».

**Мегӯям** Ғазолӣ, ки мегӯяд «ихтилоф байни шиа ва суннӣ бештар як ихтилофи сиёсӣ аст то динӣ» дар китобаш «Дифоъ аз ақида ва шариат» (саҳ. 265, табъаи чорум, 1975) мегӯяд «қабул дорам, ки дар онҷо ихтилофоти фиқҳӣ ва назарӣ миёни шиа ва суннӣ аст, ки баъзеҳо амиқ ҳастанд ва баъзеҳо чандон амиқ нестанд».

Бинобар ин, мухолифони андеша (тақоруб) ҳамакнун

ва бино ба эътирофи Ғазолӣ дар дурӣ кардан аз шиа дорои узр ҳастанд ва он ин аст, ки дар онҷо ихтилофи амиқе миёни аҳли суннат ва шиа мавҷуд мебошад. Илова бар ин, мо ҷазми қотеъ дорем, ки Муҳаммад Ғазолӣ (р) бар манобиъи муътамад дар назди шиа, ки бар куфри аҳли суннат иҷмоъ бастаанд, итлоъ наёфтааст. Манобиъе ки ҳилабозони шиъа тавонистаанд назари Ғазолӣ ва соири қурбониёни дигарро аз онҳо боз бидоранд.

# МАБҲАСИ СЕЮМ.
# МУХОЛИФОНИ ТАҚОРУБ

Мухолифони тақоруб бо шиаи беилм ҳарф назада, балки дар муҳолифати худ ба он чики Ғазолӣ худ ба баъзе аз он эътироф карда, истидлол кардаанд. Ва ҳатто осонгирон бо шиа бо лаҷоҷат ва пойдории онҳо бар сари ботилашон даступохурда шудаанд!!

Бо доктор Маҳмуди Сибоъӣ дар китобаш «Суннати Набавӣ ва ҷойгоҳи он дар ташриъ» (чопи мактаби исломи, Бейрут, соли 1987) даме менишинем. Вай мегӯяд «дар соли 1953 Абдул Ҳусайни Шарофиддинро дар хонааш дар шаҳри Сур дар куҳи Омил мулоқот кардам ва дар канори вай ҷамъе аз уламои шиа ҳузур доштанд. Дар иртибот бо зарурати иттиҳоду калима ва ашоъаи ҳамоҳангӣ ва якпорчагӣ миёни ду гурӯҳи шиа ва аҳли суннат доди сухан сар додем. Ва гуфтем, ки яке аз бузургтарин авомил ва хостгоҳҳи ин (иттиҳод) ин аст, ки уламои ҳарду даста бо якдигар мулоқот дошта бошанд. Ва (матолиберо, ки ба) тақоруб ва ба наздикӣ фаро мехонанд, чоп намоянд. Ва Абдул Ҳусайн нисбат ба ин андеша хеле бо ҳаммоса ва пуршӯр ва боварманд буд. Пас, бар баргузориш конфронсе барои уламои шиа ва суннӣ ба ин манзур хушнуд будам, ӯро тарк гуфтам ва ба ҳамин хотир дар Бейрут баъзе аз соҳиб назарони сиёсӣ ва удабо ва тоҷирони шиаро бо ин ҳадаф мулоқот кардам. Аммо он шароит миёни ман ва коргардон ҷиҳати ба самар нишондани ин андеша сангандозӣ кард. Гузашта аз ин, дере напоид ки як бора ғофилгир шудам, чаро ки Абдул Ҳусайн дар бораи Абӯҳурайра (р) чоп кард, ки саршор аз носазогӯӣ ва пархошгарӣ буд. Марҳум доктор Сибоъӣ мегӯяд аз мавзӯи АбдулҲусайн дар каломаш ва китобаш аз он мавзӯъе ки бар рағбати содиқона дар тақоруб ва фаромӯш кардани гузашта далолат намекунад, тааҷҷуб кардам ва ҳамакнун низ ҳамон дидгоҳро аз гурӯҳи

мубалиғони тақоруб аз уламои шиа мушоҳида мекунам. Чаро ки дар ҳоле ки онҳо ба манзури ин даъват марказҳое сарусомон медиҳанд ва маҷаллоте дар Қоҳира эҷод мекуннад ва дастае аз уламои Азҳарро ба кор мегиранд, ки ба ин ҳадаф бинависанд; асаре барои онҳо дар даъват ба ин тақоруб ва ҳамдили миёни уламои шиа дар Ироқ ва Эрон ва ғайри инҳо мушоҳида накардаем. Ин ҷамоат ҳамчунон бар муҳтавиёти мавҷуд дар китобҳояшон, ки чизе ҷуз таънаҳои зананда ва симои дурӯғин аз ихтилоф миёни саҳоба нест, исрор ва пофишорӣ меварзанд, ту гӯйӣ мақсуд аз даъват барои тақоруб хамон тақоруби аҳли суннат ба мазҳаби шиа аст, на тақоруби ҳарду мазҳаб ба якдигар (ас-Суннату ва маконатуҳо фи ташриъи-л-исломӣ)?!

Ва марҳум доктор Сибоъӣ мегӯяд «ва аз ҷумлаи масоили шоистаи таваҷҷуҳ ин аст, ки ҳар бахши илми дар бораи таърихи суннат ё мазоҳиби исломӣ бо дидгоҳи шиа ҳамхонӣ надорад. Баъзе аз уламои он афродеро, ки ба ин ковиш даст мезананд, мавриди эътироз қарор дода, ва худ дар пушти пардаи тақоруб қоим мешавад ва он ковишгарро муттаҳам мекунад, ки мутаассиб аст ва пеши талоши ислоҳгарони роҳи тақрибро мегирад. Аммо китобе монанди китоби шайх Абдулҳусайни Шарафуддин дар таъна задан ба бузургтарин саҳоба, ки аз назари аҳли суннат дар заминаи ривояташ аз аҳодис мавриди эътимод ва сиққа аст, ба назари он ҳарзагарон ё хашмгинон амале нест ки монеъи талоши дастандаркорони тақриб шавад. Ва ман назари эшон дар заминаро танҳо ба китоби мазкур ки дар бораи Абӯхурайра (р) навиштааст, хулоса намекунам. Чаро ки дар Ироқ ва Эрон китобҳое чоп мешаванд, ки дар он он қадар дар бораи ҳазрати Оиша (умулмуъминин) ва ҷумҳури саҳоба бадгӯӣ ва ифтиро зада мешавад, ки ҳеҷ инсони бовиҷдон ва бошарафе тоби шунидани онро надорад…….(ҳамон манбаъ).

Ва чунон ки ба назар мерасад, Сибоъӣ аз

муътақиддоти шиа ва такфири онҳо нисбат ба аҳли суннат огоҳ набудааст ва ин китоби «Абӯҳурайра» навиштаи Абдулҳусайни Шарафуддин буд, ки ӯро аз ин хоб бедор сохт. Бо мутолиаи он китоб донист, ки шиа зоҳир ва ботине дорад. Яъне ба сурати ду ваҷҳ амал мекунад. Пас, дидгоҳи онҳо барояш возех шуд. Онгоҳ ки гуфт «ва ҳамакнун аз он даста аз уламои шиа, ки дам аз тақриб мезананд, ҳамон дидгоҳро муллохиза мекунем……».

**Диққат кунед,** ҳамаи онҳо ду рӯйи як сика ҳастанд, яъне дар айни ин ки дам аз тақриб мезананд, саъй мекунанд мазҳаби худро дар миёни акшори мутавасити аҳли суннат тарвиҷ кунанд. Ва дуктур Мухаммад Сабоъӣ ин мавзӯъро дарк карда буд, онҷо ки гуфт «ту гӯӣ ҳадаф аз даъват ба тақриб ҳамон тақриби аҳли суннат ба мазҳаби шиа аст». Албата, ин Абдулҳусайн китобҳои дигаре ҳам дорад, ки ҳамагӣ дар бораи таъна задан ба саҳоба (р) ба риштаи таҳрир доромада аст. Аз ҷумла, «Насс ва иҷтиҳод», «Фаслҳои муҳим», «Посуххҳои масоили Мӯсо чоруллоҳ», «ал-Мурочиот». Ба зиракӣ ва ҳилагарии ин оғо нигоҳ кунед, ки чӣ гуна аз покдилӣ ва нияти поки Сабоъӣ сӯйиистифода карда ва худро тарафдори шадиди андешаи тақриб муаррифӣ мекунад. Ва рафиқи дилпок ва мискини мо ҳам танҳо замоне бедор мешавад ки…..

Оре , баъд аз он дигар донист, ки он ҷамоат ҳамчунон ҷиҳати китобҳое, ки мазҳаби онҳо фаро мехонанд, гом барошта ва хоҳанд бардошт.

Лизо тарафдорӣ ва ҳамосапарварии онҳо дар муқобили Сабоъӣ танҳо ва танҳо тақия ва ҳиққа аст!!

Сипас ба суроги доктур Алӣ Аҳмади Солус меравем ва мебинем, ки аз муътақидоти шиа комилан огоҳ аст, хеле аз китобҳои онҳоро мулоҳиза кардааст. Ӯ дар китобаш «Фиқҳи шиаи имомия ва мавориди ихтилофи миёни он ва мазоҳиби арбаъа» (саҳ. 256, табъи . соли 1978) мегӯяд «вақте ки дар Қувайт бо баъзе аз шиаҳо дидор кардам ва аз ҷойгоҳҳои таҷамуъи онҳо дар Ироқ дидан кардам ,

симоҳоеро дидам, ки муждаи чандон хубе дар арсаи тақриб намедоданд, балки баръакси ин буданд. Вақте ки бисёре аз китобҳои мутадовули онҳоро мавриди мутолиа қарор додам, дидам ки дар аснои баҳс бисёре онҳо таассуби хушке нисбат ба мазҳаби шиа доранд ва аз тундравиҳо ва иғроқҳо ва дасткориҳо дар бисёре аз ҳолот шадидан ҷонибдорӣ мекунанд». Ва мисолҳое дар ин бора зикр шудааст.

Ва қабл аз ин доктор Солус дар мақоми мунтақид «Доруттақриб» гуфта аст «бо ин вуҷуд «Доруттақриб» дар Қоҳира аст ва дар ҳеҷ ҷое аз ҷойгоҳхои шиа нест».

Ва маҷалаи «Рисолати Ислом», ки дар маркази нашри Қоҳира пахш ва нашр мешавад, бештарин мавзӯъоти ихтилофӣ, ки думбол мекунад, тамоман ба ҳадафи он аст, ки аҳли суннат баъзе аз муътақидоти шиаро бипазиранд ва ба ин шабеҳ аст, ки сунниро шиа кунанд.

Ва марҳум доктор Мухаммад Ҳусайни Заҳабӣ «ат-Тафсир ва-л-муфассирун» (2-39-40, Дору эҳёи-т-туроси-л-араби, Бейрут) мегӯяд «гузашта аз ин, шиаи 12 имомӣ дорои китобҳои зиёде ҳастанд, ки дар заминаи ривоёту аҳодис ва ахбор ба онҳо такя мекунанд, онҳоро барои худ хеле муҳим талақӣ мекунанд ва шадидан ба онҳо эътимод ба итминон менамоянд. Аз ҷумла муҳимтарини ин китобҳо мавриди зер аст:

1. «Кофӣ» ва он муҳимтарин китоб ба таври куллӣ дар назди шиаи имомия аст.
2. «Тазҳиб»;
3. «Ман ло яҳзуруҳул фақиҳ»;
4. «ал-Истибсор».

Ин 4 китоб модари китобҳои шиа ҳастанд, ки мавриди эътимод ва итминони василаи шадиди онҳо мебошад. Ва ҳамаи инҳо дар китоби «Вофӣ» ҷамъ шуданд ва доктур Заҳабӣ мегуянд «албатта, дар ин ҷо ба истиснои мутақаддимин дигар китобҳо аз ҳадис вуҷуд доранд, ки нависандаи «Аъёни шиа» онҳоро зикр кардааст, аз ҷумла

«Расоилу-ш- шиъати ило аҳодиси аш-шариъати» асари Муҳаммад Ҳури Омулӣ ва «Бахору-л-анвор фи аҳодиси ан-Набӣ ва аимматул атхор» асари шайх Муҳаммади Боқир, ки ин китоб дасти каме аз китобҳои гузашта надорад. Ҳар касе ин китобҳоро мавриди мутолиа қарор медиҳад, пас, муқобили хурофот ва ёвагӯиҳои мавчуда дар онҳо чорае ҷуз ин надорад, ки ҳамагиро аз лиҳози матн ва санад сохта ва дурӯғ бидонад. Ва бар он шиаҳои имомӣ чунин хукм кунад, ки ҷаъл кардан ва дурӯғ гуфтанро хуб балад нестанд, чаро ки фоқиди салиқа ва маҳорати ин кор ҳастанд. Охир, магар ин чӣ завқ ва маҳорате аст, ки дар ривояте ки онро аз Ҷаъфари Содик нақл кардаанд, ба кор бурдаанд ва он ривоят ин аст «ҳар навзоде ки мутавалид мешавад, ҳатман иблисе аз иблисҳо дар канораш аст. Пас, агар Худо донист, ки он навзод аз ҷумлаи шиаи мо мебошад, ӯро аз он шайтон масун ва маҳҷуб нигоҳ медорад ва агар он навзод аз ҷумлаи шиаҳои мо набуда бошад, шайтон ангушташро дар мақъади он писарбача фишор медиҳад ва собит мекунад, ки дар натиҷаи он навзоди мазкур (дар оянда) зансифат хоҳад шуд ва шайтон ангушташро дар фарҷи (олати таносули) духтар дохил мекунад, ки дар нтиҷаи он он духтар бадкора дархоҳад омад».

Ва марҳум Заҳабӣ (2/41) мегӯяд «сухани ҳақ ва мунсифона ин аст, ки агар шасе усули «Кофӣ» ва китоби «ал-Вофӣ» ва ғайри ин ду аз китобҳои мавриди эътимоди шиаи дувоздаҳимомиро варақ бизанад, барои ӯ ошкору рӯшан мешавад, ки бештари ривоятҳои мавҷуд дар онхо сохтагӣ ва кизби маҳз ва ифтиро аст. Ва бисёре аз он чики дар бораи таъвили оёт ва асбоби нузули онҳо ривоят шуда, фақат ва фақат бар ҷаҳолати гӯяндаи он ва ифтиро бастани вай бар Аллоҳ таъоло далолат мекунад. Ва агар манқулоти ин китобҳо дар бораи таъвилоти фосид ва мандароварда саҳеҳ мебуд, дигар Қуръон ва Ислом ва обурӯе барои аҳли байт боқӣ намемонад. Илова бар ин,

ғолиб он ки дар бораи таъвили оёт ва асбоби нузул ва зоҳир ва ботини Қуръон дар китобҳои шиаи дувоздаҳимомӣ мавҷуд аст, навъе дасти кам гирифтани Куръони карим ва бозӣ бо оёти зикри ҳақим аст. Ва агар ки мебинем онҳо дар заминаи таъвили оёт ва асбоби нузули онҳо хатоҳои фаровоне доранд, маъқул нест, ки маншаи ҳамаи он хатоҳоро ҷаҳли онҳо бидонем, балки маъқул ин аст, ки бигӯем баъзе аз он хатоҳо нашъатгирифта аз ҷаҳли онҳо мебошад. Ва бисёре аз он хатоҳо ҳам ба сурати қасди аз алоқаву тамоюли мавриди илтизом қарор гирифта сарчашма гирифтаанд. Ва шиъаён, чунонки баён кардем, дорои тамоюлоте хастанд, ки шадидан ба онҳо пойбанд шудаанд.

**Мегӯям** ин матлабе аст, ки доктур Муҳаммад Ҳусайни Заҳабӣ, вазири пешини Миср, дорандаи шаҳодати олимия ва мартабаи устодӣ дар улуми Куръон ва ҳадис ва устод дар Донишкадаи шариати ал-Азҳари- шариф ва раиси бахши шариат дар донишкадаи Ироқ (дар собиқ) онро гуфтааст.

Ва доктор Мухаммад Аммора дар китоби «таёроту ал-фикри-л- исломи» (ҷараёноти андешаи исломӣ) (саҳ. 281, табъи 1, муассисаи ал-мустақбали-л-араби, соли 1983) мегӯяд «ва бадинсон хатмашй ва раванди конуни асоси Эрон ҳамон хатмашй ва раванде аст, ки Хумайнӣ дар китоби «Ҳукумати Исломӣ» онро таъйин намудааст, ки дар он Инқилоби Исломӣ. ки ағлаби мусалмонон бо он мувофиқ буданд, ба унвони абзор дастовезе матраҳ шудааст, ки аз мусалмонон касе ба истиснои шиа бадон қабул нашудааст. Пас, дар айни пардозаш ва татбиқи амали (конуни асосӣ) нишонаҳое падидор шуданд, ки на фақат аз татбиқи иҷбори фикри дувоздаҳимомӣ ва рад кардани андешаи мазоҳиби дигар, балки аз ҷонибдорӣ кардан аз нажоди форсӣ ва таваҷҷуҳ накардан ба ақаллиятхои қавмии Эрон хабар медоданд .

…То ҷое ин ҳақро ба инсон медиҳад, ки бипурсад «оё

ин инқилоб як Инқилоби исломӣ дар Эрон аст?! Ё ин ки як инқилоби шиъии форсӣ дар Эрон аст?!».

Ва доктор Абдулмунъими Намри дар китоби «ащ-Шиъату ва ал-Маҳдӣ ва ад-дурӯз» (саҳ. 7, табъи 2, Дорулҳуррия, Қоҳира, соли 1988) мегӯяд «ва эътироф мекунам, ки банда муддати дароз аз умрамро сипарӣ кардам, дар ҳоле ки ин парда ба рағми мутолиоти фаровонам рӯбарӯям будааст. Албатта, дар тайи ин муддат ишороте дар бораи ин мавзӯот ё ин маълумот дарёфт мекардам, вале ба назари худам масоили муҳимтаре аз онҳоро пеши рӯй доштам ва ба ҳамин хотир, таваҷҷуҳе ба онҳо намекардам, дар ҳоле ки ин қабил масоил барои одамизод хеле муҳим аст, то бидонад, ки перомунаш чӣ мегузарад ва мардум ва афкори онҳо ва назорати онҳо дар бораи мо ва дар бораи дигарон чӣ гуна аст?!». Ин матлабро доктор Наҳрӣ дар ҳоле гуфтааст, ки аз муътақидоти шиа мутталиъ набудааст. Ва баъд аз он ки Аллоҳ таъоло масъаларо барояш мушаххас кард, мулоҳиза намуд , ки дунёи нашинохта ва маҷҳул дар муқобилаш худро намоёнда аст. Пас, ба ӯ гӯш деҳ, дар ҳоле ки мегӯяд (саҳ. 9, ҳамон китоб) «эътироф мекунам он чиро, ки ман дар муқобили худам ёфтам панҷараи кушодае аз илм буд , ки қаблан аз он огоҳ нашуда будам. Ва он ин буд, ки он чироки дар муқобилам аз маълумот ёфта будам, маро шигифт зада сохт. Таъаҷҷубам аз ин буд, ки чӣ гуна ин ҳама сол аз умрамро (беҳуда аз даст додам) ва дар муқобили ман дунёи ношинохта ва ҷадид падиддор гашт. Пас, бо вуҷуди оне, ки дӯстони фаровоне аз шиа доштам, алоқаи бештаре ба шинохти шиа дар худам эҳсос кардам...... ва дастоварде аз шиашиносиро ҳосил кардам, ки бароям тоза буд. Эҳсос мекунам, ки ин шинохт барои уламо ва мутааллимони дигар ҳам ҷадид менамояд».

Ва мегӯяд «ва ҳама китобҳо ва хутбаҳо ва суханони роҳбар ва имоми кунуни мазҳаби шиаи дувоздаҳимомӣ,

яъне Ҳумайниро думбол кардам, дидам ки дар онҳо тасвире мутобиқи он асле аст, ки дар китбҳои қадими мазҳаби шиа вуҷуд доранд. Яъне он нигоҳи сиёҳ ва кинатӯзона ба аҳли суннат ғайрихудӣ ҳастанд ва дар онҷо уламое ҳастанд ки вақте диданд шиа дандонаҳои худро нишондодаанд, вақти худро ба посух додан ба шиа ихтисос доданд. Барои мисол аз миёни онҳо ба Аллома Эҳсон Илоҳи Заҳирӣ (р) ишора мекунем, ки шиа вақте дид аз посух доданд ба ӯ оҷиз аст, нақшаи терории ӯро кашид, зеро ӯ нисбат ба муътақидоти шиа огоҳии хеле фаровоне дошт, чаро ки он марҳум коршиноси забони арабӣ, форсӣ ва урду масоили шаръӣ буд. Ин нобиға ихтисосона ба посух додан ва рад кардани онҳо пардохт. Он ҳама бо таваҷҷуҳ ба худи китобҳои онҳо ва барои аҳли суннат касрати истидлолаш ба китобҳои шиа пирӯзӣ ба армугон овард. Дар натиҷа, шиа барои посух додан ба ӯ чорае ҷуз терор кардани ӯ надид ва китобҳояш иборатанд аз «ал-Шиъату ва-с-суннату», «Шиа ва аҳли байт», «Шиа, Қуръон, шиа ва ташайюъ, гуруххо ва таърих миёнаи шиа ва ахли суннат. Ва Аллома Эхсон ин китоби охирро дар ради доктор Вофи навиштааст, ки ба худ ҷуръат дод ва шигифтиҳое оварда, ки ҳатто модари доғдидаро ҳам ба ханда вомедорад. Монанди ин гуфтааш «дашном додани шайхйан танҳо аз аввоми шиъа сурат мегирад, на аз тарафи уламо!!. Ва аз чумлаи онҳо (уламои шиа гом бардоштаанд) Аллома Мухибуддини Хатиб(р) аст, бозичахои онхоро дар рисолаи арзишманди худаш **«Хутути аризаи барои пояхое, ки дини шиаи имомияи дувоздахгона бар асоси он устувор шудааст»**. Бармало сохтааст. Ва низ ба таҳқиқ ва бозбинии баъзе аз китобхои муқаддам, ки дар радди шиа навишта шудаанд. Монанди «Мухтасари тухфаи исноашара» ки асли он аз шоҳ Абдулазизи Деҳлавӣ мебошад ва Алломаи Ироқӣ шайх Маҳмуди Шукрии Олусӣ онро мухтасар кардааст ва китоби «ал- авосим минал қавосим» қозӣ Абӯбакри

Арабиро мавриди таҳқиқ қарор додаст (ва низ мухтасари «Минҳоҷу-л-эътидол» Ҳофиз Абиабдуллоро ҳам мавриди таҳқиқ қарор додааст ва агар ба ақиб баргардем, мебинем, ки уламои пешин ҳам дар радди онҳо китоб навиштаанд монанди Шайхулислом ибни Таймия дар китоби «Минхочул-суннати-н-набавия фи накзи каломи-ш-шиъати валкадария» ва низ Шайхулислом Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб дар «Рисолату фи радди а-р- рофизати» ва низ аз уламои муосир Ҳолиди Аскалонӣ бар китоби «Сипас ҳидоят ёфтам»-и Тичони бо китобе таҳти унвони «Балки гумроҳ шудӣ» рад навиштааст. Ва низ шайх Усмони Хамис бо китобе таҳти унвони «Кашфу-ч-ҷони Муҳаммади Тиҷонӣ» ва низ шайх Иброхим Рахили бо китобе таҳти унвони «ал-интисор ли-с-сахби ва-л-оли ми ифтирооти-с-самовии-з-зол» *(интиқомгирӣ барои саҳоба ва оли Паёмбар аз ифтирооти Тиҷонии гумроҳ)* бар ӯ рад навиштааст. Ва доктор Носири Каффорӣ поённомаи докториашро чунин ном нихода «Усули мазҳаби шиъӣ» (ва бо он вориди маъракаи рад бар шиа шудааст). Ва низ Махмуди Заъбӣ радде бар китоби «Мурочиот», таҳти унвони «ал -баёноту фи радди ал-аботил ва-л- мурочаъот» дорад ва низ Абдуллои Носирӣ радде бар китоби «Баъд аз Ҳусайн» ва «Абӯҳурайра», ки ба Абӯҳурайра таъна задаанд, таҳти унвони «ал бурҳону фи табриати Абиҳурайрата минал-л-буҳтон» навиштааст ва ғайри инҳо ҳам фаровонанд.

Касе шиаро таъйид накарда, ҷуз ҷоҳил ё муфаккири туфайлӣ, ки зиракон ва макорони тақия тадриҷан ӯро ҷазб карда ва аз ӯ талаби навиштан кардаанд ва дар натиҷа ӯ ҳам ба буқи (таблиғоти) онҳо табдил шудааст ва ё марде шиаро таъйид мекунад, ки манзилашро ба қолини Табрезӣ мафрӯш кардаанд, дар натиҷа беҳтарин ёвари онҳо гардидааст.

## МАБҲАСИ ЧОРУМ.
## ҲАДАФИ ШИА АЗ ФАРОХОНӢ БА ТАҚРИБ

Бародари хонанда! Диққат кун, ки тақияе, ки ба муроқибат кардан аз ифшои мазҳаб ва ифшои рози аҳли байт ташфиқ мекунад, ҳамонест, ки аимаи шиа дар робита бо он иғроқ кардаанд. Ҳамонест, ки ба шиа дастур медиҳад, ки акси он чиро, ки аз ақоид пинҳон мекунанд, зоҳир намоянд.

Бар ин асос ман ин ҳақиқатро дар ин ҷо тасбит мекунам ва он ин аст, ки шиа гоҳе ба он чи, ки ботинан иқрор намекунад, зоҳиран бадон шикор мекунанд. Ва ба хотири ин ақидаи муғризона ва касиф теъдоде аз аҳли суннат дар доми шиа гирифтор омада ва каломи онҳоро бовар карданд ва балки ба ҷоиз будани ибодат кардан ба мазҳаби онҳо фатво доданд. Пас, ба хотири тақия ва фиреб додан аст, ки менависанд ва мегӯянд ҳар он чиро ки аслан бадон муътақид нестанд, ҳадафи шиа интишор додани мазхаби худашон бар аҳли суннат аст ва дар Ироқ бо муваффақият рӯ ба рӯ шудаанд, чаро ки тавонистанд теъдоде аз қабоили аҳли суннатро ба мазҳаби ташаюъ ворид кунанд ва дар натиҷа инҳо ҳама ба афроде табдил шудаанд, ки ба душманони Ислом изофа мегарданд ва ҳомилони ин дин, яъне саҳобаро омочи таънаҳо ва ифтирооти худ қарор медиҳанд ва мунтазир ҳастанд, ки уммат дучори гирифториҳо ва балохо шавад. Яъне аз бародарони мисрии қаҳрамони мо, ки аз қиморбозиҳои шиа огоҳ шудааст ва номаш доктор Алӣ Аҳмади Солус аст, Худо ӯро ҳифз кунад, дар китобаш «Таъсири уммат дар фиқҳи ҷаъфарӣ ва усули он» (повароқи 5-6, чопи 2, сали 1982) мегӯяд: «яке аз нависандагони ҷаъфаримазхаб дар садад бароmад то вуҷуби истимдоди аҳкоми шаръӣ аз мазҳаби Ҷаъфариро собит кунад. Вай зикир карда, ки мазоҳиби дигар, ба истиснои мазҳаби Ҷаъфарӣ, дар қабул кардан ва гирифтани он машкук ба назар мерасад, чароки

ҷаъфаригароҳо муътақид ба вуҷуби пайравӣ кардан аз мазҳаби Ҷаъфарӣ ва адами сиҳати пайравӣ кардан аз мазҳаби дигар мебошад. Ва ҷумҳури аҳли суннат ва уламои тирози аввал ва соҳибназарон ва муттақиёни онҳо, чунон ки мегӯяд муътақид ба ҷоиз будани ибодат ба мазҳаби Ҷаъфарӣ ҳастанд. Ин мазҳаб мавриди иттифоқ ҳаст ва гайри он машкукун фиҳ мебошад. Ва ӯ ба фатвои шайх Шалтут истидлол кардааст. Пас доктор Солус ба яке аз китобҳои онҳо таҳти унвони «Хулафоу-р- Расул ал-исноашара» ишора карда ва доктор тавзеҳи худро ба сухани шиаи мазкур ин гуна ба итмом мерасонад «бинобар ин даъвати тақрибӣ, ки онро дар Миср мушоҳида мекунем, ниёзманди бозбинӣ аст ва гар на даъвате ба сӯйи мазхаби Ҷаъфарӣ хоҳад буд».

Бозӣ дар миёни мазоҳиби исломӣ ин як бозии бепарда ва саргушода ва ба воситаи Доруттақриб аст ва ба сӯистифода аз фатвои шайх Шалтути фиребхӯрда ба хитаи иҷро даромадааст.

**Бародари мусалмонам,** нигоҳ кун, чӣ гуна шиа аз фатвои шайх Шалтут сӯйиистифода карда, чунон ки доктор Солус онро барои мо нақл карда, ба ин ки мазҳаби шиа мутаффақун алайҳ аст, чун шайхи Шалтут ба ҷоиз будани он фатво дода ва мазҳаби аҳли суннат машкукун фиҳ мебошад?

Яке аз бузургони аъзои «Доруттақриб» байни мазҳаби исломӣ ҷаноби шайх Абдуллатиф Муҳаммад Шубки тибқи он чи ки доктор Носир Абдуллои Каффорӣ дар китоби «Масъалаи тақриб байни аҳли суннат ва шиа» аз ӯ нақл карда (2/175-176, чопи аввал, соли 1412ҳ.) мепурсад «маро ба шак дошта ва ҳар узве, ки бо ман аст, дучори шак ва тардид хохад шуд, ки «Доруттақриб» ҳамин ҷур саховатмандона харҷ мекунанд, бидуни он ки пуштавонаи моли мушаххасу маълуме дошта бошад ё аз мо ҳаққи узвият талаб шуд. Дар хонаи дар Коҳира харҷ мекунад, ки пур аз асосияи гаронбаҳо ва абзори гаронқимат аст ва ҳазинаи маҷаллаи худро мепардозад. Ва дастандаркорони онро ва нависандагони онро подошу маош

медиҳад. Ва дар чопи шумораҳои он ва ҷилдбандӣ кардани ончи, ки чоп мешавад, ороиш ва зебоии хосе ба кор мебаранд. Ва ғайри инҳо аз чизҳое, ки ниёз ба дахли калон дорад, пас ҳамаи инҳо аз куҷо таъмин мешавад! Ба назари шумо бар ҳисоби чӣ касе!».

**Мегӯям** диккат кун, Худо баракат диҳад, ки шиаён чӣ гуна ба хотири нусрати мазҳаби худ ва интишор додани он дар байни аҳли суннат ва ҷамоат бо сӯйиистифода кардан аз касоне, ки аз эътиқоди онҳо огоҳӣ надорад, барномарезӣ мекунанд ва фаъолият менамоянд. Албатта, гумон накун, ки масъала танҳо ба «Доруттақриб» хатм мешавад. Балки аз ин ҳам фаротар рафт ба ин ки онҳо дар соли 1973 ё 1974 «Ҷамъияти аҳли байт»-ро ба вуҷуд оварданд ва марказеро дар Қоҳира дар Маъоди ба он ихтисос додаанд. Марказ услубҳои гуногунеро барои нашри ақидаи шиа миёни аҳли суннат ба кор гирифт ва ба талқин кардани ин эътиқодот ба кӯдакони хурдсол эътимод варзид ва синфхонаҳои тақвиятиро дар баъзе аз маводи дарсии мукадамоти мутавасита таъсис кардаанд ва ин ҷамъият ин синфхонаҳоро ба унвони дастовезе ҷиҳати амалӣ сохтани ҳадафаш дар тарбият додани кӯдакон бар асоси ақидаи шиа ба кор мегирад. Чунон ки васоили дигареро барои даромадан ба дилҳои мардум ва таъсиргузорӣ дар онҳо ба кор гирифтааст. Ба ҳамин хотир як Маркази дармонгоҳӣ таъсис кард ва ба додани кумакҳои молӣ ва айнӣ ҳиммат гуморид ва ба муносибатҳои динии шиа маросим ва ҷашн баргузор карда ва конфро схое баргузор кард, ки аз оли байт ва мусибатҳои он сухан мегӯяд, чунон ки нашрияҳои даврӣ чоп намудаанд. Ва суол дар инҷо ин аст чаро уламо дар муқобили ин таблиғи мазҳаб мавкеъи тамошогарона иттихоз мекунанд?! Чаро ал-Азҳар сухани худро намегӯяд ва Миср чӣ қадар ба сухани ал-Азҳар дар робита бо ин масъалаи бузург эҳтиёҷ дорад?!

Гузашта аз ин, шайх Муҳаммади Ғазолӣ (р) бо эчоди

доду фарёдҳои тоифаи миёни шиа ва аҳли суннат мухолифат мекунад ва Миср ҳамагӣ аҳли суннат ва ҷамоат аст, чаро пеши вуруди шиа ба Мисрро намегирад, то ин ки Миср як порча ва муттаҳид боқӣ бимонад ба ҷои ин ки аз вуруди шиа истиқбол кунанд, ки ин масъала мӯҷиб мешавад, ки агар шиъаён муваффақ шаванд, Худо муқаддар накунад, дар ворид кардани сунниҳо ба мазҳабашон, ситезаҷӯиҳои мазҳабӣ миёни шиа ва суннӣ падид ояд. Чаро Ғазолӣ сукут ихтиёр карда, дар ҳоле ки дар миёни мо ҳастанд касоне, ки шаке дар ғайратмандӣ ва ҳарис будани вай бар Ислом надоранд. Ва суоли муҳими дигар ин аст, ки оё шиа, ки ба хотири такриб ва ваҳдат бо аҳли суннат ашки тимсоҳ мерезад, иҷоза хоҳад дод, ки аҳли суннат ҳам дар миёни шиа марказе барои худ таъсис кунад ва дар сарзаминҳои шиа эътикодоти аҳли суннатро ба кӯдакони шиъӣ талқин кунад?! Баростӣ, ки ин хандаовар аст!! Ва касоне, ки аз он сукут кунад, хоин ба динаш аст ва ҷодасофкуни ботил дар сарзаминҳои мусалмон мебошад. Адами таваҷҷуҳ ба баррасии мазҳаби шиа бо таваҷҷуҳ ба марочеъи асили он ва иктифо кардан бар китобҳои таблиғотии пӯшидашуда бапӯшиши тақия ва китмон ҷиҳати шинохти мазҳаби шиа, ҳамон чизе аст, ки боис шуда шайхи Шалтут чунин фатвое бидиҳад.

Вагарна шиа чӣ гуна ҷуръат мекунад бар фиреб додани касоне, ки онҳоро фиреб доданд ва бо дурӯғ гуфтан бар касоне, ки ба онҳо таомул доштанд. Ва дар масъалаи тақрибӣ, ки дар ҳақиқат масъалаи ҳуккаву дурӯғ ва найранг аст! Чаро шиа иддао мекунанд, ки ихтилоф миёни мо ва шиа танҳо дар фурӯъ аст, на дар усул?! Чаро онҳо мегӯянд мо аҳли суннатро кофир намедонем ва онҳоро мусалмон меҳисобем?! Оё магар бузургони онҳо муқаррар намекарданд, ки мункири вилоят кофир аст?! Ва чаро бар инон эътироз нагирифтанд?! Оё магар қаблан ин масъаларо аз китобҳои муътамади онҳо нақл накардем. Оё магар Хумайнӣ, чунон ки гузашт, ғайбат кардани ғайриҳамкешони худро ҷоиз надониста аст?!

## МАБҲАСИ ПАНҶУМ.
## ХИТОБЕ БА ДАЪВАТГАРОНИ ТАҚРИБ ВА ОСОНГИРОН

Аз муҳтавиёти ин китоб огоҳ шудед ва аз дидгоҳи шиа ва мавқеи ҳақиқии шиа нисбат ба аҳли суннат иттилоъ ҳосил кардед. Аз ҳамин хотир, ба ҳукми садорат, илм ва ваҷоҳати шумо дар назди мардум аз шумо мехоҳем аз дидгоҳҳои қаблии худатон нисбат ба шиа баргардед, ҳамон дидгоҳҳое, ки гумон мебарем онҳоро ба хотири ваҳдату якпорчагӣ нигоҳ медоштед.

Чаро ки дидгоҳҳои собиқи шумо ҷиҳати арза кардан ва носаҳеҳ ҷилва додани (масоил) ба бисёре аз авоми аҳли суннат, ки ба шумо эътимод доранд, ба кор гирифта хоҳад шуд. Ва ҳамаи мо бояд нисбат ба китобҳои таблиғотии шиъа, ки воқеан муътақадоти аслӣ ва ботинии шиъаро зоҳир намекунад, барҳазар бошем.

Дар садади он бароед, то бародарони аҳли суннататон, ки дар миёни ағлабияти шиа зинда мекунанд, тамос ҳосил кунед ва гузоришҳои асосӣ дар бораи вазъияти онҳо ёдошт ва тасбит кунед, ки барои наслҳо ба ёдгор боқӣ бимонад.

Ба Афғонистон, Индонезия, Сингапур, Нигерия ва Уганда ва урдугоҳхои Фаластини дар Лубнон ва … биравед ва мутаваҷеҳи фаъолиятҳои шиа дар онҳо ёфт мешаванд. Оё ба ваҳдат ва тақоруб фаро мехонанд ё ин ки ташаюъро байни онон интишор медиҳанд, он ҳам чӣ ташайюъе ?! Ин ҷамоа бар асоси тарҳе аз пеш таъйиншуда ва муназзам дар роҳи нашри мазҳаби шиаи дувоздаҳимомӣ дар миёни аввоми аҳли суннат пеш мераванд.

Пас, ба ҷои он ки шумо пешқадам шавед ва бародаронатонро наҷот диҳед ва дар муқобили ин фаъолиятҳои таблиғотӣ ва тарсноки мазҳаби шиъӣ биистед, мебинем, ки баръакси ин ҳастед, эй кош, ҳадди аққал ба ҷои таъйиди шиа бетараф (дар гӯшае)

менишастед ва фақат назоратгар мебудед. Ва оё медонед, ки шиаҳо ба истибсори бисёре аз фарзандони аҳли суннат, ки аз дин огоҳӣ надоранд мепардозанд ва онҳоро ба донишгоҳҳои тахассуси шиа дар тағйир додани мазҳаби онҳо фиристода ва боз онҳоро ба сарзаминҳояшон ҳамчун мубалиғони шиа бармегардонанд?!

Инро медонед? Ва инро меписандед? Оё ҳамон тақриб дар миёни мазҳаби исломӣ аст?! Ё ин, ки ба таъбири саҳеҳ ин кор интиқол додани аввоми аҳли суннат ба шиагарӣ аст?!

Ин чӣ карам ва аз худгузаштагӣ аст, ки шиаро ба эҷоди клиники дармонӣ ва баргузории клосҳои тақвиятӣ барои хурдсолони аҳли суннат дар Қоҳираи Миср водор сохта аст. Шайхи шиа ва муҳаддиси онҳо Ҳоҷимирзо Ҳусайни Нури Табрасӣ дар китоби «Мустадраку-л-Васоил» (2/400, табъи Дорулкутуби исломӣ. Теҳрон) яке аз уламои шиаро, ки хамон Саид Маҳди Ҳусайни Казвинӣ мебошад, мавриди тамҷид қарор дода ва гуфтааст «ва аз ҷумлаи он ин аст, ки ӯ баъд аз он ки ба (Ҳулла ) муҳоҷират кард ва дар он ҷой гирифт ва шурӯъ ба ҳидояти мардум ва тавзеҳ додани ҳақ ва ботил кардани ботил намуд, ба баракати даъвати вай, 1000-нафар аз худи Ҳулла ва атрофи он аз гурӯҳо ва қабоили Араб ба шиаи мухлис ва дӯстдори авлиёуллоҳ ва душмани душманони Аллоҳ табдил шуданд». Ва муҳаддиси шиаён Аббоси Қумӣ ин матлабро аз ӯ нақл кардааст. Ва ба хотири ҳамин ҳадаф, ки Маҳдии Қазвинӣ ба хотири он ба Ҳулла омад ва ин қабоилро ба шиа интиқол дода, дар ҳоле ки онон дар асл бар сари мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат буданд. Толиби Рифоъи шиа ба Миср омад ва «Ҷамъияти аҳли байт»-ро таъсис карданд. Аз ҳамин рӯй оё ин бор ҳам аҳли суннат худро хоҳад бохт, он чунон ки дар муқобили фуруди ногаҳонии Маҳдии Қазвинӣ ба Ҳулла ва атрофи он аз Ироқ худро бохтан ва дар натиҷа рафоъи он чи Қазвинӣ дар ҳаволии соли 1830 муҳаққақ сохт муҳаққақ месозад?!

# ХОТИМА

Ва китобамонро бо даъват кардани мусалмонон ба таври умумӣ ва ба таври хусусӣ ба таваҷҷуҳ кардан ба мавзӯи шиа ва дам истодан ба наҳваи як тамошогар дар қиболи ин қазияи хатир ба поён мерасонем. Зеро ин ҷамоат дар роҳи даъвати худ ва тарвиҷ додани он дар миёни аввом бо ба кор гирифтани шароити баде, ки бисёре аз мусалмонон дар он ба сар мебаранд, ба пеш меравад.

Тақриб ва ҳамсӯсозӣ миёни шиа ва суннӣ маҳол аст, чаро ки чӣ гуна метавон ҳақ ва ботил ва куфр ва имон ва нур ва торикиро дар канори ҳам ҷамъ кард?!

Бинобар ин, даъвати шиа, ки аз он дам мезананд, фақат ва фақат навъи сарпӯшгузошта рӯи ин нақшаҳо ва барномарезиҳои муғризонаи онҳо мебошад.

Ва-л-ҳамду лиллоҳи рабби-л-оламин ва саллаллоҳу ало Муҳаммадин ва олиҳи ва саҳбиҳи ва саллима таслиман касиро.